**Салими Аюбзод**

# КАМЕ ЛАТРА

*(Ҳафт достони кӯтоҳ ва як қисса)*

НАШРИЁТИ "ДЕВАШТИЧ"

Душанбе -2007

| | |
|---|---|
| *Номи китоб:* | Каме латра |
| *Муаллиф:* | Салими Аюбзод |
| *Муҳаррир:* | |
| *Ҳуруфчин:* | Гулбаҳори Муродӣ |
| *Тарроҳи компютер:* | Фариди Исматулло |
| *Ношир:* | Нашриёти Деваштич |
| *Замон ва макони чоп:* | Душанбе, соли 2007 |
| *Шумора:* | 500 нусха |

# МУНДАРИЧА

Чанд сухан дар оғози роҳ.
*Пешгуфтори муаллиф*.........................................................4

Нардбони тарс............................. ......................... ..........9

Сагзистон............................ ................ ..........................24

Гелос барои каждум........................ ................................47

Шикасти бесадои шиша........................ ...........................57

Дасти рафиқ Сиёев................................. ..........................70

Segafredo............................ ................. ..........................87

Фариштаи барфӣ............................ ..............................102

«Каме латра» ё қиссаи номаҳои гумшуда..........................114




## ЧАНД СУХАН ДАР ОҒОЗИ РОҲ

Нахуст одам дар айёми навхатӣ аз рӯи ҳавас ва дар ташнагии шӯҳрат даст ба нависандагӣ мезанад. Фарри қудсият ва обрӯи баланди устодони пуровозаи сухан ӯро мафтун мекунад ва ҳамчун як ҷавони пур аз нирӯ ва ғайрат мехоҳад, рӯзе ба зинаи фатҳкардаи онҳо қадам гузорад, дар пешгоҳи намоёни саҳна ва ё минбару маҳфилҳои ашрофонаи онҳо падид ояд ва ҳатто агар тавонад, аз онҳо ҳам баландтар парвоз кунад. Он гуна машҳур шавад, ки дар ҳам ҷо ӯро бишиносанд ва эҳтиром кунанд. Ҳанӯз маълум нест, вай аз ин шӯҳрат чӣ дастбурд мехоҳад...

...Вай бовар дорад, ки рӯзе аз рӯзҳо ба баландтарин қулла низ хоҳад расид.

Каси рӯзгорнадида аз думболи ҳамин хаёлҳои содалавҳона меравад ва ба доми хатарнок меафтад ва агар худованд дар ӯ як ҳуҷайра истеъдодро халқ карда буд, ба бадтарин бемории ҷаҳон ва як зиндагии бесарусомон гирифтор мегардад.

Ба зудӣ ҳавасҳо ба ҳаво мераванд, намунаҳо бенур шудаву поин меафтанд, андешаҳо ба ҳам мепечанд, сар гиҷ

меравад ва ӯ худро дар биёбоне меёбад, ки на сар дораду на бар, на роҳе на гузаргоҳе.

Дар ин байн рашку ҳасад, ихлосу дилбастагиҳо, худнамоӣ ва сабқатҷӯӣ, ному ҷоҳталабӣ, хуллас, ҳама чиз мегузарад ва ту мемонию саҳифаи сафеду сари гарону андешаҳои азияткунанда ва дили дардманду пур аз ҳаяҷон. Он гоҳ навиштан ба бемори табдил меёбад. Ту намехоҳӣ, вале маҷбур ҳастӣ. Аммо ин бемори ба ту олитарин лаҳзаҳои бехудӣ ва худшиносӣ, раҳгумзанӣ ва раҳёбӣ, сакарот ва таваллуди дубораро ато мекунад. Ин лаҳзаҳои хушбахтӣ ба ту шифо меоранд, осудаат мекунанд, аз бандҳо мераҳӣ, лаззати озодӣ мечашӣ, вале баъд аз муддате боз ин дарди бедаво аз худ хабар медиҳад. Боз менишинӣ, боз менависӣ. Боз дар силсилаҳои тилисмшуда мечархӣ ва дар ҳоле ки умрат мегузарад, мехоҳӣ ҳафке ва ё гираҳе дар вақт бизанӣ, вақтро боздорӣ ва дар вақти бозистода бозмонӣ...

Пас оё ин кӯшише нест, ки дар ҷаҳони дудар дари дуюмро нодида бигирӣ?

Дар таҷрибаи мо одат ин аст, ки дигарон ба китоби ту пешгуфтор нависанд, ба вижа ҳамон устодони пуровозаи сухан, вале кам шудааст, ки худи муаллифи китоб ин корро бикунад. Шояд ин дуруст ҳам ҳаст. Муаллиф сухани худро дар асарҳояш гуфтааст ва оё зарур аст, ки ин ҷо ҳам сухан ба ӯ дода шавад? Чаро не, он ҳам махсусан дар рӯзгоре ки дар ҳама соҳа шикасти одатҳову қолабҳоро мебинем. Шояд муаллиф пеш аз он ки фарзанди худро ба ихтиёри ҷомеъа бидиҳад, мехоҳад, ӯро муаррифӣ кунад, номи ӯро ба забон орад? Эҳтимол гуфтаниҳое дорад, ки дар чорчӯби осораш нагунҷидаанд? Мехоҳад, ба он чанд хонандаи закӣ бигӯяд, ки оре, ҳарфи моро дуруст дарёфтаед? Ба ҳар ҳол, аз он ҷо ки хостам, ин дебочаро бинависам, дасти аввал, аз ҳамаи онҳое ки дар солҳои гуногун навиштаҳои моро хонда, ба ман машваратҳои нек додаанд, сипосгузорӣ мекунам. Ҳамаи онҳо

ба ман ҳаққи устодӣ доранд ва ман шогирду бидеҳкори якумрии онҳоям.

Охирин устоди ман Иржи Бечка буд, ки бо меҳрубониҳои сахтгиронааш шаҳри ғурбатро бароям ба як ватани азиз табдил дода буд ва ин сатрҳоро дар рӯзгороне менависам, ки ӯ ҳам маро тарк кардааст ва дигар нахоҳам тавонист, ин навиштаҳоро барояш бихонаму ба эродҳои оқилонааш тан бидиҳам. Ва ба ҳамсари азизам сипос мегузорам, ки акнун танҳо хонанда ва мунаққиди ман мондаасту бе илҳомбахшӣ ва мадади олиҳимматонаи ӯ ин сатрҳо ҳаргиз навишта ҳам намешуданд. Ва ба дӯстам Мунаввари Мунавварзод, ки гоҳе дар сарфу наҳви навиштаҳои ман мӯшикофӣ мекунад ва он ҳам ба ҳадде ки худ дар хештан раҳгум мезанам. Ва ба ҳама ёру дӯсту хешу пайвандон, ки ҳамеша пуштибонии онҳоро ҳис мекунам. Сонияи, мехостам, ба ҳар касе ки ҳоло ин сатрҳоро мехонад ва мехоҳад, хонданро идома диҳад, низ ташаккур бигӯям ва барояш сафари хуш орзу бикунам. Бигзор, аз мушкилиҳо наҳаросад ва ба ҳар манзиле ки мехоҳад, бирасад ва бигзор аз ман, ки солҳост, дур аз ватани азиз ҳастам, наранҷад, агар дар кори ман нуқсе дарёфт.

Гуфтам, ки навиштан беморист ва шояд ин ҷо порчаҳое ҳаст, ки дар айни тасфи мадҳушкунандаи мағз ва фишори баланди хун дар шарёнҳоям рӯи коғаз омадаанд ва дардҳои фаромӯшшударо зинда кардаву захмҳои шифоёфтаро дубора хуншор кунанд, порчаҳое ҳастанд, ки ба ёди ватан навишта шудаанд ва ё аз ғояти андешаҳои мағшуш дар хобҳои ман омадаанд. Ман замоне аслан хоб намедидам ва фикр мекардам, ҳар кас хоб намебинад, хушбахт аст, вале ҳоло хобҳоямро дӯст медорам. Мегӯянд, хоби кас ин гуфтугӯи ӯ бо худаш аст, вале ман фикр мекунам, хоби ман гуфтугӯ бо дигарон аст, бо ҳазорон ёру дӯсти азизе, ки нимашон дигар дар банди ин зиндагии сангин нестанд. Вале он гуна ки навиштан, аз нигоҳи ман як беморист, хондан як бемории

дигар аст. Мову шумо аз табақаи хосе ҳастем, ки ҳар узваш ҳамдигарро мешиносанд, dardҳои якдигарро медонанд ва зарбони дилашон ҳамоҳанг аст. Мову шумо гирифтори як беморием.

Дарде надоштем, агар бе навиштан ва бе хондан зиста метавонистем, хоб ҳам намедидем, диламон ҳам гум намезад, солиму серу беғаму бепарво будем. Аммо оё он вақт метавонистем, хушбахт бошем ва ё ҳатто инсон бошем, худо медонад.

Устодони мо на танҳо онҳое ҳастанд, ки навиштаҳои бесарунӯги моро қалами таҳрир дар даст хондаанд ва андешаи худро, талх буд ё ширин, ба рӯямон гуфтаанд. Монанди устодони ман Адаш Истад, Муҳаммадзамони Солеҳ, Муаззама, Баҳманёр,Ҷонибек... Ҳамаи онҳое ки ба мо чизеро омӯзондаанд, устоди моянд ва бояд ифтихор кунанд, агар турфа шогирде онҳоро дар ҳайрат гузошт.

Ман шодам, ки бо донистани алифбои ниёгон метавонистам, аз матнҳои гузашта ва осори адибони муосири Эрон ва тарҷумаҳои бешумори намунаҳои ҷаҳонӣ бо забони хеш, яъне форсии тоҷикӣ ё тоҷикии форсӣ огоҳ шавам. Донистани забони русӣ дари ганҷинаҳои адабиёти рус ва дигар халқҳоро боз кард ва донистани инглисӣ бароям иҷоза дод, тозакориҳои адабиёти муосири Аврупо ва Амрикоро дар нусхаи асл бихонам. Вақте ки ин навпардозиҳоро бо ончи мо дар кишвари худ адабиёт меномем, қиёс мекунам, мебинам, дастовардҳо ва ҷустуҷӯҳои мо хеле маҳдуд будаанд. Ҳунармандони бузурги мо, ба вижа дар давраи ҳокимияти ҳизб ба адабиёт маҷбур будаанд, дар чаҳорчӯби барояшон таъиншуда фикр ва эҷод кунанд. Таъсири ин зӯроварӣ ҳарчанд то рафт коҳиш меёбад, аммо боқист ва афсӯс, дар ивази чаҳорчӯбаи шикаста чаҳорчӯбаҳои наве ба миён меоянд. Ман монанди бобоям, ки домуллои машҳур ва мадрасадида буд ва монанди падарам, ки як умр омӯзгори хушсалиқа будааст, ба китобу қоғаз ҳамчун як чизи муқаддас

арҷ мегузоштам. Бадтарин ҷиноят бароям сӯзондани навиштае ва ё китобе буд. Аммо ин солҳо ин қадар китобе дидам, ки баракс сӯзондани бархе аз онҳо маънии наҷот додани зеҳни ҷавонони мо аз музахрафот ва кажроҳаро хоҳад дошт. Оре, марзҳоро бояд шинохт, чорчӯбаҳоро бояд риоят кард. Аммо барои муаллифи ин навиштаҳо танҳо як марз вуҷуд доштааст, ки онро метавон одоби миллӣ номид ва ӯ хостааст, ҳама гуна марзҳои дигарро чи дар андеша ва чи дар баён нашиносад. Аз ин рӯ шояд баъзе корҳои ӯ ғайри одат намудор шаванд ва ё шояд дар ин пайроҳаи мушкил гоҳе ба самти дигар рафта бошад, ки барои ин аз хонандагони арҷмандаш узр мепурсад. Ва агар касе онҳоро хост, бисӯзонад, пас сабабе барои ин доштааст.

Ҳоло дигар нависандаи раҳдури шумо шӯҳрат намехоҳад, балки фақат мехоҳад, бо шумо бошад, наздики шумо бошад, коре барои шумо карда бошаду нақше дар умри хеш бигзошта, агар на барои имрӯзу ин соат, пас барои фардову рӯзҳои дигаре, агар на барои ом, пас барои чанд нафари хосе, монанди шумо, ки ин ҳамаро тоқат кардеду хондед ва шояд тасмими қаҳрамонона гирифтед, ки давомашро ҳам бихонед.

**Салими Аюбзод,**<br>
29 августи соли 2005<br>
Прага.

*P.S. Пешнависи ин китоб кайҳо омода буд, аммо ёфтани нашири гавҳаршинос мушкил афтод ва ин фурсате буд, ки батакрор сари ин дастнавис баргардаму онро веросторӣ кунам. Омодагии дӯст ва бародари азизам Шаҳобуддини Шуҷоъ ба нашри ин китоб ва он ҳам дар ҳоле ки маҳз ӯ солҳои охир беҳтарин осори илмиву адабиро ба нашр расондааст, маро сарафрозу дилгарм кард ва ин ҳама хидмати ӯст, ки шумо ин навиштаро рӯи даст доред.*

# НАРДБОНИ ТАРС

Биёбон...

Кавири беохир, шӯразор, хокистон...

Кавири Кабир...

Соҳилҳои хушкида, сангҳои ашкшуда ва ё ашкҳои сангшуда дар сӯги обшорон...

Решаҳои сӯхта, баргҳои хокбод...

Осмони беранг ва абрҳои хоколуд...

Аз тафти ҳавову рег ҳама чизи сафед сиёҳ метобад ва сиёҳ сафед.

Дар ҳаври уфуқ саробе мавҷ мезанад. Саробҳое. Бодбоне. Бодбонҳое...

Киштие, ки дар уқёнуси меҳолуду нилии беканор бо шукӯҳи тамоми шино мекунад, мисли ин ки гӯиё дар парвоз аст ва бо дурахши гулгуни бодбонҳояш ба соҳилнишастагони сабукбори бехабар паём мефиристад. Паёмаш шабеҳ ба фарёди хотираҳои дуру мурда ва шабеҳ ба сукути фанои фаноҳост.

Ин киштӣ бо он бодбонҳои баландаш шабеҳ ба ҳайкалҳои абулҳавлист, ки дар ҳеҷистон қомат афрохтаанд ва рӯзе ба шаҳпули онҳо ресмон хоҳанд андохту вожгунашон хоҳанд кард. Магар на? Аз хештан бипурс, ки ёдгори биёбон чист?

Ин киштӣ бо он бодбонҳои баланду дурахшону гулгуну парафшонаш ҳазорон сӯрох ба тан дорад ва ногузир ғарқ хоҳад шуд ва хоҳад рафт ба умқи мавҷҳои кӯҳманзар ва ё обҳо дар ин уқёнус хоҳанд хушкид ва бухор хоҳанд шуд ва киштӣ ба рӯйи регҳо фурӯ хоҳад афтод монанди колбади уқоби хаста. Ва ба рег табдил хоҳад ёфт.

Ман намедонам, дар ин кавир чӣ гум кардаам ва ба

думболи чӣ мегардам. Дар ин хоки мурда дигар гиёҳе нахоҳад рӯйид ва ба ин соҳилҳои хушкида дигар обе нахоҳад ҷорӣ шуд. Дигар Кавир худое нест, ки фаровонӣ орад, дар қаъри худ оташро паноҳ дода бошад ва киштиҳоро дар дарёи пуртӯфон ҳимоят кунад. Ҳама худоҳои антиқӣ оддӣ ва холӣ аз мазмун, пиру бечора ва дастнигару муштипаранд. Ва пайкараҳои осмонбӯси онҳо на аз зару на аз биринҷианд. Он лаҳзаҳо ки издиҳом онҳоро вожгун мекунад, хоҳад дид, ки аз гаҷкориҳои пуку тухолӣ беш нестанд.

Ва ман дар ин хокистони лӯс соя надорам. Сояамро гум кардаам. Оё кас вақте соя надорад, қимате хоҳад дошт? Магар ба думболи сояи худ мегардам? Ва ё шояд ман ҳам монанди ин муҷассамаҳо сояе беш нестам, саробе, хаёле,бодбоне?..

Аммо фағонаи дуди ғализе ба думболам меояд, маро таъқиб мекунад ва ман аз он мегурезам. Ва ин дуд аз пасам мехазад, маро таъқиб мекунад, мисли ресмон ба даври гарданам печ мехӯрад ва нафаси маро ақиб мегардонад, раҳи фарёди маро мебандад ва димоғамро месӯзонад. Ин дудест, ки ман онро ламс мекунам. Дуд соя дорад, ман надорам.

Ва муште ба сар мехӯраму аз ҳуш меравам.

Аз ҳуш меравам ва аз дард бедор мешавам.

Бедор мешавам. Дар хоб бедор мешавам. Хоб мебинам, ки бедор мешавам. Бедор мешавам, ки хоб мебинам. Дилам меларзад. Гӯё беморам. Гӯё дарди сахте азиятам медиҳад, аммо намедонам, ин чӣ дардест ва аз куҷост.

Гирдоб лӯлаест ба шакли конуси сарчаппа ва об дар он бо суръати баланд давр мезанад ва қаъри уқёнусро ба андозаи як пиёла во мекунад. Рӯмавҷҳои гирдоб киштиро ба чанг мееоранд ва девоб бодбонҳои гулгунро ба коми худ мекашад, онгуна ки оби гилолуди рӯди касиф гулбаргҳои нафисро. Дар они воҳид уқёнус мехушкад ва дар бистари он киштиро мебинам, ки дар пеши чашмам аввал ба шикастпораҳо ва баъд ба як лошаи беисм ва сипас ба хоктӯдае табдил меёбад. Реги бистари уқёнус як каф бештар мешавад.

Рӯҳ аз маҳбаси танам берун меравад. Наҷот меёбад ва дуруду сано бар наҷот мегӯяд. Лабханд мезанад, ҳарчанд чашмонаш сурхидаву андӯҳгину варамидаанд. Лабханд мезанад ва нигоҳашро аз ман барнамедорад. Дар тоқи хона парвоз мекунад ва баъд аз равзанаи боз берун меравад. Вайҳ мегирам, ки он дигар ҷовидона барнахоҳад гашт.

Батадриҷ мефаҳмам, ки на аз дард, балки аз тарс бедор шудаам. Рӯҳ аз танам нарафтааст, аммо мехоҳад биравад. Зиндаам, аммо метарсам. Аз чӣ метарсам, намедонам. Ин бадтарин тарс аст, вақте намедонӣ, аз чӣ чиз метарсӣ. Намедонӣ, вале дилат меларзад.

Фавворaи дуд парешон мешавад ва дар паси он нардбони борику баландеро мебинам. Нардбонеро, ки поя дар ботлоқ дорад, аммо иртифояш дар фосилаи чашмрас нест. Иртифояш дар осмонҳо нопадид мегардад.

Ман ба сақфи дудагирифта чашм медӯзам ва мекӯшам дубора ба оғӯши абрии хобҳои худ фурӯ равам. Пилкҳоям гарм мешаванд. Мешумурам: як, ду, се, себ, себ, себ...на, аз нав: як, ду... ду, дуд. Дуд?! Чор...Дор. Дор?! Ба ёдам мерасад, ки фағонаи дуди ситабр ба ресмони дор монанд буд. Ин ресмоне буд, ки мехост, ман онро дуд хаёл кунам ва ин дуде буд, ки мехост, маро ба дор кашад. Як мол, як андеша ва ё як ҳис исрор меварзад, ки фаромӯшаш накунам. Дард? Бим? Дил? Соя? На, хоб. Хоб ба ман мегӯяд, бихоб ва манро бубин, зеро ман туро бедор хоҳам кард. Ҳазён. Онҳое ки ба хоб саҷда мекунанд, ҳаргиз ширинии бедории намози бомдодро нахоҳанд донист.

Кавире...

Паҳнои бегиёҳу бешакл ва бе осмону бе сомон.

Реги сафед, буттаҳо, хорҳо. Реге монанди барф, буттаҳое монанди панҷаҳои берун аз хок ва хорҳое монанди мижгони пилкҳои баста. Ва нардбони бузурге дар миёни биёбон руста рост сӯйи боло. Ду пояи нардбон ду танае

ҳастанд, ки аз ин хоки лӯс рӯйидаанд. Онҳо дар рег фурӯ рафтаанд ва аз зеҳашон оби ганда дамидаасту рег шӯра бастааст. Ҳашароте ба пояи нардбон часпидааст, то аз шӯра наҷот ёбад ва аташи худро дар нами чӯбҳои нардбон ғарқа кунад. Ва нардбон ба фалак меравад, он қадар баланд, ки дар фаросӯйи абрҳои хоколуд нопадид мешавад. Он сӯи абрҳо чист, намедонам. Ва шояд ҳеҷ кас намедонад.

Овозеро мешунавам, ки ба садои худам монанд аст:

– Ба ин нардбон баромадан барои ту осон нест. Ту ба ин ҳақ надорӣ. Ту аз онҳое нестӣ, ки ҳанӯз ҷанинашон дар батни зане ба вуҷуд наомада, дар зинаҳои ин нардбон ҷойи хоссаи худро доранд. Ту хазандаӣ ва ҳаргиз парвоз нахоҳӣ кард.

Пас, ҷойи ман биёбон аст, на миёни абрҳо? Ёдгори биёбон чист? Киштии гулгунбодбон ва ё як каф реги бистари дарё?

Аз пушти сарам садои мардум меояд.

Сели одамизод ба кавир мерезад монанди обе ки омадааст, дарёро зинда кунад. Одамчаҳои бешумор қатраҳои онанд.

Издиҳоми анбӯҳ ба сӯйи нардбон медавад. Одамон баробар ба пояи нардбон мепечанд. Онҳо танҳо наҷоти худро дар ин нардбон мебинанд. Онҳо дар ғояти тарс аз чизе фирор мекунанд ва худро ба ин нардбон мерасонанд. Онҳо ҳамдигарро тела медиҳанд, мезананд, дастҳои якдигарро, ки аз пояи нардбон гирифтаанд, мегазанд, мехарошанд, мепучанд, остинҳои ҳамдигарро медаронанд.

Як тоссаре, ки тосии сараш дар офтоб месечад, дандонҳояшро гиз кардааст. Он дигаре ки паҳлуи ӯст, мӯйлаби кӯтоҳ, рӯйи поктарош ва чашмони ҳарисе дорад. Гӯё бо қудрати нигоҳаш одамонро ду тараф меафканад ва ба худ роҳ мекушояд. Сеюмӣ каландриш аст ва мехоҳад, бо ришаш чашми одамонро кӯр кунад ва аз нардбон боло равад. Вай ришашро ба сару рӯйи одамон месобад. Пашм ба чашмҳо

мемолад. Издиҳом чеҳраи худро намоён мекунад.

Даҳоне во мешавад. Ғори морро мемонад. Гӯё фарёд мезанад, аммо садояш нест. Фарёди бесадо ва ё азоне ба гӯши кар. Чӣ мегӯяд? Чӣ мехоҳад? Оваҳ, дар авҷи худхоҳӣ ва танаффур дасташро газидаанд ва аз нӯки ангуштонаш хун мешорад. Хун медурахшад ва дурахши тилоии он ба як бор ҳамаро девона мекунад. Пашму чашму хашм.

Овозеро мешунавам, ки гӯё ба садои худам монанд аст, аммо аз лабҳои баста ва дандонҳои зиреҳхӯрдаи ман берун меояд:

– Ба пеш, ба сӯйи... Нардбон! Ба пеш, ба боло, вагарна шӯра хоҳӣ баст...

Рег қадамҳои маро фурӯ мебарад. Мабод ман дарвоқеъ хазанда бошам? Аммо тарс ва хоҳиш маро ба пеш меафкананд. Тарс ва хоҳише ки ном надоранд. Ном надоранд, вале чизе қавитар аз онҳо нест.

То он ки поямро ба зинаи аввали нардбон гузорам, се нафарро, ки мехоҳанд, маро душманона дар оғӯш гиранд ва роҳбандон кунанд, чапғалат медиҳам, дуйи дигарро аз бари ҷомаашон кашида, ба замин меафканам ва яки дигарро бо кӯмаки ҳампаҳлуям аз пояи нардбон дур мепартоям. Ду ангуштамро ба чашмони ҳариси дигаре мехалонам ва даҳони ғормонанди ӯро мебинам. Дасту сар, соқу сурин, муштy лагад, оринҷу китф ва пешонаамро ба кор меандозам. Чӯби нардбон дар нигоҳам зарнигор мешавад.

Хазанда?

Хандаи баланд ба гӯшам мерасад.

Оё хазанда парвоз тавонист кард?

Оё ботлоқнишин ба абрҳо хоҳад расид? Ё Баҳоваддин!

Аз рӯи реги маканда ба зинаи аввал баромадан кори аз ҳама мушкил аст. Ин зинаи ҳақ ва ҳуқуқ аст. Ин зина оғози бархостан ва ибтидои парвоз аст. Туро нахоҳанд гузошт, ки ба ин зина қадам ниҳӣ, чун зинаест, ки роҳро боз мекунад. Аз боло фишоре рӯйи ту меояд, ки сангину нафастангат мекунад

ва аз поён садҳо даст домонатро сар намедиҳад, ки раҳо ва сабук шавӣ ва ба боло равӣ. Аммо вақте ки ба зина баромадӣ, дигар ҳама ба як бор хотима меёбад, дигар касе ба ту кордор намешавад. Дар они воҳид фишор маҳв мегардад ва дастҳо поятро раҳо мекунанд. Озод мешавӣ. Монанди парандае, ки аз дом раҳо шудааст ва мехоҳад болу пар бикшояд.

Ҷаҳд мекунам, ҷон меканам. Садоеро мешунавам, ки ба садои худам монанд нест, вале гӯё аз умқи вуҷуди ман берун меояд:

– Зӯри беҳуда миён мешиканад. Барои расидан ба зинаи аввал бояд дар минтақаи кеҳон зода шавӣ. На, аниқтараш, волидайнат бояд дар ин водӣ таваллуд шуда бошанд. Кадом водӣ? Бояд дар деҳае зода шавӣ, бигзор дар хонаводаи як шӯбон, аммо ин деҳа ном дорад. Агар на, дастикам бояд коғаз дошта бошӣ, ки гӯё ҳамин тур аст. Коғазе ки аввалин нафаси туро дар ин дунё ба дурӯғ омезад ва ҳамаи ҳастии туро аз як дурӯғ таркиб диҳад. Ё аз миёни сабукпотарин дӯшизаи онҳо ҳамсар баргузинӣ, ки ба ном ҳамсари ту бошаду шабҳо зери пойи онҳо. Ё хоҳаратро ба пучтарини онҳо бидиҳӣ, ки аз ӯ як сабукпо ва ҳамзамон як ҳамсар бисозанд. Он гоҳ корат осонтар мешавад. Фақат ҳамин муҳим аст, дигар ҳеҷ чиз. Агар бидонанд, ки ту аз он деҳа ва ё воҳаӣ, роҳатро боз мекунанд. Гӯё модарат туро на дар он деҳа, балки дар рӯи зинаи аввали ин нардбон зоидааст. Танҳо модарони як маҳалли муайян сарнишинони Нардбони Бузургро ба дунё меоранд. Бачадони онҳо шакли вижа дорад ва ҷанини вижа мепарварад. Аслан муҳим нест аз кадомин тухма – тухмаи дузд, раҳзан, худӣ ва ё бегона. Бигзор ҳатто аз тухмаи шайтон бошад. Тухма муҳим нест, бачадон муҳим аст. Оваҳ, ин аст, ки гуфтанд, ҳанӯз ҷанин пайдо нашуда, дар зинае аз Нардбони Бузург барои ӯ ҷой муқаррар хоҳад буд. Хуб, билфараз, бо сад росту дурӯғ ба зинаи аввал даст ёфтӣ, часпидӣ ва ба лагадмоли болоиҳову домангирии поиниҳо

рӯбарӯ шудӣ, баъдаш чӣ пеш хоҳад омад?

Баъдаш бояд дар зинаҳои болотар аҳрабо ва дӯстон дошта бошӣ, то бо белу каланду чӯбдастҳо ба сари ҳар кадоме ки мехоҳад, ба зинаи аввал барояд, бикӯбанд ва аз дасти ту гирифта, туро ба болотар кашанд. Он гоҳ корат осонтар мешавад.

Дар ҳар сонияи ин моҷаро бояд ба қурбонӣ омода бошӣ. Онҳое ки кӯмакат мекунанд, дар посух дасти тар мехоҳанд.

Ҳарчӣ дорӣ. Ва ё надорию аммо рӯзе хоҳӣ дошт. Ҳеҷ кас ройгон ангушт ба ангушт нахоҳад зад. Ҳар чӣ дорӣ, биёр. Бисёртар – хубтар.

Бояд омода бошӣ, ки на танҳо мол, балки зеҳнатро низ ба онҳо бидиҳӣ.

Бояд омода бошӣ, ки виҷдонатро ба онҳо бидиҳӣ.

Ва ҳатто имону номусатро...

Ман намедонам ин ҳамаро ба худам мегӯям ва ё танҳо аз дил мегузаронам. Аммо садои бегонае меояд:

– Бубин, шояд фақат як бор зиндагӣ ба ту пайт медиҳад, ба ин нардбон наздик оӣ. Барои баъзеи дигар ҳаргиз чунин фурсат даст нахоҳад дод. Пас, бо ҳар роҳи мумкину номумкин бояд аз ин зинаҳо боло равӣ. Афроде ин парвозро ба баъд вомегузорад, чун фикр мекунад, кори аз ин муҳимтаре дорад. Аммо рӯзе ки вай ба пояи нардбон меояд, мебинад, ки ситезаҷӯёни мусаллаҳе онро давра гирифтаанд ва ба вай роҳ намедиҳанд, ба пояи нардбон ҳатто наздик ояд. Онҳо ӯро дар фосилаи як тир нигаҳ хоҳанд дошт. Пас чун фурсат туро даст додааст, чӯби нардбонро бо дандонат бигазу худро болои он бигир!

Баъди кашокашҳо ва афтударафтҳо, бо сари пурғавғою пурдард, дандонҳои шикаста, гӯшу бинӣ ва оринҷҳои хуншор, ниҳоят ба зинаи аввал мебароям ва ҷойи тангеро, ки танҳо як нафар дар он мегунҷад, соҳиб мешавам. Ҳама часпуталошҳо ин ҷо ба поён мерасад. Рафъи якбораи

фишор аз сару танам ба ман сабукӣ медиҳад ва сархушам мекунад. Дастҳои бешумор домони дарида ва пойҳои урёну харошхӯрдаамро сар медиҳанд. Гулдӯзиҳои арғувонии нохуни онҳо дар пойҳоям боқӣ мемонад. Оҳ мекашам, вазнамро ба чорчӯбаи нардбон пахш мекунам ва аз баландии зинаи аввал ба атроф менигарам. Зери поям шаҳреро мебинам. Хонаҳои хурду калон, пасту баланд, кӯчаҳо, чароғҳо, мошинҳо, одамон. Дар канори шаҳр Чаҳорбоғи шукуфоне зери нури нигоҳам меафтад. Ман худамро офтобе фикр мекунам, ки ба ин регзор, шаҳр ва боғистон нурпошӣ мекунад ва аз анвори он бояд дар Чаҳорбоғ гулҳо бишкуфанд.

Садоеро мешунавам, ки ба овози худам монанд аст:

– Ин чорбоғ пур аз мӯъҷиза аст. Вале ҳисори атрофаш хароб шудааст. Ҳар кас чизе мехост, аз он бидуздад, дуздид ва чаҳорпоён аз рахнаҳои девор дохили боғ рафта, гулбаргҳои нафисро мехӯранд, сабзаи нозукро поймол мекунанд, танаи дарахтонро дандон мезананд. Он гулҳои пажмурда, ки мебинӣ, ҳамеша ин гуна набуданд. Фақат садбаргҳо зинда мондаанд ва дар субҳидам бо овози ширадори махмалӣ тарона мехонанд, маҷнунбедҳо шабонгоҳ шеър мегӯянд, сарвҳо мерақсанд, садаҳои пир панду андарз меоранд...

Ман лабханд мезанам. Зонуи хуншорамро memолам ва меандешам. Меандешам ва тасмим мегирам, ки Чаҳорбоғро обод кунам. Ин нафосату зебоӣ набояд нобуд шавад.

Дар пояи нардбон кашокаш ҳанӯз идома дорад.

Марди бечеҳрае дар либоси як дарвеш шамъ дар даст ба наздики издиҳоми пояи нардбон меояд. Шамъ нӯки ангуштонашро месӯзонад, аммо ӯ ором аст. Вай мехоҳад ба издиҳоми ноором масири бахтро нишон диҳад, аммо касе ба ӯ нигоҳ намекунад. Нафаре ба маъвизаи ӯ гӯш медиҳад ва баъди лаҳзае ба рӯи рег меафтад ва шикамашро медораду механдад. Дарвеш бо сари хам аз пояи нардбон меравад.

Нохост мебинам, ки як гӯшаи Чаҳорбоғ ба сӯхтан медарояд, оташ мегирад. Мехоҳам фарёд занам ва ба мардум

бигӯям, ки сӯхторро хомӯш кунанд, вале оне ки дар нардбон як зина аз ман болотар менишинад, бо кафи бадбӯйи дасташ даҳонамро мебандад. Чашмонаш аз хонаашон бадар мераванд. Вай мегӯяд, бо аввалин калима, аз ин поя сарозер хоҳам рафт. Дилам аз он дард мекунад, ки Чаҳорбоғи мӯъҷизаҳоро аждаҳои оташ бо забони алвонаш мелесад ва ба коми сӯзонаш мекашад. Издиҳом намедонад, ки ҳамаи хушии дили он ва мояи тансиҳатияш ин Чаҳорбоғ аст. Ҳатто шояд ҳамаи буду набудаш ва меросаш ба пасовандон. Дар он гулҳое мерӯянд, ки онҳоро аз Парнас оварда, бо садбаргҳои Боғи Ирам пайванд кардаанд. Дар он дарахтоне ҳастанд, ки баргҳояшон ба чашми одам мемонанд ва обҳоест, ки дар оинаи онҳо дирӯз ва фардоро метавон дид.

Ногаҳон ду даст аз зери каши ман мегиранд ва маро ба зинаи боло мекашанд. Мегӯянд, Азҳамаболо (худо раҳмат кунад) дар ғояти пиронсолӣ фавтидааст ва акнун нишастагони Нардбони Бузург як палла баланд мерафтаанд.

Поён менигараму мебинам, ки даҳҳо нафар аз ташналабони сӯхтадил барои зинаи аввал, барои нишастгоҳи собиқи ман задухӯрд доранд. Онҳо дасти ҳамдигарро мепучанд, мӯйи ҳамдигарро мекананд, китфу бозӯи якдигарро мегазанд, лагад мezананд, ҷастухез мекунанд. Вақте ки яке дигариро дур меронад ва ҳарду саргарми кашокашанд, сеюмӣ ба нардбон наздиктар меояд. Маълум буд, ки холӣ шудани як ҷой ҷадали онҳоро ба авҷи олӣ расондааст. Аз зинаи боло касе чӯбдастеро ба ман медиҳад. Ба ман мегӯянд, ҳамаро бикӯбам ва дасти якеро бигирам, то ба боло бихазад. Ӯ ҳам магар Хазанда аст?

Ман бидеҳкори нафари болоям ва он ки ба зинаи поёнӣ меояд, якумр аз ман вомдор ва дамкӯтоҳ хоҳад буд.

Азҳамаболои Ду низ мефавтад ва мо боз якзинагӣ боло меравем. Нигоҳам тасодуфан боз ба он гӯшаи Чаҳорбоғ меафтад, ки ҳанӯз ҳам месӯзаду дуди сиёҳаш ба осмон мепечад. Мехоҳам дод занам. Мардумро ки аз сӯхтор

бехабаранд, огоҳ кунам, аммо он ки аз ман болотар менишаст, даст ба китфам мезанад. Ба ӯ менигарам, ангушт ба лаб гузоштааст. Лаб мегазам.

Дарвешнамои дигаре миёни издиҳом меояд. Вазъ мехонад. Ҳама аз часпу талош бозмеистанд ва барои намоз саф мекашанд. Дарвешнамо пеш мегузарад ва худро имом бармегузинад. Намоз сар мешавад ва нардбон дигар аз кашокаши ташналабону сӯхтадилон такон намехӯрад. Касе аз зинаҳои боло мегӯяд, намозгузорон Қибларо намедонанд, онҳо ба самти дигаре саҷда доранд. Ман мебинам, ки вақте онҳо нияти намоз мекунанд, дар сангзори пешорӯяшон шабаҳи меҳробе пайдо мегардад, ки аз хатҳои нуронии овезон дар ҳаво иборат аст. Аммо вақте ки онҳо ба саҷда мераванд, меҳроби нурафкан ғайб мезанад ва дар сангзор зани бараҳнае бо синаҳои ларзон ва пистонҳои сарбаболо, бо пойҳои дароз ва ронҳои дамида ба рақс меояд. Ман мебинам, ки ин зан думе дорад, думи серпашм, дароз ва баргаштае. Гоҳе ки намозгузорон сар аз саҷда бармедоранд, зан филфавр нопадид мегардад ва дубора шабаҳи меҳроб нурафшон мешавад. Намозгузорон сар ба саҷда мебаранд ва зани думдори бараҳна мерақсад ва механдад.

Аз зинаҳои болотар мешунавам:

– Магар онҳо ба Иблис намоз мегузоранд?

– На, ин зан макр ва сиёсат аст. Онҳо ба макр ва сиёсат саҷда мекунанд. Ба чизе ки метавонад барояшон имтиёз диҳад ва онҳоро боаҳамият вонамуд кунад.

– Ин кист, ки чунин мегӯяд?..

Касе ҳарфе намезанад, садое дарнамеорад ва гумон аст, ки издиҳоми сафкашида садоеро бишнавад.

Азҳамаболои Се низ аз олам дармегузарад. Мо якпаллагӣ боло менишинем. Намоз баҳам мехӯрад. Меҳроб ғайб мезанад ва зани бараҳна низ. Издиҳом бо шӯру қиём панҷа ба пояи нардбон мезанад. Талош барои поёнитарин зинаи нардбон авҷ мегирад. Дар гирдоби башараҳои

хушунатзада нигоҳи ошноеро мебинам. Гӯё касест, ки хешованди ман аст ва ё ҳамсиришти ман ва ё дар чашмони ӯ чизест, ки маро хуш меояд. Ба он нафаре ки дар зинаи аз ман поёнтари нардбон нишастааст, чӯбдаст медиҳам ва ишора мекунам: Дарёб!

Намедонам дуруст тахмин задаам ё на. Фарқе намекунад. Агар ӯ хешовандам набуд, пас аз ҳамин лаҳза ақрабоям шуд.

Савтҳои маҳзунро мешунавам. Боло менигарам ва дафъатан мефаҳмам, ки Азҳамаболои Чаҳор низ давру даврони худро ронда, рахти реҳлат бастааст. Боз якзинагӣ боло мебароем. Ба он меандешам, ки оё умр вафо мекарда бошад, то бо охирин зина расам ва номи худро ба унвони фохири Азҳамаболо иваз кунам. Аммо ин ҷо ҳам бад нест. Аз ин иртифоъ ними дунёро дидан мумкин аст. Шаҳрҳо, деҳаҳо, даштҳои сабз, кавир, реги сурх, киштии гулгун, обҳо ва саробҳо...

Ончи аз диданаш чашмонам сих мезананд, сӯхтори Чаҳорбоғ аст. Оташ забона мезанад, печутоб мехӯрад, ваҳшатнок мерақсад ва садбаргу махмалгул, сарву санавбар, анору бодомро зери домани худ мегирад. Дар он зери доман оташ ҳамаро ба хокистари сиёҳ табдил медиҳад. Мехоҳам мардумро фарёд кунам. Чаро онҳо аз сӯхтор хабар надоранд. Магар онҳо намебинанд, ки сарваташон бар бод меравад. Мехоҳам, дод занам, аммо кафи дасте даҳонамро мебандад. Мебинам, ки ин дасти худам аст, ки даҳони худамро баста. Медонам, ки аз сӯхтори гулбоғ хабар диҳам, дигар зинае ба боло нахоҳам рафт, баракс аз ин ҷо сарнагун поён хоҳам парид. Хеле нопойдор аст зинаи ман ва хеле осон аст вожгун рафтан. Нахуст бояд пойдор шуд, сипас боғро наҷот дод. Ба шарте ки то он вақт аз он танҳо хокистар боқӣ намонад.

Аз боло садои дафу доира меояд. Мисли ин ки даҳҳо нафар баробар доира мезанад. Ман дафъатан ба боло менигарам ва мебинам, ки Азҳамаболои Панҷ дар рӯйи паллаи

танги нардбон ба рақс медарояд. Вай ҷои зиёде барои чархиш надорад, аммо кӯшиш мекунад, танаи худро ба чапу рост тоб диҳад ва ҳолатеро падид орад, ки гӯё андаруни давра мечархад. Вақте нимаи поёнии танаш тоб мехӯрад, ӯ ба зане монанд мешавад, ки мехоҳад, ҳамаи нозу ишваи худро намоиш диҳад. Аммо вақте ки ду даст ба тараф мебардорад, монанди уқоби кӯҳистон аст, ки аввалан аз баландии мақоми худ мефахрад ва сониян мехоҳад, ишора кунад, ки ҳама чизи аз ӯ поёнтар, моли меросии ваянд.

Ногаҳон, пояш мелағжад ва кам мемонад, ки аз зина поин афтад, ҳамон лаҳза даҳҳо даст дафу доираҳоро дур мепартоянд ва ӯро медоранд, ки сарозер нашавад. Доираҳо ба сари намозгузорони пояи нардбон фуруд меоянд ва садоҳои аҷибе мебароранд. Риштае аз саллаи яке аз намозгузорон, ки дафи бузурге ба сараш афтода буд, ба мехчаи кажи чӯби даф мепечад ва вақте даф ба замин афтода, мисли чархе тоб мехӯраду ба сӯи чорбоғ меравад, ҳамзамон саллаи намозгузорро боз мекунад ва аз паси худ мебарад. Ҳамин тавр даф меғеладу меғелад ва аз думболаш салла дароз шудаву меравад ва марди серриши сарлуч аз ақиби саллаи худ медавад...

Азҳамаболои раққос, ки ҳамаро ба дафзанию арғуштравӣ маҷбур мекард, аз зина наафтода бошад ҳам, дигар намехоҳад, аз рӯи дастоне ки ӯро дар ҳаво қапиданд, бархезад. Ранги рӯяш мисли пахтае, ки асосан дар Ливерпул фурӯхта мешавад, меканад ва касе зери лаб мегӯяд, ки дили бузург аз тапидан бозмонд.

Дар ҳамаи иртифои нардбон мардум ба ҳаракат меояд. Касе чизе намегӯяд, вале ҳама медонад, ки бояд як зинаи дигар болотар барояд. Зарбҳои мусиқии мотамӣ лаҳни дафу доираҳоеро ба ёд меоранд, ки Азҳамаболои Панҷ (шоистаи ҷаннат бод!) ба ҳавои онҳо дар рӯи зинаи борики нардбон мерақсид. Зинае ки монанди Пули Сирот буд.

Намедонам, боз чанд дафъа якпаллагӣ боло меравем.

Ҳар бор ки дар зинаи нав менишинам ва худро ҷобаҷо мекунам ва бо ифтихор ба поён менигарам, сӯхтанҳои Чаҳорбоғро мебинам ва филҳол дилам реш-реш мешавад, месӯзад. Вале ҳис мекунам, ки бо ҳар палла аз боғ дуртар меравам ва сӯзиши дилам ҳамон андоза камтар мешавад. Одамизод вақте ҳеҷ чизи ба дил наздик надорад, метавонад ба осонӣ роҳеро интихоб кунад. Молу мулк интихобро мушкил месозад. Шояд ин буд, ки ҳамеша кӯчиён ба шаҳрнишинҳо пирӯз меомаданд. Ҳоло ман ҳам соҳиби чизе мешавам ва оташ ба рӯям пӯзханд мезанад. Оташ монанди галаи хуношоми кӯчиён чаҳорбоғи маро метозад ва медонад, ки нирӯи рӯёрӯӣ дар ман ба коҳиш меравад. Оташ гоҳе дар миёнаҷои боғ бозмеистад, ба ман менигарад, шояд бо истеҳзо менигарад ва пас аз лаҳзае бо тамои нирӯ ба рақс меояд. Дар зери садои баланди дафу доираҳои бешумор. Вале ин садоро касе ба ҷуз ман намешунавад.

Пилкҳоямро мебандам ва намозгузорони собиқро мебинам, ки дафу доираҳоро аз рӯйи рег бардоштаанду дар атрофи Чаҳорбоғ давра гирифтаанд ва бо нирӯи тамом дафу доира мезананд. Бидуни оҳангу навое даф мезананд ва ҳар кас чигуна ки битавонад. Вале он қадар сахту бераҳмона, ки пӯсти дафҳо мекафад ва чахсҳои чӯби даври онҳо ба чаҳор сӯ мепарад. Бидуни оҳангу навое, аммо дар ниҳояти амр ин садоҳо ба ҳам омехта, ғулғулаеро ба ҳаво мепароканад, ки ҷо-ҷое ба Болерои Равел шабоҳат пайдо мекунад. Ва оташ дар хилоли зеру бамҳои садои тапандаи дафу доира девонавор мерақсад. Рақси оташ ба арғушти зани думдор монанд мешавад, аммо бо суръати даҳчанд тунд.

Ҳоло мефаҳмам, чаро он марди сарлучи серриш ба дубмоли саллаи худ медавид. Вай мехост, дафро ба даст орад. То аз дарду алам каф ба рӯйи даф занад ва оташ ба зани сурхпӯши думдор табдил ёфтаву бирақсад ва дар зери домони қирмизи ин зан нафистарин гулбаргҳо сӯхтаву хокистар шаванд.

Пилкҳоямро боз мекунам ва мебинам, ки сӯхтор дигар аз се ду ҳиссаи боғро нобуд кардааст. Шарм медорам ва рӯямро мегардонам. Намедонам рӯи ман аз тасфи сӯхтор месӯзад ва ё аз шарм. Баъзеҳо мегӯянд, вақт беҳтарин пизишк аст ва бо гузашти он амиқтарин ҷароҳат низ шифо мeёбанд. Аммо ман фикр мекунам, на гузашти вақт захмҳоро табобат мекунад, балки гузашти шарм аст, ки рӯҳро ором месозад. Дар замони мо хушбахт он касест, ки аз чизе шарм намекунад.

Ногаҳон дар фарози боғ гурбаҳоеро мебинам, ки бол доранд ва парвоз мекунанд. Гурбаҳои сиёҳу хокистарӣ ва зарди рах-рах. Онҳо чусту чолок бол мезананд, парандаҳои хурду бузургеро, ки аз бими оташ наметавонанд, ба боғ фуруд оянд, таъқиб мекунанд, дар ҳаво медоранд, аз гарданҳои борики онҳо газ мекунанд ва сарозер поин меравaнд. Ин магар растохез аст? Агар гурба ба парвоз омада бошад, дигар парандае дар ҳаво нахоҳад монд. Кист, ки ба гурба пару бол дод?

Як замон мебинам, ки аз ман болотар дигар на касе ҳаст, на зинае. Дарк мекунам, ки ба унвони фохираи Азҳамаболо нойил шудаам. Вазифаам акнун камтар аз ҳар чиз аст: бо ҳар роҳ ки бошад, дар ҳамин зинаи баландтарин то охирин нафас нишастан ва ба касе роҳ надодан. Худро ширеш кардан ба ин палла, то ки вақте мусиқии мотам садо медиҳад, натавонанд, ба осонӣ таҳи маро аз ин палла ҷудо кард. Дигар ҳеҷ. Дигар бигзор дар зинаҳои поёнӣ дасти ҳамдигарро бигазанду мушт ба бинии якдигар бизананд. Ба ман нарасанд, шуд. Ва бояд касоне дар зинаҳои поёнӣ бошанд, ки гурбаҳоро киш гӯянд. Ва ё онҳоро гирифта, аз парубол ҷудо кунанд. Аммо ин фикри беҳудаест, ки фақат як он ба сарам меояд. Ва мегӯям, оё ба ман чӣ гурба бол дорад ё на, бигзор дошта бошад...

Ба Чаҳорбоғ назар меафканам. Аз гулу гиёҳ ва ниҳолу дарахт танҳо тӯдаҳои хокистар боқӣ мондаанд. Издиҳоми дафнавоз кунҳо ва дафҳоро ба замин гузошта, тӯда-тӯда ҳар ҷо нишастааст ва дудро аз пеши нафаси худ дур меронад ва

зоҳиран хеле хаставу осуда ба назар мерасад. Осудатарин мардум хастатарини он аст. Вақте онҳо ҳамин гуна хаставу бемадоранд, касе пояи нардбонро такон нахоҳад дод.

Дуд дигар сиёҳ нест ва маҳину пар-пар шудааст. Дигар чизе нест бисӯзад. Ҳатто хок сӯхтаву деворҳои боғ ҳама фурӯ рафтааст. Аз поёнтар ба ман машварат медиҳанд, бигӯям, ки бигзор девор фурӯ рафта бошад, девори шумо манам. Ман шуморо ҳимоят хоҳам кард. Ва зери лаб мегӯям, ман шуморо ҳимоят хоҳам кард, онгуна ки чаҳорбоғи азизи шуморо ҳимоят кардам. Заҳрханде бо тасфи он сӯхтор дар лабонам обила мебандад. Чаҳорпоён ҳанӯз ҳам миёни дуду хокистари Чаҳорбоғ мегарданд, то охирин порчаи барги сабзро миёни дандонҳои зарди худ кавша кунанд, фурӯ баранд ва ба ахлот табдил диҳанд. Дигар селаи мурғон дар ҳаво гирд намегардад ва гурбаҳои болдор парандаҳоро шикор намекунанд.

Ногаҳон мебинам, ки фағонаи дуди ғализи боғ самташро дигар карда, рост ба ҷониби ман меояд. Оташи ҳамасӯз ба пояҳои нардбон мепечад. Одамон мисли ин ки аз киштии гулгунбодбон ба зер, ба дарё меҷаҳида бошанд, аз сари зинаҳои Нардбони Бузург худро ба поён меафкананд. Дуди ғализ ба даври гарданам мегардад ва нафастангам мекунад. Мехоҳам фарёд занам, садое дарнамеояд. Дилам метапад, фишурда мешавад, менолад, меларзад, мегиряд, метаркад.

Аз дард бедор мешавам.

Ва ё аз тарс?

*Душанбе - Прага*
*1988-2006*

# САГЗИСТОН*

Вақте ки ман аз назди тарҷумонҳои дигар баргаштам ва ҳалқа ба дар задам, посдори дарвоза – сарбози қаторӣ Медведев, тунду дурушт садо баровард:

– Кистӣ!? Ист! Мепаронам!

– Манам, бикушо.

Ман фикр намекунам, ки вай садои маро нашинохта бошад.

– Кист «ман»?

Ба дунболи ин нидои хушунатомези Медведев ак-аки Беномро шунидам, ки ҳатман садои маро шинохта, пои дарвоза омада буд ва шояд аз хурсандӣ дум меликонд.

Ва дар пайи даркӯбии дубораи ман сарбоз бо овози баландтар такрор кард:

–Ростӣ, мепаронам!

Ин бор дар созаш оҳанги тамасхур ба гӯшам расид.

Ман садои чандири кашида шудани куланги калашниковро шунидам. Ва ҳанӯз чизе нагуфта будам, ки сарбоз бо он ки садои писханд заданаш ба гӯшам мерасид, даричаро ба рӯям боз кард ва лабашро каҷ карда, бо тамасхур гуфт, фармондеҳ як соат ба ин тараф маро меҷӯяд. «Хеле дар қаҳр аст», парид гапи ӯ аз пасам, вақте ки чизе нагуфта, аз ӯ гузашта, сӯи дар мерафтам.

Ба паллаи зинапояи васеъ қадам ниҳодам, ки сагҳои вилла ба пешвозам ҷаҳиданд ва бо шитобзадагии сагона, бо сарафшонӣ, пойҳои маро бӯй кашидаву ба қадам хез заданд. Аслан Беном буд, ки хез зад, Рекси пир маро бӯй кашиду боло нигарист ва давр хӯрду рӯи палла ҳалқа зад. Чашмони обрави гургсаги пир Рекс акнун тоби камтар доштанд, вай садое дарнамеовард ва ҳаракатҳояш мисли пештара тунд

---

*Сагзистон–номи қадимии устони Сиистон

набуд. Дар паҳлуи Рекс сагчаи зарди афғонӣ чобуктар ва хушҳолтар намудор мешавад. Ҳатто аккос мезанад, меғурунгад, ҷастухез мекунад.

Аввал ба ҳуҷраи худам даромадам. Боронии чармиро кашида, рӯйи кат патофтам ва ба долони дарозрӯя баромада, дари ҳуҷраи фармондеҳ Николай Константиновичро кӯфтам. «Бале!», баланду бовиқор садо дод вай ва ҳамоно дар боз шуд, гӯё фармондеҳ ин ҳама вақт дар паси дар мунтазири ман буд.

–Куҷ-ҷ-ҷо мегардед, рафиқ тарҷумон, ман аз ҷустуҷӯйи шумо безор шудам. Бе ягон пурсиш, бе иҷозат, то ин вақти шаб куҷо будед...

Садои фармондеҳ дар ҳуҷраи танг мисли бонги раъд ба гӯш меомад. «Садои махсуси машқдида», мегуфт худаш гоҳе дар ғояти ғурур.

Аммо ҳоло ин садо на танҳо баланду зангдор, балки пур аз хусумат аст. Мушакҳои чеҳраи лоғари фармондеҳ таранг шудаву чашмони кӯчакаш медурахшанд ва ҳангоме ки даҳан мекушояд, кӯтоҳии яке аз ду дандони пеши болоияш намудор мешавад. Лабу бинияшро бо кароҳат бурма мекунад, ки ин аломати авҷи норозигии вай аст.

Ман аз инҷиқиҳои ин пирамарди хашмгин безор шудаам ва вақтҳои охир дарёфта будам, ки лаҳни баргузидаи ман беҳтар аст. Бояд орому осуда бо ӯ ҳарф бизанам, зеро агар ман ҳам ба хашм оям, ҳатман ҳарду вориди бигӯмагӯҳои нафратовар мешавем ва аъсоби ҳамдигарро барои чанд рӯзи оянда хароб мекунем. Ва андӯхтаи дигари ман аз ҳамзистии маҷбурию асабиёна бо подполковник Костин ин буд, ки бояд бидуни давру бар гаштанҳо ба пурсишҳои ӯ посухи дақиқу нишонрас дод. Ҳар сӯҳбати изофагӣ ва ҳар пешгуфтору пасманзар суолчаҳои нав ва умдатан тамасхуромези ӯро ба миён меовард. Дар чунин ҳолатҳо вай ба суханони ман эътино намекард ва ҳанӯз маъниеро то ба охир нашунида, пасиҳам, мусалсалвор суолҳои хитоболудаи нав медод. Кам иттифоқ меафтод, ки вай ба маънии пурсишҳои худ фикр кунад.

Муҳим ин буд, ки садояш гусаста намешуд ва ҳамон пур аз нирӯ буд.

Ҳамин андешаҳо дар сар ба чашмони хурду серҳаракат ва бемижгону сурхидааш нигоҳ кардам ва гуфтам:

–Тарҷумони ҳизбӣ маро хоста буд, ки дар як коғазнависӣ кӯмакаш кунам.

Ибораи «тарҷумони ҳизбӣ» ба вазъи равонии фармондеҳ таъсири мӯъҷизаосо дорад. Гуфтани он қаҳру ғазаби фармондеҳро дар они воҳид поин меоварад. Онгуна ки гӯё касе сатили оби сардро ба рӯйи гулхан пошида бошад. Ин ибора дафъатан ӯро ба сад паскӯча андохта, аломати «Эҳтиёт!»-ро дар бунбастҳои зеҳнаш боло мекунад. Ман таъсири ибораи сеҳрнокро дар ӯ чандин бор озмудаам.

Николай Константинович, дар ҳоле ки гӯё ҳавои гирду атрофи ҷуссаи лоғар ва қомати баланду хаёле хамидаааш аз ҳаври хашму ғазаби ӯ тасфидаву сурх шуда буд, чизе нагуфт, лабони борику сӯхтаашро ба ҳам фишурд, сари мизи худ баргашт, лаҳзае рост истод ва саҳфаеро аз рӯи коғазҳои дигар бардошт. Бо ҳамон варақ ба ман ишора кард, ки биншинам. Ҳарчанд вай ба самти кати хоби худ аломат дод, ман ба рӯи кати муқобил, кати эҳтиётӣ барои меҳмонони чандрӯзаи кобулӣ, фуруд омадам. Ба ин андешидам, ки бояд бачаҳо ба тарҷумони ҳизбӣ бирасонанд, то дар ҳолати кунҷковии ин пирамард, назди ӯ будани маро тасдиқ кунад. Тарҷумони ҳизбӣ ҳам урус буд, аммо мисли ман одами ғайринизомие буд, ки маҷбуран ба Афғонистон фиристода шудааст. Вай ҳарбиёнро барои нокомиҳояшон дар ин кишвар чандон эҳтиром намекард. Ба болои ин миёни ҳизбиён ва артиш ҳамеша сойиш вуҷуд дошт. Аз ин рӯ мутмаинам, ки тарҷумони ҳизбӣ маро пуштибонӣ хоҳад кард.

–Шумо, рафиқ тарҷумон, бояд коғазҳои моро ба тартиб оваред, на дурӯғу газофи ҳизбиёнро, – бо ҳамон садои раъдгуна, аммо лаҳни акнун оромтар гуфт Николай Константинович дар ҳоле ки ба коғаз хира шуда буд. Тахмин

мезанам, ки дар он варақ аз марказ паёми муҳиме омадааст ва ё ӯ ин қадар хашмгин аст, ки бо баҳонаи ин саҳифа намехоҳад ба ман нигарад.

Барои коҳиши хушунате, ки ҳанӯз фазои ҳуҷраро ноаён меларзонд, гуфтам:

–Гунаҳкорам, рафиқ подполковник, даъват ногаҳонӣ буд ва ман фурсат наёфтам, шуморо огоҳ кунам.

Дар фазои мобайни ману ӯ ба дарозои як лаҳза сукути сангине хазид, ки маълум набуд, дар мавҷҳои оҳанину ларзони худ таркишеро пеш меовард ва ё таскинеро. Вай ба коғаз хира шуда буду ман ба нақши содаи кампали сарбозӣ, ки рӯи фарш паҳн рафта, нақши палосро мебозид.

–Ҳаким Иброҳимович,–шукр ин ба таркиш монанд нест, фарёди абӯҳавлӣ ба сӯҳбати оддии инсонӣ шабеҳ шуд, – мову шумо як бор ҳамаи ин масъалаҳоро ҳал карда будем, биёед, дигар ба ин баҳсҳо бознагардем. Шумо кӯдак нестед, ман подполковникам. Ҳамин ҳоло метавонам фармондеҳи як фирқаи ҷангӣ бошам...

«Ором шуд, хеле ором шуд», андешидам, зеро бо ному исми падар мурочиат кардани фармондеҳ ҳамеша аломати сулҳ ва эҳтиром буд. Доим ҳамин тавр мешуд, ки аввал «рафиқ тарҷумон» мегуфт, баҳс мекардем, дашномҳо медодем, сипас, ман ба ҳуҷраам рафта, дарро мебастам ва ба хӯрокхӯрӣ ҳозир намешудам. Он гоҳ бо як лаълӣ ғизо дар даст сарбози навбатдор ва ним шиша спирти обҳамроҳшуда худи Константинович ба ҳуҷраам меомаданду вай ҳамин хел «Ҳаким Иброҳимович» гӯён мурочиат мекард. Он вақт мо сулҳ мебастем ва аз хотираҳои гузашта, аз занони зебо, аз давраҳои бачагӣ бо ҳам то нимашаб «чору ду» мегуфтем. Субҳи рӯзи дигар касе кафолат дода наметавонист, ки миёни мо –ду афсар дар байни дувоздаҳ сарбоз (бале, фирқаи ҷангӣ) – бо ҳар баҳона аз нав «задухӯрд» оғоз нашавад. Дар он шароите ки мо мезием, баҳона –лак андар лак.

–Ман шуморо бисёр ҳурмат мекунам, мисли як писари худ, мисли як ҳамкору шарик, аммо шумо, маро ҳурмат намекунед, ҳарчанд мегӯянд, дар миёни мардуми шумо, яъне тоҷикон, эҳтироми калонсолон фарз аст.

Боз ҳамон афсонаҳои «Ҳазору як шаб». Ин шахс хуб медонад, ки мо дар Афғонистонем, дар кишваре ки андаруни оташи ҷанг месӯзад. Мо ҳар рӯзу ҳар лаҳза бо марг рӯбарӯ мешавем. Фол мезанем, ки зинда ба ватан бармегардем ё на. Ё ҳамсарнавишти тарҷумон Самвел хоҳем буд, ки нахӯрд, напӯшид, даҳ панҷа ба даҳон, фақат туф карду гиреҳ зад, баъд як рӯз дар Чамкони, андаруни чархболи суқуткарда онгуна сӯхт, ки хокистарашро ҳам наёфтанд. Ба нӯги сӯзан ҷамъкардаҳояш тарака шуданд.

Баъзан дилам ба ин пирамарди лоилоҷ месӯзад. Билхосса, вақте ки аз набераҳояш нақл мекунад. Номи онҳоро ба забон мегираду дар чашмони фурӯрафтаи хокистарияш ашк ҳалқа мезанад. Ба фикрам, дар ҳамин лаҳзаҳо вай одам мешавад. Аммо чунин пайтҳо бисёр кам ва зудгузаранд.

–Хомӯшӣ пеша кардед, Ҳаким Иброҳимович. Медонам, ки гуноҳи худро мефаҳмед. Мефаҳмед, аммо фардо боз фаромӯш мекунед, рафиқ тарҷумон. Хуб, масъала ин аст, пештар шинед, як каме майна об кунем.

Лаҳни суханаш тағйир кард, оромтар ва одӣ шуд. Бе он ки ба ман нигарад, чашм аз коғаз наканда, ғурунгид:

–Масъала ин аст, ки марказ дар остонаи ид чанд афсари беҳтаринро ба мукофот, яъне ордену медал, пешбарӣ карданист. Ҳум, аз ҷумла маро...

Николай Константинович сар бардошт, чеҳра боз кард ва кӯшиш намуд симову хандааш ҳаддалимкон хоксорона бошанд:

–Росташ, шояд ҳанӯз каме зуд аст. Як сол нашудааст. Одатан, баъди як соли хидмат пешбарӣ мекунанд. Аммо шояд барои кори фавқулодда хуб, онҳо чунин қарор кардаанд.

Ман ҳам хандидам.

Вай каме ҳайрон шуд, ки хандаи ман ифодаи тамасхур аст ва ё изҳори хурсандӣ. Гуфт:

–Ба ҳар ҳол обрӯи ҳамаи мо мешавад, ки аз гурӯҳи мо касе ҷоизаи баланд бигирад. Маънияш ин аст, ки кори ҳамаи мо хуб аст.

Қариб аз даҳонам мебаромад, ки бале, хеле корҳои хуб ва ҷоиза барои ба афғонҳо фурӯхтани карасини ҳарбӣ, дуздидани пулу озуқаи сарбозон ва...

Николай Константинович коғазро ба рӯи миз гузошт ва кафи дастони ожангбастаашро мисли дуои ҳиндуён ба ҳам карда, зери манаҳи борики доғзада, аммо поктарошаш бурд ва гуфт:

–Мебинам, шумо хурсандед, Ҳаким Иброҳимович, ташаккур. Фақат як масъала дар миён аст. Онҳо талаб кардаанд, ки пешнависи матни мукофотномаро барояшон мо омода кунем. Сиёҳнависро...

«Сиёҳномаро», аз дил гузаронидам. Вай бошад, идома дод:

–Баъдан онҳо матнро ислоҳу таҳия карда, ба марказ, ба Маскав роҳӣ мекунанд.

–Яъне мо нависем, ки чаро бояд ба фармондеҳи мо орден дода шавад?, –котапурсӣ кардам ман.

–Медонед, Ҳаким Иброҳимович, онҳо дар он ҷо намедонанд, ки ин ҷо, дар ин биёбон аз сари мо чӣ мегузарад. Аслан бигирем, медонанд. Хеле хуб медонанд ва авзоъ аз рӯи гузоришҳои ҳаррӯзаи мо ба онҳо маълум аст, аммо ҷузъиёти зиёдтар даркор аст. Тафсилоти боварибахш мехоҳанд.

Вай кӯшиш кард, нимтабассумашро боз лаҳзае дар чеҳраи хеш нигаҳ дорад, аммо ин кор барояш душвор буд ва лабханд аз манаҳи борикаш лағжида, рӯйи сафҳаи коғаз афтод. «Уфф» кашид ва аз ҷо бархоста, гуфт:

– Мефаҳмам, ки ин кори пурмасъулият омодагӣ мехоҳад. Кори осоне нест. Хуб, ҳоло равед, истироҳат кунед.

Фикр кунед дар ин бора. Фардо бо ҳам менишинему менависем.

–Ба шарте агар тирборон сар нашавад. Ҳизбиҳо мегӯянд, мумкин аст фардо муҷоҳидин аз нав ба шаҳр ҳамла кунанд.

Константинович даст афшонду бо кароҳат гуфт:

–Чӣ медонанд, ин ҳизбиёни гиребонсафед, маълум аст, ки онҳо бо куҷояшон фикр мекунанд. Барои он ки ба коргоҳ нараванд, чунин овозаҳо сар медиҳанду баъд ба нӯшонӯшу занбозӣ ғарқ мешаванд. Вазъият зери дасти мост...

Ман ҳам бархостам ва ба ҳуҷраам баргаштам. Ҳанӯз дарунакӣ механдидам. Ба ин пирамади бефаросат, ки садои таркиши гулӯлаи муҷоҳидонро аз парондани тӯпи посгоҳи ҳамсоя фарқ карда наметавонад, барои кадом корнамоияш орден доданиянд?

Ҳуҷраи танги ман ягона ҷоест, ки бояд ҳамаи чизи берун аз деворҳои онро фаромӯш кунам. Афғонистонро, ҷангро, хунро, бенавоиро, ғурбатро, танҳоиро, зулмро, фиребро, бекасию нокасиро...

Дар рӯи рахтихоби сахти сарбозӣ меғелам ва мехоҳам фаромӯш кунам, ки сад қадам дуртар аз паси ин девор тӯпхонаи посгоҳ ҳаст, ки гаҳу ногаҳ оташ мекушояд ва дар ҷавоб аз баландиҳои атроф ба самти мо мушакҳо мепаранд. На, ин ба ман ягон зарра дахл надорад. Китоби нависандаи лаҳистониро дар он ҷое ки бо як шерозаи ҷомаи кӯҳнаи хеш нишона монда будам, боз мекунам. Зимнан гоҳе ҷомаи фарсудаи урфиро дар долон, дар тани сарбозҳо, ки бо навбат онро мепӯшиданд, медидаму дилам ба бачаҳои навхат месӯхт. На, ин на он чизест, ки ман ҳоло гуфтан мехоҳам. Бо ҳама маъсумияту бадбахтияшон онҳоро низ бояд аз манзари хаёл берун кард ва дил бояд аз санги хоро сохт... Пас ин китобакро мехонам. Мехоҳам андаруни сатрҳои он ҷойи осудае ёбам. Аммо дирӯз ба он боби достон расидам, ки

ҳикояти ишқ ва нафрат ба замони ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ворид шуд. Аз онҷӣ дишаб хондам, як саҳна ба ман сахт таъсир кард, вақте ки афсари немис духтари сабукпойи лаҳистониро бо худ ба трамвай менишонад ва аммо саги духтарак қад-қади роҳи оҳан медавад. Афсару фоҳиша механданд. Аввал чизе ба ҷониби саг мепартоянд ва сипас афсар туфангчаашро аз ғилоф кашида, аз тирезаи трамвай сагро мепаронад. Ҳарду хушҳолӣ мекунанд. Аҷиб. Шояд сабукпой ва саг ҳарду рамзҳое бошанд, ки нависанда ба воситаи онҳо аз мафҳумҳои ҳамешагие сӯҳбат мекунад.

Тӯпи посгоҳ ба гулӯлаандозӣ сар кард. Аз садои гулдуросии он шишаҳои тирезаи ҳуҷраи ман, ки дар ин вақти шаб аз берун бо як пардаи намад пӯшонида шудааст, меларзанд.

Пажвоки раъдгунаи садои тӯп ҳанӯз дар паси баландиҳои каноръаи шаҳр ба сангу регу сабзаҳои сӯхта фурӯ нарафта, садои дигар, шарфоки ханҷоли дари ҳуҷра ба гӯшам мерасад.  Ҳо, Беном омад. Аз ҳамаи олами беруна, садои тӯпу манзараҳои хаёлии дунё ва ҳам Беном ҳақ доранд, ба ҳуҷраи ман дароянд. Яке маҷбурӣ, дигаре бо хости ман. Ва, албатта, гоҳе фармондеҳ ва ҳар рӯз –сарбозе ки хонаро тамиз мекунаду дар бухорӣ оташ дармегиронад.

Вақте дарро кушодам, Беномро дидам, ки дар остона меистод. Дум меликонд ва ҳам аз хунукӣ меларзид. Беш аз ҳама нӯги гӯшҳо ва думаш меларзиданд.

–Даро, дӯст.

Саг гӯё сухани маро мефаҳмид. Бо инки гӯё донист, аз ман иҷоза гирифтааст, оҳиста дохили ҳуҷра омад. Қадамҳояш кӯтоҳ буданд ва пояшро ба фарш гузоштан замон мебардошт, гӯё эҳтиёт мекард, ки изе нагузорад. Дарун омад, аз паҳлуи кати ман рад шуд ва дар кунҷи паси бухорӣ ҳалқа зад. Фармондеҳ ба даруни вилла даромадани ин сагро манъ кардааст. Вай фармон додааст, ки танҳо Рекс метавонад гоҳе дар даруни бино бихобад. Он ҳам агар ҳаво бисёр сард бошад.

Барои Беном ба дарун даромадан бикулл манъ аст. Вале ҳамаи сарбозон медонанд, ки вақте Беном пеши дар меояд, вай мехоҳад ба ҳуҷраи ман дарояд. Бигзор дарояд, вагарна, аз хунукӣ мемирад.

Фармондеҳ ҳатто боре гуфт, сарқути ғизои сарбозон аввал бояд ба Рекс дода шавад. Агар аз Рекс зиёдатӣ кард, пас сарқути Рексро метавон ба Беном бахшид.

Вақте ман пурсишомез ба ӯ нигаристам,гуфт: «Рекс расман дар рӯихати гурӯҳи мост. Мо вазифадорем, ки онро хӯронем. Аммо ин «кӯчагӣ» моли мо нест. Агар барояш чизе надиҳем ҳам, ҳеҷ кас моро барои ин маломат нахоҳад кард.»

Фармондеҳ инро дар назар дошт, ки Рексро мо аз марказ бо худ оварда будем. Ҳамчун саги посбон. Аммо Беном аз модасаги сиёҳе, ки якҷо бо галаи сагони бесоҳиб дар ҳавелии шаҳраки ҳарбӣ мезист, ба дунё омадааст. Мегуфтанд, модараш ҳангоми ҳомиладорӣ дар симхор дармонд ва ҳамин вақт мушакборони муҷоҳидон сар шуд. Саг андаруни симҳои печида даступо мезад, дар атрофаш гулӯлаҳо метаркиданд, саг мисли одам фиғон мекашид, аммо касе наметавонист, ҷони худро дар хатар гузошта, равад ва сагро аз миёни симхорҳои печида берун бикашад.

Баъди се ҳафтаи ин ҳодиса модасаг чаҳор сагчаро ба дунё овард ва мегуфтанд, ба эҳтимоли қавӣ ин сагҳо аз ҷиҳати равонӣ солим намебошанд. Ду бародари Беном, ки тарҷумонҳо онҳоро Сиёҳак ва Қашқо номгузорӣ карда буданд, дар мушкаборон кушта шуданд. Яки дигарро як сарбози шаҳраки ҳарбӣ дар ивази як мушт афюн ба афғонҳо фурӯхт. Беномро тарҷумони собиқи гурӯҳи мо, ки бо омадани ман ба ватан баргашт, ба вилла овард. Вай мегуфт, бо вуҷуди инки бародарони Беном аз лиҳози равонӣ солим буданд, худи Беном аз ҳамаи онҳо ба куллӣ фарқ мекард. Ҳам аз лиҳози рангубор ва ҳам аз лиҳози наздикии асроромез ба инсонҳо.

–Гурӯснаӣ?, –мепурсам аз Беном.

Сагча сар мебардорад, ба ман кач-кач менигарад, боз сар ба рӯи дастонаш гузошта чашмонашро мепӯшонаду мекушояд.

–Зиқӣ?

–...

Сагро фақат ман Беном мехонам. Николай Константинович онро «Дух» меномад, ки кӯтоҳшудаи «Душман» аст ва як мушовири ҳарбӣ бо таъкиди нафрати худ ба сардори муҷоҳидҳо «Гулбиддин»-аш мегӯяд, сарбозҳои вилла онро «Афган» хитоб мекунанд.

Ман вақте дидам, ки ба вай номҳои зиёде додаанд, баракс исмашро Беном гузоштам. Аҷиб ин буд, ки вай ба ҳеҷ хитобе ҷуз аз Беном вокуниш нишон намедод. Акнун баъзе бошандагони дигари шаҳрак низ вайро Беном гуфта ҷеғ мезананд. Сагча гӯё худ ин номро интихоб карда буд ва ба атрофиён нишон медод, ки кадом номро хуш дорад.

Тӯпи посгоҳ хоболудона боз як гулӯлае ба ҳаво сар медиҳад.

Баъди чанд сония касе бошитоб дарамро мекӯбад.

–Кист?

–Ман,–овози пурҳаяҷони фармондеҳро мешунавам ва вақте ки дарро мекушоям, аввалтар аз ҳама чашмони берунҷаста ва даҳони бозу дандони кӯтоҳи ӯро мебинам. Бӯйи ғализи арақ ба машомам мерасад.

–Ҳаким Иброҳимович, мушакборон сар шуд.  Бояд ҳама ба паноҳгоҳ равем.

Механдаму мегӯям:

–На, Николай Константинович, ин тӯпи худамон аст, ки як ширинкорӣ кард. Шояд барои он мепаронад, ки посбонони танбалро аз хоб бедор кунад.

–Наход!? –Дар чеҳраи ӯ ҳайрати шодиомезро мебинам. Мефаҳмам, ки гумони ман нодуруст баромад. Фикр мекардам, вай аз пайи Беном ва барои як хархашаи нав дари маро

кӯфтааст. Табассуми самимонаи ӯ якбора ба дандон гиз кардани дардмандона ва ғазаболуд табдил меёбад. Зеро ба сӯйи бухорӣ нигариста, чашмаш ба Беном меафтад.

Николай Константинович Беномро бисёр бад мебинад, сахт бад мебинад. Хоса, вақте ки ман ба ин махлуқ меҳубонӣ мекунам, рашки вай меояд. Як хислати аҷиби Беном ин буд, ки вай муносибати атрофиёнро хеле хуб ҳис мекард. Масалан, вай мекӯшид бо фармондеҳ рӯбарӯ нашавад. Боз як хосияти Беном дар ин буд, ки гӯё аз тиру мушакборонҳо заррае намеҳаросид. Вақте ки гулӯлаборон сар мешуд, вай дар миёнаҷои ҳавлӣ даст рӯи даст мехобид ва фукашро рӯи дастонаш мегузошт ва аз таркишҳои ваҳшатангези гулӯлаҳо ҳатто мижааш хам намехӯрд. Аввалҳо бо сар шудани борони марг, вақте ки ҳама, ҳам афсарону ҳам сарбозон давида ба гурезгоҳи зеризаминии паси вилла паноҳ мебурданд, Беномро якҷо бо Рекс он ҷо медароварданд ва бо ҳам то поёни гулӯлаборон нигоҳ медоштанд. Баъд Николай Константинович ба сарбозон фармон дод, ки дигар Беномро ба таҳхона надароранд, танҳо Рекс ҳақ дорад, бо онҳо дар гурезгоҳ биистад. Ҳангоме ки ин суханонро мегуфт, чашмаш ба ман афтод ва бо танаффур, биниашро каж карда афзуд, «аз ин саги велгард бӯйи бад меояд ва худаш бе ин ҳам ҷой дар заминкан танг аст.»

Ман бехабар будам, ки фармондеҳ се дафъа Беномро ба мошин савор карда, аз шаҳр берун бурда дар ҷое партофта омадааст.

Як рӯз, ҳангоми хӯроки нимирӯзӣ, вай ба ронандаи мо, Толик, айёрона чашмак мезад ва мегуфт, «Кор –сад! Ниҳоят халос шудем.» Маънои ин гуфтаҳоро ман вақте донистам, ки устухонҳоро аз рӯи миз чида, берун баромадам, то ба Беном диҳам.

–Беном, Беном, кучҷоӣ, зуд биё, бароят чизе дорам…

Ба ин фарёдҳои ман аз даруни вилла садои ханда баланд шуд.

Устухонҳоро рӯи ҳавлӣ ниҳодаму бозгаштам ва дами дари ҳуҷраам, Толик пастакак гуфт, «ин кас Беномро ба шоҳроҳи самти Кобул баровада партофт, то дигар бознагардад.»

Ман намефаҳмидам, чаро Николай Константинович, ки ин қадар бо меҳру навозиши падарона Рексро хорумол мекунад, Беномро мисли як душмани шахсӣ ва хунии худ чашми дидан надорад. Ва Беном ҳам ба садозаниҳои Николай Константинович вокуниш нишон намедод, балки баракс ӯро бинад, дуртар мерафт ва аз дур ба ӯ нигоҳ мекард.

Чаро аз ҳамон аввал ин ду ба ҳам ҷӯр наомаданд, нафаҳмидам. Намехостам, ба ин мавзӯъ зиёд таҳқӯй шавам ва худро машаққат диҳам, аммо ҳис мекардам, бархӯрди вайронгаронаи фармондеҳ ба сагчаи бегуноҳ дар дили ман нохушӣ эҷод мекунад. Хуб, агар намехоҳам ба ин мавзӯъ биандешам, шояд беҳтар аст, сабабро дар ҷойи дигар биҷӯям? Чаро ман Беномро дӯст доштам? Чист, ки маро ба ҳимояи ин сагчаи бепаноҳ таҳрик дод? Фикр мекунам, дар хатту холи  ин саг чизе ҳаст, ки бародари хурдии маро ба ёдам меорад. Шояд ҳамин зардие ки аз болои чашмонаш сар шуда ба тахтапушт меравад ва ба абрӯвони инсонӣ шабоҳат дорад, хатти мӯйю абрӯвони бародари хурдии маро пеши нигоҳам зинда мекунад? Ва ё шояд ҳамин чустию чобукӣ ва сарзиндагии Беном онро ба бародари ман монанд намудор месозад? Бародари хурдиям аз ҳамаи фарзандони падар фарқ дорад, ба ҳеҷ яке аз мо монанд нест. Ин қадар сарзинда, пурҳаракат, шодмон…

Аммо эҳтимол ҳама чиз хеле содатар аз он аст, ки ман фикр мекунам. Ман ғарибам. Ҳам дар ин кишвар ва ҳам дар ин ҷамъият. Ба касе ва ё махлуқе эҳтиёҷ дорам, ки бо дили ман наздик бошад, тасаллоям бидиҳад.

Николай Константинович ҳам як ғарибе беш нест. Он ҳама дӯғу диранг, сиккаву ҳайбат, сару садо ва кору пайкораш ҳамагӣ тарсу ҳарос ва лоилоҷии мутлақашро

ойинадорӣ мекунанд. Артиш дар Афғонистон рӯ ба шикаст ва шармсорӣ овардааст. Дарди ӯ шояд сахттар аз як ғурбат аст.

Шоми рӯзи дигар, баъди як шабонарӯзи сукут дар ҳавлии мо, аз паси девор садои ак-аки хурсандонаи Беном ба гӯшам расид. Сарбоз намехост даричаро боз кунад. Аз фармондеҳ метарсид. Вақте бо қатъият ва пойфишорӣ аз ӯ кушодани даричаро талаб кардам ва ба ёдаш расондам, ки ман ҳам афсарам, ҳарчанд вазифаам тарҷумонист, сарбози навхат, ки ба гурбаи ошолуд шабоҳат дошт, коҳилона ва бо авзоъи норозӣ чӯбдастро аз козаҳо баровад ва калидро тоб дода, даричаро кушод. Беном аз кӯча рост ба оғӯши ман ҷаҳид. Мисли ин ки парвоз кард. Ин қадар беқарор буд, ки беист дум меҷумбонд ва ҳар лаҳза фуки тарашро ба рӯи ман мемолид.

–Биё, биё ғарибаки ман, ду ғарибем дар ин ҷо...

Вақте ба тарафи вилла баргаштам, пушти тирезаи сарбозхона сару сиккаи Николай Константиновичро дидам, ки аз хашм сурх шуда буд ва аз чашмонаш оташ меборид. Дар долон аз рӯбарӯям баромад ва гуфт:

–Ман ин лаънатиро, рафиқ тарҷумон, аз шаҳр берун бурдам. Боз омад. Кош муҷоҳидҳо онро мекуштанд.

–Муҷоҳидҳо сагҳоро намекушанд! –Бо зарда хитобидам.

Фармондеҳ кӯдакввор бо ман гапгузаронӣ каданӣ буд:

–Инро намекушанд, барои онки ин саги афғонӣ аст. Рексро ба даст оранд, ҳатман мекушанд. Ҳатто чашмонашро кофта мегиранд.

Он шаб фармондеҳ барои ман аз як сӯ золимтарин одами дунё намудор шуд ва аз сӯи дигар бечоратарин.

Ғиреви гӯшхарошаш туи гӯшҳои ман ва ё дар сангдевори ҳуҷраи танг танин меандохт:

–Ба хонаи инсонҳо надароред вайро, рафиқ тарҷумон, ман гуфтам, надароред!

Ман бо тамоми қатъият:

–Беном дар ҳуҷраи ман хоб мекунад, агар касе мухолифат кард, мепаронамаш.

–Ман ҳамин ҳоло ба марказ хабар медиҳам, ки шумо, рафиқ тарҷумон, аз фармони ман сар кашидед ва ба ман таҳдид кардед!

–Ин фармони шумо ба кори мо ҳеҷ дахл надорад!

Аз он шаб ман Беномро таҳти ҳимояи худ гирифтам. Ва ҳам баъди ин воқеъа дарёфтам, ки набояд ба ҳар фармони подполковник сар фурорам. Донистам, ки мешудааст ӯро мулзам кард, мешудааст фармонҳои аблаҳонаашро ба боди ҳаво сар дод. Акнун вай бояд ба эҳтироми фармонҳои худ биандешад. Агар фаросату дурандешӣ пояи ин фармонҳо набошанд, амру фармон барои амрдиҳанда низ ба ҳамон андозаи хушояндӣ ва дилнавозӣ даҳшатангез ва нороҳаткунанда буда метавонанд. Забони сурхи сари холӣ ҳазор хел фармон дода метавонад. Аммо ҳатто маҷбурони низомӣ низ фармонҳои бемағзонаро ба паси гӯш ҳавола хоҳанд кард.

Боз донистам, ки одам агар ҷасорат кунад, маҳкамтарин
қолибҳоро ҳам метавонад бишканад. Метавонад, ҳама корро ба иродаи худ бигардонад.

Боз фаҳмидам, ки амрдиҳанда ҳар қадар садои баланду «варзишхӯрда» дошта бошад ҳам, фармони пучаш ба касе кора нахоҳад кард.

Аз рӯи рахтихоб нимхез шуда, бори дигар ба Беном, ки дар кунҷи паси бухорӣ, ҷойи дӯстдоштааш, мехобид, нигаристам. Вай ғунча задаву дар хоб буд ва хаёле ангос мезад. Оё саг чӣ хобе медида бошад? Баъд маро ҳам китоби нависандаи лаҳистонӣ дар даст хоб бурд.

Рӯзи дигараш, баъди сарфи муштараки субҳона бо сарбозон, подполковник Костин ва ман дар ҳуҷраи вай сари мизи сарди оҳанин нишастем. Николай Константинович аз

говсандуқи фӯлодии хурде, ки дар пешгоҳи рахтихобаш меистод, як шиша коняки молдовии «Белий Аист» ва як тахтача шоколади маскавиро берун гирифта, рӯи гӯшаи холӣ аз коғази миз гузошт.

–Кор, ки тамом шуд, як девонагӣ мекунем.

Ман ба ин «девонагиҳо» чандон рағбат надоштам. Аммо одатан аз фишору исрори Константинович ҷои гурез боқӣ намемонд. Гуфтам:

–Имрӯз шояд на, зеро муҷоҳидин ҳамла карданиянд.

–Пфу, дидаем муҷоҳидинро. Дар секилометрии шаҳр як бригадаи ҳавобурд дорем, ки ин гурӯҳакҳои атрофро мисли пари қу хоку туроб мекунад. Бигзор фирқаи афғонҳо ҷанг накунад, бигзор онҳо ҳама бигурезанд. Бригада ҳасту мо ҳастем...

Ҳайрон шудам, ки ин пирамарди беҷасорат кай ва дар куҷо муҷоҳидинро дидааст. Камтар аз як сол шуд, ки ин ҷост, вале ҳанӯз дар ягон амалиёти ҷангӣ набудааст ва ҳатто бо муҷоҳидони асирафтода ҳамсӯҳбат нашудааст. «Дидаем мо муҷоҳидонро...» аз хона берун набаромада. Зӯраш фақат ба сарбозон мерасиду ба саги беноми афғонӣ. Аз шунидани хабари марги ин ё он афсар дар кӯҳҳо чанд рӯз ошуфтаву ғамгин мегашт, спирт менӯшиду бо сарбозон бадмуомилагӣ мекард ва ба фикрам, дар ин ҳолатҳо танҳо аз он хурсанд мешуд, ки дар ҷойи афсарони кушташуда набудааст.

Акнун барои ҳамин «корнома» бояд орден бигирад. Акнун ман бояд дар бораи ҷасорату матонати набудаи вай достонсароӣ бикунам.

Навиштани мукофотнома, ба гуфтаи Николай Константинович, аслан кори мушкиле нест. Махсусан, гӯё барои ман, ки ба гуфтаи вай тафаккури нависандагӣ ва тахайюли рангин дорам.

–Бояд як ё ду саҳнаи ҷангӣ сохт, ки дар он қаҳрамонии ман чашмрас шавад, –гуфт фармондеҳ.

–Кадом қаҳрамонӣ, вақте ки мову шумо аз силоҳҳои

худ ягон бор тир накушодаем, дар ягон ҷанг набудаем, ҳатто бо муҷоҳидин рӯбарӯ нашудаем.

Аз ҳарфи ман хушаш наомад. Асабиёна манаҳи борикашро молид, хобаки сарашро хорид ва бо симои ҷиддӣ коғазҳоро таҳурӯ карда гуфт:

–Чаро? Мо дар машқгоҳ чандин бор аз силоҳ оташ кушодем. Дар ниҳояти кор ба ман гуфтанд, ин аслан муҳим нест, ки чӣ буду чӣ набуд. Бояд ташкил кард, рафиқ тарҷумон!

–Яъне дурӯғ?!

–Дурӯғи ростмонанд. Дурӯғи имконпазир. Масалан, тасаввур кунем, ки дастаи муҷоҳидон ба виллаи мо ҳуҷум кард. Ман бо фармонҳои саривақтӣ ҳамаро дар хатти мудофиа гузоштам, ҳуҷҷатҳои махфиро нобуд кардам ва аз бригада кӯмак талабидам. Дар як бархӯрди барқосо мо душманро шикаст дода, ба ҳуҷум гузаштем, даҳҳо ашрорро нобуд кардем, нирӯмандии силоҳи рус, э, яъне, шӯравиро нишон додем.

–Кӣ «мо»?

–Мо ва бригада.

–Дар ин ҳол бар пояи мукофотномаи шумо ба фармондеҳи бригада орден хоҳанд дод. Сониян ин воқеъа нашудааст. Ва ҳатто агар ҳамин тавр ҳам нависем, дар ин қисса шумо ҳамчун фармондеҳ як кори оддие кардед, ки бояд мекардед. Барои ин орден намедиҳанд.

–"Эее, Ҳаким Иброҳимович, ин каллаи миёни китфони ман аз чӯби булут аст. Ман фақат мисолашро гуфтам, акнун бояд ҳамроҳ ягон чизи калонтар бисозем, –Николай Константинович дастҳои худро ба ду тараф ёзонд. Фикр кардам дастонаш шоххҳои булутанд, ки аз ду ҷониби кундаи он ба чапу рост паҳн шудаанд. –Ҳаким Иброҳимович, медонед, дар Кобул чиҳо мегӯянд. Масалан, кассир, ки кораш танҳо пултақсимкунист, даъво дорад, ки барои сафари пурхатар дар фосилаи миёни фурудгоҳ ва марказ бояд ба вай ордени Ленин дод.

Ман хандидам.

–На, нахандед, ба вай ордени Ленин доданд. Аввал як ордени Байрақи Сурх, акнун ордени Ленин. Ҳол он ки аз маркази Кобул берун нарафтааст. Ҳатто ба баъзе аз маҳаллаҳои Кобул ҳам намеравад, зеро метарсад, ки ӯро мекушанд. Мо ки дар ин гӯшаи фаромӯшшудаи дунё чанг нафас мекашему хун мехӯрем, чаро бояд хомӯш биншинем? Ҳар рӯз мушакборон, тирборон, метарсӣ берун ба қазои ҳоҷат барой. Хуб, албатта, бадхоҳони кассир, аниқтараш ҳақиқатҷӯён, мегӯянд, ки вай ин орденҳоро бо пул харидааст, аммо инаш муҳим нест, муҳим ки мардак ба сари синааш чизи мечаспондагӣ ёфт. Фардо агар аз доманаш гиранду такон доданӣ шаванд, садои ордену медалҳо ҳар додситонро ҳам дар ҷояш қоттӣ мекунонад.

Дар ниҳоди ман ҳисси масхарабозӣ боло мегирад. Мегӯям, хуб бинависем. Вай омода ба навиштан мешавад ва ман мегӯям:

–Яке буду яке набуд, дар соҳили баҳри кабуд...

–"Иэ, –бо даҳони то баногӯш боз ва чашмони бозингар ба ман нигарист Николай Константинович ва думи қаламро поин кард, –ман ҷиддӣ гирифта қариб навиштанӣ будам, Ҳаким Иброҳимович, ҳатто «я»-ро ин ҷо бинед, навиштам, –сарашро кӯдаквор ба рост хам кард, –шӯхиро як сӯ монед. Гап аз тақдири инсон меравад. Шояд барои шумо орден ягон манфиат надошта бошад, барои мо, ҳарбиён, ордени Нишони Фахрӣ ҳам каллаи шер аст.

Ман ногаҳон ба он андешидам, ки хайли афсарони артиши шӯравии бузург ҳама аз ҳамин гуна зотҳо иборат аст, ҳатто дар ҳамон марказ ҳам ҳамин хел панҷ, даҳ ё бист Николай Константиновичи рӯйсурх ва кӯтоҳақл дар сарулибоси фохири генералӣ нишастаанду ба роҳбарони давлат коғаз менависанд, ки дар Афғонистон коммунизм сохта шуд. Шӯравӣ ғалаба кард ва танҳо баъзе гурӯҳакҳои пари қу боқӣ мондаанд, ки яке-ду рӯзи дигар титу пора хоҳанд

шуд. Ҳол он ки шаҳри мо дар муҳосираи комили муҷоҳидон қарор дорад ва танҳо аз роҳи ҳавоӣ ба мо озуқаву номаҳои азизи хешовандон расонида мешаванд. Ҳар ду рӯз, ба истисноӣ идҳои Қурбону Рамазон, шаҳр зери мушакборон меафтад. Мушовирони ҳарбӣ ва ҳизбию созмони ҷавонон бо аввалин садои таркиш мисли мурғҳои пойсӯхта ба гурезгоҳҳои намноку бадбӯй медаванд ва то поёни «консерти муҷоҳидон» боди мухолифи ҳамдигарро, ки дар чунин лаҳзаҳо ба таври фавқулодда фаровон берун меомад, шамида, баъди боло омадан соатҳо чашмонашонро мемолиданд ва пушти оринҷу зери каш –ҷойҳои газидаи кайкҳоро мехориданд. Ҳар рӯз се ё чаҳор сарбози артиши инқилобии Афғонистон бо силоҳу муҳимоти худ ба муҷоҳидон мепайвандад. Ҳар қадар ки ҳалқаи муҳосира тангтар мешавад, дар дохил ҳамон қадар шиддати муносибатҳои байниҳамии афсарон тасфонтар мегардад.

Ин пайт гӯё маро барқ зад, ки такон хӯрдаму ба ин фикр кардам, ки ҳар қадар муҷоҳидон ба шаҳр наздиктар меомаданд, ҳамон андоза нафрати фармондеҳи мо ба Беном зиёдтар мешуд.

–Хуб, хуб, такон хӯрдед, ҳатман ягон сужети аҷиб ба фикратон омад, –садо дод Николай Константинович, аммо ин бор садояш зангдор набуд, балки нармак буд ва навозандаву хушоҳанг.

Ман гӯё нав аз хоб хеста бошам, мижа задам, ба вай ва афзори ҳуҷрааш нигаристам, то бидонам, ки чаро дар ин ҷоям ва чӣ бояд бикунам.

Дурӯғе ки ману фармондеҳ бофтему тофтему рӯйи коғаз партофтем, метавон гуфт, шохдор аст. Гӯё ҳангоми ҳамлаи муҷоҳидон як сарбози мо бо чанд ҳуҷҷати махфӣ, ки дар дасташ буданд, асири душман шуд. Албатта, барои муддати кӯтоҳ, зеро подполковник Костин аз пушти девор гузашта, аз ақиб ба ҳамлагарон зарба зад ва сарбози асирро

раҳо карда, ҳуҷҷатҳои махфиро ба даст оварда, фавран нобуд намуд. Костин ва сарбоз дар муҳосира афтоданд, вале то охирин нафас на, то охирин тир ва то расиданди кӯмак аз бригадаи ҳавобурд, қаҳрамонона ҷангиданд. Корнамоии подполковник Костин ин буд, ки вай бо мухобараи бесим аз ақибгоҳи душман бо амрҳои саривақтӣ амалиёти ёздаҳ сарбоз ва афсари махсус, яъне тарҷумон Исрофилов Ҳаким Иброҳимовичро идора намуда, ба бригадаи ҳавобурд низ дастурҳои зарурӣ дод. Дар натиҷаи амалиёти мазкур гурӯҳи зиддиҳукуматӣ торумор шуда ва се тани онҳо шахсан бо ҷадалҳои подполковник Костин асир афтод. Аммо асирон ҳангоми кӯшиши фирор аз тарафи подполковник кушта шуданд.

Фармондеҳ аз шодӣ шукуфта, ранги рӯяш арғувонӣ шуда буд. Гуфт, мутмаъин аст, ки бо чунин мукофотнома ба вай ордени Ленин хоҳанд дод, ё дастикам Байрақи Сурх. Ман пурсидам, оё пеш аз додани орден инро хоҳанд санҷид, ки ҳикоят рост аст ё на. Хандиду гуфт:

–Кӣ месанҷад? Ҳама медонанд, ки ин қисса аз сақф рехтааст, –вай нӯги ангушташро дар даҳан тар карда дар ҳаво хат кашид, –аммо вақте ки коғаз пешниҳод мешавад, инро ҳам медонанд, ки ҳатман кори дигаре будааст, ки навиштани он мумкин нест. Сирри ҳарбӣ!

Николай Константинович ҳанӯз ҷумлаи худро ба поён набурда буд, ки ҳуштаки изтиробангези парвози гулӯла ба гӯш омада, дар саҳни ҳавлӣ чизе таркид. Ман беихтиёр сари худро поин кардам. Вай дар ҳоле ки коғаз дар дасташ буду ба он пуф мекард, гӯё бо қалами рангӣ навишта буду ҳанӯз ранг нахушкидааст, хандид:

–Чӣ метарсӣ, ин тӯпи посгоҳ буд.

Гуфтам:

–Куҷо! Ин гулӯла буд. Ҳозир боз меояд.

Абрӯвонаш боло рафта ба хатти мӯйсари кӯтоҳаш расиданд:

–Ростӣ? Пас ба гурезгоҳ...

Вақте ки аз дари вилла мебаромадам, чашмам ба Беном афтод, ки рӯи ҳавлӣ диккак нишаста буд.

–Ҳо, вақти роҳати ин лаъин расид. –Калимае паронд фармондеҳ дар ҳоле ки коғази мукофотнома дар даҳанаш буд ва куртаро ба тан мекашиду сӯи паноҳгоҳ медавид...

Се рӯз баъдаш як хабари нохуш ҳамаро такон дод. Шаб дастае аз муҷоҳидон ба шаҳраки ҳарбӣ даромада, ду мушовири низомии русро ба ҳалокат расонда, аз хуни онҳо дар девор навиштаанд, ки агар русҳо аз Афғонистон дафъ нашаванд, ҳамин гуна сарнавиштро дар пеш хоҳанд дошт.

Николай Константинович дар долонҳои вилла бо овози баланд ҳақорат медоду ин сӯю он сӯ мерафт ва сарбозонеро, ки аз пеши роҳаш мебаромаданд, бо лагад мезад. Маро диду гуфт:

–Шунидӣ, рафиқ тарҷумон, боз мегӯӣ, ки дар ин ҷо зистан корнамоӣ нест, боз бе силоҳ ба бозори афғонҳо меравӣ. Кӣ кафолат медиҳад, ки фардо сари маро намебуранд, чашмҳоямро кофта намегиранд!?

Аз чашмонаш, ки ҳанӯз дар ҷои худ буданд, оташ мерехт.

Аз даҳанаш бӯи спирт меомад.

Мо ҳамроҳ берун баромадем. Гургсаги пир назди фармондеҳ омад ва пойҳои ӯро бӯидан гирифт. Николай Константинович оромтар шуд ва сарипо нишаста, ба хорумоли Рекс даромад.

–Хуб аст, ки мо саг дорем, Ҳаким Иброҳимович, вагарна, онҳо метавонанд, ба виллаи мо ҳам шабехун зананд.

Сарбози посбон, ки силоҳ дар китф назди дарича меистод, беҷуръатона гуфт:

–Рафиқ подполковник, аз ин пирсаги хоболуд манфиате нест. Аз ман ҳам зиёдтар хоб меравад. Ба вай умед набандед.

Фармондеҳ бархост ва дод зад:

–Сагбачча, аз ту чизе напурсидаам!

Ва ин дам Беном давида омаду бо думҷунбонӣ ба сари шонаи Рекс ҷаст. Саги пир бо даҳан задан Беномро меронд, вале саги афғонӣ дафъатан аз ҷониби дигар ба гургсаг наздик мешуд ва меҷаҳид.

Фармондеҳ дурудароз ба саги афғонӣ чашм дӯхт. Баъд ба замин туф карда, дохили вилла рафт.

Ба ёди ман он рӯз расид, ки сарбоз Медведев дар косаи филизӣ пасмондаи ғизоро пеши Беном гузошт. Сагчаи гурусна бо шитобзадагӣ ба хӯрдан даромад. Ва ин дам фармондеҳ, ки аз он ҷо мегузашт, истоду ба атроф нигарист. Пеш омада бо нуги по косаро аз назди Беном канор тела дод. Беном ба думболи коса рафт. Боз канор кашид ва ба даруни коса туф кард. Сагча аз хӯрдан бозистод ва ақиб рафт. Дигар ба коса даҳан набурд. Ба озурдагӣ гоҳ ба коса ва гоҳ сар бардошта ба фармондеҳ менигарист, вале намехӯрд. Ман он рӯз ҳамроҳ бо сарбоз Медведев ин ҳодисаро аз тирезаи таомхона мушоҳида кардам. Сарбоз ба ман нигарист ва пурсид:

– Рафиқ тарҷумон, чаро фармондеҳ ин сагро ин қадар бад мебинад?

Ман посухе надоштам ва гуфтам, ростӣ, намедонам.

Гашти рӯз ман бо сарулибос рӯи рахти хоб дароз кашида, охирин саҳифаҳои китоби нависандаи лаҳистониро мехондам, ки Толик, ронандаи мо, бархилофи қоида, бе кӯфтани дар, ба ҳуҷраам даромад:

–Рафиқ лейтенант, Николай Константинович Беномро бурд. Вай мехоҳад онро бипаронад.

–Чӣ?! Куштан мехоҳад?! Барои чӣ?! Дар куҷо?!

Ман тирвор аз ҳуҷраам берун ҷаҳидам.

Вақте ман ба партовгоҳи паси посгоҳ расидам, дидам, ки фармондеҳ Беномро, ки дар як оҳанҷомаи зангзада, баста

шуда буд, аз мусалсали калашников ба нишон мегирифт. Ҳуш аз сарам парид. Бо тамоми овоз фарёд задам:

–Николай! Коля! Накун ин корро, илтиҷо мекунам, накун...

Беноми гарданбаста дум меҷунбонд ва дар як ҷо меҷаҳид. Ба чашмам ингуна омад, ки гӯё табассум мекард.

Садои гӯшкаркунандаи мусалсал баланд шуд.

Тирҳо ба пойҳои пеш ва гардани Беном расиданд. Пашми сафеду ҷое зарди он хунин гашт.

–Николай, бозист! Бас кун! Напарон! Исто!

Беном аз пой афтода буд, талош мекард, бархезад, вале наметавонист. Чашмонаш пур аз ҳайрат буданд. Зардие ки аз болои чашмонаш сар шуда, ба тахтапушт мерафт ва ба абрӯвони инсон шабоҳат дошт, ҳоло ақибтар хазида, шигифтзадагиро намоён мекард.

Ман мехостам дами тири фамондеҳро бигирам. Аммо ҳис мекардам, пойҳоям дар ҳар қадам ба замин мечаспанд ва ман онҳоро бо душворӣ мебардораму ҳаракати ман ба давидани кобусии оҳиставу бесадо монанд аст.

Ман ба саг расидам ва ҳис кардам, пойҳои ларзонам дигар вазнамро намебардоранд. Нишастам ва сари Беномро рӯи даст гирифтам. Аз сару рӯяш хун мешорид. Сафедии чашмонаш зиёд шуда, даҳонаш каҷ шуда буд. Гӯё монанди як одами бечора бо дард лабханд мезад ва ҳавои бештарро нафас кашидан мехост. Вай зинда буд, аммо захмӣ, вай медонист, ки ӯро куштаниянд, вале медонист, ки ин тири баноҳақ аст.

Гӯшҳоямро садое монанди ҳуштаки бод пур кард ва гӯё санги сӯзоне дар гулӯям дармонд. Дилам дигар зарбон надошт. Хун дар он танг шудаву роҳи баромад меҷуст. Рагҳоям гӯё ҳоло метарканд.

Вақте ки ман бархестам ва ба фармондеҳ нигаристам, дидам, ки ҳанӯз мили силоҳро ҳамин тараф нигаҳ медорад ва сарашро ба рост хамонда, аз даруни нишонгир ба ман менигарад.

Ман ба тарафаш рафтам. Раҳораҳ туфангчаамро аз ғилоф берун гирифтам ва куланги онро кашида, ба тирдонаш тир ҷой кардам.

Вақте ки қариб даҳ қадами дигар монд, мили туфангчаро ба фармондеҳ рост намудам. Ҳоло дигар ҳарчӣ бодо бод! Ё вай бояд маро бипаронад ва ё ман ӯро.

Боз панҷ қадам. Дилам дигар боз шуда буд ва пойҳоям намеларзиданд. Ҳоло бояд бизад. Аз ғайб бароям садо меомад, ин корро накунам, хуни ваноҳақ нарезам, аммо магар ин хуни баноҳақ аст?

Фармондеҳ бо як ҳаракати тунд силоҳашро ба замин партофт.

–На, на! Ту наметавонӣ, ту набояд, ту накун, ту напарон... На, хоҳиш мекунам. Ман ду набера дорам. Ман худам надонистам, чаро ин корро кардам. Маро бубахш. Илтиҷо дорам.

Марди қоматбаланд, фармондеҳи баландунвон, орзуманди ордени Ленин ба зону афтод ва сарбозони вилла, ки ҳама давида омада буданду дар давра рост меистоданд, хомӯш буданд...

Баъд аз чаҳор моҳи дигар хуруҷи нирӯҳои шӯравӣ аз Афғонистон сар шуд. Нирӯҳои шикастхӯрда. Ману фармондеҳ дар ҳавопаймоҳои гуногун ба ватан баргаштем.

# ГЕЛОС БАРОИ КАЖДУМ

Устоди пир ба гӯшаи одатии худ, дар он сӯйи мизи шашкунҷаи пояҳояш кандакоришудаи сурх гузашт, китобро ба рӯи миз гузошт ва бари ҷомаашро бардошта, дар панҷқадамии шоҳзода чаҳорзону зад. Вай бо чашмони варамида ва ғамгин ба шоҳзода нигарист ва нигоҳи тамасхуромези шоҳзода лаҳзае дар ин чашмон таваққуф кард. Лаҳзаи кӯтоҳ. Баъд шоҳзода сарашро ба ишораи тасдиқ хаёле поин кард ва сабақ сар шуд.

Пас аз аввалин вожаҳои устод шоҳзода Саъбуддавла филфавр ба кунҷи дигари ҳуҷра чашм давонд. Ҳафтаи ахир ҳар бор ки устод Нӯшравон меомад, то дарси навро сар кунад, аз сӯрохи хеле хурди кунҷи дигари ҳуҷра каждуме берун меомад ва думи чангакзадаи худро ҷунбонда, бо ҳаракатҳои фосиладор пеш меомад ва дар як пай давр мехӯрд. Каждуми луобмонанди сиёҳу норанҷтоб думи худро болову поин мекард, гӯё медонист, дар ҳуҷраи оростаи шоҳона чӣ мегузарад ва ба он аломат медод. Шоҳзода гоҳе ингуна меандешид, ки каждум бо омадани омӯзгори пир пайдо мешавад ва бо рафтани Нӯшравон нопадид мегардад. Лек Саъбуддавла гуфта наметавонист, миёни ин ду воқеъа – омадани устод ва зуҳури каждум чӣ қаробате ҳаст. Ва аслан ба ин намеандешид. Шоҳзода худ аз хештан дар шигифт ва гоҳе дар ғазаб буд, ки ба ҳар саволи мушкил намехост, биандешад, саволи мушкил ғаши ӯро меовард ва ӯро ба як ҳолати наздик ба биму ҳарос меафканд. Шояд дафъатан падараш, подшоҳи бузург, ҷаҳонкушо ва оламгир ва пурсишҳои дандоншикани ӯ ба ёдаш мерасид, ки дар ҳар фурсати муносибу номуносиб сабақгирии Саъбуддавларо имтиҳон мекард ва ӯро дар бефаросотию лавандӣ мутаҳҳам менамуд.

Сабақгирӣ барои шоҳзода як маросими сунъӣ ва нофорам буд. Бо шунидани ҳар калима дар зеҳни вай андешае

рӯ мезад, ки ин ҳама дурӯғе беш нест. Ҳар он чӣ гуфта, сутуда ва ё рад мешавад, дурӯғ аст, зеро ҳадафҳое лабро ба сухан гуфтан во мекунанд. Ку оне ки бе ҳадаф чизе бигӯяд? Агар ба умқи ҳар гуфтор равӣ, мебинӣ, ки сабаб ва ё сабабҳое онро ба садо ва вожаҳову ҷумлаҳо табдил додаанд. Ва баракс ҳар он чӣ ниҳон дошта мешавад, рост аст, зеро аз рост ҳама меҳаросад ва кас нест рост бигӯяду ба сари худ бало орад. Вай дар маҳфилҳои дарбор ба рафтору гуфтори вазирон ва надимон хира мешуд ва медид, ки онҳо саропо аз дурӯғ ва тамаллуқ сиришта шудаанд. Падараш ҳам гоҳе бо нешханд ба ин хосияти дарбориён ишора мекард, вале худаш низ касе буд, ки аз сухани рост метарсид ва ё то ҷое рост мегуфт, ки барояш зарур ва писанд бошад. Падараш ростиро то ҷое мепазирад, ки ба манфиаташ бошад ва шояд худ низ инро медонад. Бисёриҳо аз ҳақиқати худ сирри ниҳон месозанд ва аз ҳақиқати дигарон шиор. Падараш ҳамеша, сари ҳар қадам шоҳзодаро нукта мегирад ва гоҳо бо алфози бешармона таҳқир мекунад. Шоҳзода натиҷагирие дар ин бора надорад, вале фикр мекунад, шояд танҳо шарм метавониста бошад, ба кас роҳи рӯшантаре нишон бидиҳад. Мусаллам ин буд, ки сабақҳо ӯро мурданивор дилгир мекарданд.

Ҳафтаҳои ахир гардиши дигареро дар зеҳну дили худ ҳис карда буд шоҳзода, ки агар мехост, шояд метавонист ба он ҳаё ном гузорад. Пештарҳо, вақте занон ба тахтапушт ва ё думбаи ӯ рӯғани зайтун чаконда, тани ӯро молиш медоданд, вай парвое намекард. Ҳоло шарм медорад, чунки ҷисмаш мисли ҷисми ин занони молишгар нарму пӯсташ нозук шудааст. Вале дар ғояти лавандӣ шоҳзода намехост, ба ҳар ҳисси худ номе гузорад ва беихтиёр аз вожаҳои «шарм» ва «ҳаё» нороҳат мешуд. Аз таваҷҷӯҳи сохтаи атрофиён ва аз меҳрубонии худхурдкунандаву тамаллуқкоронаи онҳо низ. Вай тасодуфан шунид, ки канизон дар паси сараш дар бораи ӯ чӣ мегӯянд. Шунид ва ба рӯяш тасф дамид. Надонист, ин шарм буд ва ё хашм.

Ин бор ҳам вақте ки устод Нӯшравон ҳангоми вориди ҳуҷра шудан ду даст ба фарш гузошта, остонро бӯсид ва фашши дастораш ба рӯи остон афтод, шоҳзода Саъбуддавла худро хаёле ноҳинҷор ҳис кард. Аммо боз ҳам сукут варзид. Ҳарфи худро фурӯ бурд, ҳарчанд баъд андешид, ки аслан ҳарфи муайяне ҳам надошт, ки фурӯ барад. Лаҳза ончунон зуд гузашт, ки шоҳзода пайту тавон наёфт, ангори бадеҳии дар ҳоли ҷанинро то ба сатҳи як андеша такмил кунад. Танҳо ҳаракати мубҳаму ногуворе мавҷвор аз дилаш гузашт. Ин гуна тез гузашт, ки Саъбуддавла натавонист, маънии онро дарк намояд. Ҳамин тавр гоҳе эҳсоси печидае ба ӯ даст медод, ки наметавонист, сарманшаъ ва ангезаи онҳоро барои худ муайян кунад. Аз ин рӯ дар чунин ҳолатҳо танҳо нороҳатие монанди таҳшини андаруни обгина дар дилаш боз муддатҳо боқӣ мемонд ва фақат аҳёнан чизе ӯро маҷбур мекард, дарёбад, ки ин ҳиссиёт чист ва чаро ба ҷунбиш омадааст. Гоҳе ба дарки асрори эҳсосоти худ ба ҳадди охир наздик меомад, вале боз ҳам комёб намешуд, то худро дар ин ё он андеша мутмаъин кунад. Мехост, аз устодони худ шарҳи мавзӯъро бипурсад, аммо боз як ҳисси дигаре ба ин монеъ мегашт. Шояд он ҳиссе ки ҳатман бояд «ҳаё» ном дошта бошад.

Саъбуддавла тамоми нирӯи худро ба кор андохт, то абрӯвони маҳин ва ҷабини покашро пурчин кунад ва онгуна ки падараш ба одамон менигарад, аз зери абрӯвони ғафс, бо чашмони пур аз хашм ба атрофиён нигарад. Вай бо ҳамин гуна нигоҳ ба устоди пир нигарист, аммо донист, ки натавонистааст, дар чашмони худ ғазабро ҷойгир кунад. Фикр кард, чеҳрааш ҳоло ба кӯдаке монанд аст, ки бисёр мехоҳад, худро ҷанговари ҷасур нишон диҳад. Барои як нигоҳи ғазаболуд бояд одамонро ҳашарот ҳисоб кунӣ. Вай ба устоди пир нигарист ва сари ангушти худро хаёле ҷунбонд.

Устоди пир китоби аз худаш ҳам пиртарро боз кард. Акнун бояд сабақ шурӯъ шавад. Саъбуддавла танҳо ҳамин

ахирҳо кӯшиш мекард, бифаҳмад, ки манзур аз сӯҳбати нимшунаво ва бемадоронаи пирамард Нӯшравон чист. Пештар танҳо ба рӯйи доғзада ва риши сафеду як тоб зардгуни устоди худ менигарист, ба абрӯвони ғулии мошубиринҷи ӯ ва ба лабоне ки гӯё аз чеҳраи каси дигар, каси ҷавонтар ва ҳатто эҳтимол бонуи нозпарварде канда, ба рӯйи ин пирамард часпонда буданд. Ба ҷомаи зарбафти остинбузурге, ки гӯё ҳеҷ гоҳ кӯҳна ва ё фарсуда намешуд, менигарист ва аммо хаёлан машғули бозиҳои худ буд. Андаруни зеҳнаш дар марғзорҳои паси қаср бо амӯбачаи худ аз паси тойчаҳо медавид ва аспакони рамида аз онҳо мегурехтанд. Ва ё ду кӯдак медавиданд ба думболи товусҳо то пари хушрангу зарҳалие, ки дар сараш акси чашми ҷодуеро дошт, аз думи онҳо биканананд.

– Ва сафедӣ буд, ки худованд ба замин фиристод, то ки торикӣ шикаста гардад ва тарс нопадид. – Садои пиру гирифтае дошт устод Нӯшравон. Садои паст, бемадор ва нофорам. Шоҳзодаи хурдсол аз ҳар даҳ ҷумлаи омӯзгори пир ба яке аҳамият медод ва ҳадс мезад, ки падари бузургвораш ҳамин нуктаро шояд аз ӯ хоҳад пурсид. – Башар аз тобори ин сафедии худованд аст ва бояд тобори худро бишносад. Башар бояд овои сафедро бишнавад.

Каждум бо хишир-хишир аз сӯрохи зеҳи девор баромад. Омӯзгори пир аз он бехабар аст. Танҳо Саъбуддавла аст, ки ҳузури каждумро аввал эҳсос мекунад ва баъд мебинад. Бо гӯшаи чашм ҳаракати каждумро мушоҳида мекунад. Каждуми шишагун ба назараш аз омӯзгори пир дида зеботар намудор мегардад. Ва қавитару чобуктар. Ва мутмаъинтар ба худ.

Нӯшравон боз чанде сӯҳбат мекунад. Шоҳзода метавонад ҳар сонияе ки хост, ӯро аз гуфтор боздорад ва амри хориҷ шудани вайро бидиҳад. Омӯзгор мегӯяд:

– Худо дар замири мавҷудот аст ва Худо дар замири инсон аст, аммо танҳо дар замири сафедиҳо. Инсон метавонад ба Худо бипайвандад, чун худ таҷаллии нури худост, вале тирагиҳои ботини инсон роҳи осмонҳоро барояш абадуддаҳр бастаанд...

Каждум ором мешавад, гӯё гӯш медиҳад, ҳатто думи хамгаштааш аз ҳаракат мемонад. Фақат гоҳе ки устоди пир месурфад, махлуқи худо беқарор мегардад, мечархад ва ба сӯрохи девор медарояд.

– Устодо! Қиблагоҳии инҷониб подшоҳи қоҳир аст ва ба ҷуз риш сафедие дар ҷисм надорад, оё нури худо дар замири ӯ низ ҳаст?

Ба ин пурсиши шоҳзода устод хомӯш мемонад, ба нақшҳои қолини арғувонӣ хира мешавад. Баъди сукути сангин, ки барои Саъбуддавла ғашовар аст, омӯзгори пир сар мебардорад ва ишораи ангушти шоҳзодаро мебинад. Дарс тамом шуд. Дар пайти саволи сангин ва беҷавоб, саволе ки посухи он шояд баробар бо марг бошад.

Баъди фосилае сабақи дуюми шоҳзода сар мешавад.

Дар ин байн вай аз лаълии зарринги пур аз себ, гелос ва ангур пайиҳам чанд дона гелос мебардорад ва ба даҳан мебарад. Донаҳои гелос дар зери дандонҳои садафгунаш маҷақ мешаванд, оби ширадори онҳо ба зери забонаш мерезад ва фавворачаҳои хуштаъм ба комаш пошида мешаванд. Гелос. Механдад шоҳзода вақте пушти гардани хаму мӯякдор ва бечораҳоли омӯзгори пирро мебинад. Сипас як дона гелосро аз думча ҷудо мекунад ва бепарво, бе он ки нигоҳ кунад, ба сӯйи сӯрохи девор мепартояд. Гелос барои каждум.

Устод Абӯсайёф, омӯзгори ҷавон, сияҳриш, фавқулодда пурҳарф ва серҳаракат вориди ҳуҷра мешавад. Садои ӯ, ширинсухании баландпарвози ӯ пеш аз худи ӯ ворид мегарданд ва дар фазои ҳуҷра мечарханду мисли парандаҳои

рангоранг бар қандили зери шифти баланду мунаққаш менишинанд.

– Ай бузургтарину донотарини инсонҳо! Ай тарроҳи имрӯзу фардо, ки аз сари ҳар ангуштат борони саховат бар сари раъият мерезад, салом. Ай мояи саъодати башар, ай валиъаҳди соҳибқирони подшоҳи ҷаҳонгир! Ай хуршеди ҷаҳонтоб, салом! Саломе ба форамии насими дарё ва накҳати чаҳорбоғи булбулон!

Дар коми Саъбуддавла оби гелос талх мешавад. Ба ин меандешад Саъбуддавла, ки ширинии зиёд гулӯро месӯзонад ва талхӣ бартар аз чунин шакар аст. Чаро каждум дар пайи ширинӣ берун намеояд? Магар он шакарро бад мебинад? Оё заҳри каждум чӣ таъм дошта бошад? Ширин бошад ё талх?

Баъди хушзабонӣ гуфторе ба сахтии хоросанг дар миёни устоду шогирд меафтад. Саъбуддавла медонад, ки устод Абӯсайёф на барои имрӯз, балки барои фардо ҳарф мезанад. Абӯсайёф мисли ин ки омин мегирифта бошад кафи дастонашро мекушояд, лабханд мезанад ва мегӯяд:

– Ай бузургвори ниёгони бузург! Дар он нахустин лаҳзае ки соҳиби қудрат мешавӣ, ин қудратро бояд дар зери пойҳоят эҳсос кунӣ. Ва пойҳоятро рӯйи он маҳкамтар фишор диҳӣ, пахш кунӣ. Фикр кун, ки қудрат ҳамин як пӯсти палангест, рӯяш нишастаӣ. Аммо ин пӯстак аст, он паланги зинда. Бо рагҳои поят ҳар ҷунбиши онро ҳис кун. Ба нармию гармияш дил манеҳ, балки ҷои ҷонашро ламс кун. Ҳар куҷо ларзид, он ҷо фишор бинеҳ. Ҳар куҷо ҷумбид, бизан! Дар он нахустин лаҳзаҳо чизе магӯ. Ҳар чӣ бигӯӣ, оқибат мояи шармсорият хоҳад шуд, чун башар медонад, ки ҳамаи соҳибқудратон мубтало ба камақлиянд. Ва ин нуқс аз аввалин ҳарфашон бар хоҳад омад, на аз охирин.

Саъбуддавларо аз ин ҳуруфи сахт дил танг мешавад, аммо ёро намекунад, ба сари ангушт ишора диҳад ва бо ин як аломат пеши мавҷи сухани Абӯсайёфро мисли сарбанди хоро бубандад.

– Ба ин биандеш, ки оё сахтии қудрати туро дар кадом амали ту ба гунаи устухонрас эҳсос хоҳанд кард ва хоҳанд донист. Пас ин амал ва ё аъмолро ба кори ҳамарӯза ва ҳарсоата табдил бидеҳ. Онҳо бояд зарбу дарди қудрати туро ҳар соат ва ҳар сония эҳсос кунанд. Фақат гоҳе мешавад фосила дод. Барои як муддати кӯтоҳ. То гумони ботил ба онҳо чира шавад, ки ниҳоят раҳиданд ва ин пайтест барои ҳамлаи навин. Он гоҳ ин зарбаи баъдина ҳар гунае ки бошад, амиқтар ва пурдардтар эҳсос хоҳад шуд. Ба ин маандеш, ки аъмоле мегӯям, шояд гоҳе бисёр хурд бошад. Аз кӯчакии он ҳазар макун. Дар сиёсат ҳеҷ амале кӯчак нест.

Шоҳзода ба сӯрох нигарист. Каждум аз худ хабаре намедод. Барои як лаҳзаи кӯтоҳ гӯши шоҳзода қуфл зад. Вай ҷумбидани лабони Абӯсайёф ва ҳаракати дастони ӯро медид, аммо чизе намешунид. Ин ҳолат завқи шоҳзодаро овард. Агар зарурати гуфтан набудӣ, лаёқати нашунидан чи истеъдоде буд. Шояд аз ин ҷост, ки худованд гунгро кар ҳам мекунад. Намегӯям, намешунавам. Ва ё таври дигар: На мегӯям, на мешунавам.

Дили шоҳзода гум зад. Мабод каждум ӯро неш задаасту ӯ намедонад ва нахустин натиҷа ин аст, ки аз гӯши шунаво мондааст? Аммо ҳамонгуна ки гӯшаш баста шуда буд, ногаҳон боз шуд ва садои омӯзгорро шунид:

– ...бояд тобеъи аҳдофи ту бошанд. Ба онҳо иҷоза деҳ асрори ҳамдигарро ба ту бигӯянд. Ҳеҷ чизе ширинтар аз донистани сирри дигарон нест. Ва ҳеҷ чизе коротар аз ин низ. Вақте маҳфузтарин асрори одамонро медонӣ, ба осонтарин

роҳ онҳоро идора мекунӣ. Ин асрор бароят дари иғворо боз мекунад. Онҳоро ба ҳам шӯрон, ба ҳам зан, бифрӯш ва бихар. Инсонҳое ки харида ва фурӯхта мешаванд, моле беш нестанд ва сазояшон ҳамин тиҷорат аст. Бигзор напурсанд, ки чаро арзон, чаро қимат. Кадом гӯсфанд ба нархи худ дар бозор коре дорад?! Вақте ки туро мефурӯшанд, чи айб дорад, ки ба як дирам ва ё сад. Иҷоза деҳ онҳо ҳамдигарро бифурӯшанд ва иҷоза надеҳ онҳо аз рӯи шуур ба ҳам пайванд гиранд. Кафшери онҳо бояд тарс бошад, на шодмонӣ. Он гоҳ ин як рамае хоҳад буд, ки аз бими гург ба домани шубон пинҳон мешавад...

Силсилаи ҳуруфи ҷодуии Абӯсайёфро зарбаи дар гусаст. Нӯкар омада буд ва гуфт, валиъаҳд бояд маросими қатли як густохро бубинад. Дарс бе ишораи ангушти шоҳзода қатъ шуд.

Вақте Саъбуддавла дар тахти равон ба майдони арк наздик омад, овози занеро шунид, ки пурсӯзу гудоз навҳа мекашид. Шевани зан дар сукути сангини майдони арк аксандоз мешуд. Аммо вақте ки ғуломон тахтро ба замин гузоштанд ва шоҳзода аз миёни пардаҳои махмалие, ки ба оҳистагӣ ва эҳтиёти тамом боз шуданд, берун омад, дид, майдон пур аз фуқарост. Сад ҳазорон сар, вале ҳамагӣ хамида ва дар сукут. Танҳо нолаи зане ба осмонҳо мерасид. Вале лаҳзае баъд садои таблҳо баланд шуд ва навҳаи зан дар зерубами онҳо дармонд ва мисли ин ки поймол гашт.

Шоҳзода дар балконаи дасти рост ҷой дошт ва бо нишастан ба курсӣ аз он ҷо дид, ки дар саҳна ҷаллод табарзин дар даст истодааст ва паҳлуи ӯ касе ба зону афтода, ки сараш нопайдост андаруни халтае.

Саъбуддавла кӯшиш кард, аз сарулибоси муҷрим аломате дарёбад. Аммо ҷомаи кӯҳнаву фарсуда дар бораи соҳибаш ба ҷуз аз фақри ӯ чизе намегуфт.

Шоҳ берун омад ва дар балконаи мобайнӣ дар миёни

сарвазир ва додгустари худ нишаст. Шоҳзода дид, ки аз балконаи чап Абӯсайёф пойин омад ва аз байни нӯкарон гузашта, зери тахти подшоҳ омад. Вақте вай наздик омад, вазир хам шуд ва ба ӯ гӯш дод. Сипас Абӯсайёф ба ҷойи худ баргашт.

Шоҳзода ба чеҳраи падари худ хира шуд. Аммо аз ин фосила наметавонист онро дақиқ бубинад. Дар зеҳнаш симои хашмгин, абрӯвони гирифта ва чашмони бадқаҳр намудор гардид.

Садои табл хомӯш гашт. Ва аҷаб буд, ки нолаи зан дигар ба гӯш намерасид. Садои додгустар омад, ки аз кашфу боздошти як хоин ҳарф мезад. Баъд аз нав таблҳо шодиомезу мутантан садо доданд. Ҷаллод кулоҳи худро бардошт, арақи ҷабинашро пок кард ва кулоҳи пашмиро аз нав ба сар ниҳод. Ҳамон лаҳза халтаро аз сари муҷрим гирифтанд. Дили Саъбуддавла таҳ зад. Ин устоди ӯ Нӯшравон буд...

.........................................

Баъди дидани маросим дигар дарс хондан ба дили Саъбуддавла намегунҷид. Ҳарф ба гӯшаш намедаромад. Мешунид, аммо намехост бишунавад. Мехост, боз гӯшаш худ ба худ қуфл занад, аммо ин дар ихтиёраш набуд. Ба омӯзгор менигарист, вале ӯро намедид. Фақат медид, ки ҷаллод табарзинро мебардошт ва пойин меовард. Дар ду зарбаи аввал садои воҳ мебаромад. Баъд замоне ки навбати пойҳо ва гардан расид, дигар садое бар наомад. Онҳо устоди ӯро қатл карданд. Пирамардеро ки се сол ба ин тараф ба ӯ дарс мегуфт ва касе буд, ки намехост, бо қадамҳои худ заминро озор диҳад. Сафеҳон! Гӯё Нӯшравон хоин будааст.

Аммо дарс идома дошт ва Абӯсайёф хеле хушҳол буд:

– Сахтҳоро бишикан. Ҳамагонро онгуна бифишор, ки мисли абрешими обхӯрда нарм бошанд ва сарангуштат дар онҳо фурӯ равад. Чӣ гуворост, вақте онҳо ин гуна нарманд. Мисли гили нарм. Ҳарчӣ хоҳӣ, метавонӣ аз онҳо бисозӣ.

Сахтҳоро аз сутунмӯҳра бишикан ва онҳоро дар мурдобҳо биафкан. То гил буданро биёмӯзанд.

Аз миёни садои таблҳо ва нолаи дилгудози зан, ки ҳанӯз дар гӯшаш садо медоданд, шоҳзода ин гуфтаҳои Абӯсайёфро шунид. Сар бардошт ва хост суол кунад. Омӯзгор, дар ҳоле ки чашмонаш бозӣ мекарданд, ҳама тан гӯшу ҳуш шуд. Лекин Саъбуддавла чашм ба зер афканд ва хомӯш монд.

Лаҳзаҳое баъд шунид:

– Зинҳор магузор, ки одамон шахс шаванд. Одамон бояд одамак бошанд. Онҳо бояд лӯъбатаки ту бошанд. Ҳувияти онҳоро бишӯй, бизудой, бигудоз! Бо об, бо теғ, бо оташ! Онҳо набояд аз ҳамдигар фарқ бикунанд. Агар шахсаке пайдо шуд, онро кам магир. Агар пашша буд, филаш гумор ва агар коҳ буд кӯҳаш шумор ва нобудаш кун. Фишори ту ба сари раъият ва ба сари ҳар касе ки паҳлуят аст, набояд лаҳзае коҳиш ёбад. Ба ҳар сония онҳоро ёдрас кун, ки ту кистӣ ва онҳо кистанд. Онҳо бояд рамаи мол будани худро фаромӯш накунанд.

Шоҳзода аломат дод.

Дарс ба поён расид. Рӯз ҳам рӯ ба поён буд.

Баъди лаҳзае ки Абӯсайёф пуштнокӣ ва бо таъзимҳо бадар шуд, Саъбуддавла ба сӯрохи девор нигарист. Гелосеро ки ӯ ба он ҷо партофта буд, надид. Хубтар нигарист ва донаки сафеди гелосро дид, ки дар ҷо-ҷояш гӯшту пӯсти нимагази гелос боқӣ монда буд. Шоҳзода наздиктар рафт, рӯйи қолини нарм ва пурнақшунигоре, ки таҳранги арғувонияш хунро мемонд, ғелид ва дасти худро дар рӯбарӯи сӯрох гузошт. Каждум гӯё ҳамаи ин муддат интизори ҳамин лаҳза буд, ки босуръат давида берун омад ва оҳиста нешашро рӯйи дасти шоҳзода гузошт...

*Прага, 2002*

# ШИКАСТИ БЕСАДОИ ШИША

Деворҳои рангпарида ва фурӯрехтаи коҳгилӣ, дарахтҳои пуда ва бе шоху барг, дарвозаҳои шикаста ва бенур, равзанаҳои дудзада ва бомҳои кач яке аз дигаре пеш мегузашт, яке ба рӯи дигарӣ меафтод, яке ба даруни дигаре медаромад, яке дар дигарӣ ҳал мешуд ва яке ҷои дигарро гирифта, ҳама бо ҳам андаруни чаҳоркунҷаи як осмони сангину симобӣ баробар такон мехӯрданд.

Лаҳзаҳое мешуд, ки ҳамаи онҳо аз такон хӯрдан бозмеистоданд ва ҳамаи дунё аз ҳаракат бозмемонд. Сукуте дар миён меафтод, ки кас фақат садои нафаси худро мешунид. Сипас, мисли сарбозоне, ки баъд аз лаҳзаи кӯтоҳи фароғат аз нав фармони сафбандӣ гирифта бошанд, бо шитоб ба ҳаракат меомаданд, аз паҳлуи ҳам гузашта, зуд ҷои худро пайдо мекарданд ва ба як сафу як қатори бонизом табдил ёфта, дар они воҳид манзараи пешинаро дубора падид меоварданд. Ҳамаи ин дар чанд сония ба амал меомад, вале сонияҳо мисли гунҷишкони гурезон зуд аз осмони нимранги он рад мешуданд ва девору дарахтону хонаҳо ҳама дубора ба рақси самоъӣ мепечиданд ва сипас, дар канори ҳам якбора гоҳ ба чапу гоҳе ба рост ҳамоил мешуданд. Онҳо гоҳе ба писаракону духтараккони кӯдакистон монанд буданд, ки аз дасти ҳамдигар гирифта, зери як оҳанги размӣ давродавр қадам мезаданд ва дастҳои баҳампайҳвастаи худро баробар боло бурдаву поин меоварданд.

Сонияҳо мисли гуҷишкони тарсону гурезон фазоро мебуриданд ва нопадид мешуданд. Сонияҳо аз он метарсиданд, ки мабод боз ҳаракат қатъ шавад.

Дар ҷои парвози гунҷишкҳо хатти тирае боқӣ мемонд.

Вале вай фикр мекард, сонияҳо мисли тирҳои рагбори калашников дар ҳаво хат мекашанд ва аз мағзи сару синаҳое

гузашта дар дӯзах нопадид мегарданд. Ва ин хат на тира, балки арғувонист.

Вақте ҳамаи манзара баробар такон мехӯрд, андаруни он чизе ҳаракат намекард. Гӯё ин як тоблу ва ё акси мурдае буд, ки касе онро ба чапу рост мехамонд, болову поин мепартофт ва гоҳе таҳти зарбони дафҳои бешумор дар дасти занони пир дар як пай меларзонд. Вале ин заминларза набуд. Замин ноҷунбон буд, ҳарчанд ҷаҳон меларзиду меларзид ва ларзаҳои беохири ҷаҳон заминро пиртар мекарданд.

Раҳнавард заминро дӯст медошт, вале онро дар зери пойҳояш намедид. Вай заминро фақат ҳис мекард ва тахмин мезад ин ҳамон заминест, ки чандин сол пеш, шояд солҳо, шояд садсолаҳо аз шишаи сафинаи кайҳонӣ дида буд. Тӯби кабуде, ҳе, ҳе. Он вақт фикр дошт, заминро дарк кардааст. Аммо ҳоло ин як муаммои бекалид аст. На сахт ва на нарм, на сард ва на гарм, на нек ва на бад, на дӯст ва на душман. Вай ҳам фикр мекард, замин намеларзад, аммо метапад. Ноором аст ва пайваста баланду паст мешавад. Гоҳе бисёр оҳиста, ки на ҳар кас инро пай мебарад ва гоҳе ин қадар сахт, монанди бархӯрди мавҷҳои уқёнус ба сангҳои сиёҳи соҳили матрук ва таркидану чошу пареш шудани обҳо. Замин ба як дили бузург ва ё ба як саги велгарди афтода дар банд шабоҳат дошт. Хеле метапид, то хунро ба шарёнҳо фиристад. Хеле метапид, то аз зери пои ӯ берун равад. Пойҳояш аз зону поён гӯё моли вай набуданд, ҳарчанд вазни сурбвор гарони онҳоро эҳсос мекард ва медонист, ки онҳо дар ҳаракатанду ҳар кадом бо вуҷуди беҳолии тамом дигариро масхара мекунад, мефандонад ва мехоҳад аз он пеш гузарад. Пойи чап мехост, тезтакии худро ба пойи рост нишон диҳад ва агар тавонад, аслан аз ҳамсояи худ ҷудо, раҳо, дур ва бегона гардад. Ин ҳолате буд шабеҳ ба омезиши бевазнии кайҳонӣ ва сангинии ғорҳои зери замини нофаҳмо.

Соҳиби ин пойҳо дар ёд надошт, аз куҷо меояд ва ба куҷо меравад, чаро омадааст ва чаро меравад ва аслан чӣ

мехоҳад. Медонист, ки бояд дар як пай наистад, балки қадам занад, ҳарчанд пойҳояш карахту чаппочилеб буданд ва роҳ рафтан барояш бисёр сангин буд. Гӯё монанди ҳолати дирӯза халтаи ордро дар сари китф дошт ва мебоист, онро ба манзили дур, хеле дуре расонад. Халта раҳораҳ сангинтар мешуд, меварамид ва ӯ дар зераш ба мӯрчае монанд мегашт, ки бори шабеҳ ба кӯҳро бояд пеш барад. Бор лаҳза ба лаҳза бузургтар мешуд ва ӯ лаҳза ба лаҳза хурдтар. Ҳоло дигар бовар намекард, ки замин, ҳе ҳе, ҳамон тӯби кабуд аст, ки солҳо пеш дида буд.

Вай манзараи гоҳе пурҳаракат ва гоҳе мурдаро бо худ мебурд ва бо ҳар қадаму ҳар гардиш манзара тағйир меёфт. Деворҳои вомонда ба дандонҳои шикаста монанд буданд.

Аз пушти сар садои ҳойҳу ва хандаҳоро мешунид. Селаи бачаҳои хурду калон ва почадаридаву лухт бо рӯйҳои чиркин ва мӯйҳои расидаву ношуста ба думболаш медавиданд ва гоҳе аз пасаш санг меандохтанд. Вай аз ин селаи гуруснаву ташна намеҳаросид ва фақат аз он метарсид, ки санги андохтаи онҳо ба оинаи сари дастонаш барбихӯрад. Он гоҳ тамоми манзара ба порчаҳои хурд фурӯ хоҳад рехт. Манзарае ки, ҳе ҳе, кирои оинадорӣ ҳам намекунад.

Бармегашту ба онҳо менигарист, чашм ало мекард, дандон ба ҳам месойид, мехост, хитоб кунад, садояш дарнамеомад, оруғ медод, ба тарафашон метуфид ва боз мерафту мерафт. Дасти бозе надошт, ба онҳо мушт нишон диҳад. Сар такон медоду мерафт. Ва манзараи ғамангезро дар дӯши худ мебурд. Деворҳои рангпаридаи коҳгилӣ, дарахтҳои пудаи бе шоху барг, дарвозаҳои шикаста ва бенур, равзанаҳои дудзада ва бомҳои каҷ андаруни чаҳоркунҷаи як осмони сангину симобӣ ва ҳамаи ин дар сари китфи ӯ баробар такон мехӯрданд. Нурҳои бозингари офтоб ба оина салом медоданд ва лаҳзае чобуку шод дар рӯи шишаи таконхӯранда мелағжиданду сипас аз нав ба сӯи осмон, ба ватани худ мепариданд. Онҳо зуд мефаҳмиданд, ки ин девору дарахтон ба

девору дарахтони ҳақиқӣ танҳо дар зоҳир монананд. Онҳо бозпас мепариданд, то девору дарахтони ҳақиқиро пайдо кунанд.

Бачаҳои пойлуч ҳамоно аз паси ӯ санг меафканданд. Сангҳо ба кӯлмакҳои об мехӯрданд ва чарахсаҳо боло ҷаҳида, ба сару рӯяш мезаданд. Чарахсаҳо ӯро метарсонданд, зеро ба пораҳои бисёр хурди оина монанд буданд.

Вай бозмеистод ва ба бачаҳои бесару бесаробон менигарист. Онҳо сару рӯи пиршуда ва дастони серпашме доштанд. Даргумон буд, ки онҳо аз модар ба дунё омада бошанд. Мисли ин буд, ки касе онҳоро аз каломушҳои давру бари партовҳое сохтааст, ки акнун ҳама ҷоро пур кардаанд. Вай бозмеистод, оинаро ба замин мегузошт ва ҷабинашро пок мекард. Манзараро оромӣ ва сукут фаро мегирифт. Оина андак-андак ба ғанаб мерафт.

Бачаҳои беақл. Ҳе ҳе. Онҳо шояд гумон мекунанд, вай маст аст, аммо худо шоҳид қатрае ба даҳон нагирифтааст ва аслан ҳоло ку ҳамон пуле, ки битавонад, шароб бихарад. Аслан худи шароб дар куҷост, ки вай, ба қарз бошад ҳам, аз он бинӯшад. Ҳеҷ чиз нест ва ҳама ҷо бастааст ва касе ҳам нест, улфаташ бошад. Вай, майзада нест, ки, ҳе ҳе, дар танҳоӣ бинӯшад. На, аслан, худи шароб куҷост ва ба кадом пул мешавад, онро харид? Ҳеҷ чиз нест ва ҳеҷ кас ҳам нест ва зиндагӣ ба як тоблуи тасвири мурдае табдил ёфтааст. Наққоши азал онро офарид, аммо чанд лаҳза гузашту аз ончи офарид, дилашро сардие пахш кард ва ҳоло, ҳе ҳе, вақт ҳам надораду дасташ ҳам намеравад, онро дигар кунад. Шояд ӯро хоб рабудааст ва ё шояд кайҳо мурдааcту кор ба касе надорад...Танҳо васияти ӯ буда, ки оинаро фиристад, то ин одамон ба шишаи симобандуд бингаранд ва худро бубинанд.

Кӯча баъд аз борон пурлой буд ва ӯ наметавонист, бифаҳмад, ки чаро ҳар лаҳза пояш дар кӯлмаке меғутад. Вай намедонист, оё ин оинаро бояд ба куҷо барад ва ба кӣ нишон диҳад. Наметавонист ба хотир оварад, ки оё кӣ аз ӯ инро

дархост кардааст ва ё кӣ ба ӯ чунин амрро додааст. Аслан намедонист куҷо меравад ва барои чӣ, аммо пойҳояш ӯро пеш мебурданд, гӯё онҳо буданд, ки медонистанд, ин тани хушку хаставу лоҳасу ҳе ҳе, беҳударо ба куҷо бояд расонанд. Пойҳояш мисли сагонеанд, ки ҳар лаҳза метавонанд, бо ҳам дар ҷанги хашмолуду хунине даровезанд, аммо монанди саг роҳеро ки гузаштанд, умрбод фаромӯш намекунанд ва дар велгардиҳои худ ин роҳҳоро ба ёд меоранд. Вақте ҳеҷ банде надоранд, мераванду мераванд ба ҳар куҷо, ки рост омад. Лекин соҳиби онҳо тарс аз он дорад, ки ба зудӣ самтҳо низ маҳв хоҳанд шуд. Дигар чапу рост ҳам боқӣ нахоҳад монд. Дигар аслан аз худ нахоҳад пурсид, ки ба куҷо меравад. Вақте ки «ҷо» вуҷуд надорад, пурсиши «ку» маъние нахоҳад дошт. Ин суол камоли бехирадӣ хоҳад шуд, ҳе ҳе. Магар ҳамаи онҳое ки дар кӯчаҳо мераванд, ба куҷо рафтани худро медонанд? Ин аст, ки бисёриҳо намехоҳанд, қадам зананд. Оваҳ, ин аст, ки бисёриҳо намехоҳанд, пешгом бошанд. Онҳо мехоҳанд, ба думболи дигарон раванд. Онҳо мехоҳанд, аз роҳе раванд, ки дигарон рафтаанду ба манзиле ҳам расидаанд. Аммо, ангор, бисёриҳо мехоҳанд, дар манзили худ бимонанд, ба ҷое сафар накунанд ва бо рағбати тамом чашм ба раҳнавардону рафтанҳо бидӯзанду бубинанд, ки ин қаҳрамонон, ҳе ҳе, оё шодком хоҳанд шуд ва ё ноком. Онҳо мухлиси нокомиҳо хоҳанд буд, зеро ягон шодкомӣ парҳези онҳоро аз роҳу роҳнавардӣ сафед нахоҳад кард. Онҳо фақат дар хонаҳои худ шеранд. Аммо оё медонанд, ки дигар ном надоранд. Номҳо гум шудаанд. Дигар касе ном ва насаб надорад.

Агар ин рустоиён медонистанд, ки дигар ҳеҷ кадоми онҳо номе надорад, ҳе ҳе, худо медонад, чӣ мекарданд. Вале ҳоло аз сари деворҳои рангпаридаи коҳгил ба ӯ менигаранд ва бо вуҷуди ҳамаи афсурдагию бадбахтиҳои хеш ба ҳоли вай заҳрханд мезананд. Гӯё ҳоли онҳо, ҳе ҳе, беҳтар аст. Гӯё онҳо баҳудатар аз ӯянд. Гӯё онҳо ном доранд. Гӯё онҳо медонанд,

ки вай ба куҷо меравад, вақте ки худаш инро намедонад...

Ҷарақае аз хилоли зеҳнаш мегузарад. На, вай худаш ҳам медонад, ба куҷо меравад, аммо фақат таҳтушшууран. Яъне ҷисмаш ӯро мебарад. Бале, ҳамон пойҳои шабеҳ ба ду саги кӯчагӣ ӯро кашола мекунанду мебаранд, аммо мағзаш дақиқ намедонад, роҳаш ба куҷост ва агар ҳоло касе аз ӯ суол кунад, даргумон аст, посухе бишнавад. Ҳоло медонад, вақте ки сар хоб аст, пойҳо чӣ мекунанд. Вале даргумон ки ҳоло сараш дар хоб бошад. Зиндагӣ худ дар хобу хаёли кобусӣ фурӯ рафтааст. Нафас бори сангин шудааст. Аммо чаро, ҳе ҳе.

Боз пояш дар кӯлмак меравад. Ин бор чуқуртар. Чарахсаҳои оби гилолуд ба рӯяш мехӯрад. Вай каме ба худ меояд. Гашташро суст мекунад. Сагҳо, ки сар ба замин зада ӯро мебурданд, акнун қомат мебардоранд, гардан меёзонанд ва шояд думашон ҳам ба ҷумбиш меояд. Оҳиста бояд рафт. Бояд оҳиста рафт. Рафт бояд оҳиста. Бояд замоне ба манзил расид, ки ҳаво торик шуда бошад. Ё камаш говумеш. Ҳарчанд зиндагӣ раҳгум задааст ва дунё дар сакарот аст, вай ба он андоза аз одоби башарӣ дур наафтодааст, ки ҳарчи мехоҳад, бикунад ва ҳама бидонанд, ки ӯ чӣ мекунад.

Аммо деворҳои фурӯрафта ва дарвозаҳои рангпарида такон мехӯрданд, гӯё аз он ки вай аз роҳ наафтодааст, шодӣ мекарданд ва мерақсиданд. Танҳо мисли ин ки дарахтон ношод буданд ва бо панҷаҳои хушкидаашон осмони симобиро поён мекашиданд, зулмотро фуруд меоварданд ва фикр мекарданд, торикӣ ба маънии гармист.

Торикӣ садо надорад. Онро мешавад фақат ламс кард. Ламси дарднок аз сархори девор. Касе ҳаст, ки ҳар бор дар ин ҷо сархори нав мегузорад. Ва ангуштон пеш аз он ки хоки ба гил табдилёфтаи деворро ламс кунанд, аз дандонҳои тезу заҳрогини гулхорҳои хушкидаи сари девор яккад мепаранд ва аз дарди ногаҳонӣ фавран худро ба ақиб мекашанд. Посбони

нонамоён баъзан шишаҳои шикастаро ба сари девор мехалонад, то ангуштонро бибуранд ва хуншор кунанд. Аммо кулӯхҳои сари девор намзадаанд ва ҳамроҳи сархору шишапораҳову қатраҳои хуни ӯ поён мерезанд. Ба замин. Ва бесадо. Шукр, ҳе ҳе, бесадо. Хун монанди об шудааст. Ҷое намондааст, ки доғи хун надошта бошад. Агар хун ҳам об аст, чаро инҳо аз нӯшидани шабонарӯзии он сер намешаванд? Хуни бачаи мардум нарх надорад. Вай якқад мепарад. Бозпас менигарад. Наход ин кӯлмакҳо на об, балки хун бошанд?!

Пойҳо якҷо бо сояҳои наҳифи худ дар қадди девор алвонҷ мехӯранд ва дубора заминро ламс мекунанд, мисли он ки сагҳо заминро бӯй мекашанд ва сар ба замин мегузоранд. Замин оромбахш аст. Тӯби кабуд, ҳе ҳе. Оромбахши пойҳо, вале дил нооромметапад. Оромӣ надорад. Дил кай ором хоҳад шуд, вақте оромӣ марг аст. Дил як ҳавзи танге буд, ки моҳиёни сершумор дар он аз бенафасӣ бо ҳам дар ҷанг буданд. Шояд на ҳавз, балки кӯли оби гилолуд, ки мураттаб меҷӯшид ва намедонистӣ дар зераш чӣ дорад. Шояд аждаре он поён хуфтаасту дар хобҳои ҷангалии худ дум мезанад?

Ангуштонаш дари нимаворо меёбанд ва боз мекунанд. Мағзаш дар хоб аст, ҷисмаш дар мастӣ, вале ангуштонаш ҳушёру огоҳ. Ангуштон дар торикӣ бояд ҳамеша бедор бошанд. Дар торикӣ онҳо ба чашм табдил меёбанд. Ангуштон тани гарм ва мулоимро ламс мекунанд. Дастҳо ба шикам мерасанд. Боло мехазанд. Ду кабӯтарро меёбанд. Ду кабӯтари тасфонро мефишоранд. Дили кабӯтарон девонавор метапад. Поён мехазанд. Шамшод. Рон. Мармари гарм. Соқҳо. Ангуштҳои сард гармтарин ҷойро меҷӯянд. Ангуштони дигари гармтару нармтару хурдтару нозуктару сафедтар ба пешвози онҳо меоянд. Ангуштон ба ҳам салом медиҳанд.

Дар боғҳо шафтолуҳо шукуфтаанд. Дар дили ҳар гули шафтолу ситорае гузоштаанд, ки чашмак мезанад ва монанди алмоспорае медурахшад. Ва ё шояд гулҳои шафтолу ба

ситораҳо табдил ёфтаанд ва дар осмони сабз ғарқи ҳаяҷони интизории насими навозишгари баҳоранд.

Солҳост, ки ситораҳоро ёд мекунад. Он ситораҳоро, ки як замон аз паҳлуяшон бо дили пур аз фараҳу ҳаяҷон рад шуда буд. Ҳар кадом ба як порча оташ монанд буд ва ҳар кадом ӯро мехост. Аммо замин зеботар аз ситораҳо буд.

Сабзаи зери по нармии махмалро дорад ва шабнами рӯи майса пойҳои урёни ӯро намолуду сардгуна мекунад. Касе, ҳе ҳе, бо ангуштони нарми фариштаҳо пойҳои ӯро мешӯяд ва сила мекунад. Хуни ҷӯшидааш бадард аз рагҳои тангшуда ба нуқоти расиш мешитобад, медавад, мепарад, фаввора мезанад.

Вай намедонад, ки рӯи сабза хоб аст ва ё қадам мезанад ва ё шояд дар хилоли гулҳои шафтолу парвоз мекунад. Ва донистан ҳам намехоҳад. Вай ҳоло ҳеҷ чиз намехоҳад. Вай парвоз мекунад ва осмон саломаш медиҳад, ситораҳо саломаш медиҳанд. Аммо як андеша лаҳзае ҳам ӯро тарк намекунад, ки ҳарчанд як ғубор беш нест, ҷузви ин манзара аст ва тирагиҳо монанди бори сангине ба рӯи дилаш нишастаанд. Вай намехоҳад, ин парвоз қатъ шавад. Вай намехоҳад баргардад. Сахту сангин аст ин бозгашт, зеро вақте бармегардад, худро дар миёни устухонҳо ва косаҳои сар меёбад. Косаҳои сӯрох. Дақиқан ҳар бор ҳамин тавр мешавад. Ва пас аз парвози озоду дилкушо вай ба ҳоле меафтад, ки гаронии нафаси хешро наметавонад таҳаммул кунад. Бо ҳар нафас кашидан дарёи хунро мебалъад ва бо ҳар нафас баровардан фаввораи зардобро берун меафканад. Ва аз чоркунҷаи худ ёд мекунад, ки бо коҳгилҳои фурӯрехта, дарахтҳои бебарг, дарвозаҳои шикаста, равзанаҳои дудзада ва бомҳои каҷ дар паси девор интизораш аст. Вай ин оинаро дар паси девор ҳамоил мондааст, то баъд аз лаҳзае онро бардорад ва ба куҷое барад, ки дастур шудааст.

Рафту баргашт шабеҳ ба он парвози солҳо пеш ба кайҳон ва бозгашт ба тӯби кабуд аст. Бозгашт сахт аст, аммо

дилхоҳ. Дар моварои осмону замин оинаро ба ёд меорад. Оваҳ, бояд ин шишаро ба ҷое расонад, бояд амрро иҷро кунад. Аммо аз қазо бо чизе рӯбарӯ шуд, ки, ҳе ҳе, ӯро аз роҳи дароз боздошт ва даъват ба гӯшаи хилвату сояи хамр кард. Онҳо интизор хоҳанд буд ва оина ҳам паси девор аст. Оина ҳам интизор хоҳад буд, ҳе ҳе.

Духтарчае дар паси пардаи дарида бедор аст. Шояд духтаре.

Кати кӯҳна ғиҷирос мезанад.

Вай аз омаданаш пушаймон мешавад.

Вай нигоҳи хордори духтарчаро ҳис мекунад.

Сар мебардорад ва чашмони духтарчаро мебинад.

Ӯро даҳшат фаро мегирад.

Торикӣ ширвор рӯшан мешавад. Тани он ки паҳн хобидааст, мисли барфест, ки дар шаби маҳтобӣ дар тарафи соярӯи бароз сафедӣ мекунад. Вай бо кампал торикиро ба домани бароз бозмегардонад ва аз худ шарм мекунад.

Аз берун уллоси гургҳо меояд. Пойҳои сагвори ӯ беқарор мешаванд. Гургҳои чиллаи зимистон сахт гуруснаанд. Онҳо хун мехоҳанд ва сайд меҷӯянд. Нирӯи ваҳшие онҳоро ба сафедии тарафи соярӯи бароз мезанад. Галаи гургони гурусна ин сафедиро поймол мекунад, онро мегазаду медарад, то хуни шабеҳ ба лолаҳои баҳориашро берун оранд.

Онки хоб аст, нимхез мешавад ва бо ламси ангуштон ӯро ором мекунад. Вале вай дар хашм аст. Аз ҷода барҳадар рафт. Ва ин бор ҳам духтарча ин ҷо буд ва ин бор ҳам бедор...

Аз дуриҳои тирнорас садои тирандозӣ меояд. Оне ки дар ин поси шаби тира ангушт ба куланги мусалсал пахш кардааст, сахт хашмгин аст. Ба куҷо мезанад ва ё ба кӣ? На, ҷуръат надорад, ба касе тир занад. Аз хашм ва ё аз тарс

кулангро пахш кардааст. Гумон аст, ки дар рӯзи рӯшан ин корро бикунад. Билоохира бояд ин ҳама ба поён расад. Кофист. Аммо гургҳо аз хун сер мешаванду инсонҳо на.

Садои давомдору силсилавори калашников ба хандаи дев монанд аст. На, ин бор он акаки пайвастаи, ҳе ҳе, саги девонаро мемонад. Сагҳо аз тарс аккос мезананд. Барои он аккос мезананд, ки зӯза накашанд. Тирҳо ба осмон мепаранд. Силоҳдорон худовандро ҳадаф мегиранд. Ин ҳама моҳу сол онҳо мехоҳанд, худоро бикушанд, ҳе ҳе, гӯё намедонанд, ки вай кайҳост, ба як бечора табдил ёфтааст ва кор ба касе надорад. Аммо инҳо маҳз касонеро мекушанд, ки кор бо касе надоштанд ва надоранд. Ҳар кӣ ором аст, душман аст. Ҳар кӣ виқору шараф дорад, душман аст. Ҳар кӣ ба ҳоли онҳо механдад, душман аст. Ҳар кӣ ба чизе бовар дорад, душман аст. Дар ин шикори номардонаи имон, ҳар касеро, ки дар нигоҳи хунмастонаи онҳо Хоҷаи Хизрро ба ёд меорад, сари тири худ мекунанд. Дар ин роҳи дарозе ки кас намедонад, поёни он куҷост, чи сангҳое афтодаанд, ки дар ҷабин ва гардани онҳо хуни шаҳидон рӯшанӣ мекунад.

Тирҳо ба осмон мепаранд ва маълум нест, дар он фазои тираи сарбаста онҳо ба чӣ бармехӯранд, вале вай дар тиреза мебинад, ки дар посухи тирҳо аз боло ситораҳо мерезанд. Ситораҳое ки ӯ дӯст медошт ва хандаи онҳоро дида буд. Пас, фасли ситорарези соли мор аст. Дигар ситорае нахоҳад монд. Раҳношиносон ситораҳоро дӯст надоранд.

Вай ба сафедии тарафи соярӯи бароз бармегардад ва ба рӯи он дароз мекашад. Дар зери садои тир ва фишори фазои фулузии тарс ишқварзӣ ширинтарин ва густохтарин хандаи зиндагӣ бар марг аст. Ҳолест, ки дар ҳеҷ вазъи дигар такрор нахоҳад шуд. Ҳолест, ки худо барои фақат як дафъа ва барои фақат як нафар ба замин фиристодааст. То аз ин ишқ насле бархезад, ки доғи хуни сангҳои сари роҳро бишӯяд ва дар буни ҳар санг гули ишқ рӯёнад. Ва ва ва ва ва, ҳе ҳе ҳе ҳе...Комаш нимашӯру ниматалх мешавад.

Берун сарду нам ва аммо рӯшантар аз дарун аст.

Дарун онгуна тира аст, ки аз берун дар шишаи дурахшони тиреза худро мебинад. Якқад мепарад, ки ин магар чоркунҷаи ӯст вагарҳа ин бегонаи даруни оина кист. Аммо дар он чеҳраи серпашми ношиносу бегона чашмони худро мебинад. Кафҳои даст ба само мебардорад, ба рӯи сермӯй мемолад ва мушт ба сина мезанад. Мебинад, ки либосе ба тан надорад ва тамоми танашро пашм гирифтааст. Монанди ғул аст. Ё шояд, ҳе ҳе, аз азал ғул буд. Охирин дастаҳои мӯйи сихак аз зери чашмонаш берун медамад. Бӯйи баду нафратоваре ба машомаш мерасад. Уллоси давомдори гургҳоро мешунавад. Садои тир намеояд. Силаҳдорони сияҳпӯшро хоб бурдааст. Аз осмон ситора намерезад, барфак меборад...Ё шояд гули шафтолу. Гулбаргҳо...

Оина дар паси девор ӯро интизор аст. Дар рӯяш бухори рутубат ҳарири мунаққаш густардааст. Бо нӯги остине ки бӯи шаб мекунад, нами бомдодии рӯи шишаро меравонад. Оина қадре пок мешавад, аммо вай дар он акси худро дида наметавонад. Пас ё ҳастияшро бохтааст ва ё дарвоқеъ ҳама ҷояшро пашм гирифтааст. Ва ё ҳаво ҳанӯз на ба андозае рӯшан шудааст, ки оина сухангӯ гардад. Вале, ҳе ҳе, касе ҳаст он ҷо. Оре, каси дигаре аз оина ба ӯ менигарад. Навҷавоне бо абрӯвони пайваст ва чашмони пур аз сулҳ. Ва холи ҳиндуе дар миёни абрӯвонаш. Бовар намекунад. Оё дар замони мо, ҳе ҳе, ҷое ба мӯъҷиза мондааст? Боз ба оина менигарад ва ин бор пирмарди ришсафедеро мебинад, ки чашмонаш пур аз хираду лабонаш пур аз хандаанд. Вале лабони мӯйсафед боз нестанд, бастаанд. Ханда мехоҳад аз зеҳи лабони зиреҳбаста берун ояд. Ба чӣ механдӣ, пирмард? Магар, ҳе ҳе, замона ҷое барои хандаи ту гузоштааст? Ҳама ҷо хун, ҳама ҷо устухон ва ҳама ҷо косаи сар. Боз як сония ва садои қаҳқаҳа осмонро пур хоҳад кард ва пирмард хоҳад хандид. Аммо ин аксе беш нест

ва ин хандаест, ки дар гузаштаҳои дур асири лабони пирмард шудааст. Хандаи солҳои хушӣ. Ва дар миёни абрӯвони сафеди пирамард низ холи ҳинду намудор аст. Воҳ аз ин ҷомеъаи бараҳманҳо, ҳе ҳе! Вале оё инҳо холанд? Агар холанд, чаро ин қадар бузург ва ин қадар сиёҳ? Ин оина аст, ки девона шудааст. Ҳар бор ки ба он нигарӣ, ҳе ҳе, як каси дигарро нишон медиҳад ва ҳамаи ин даҳ ё сад ё ҳазор ё даҳҳо ҳазор ҳамагӣ холи бузурги сиёҳе дар ҷабин доранд. Ва гунҷишкҳо аз миёни чеҳраҳои зебову нуронӣ рад мешаванду хатти тирае аз онҳо мемонад. Ва ё холе дар ҷабинҳо. Бӯйи бад меояд. Бӯйи такка. Бӯйи пӯсиданҳои беохир. Бӯйи бениҳоят ширин.

Вай қадаме ақиб меравад ва лагад мебардорад. Оина тиккаву пора мешавад ва рӯи раҳи гилолуд фурӯ мерезад. Бе ягон садо. Оре, ҳе ҳе, садои шикастани шиша баланд намегардад. Тиккаҳои рӯшан ва норанҷии оина ба рӯи гил ва кӯлмакҳои об мепароканад. Дар ҳар тикка як аксе ҳаст бо чашмони пур аз сулҳ ва лабҳои пур аз ханда. Хандаҳои ҷовидонӣ. Хандаҳои сангбаста. Хандаҳои шишагин. Аммо садои шикастани шиша нест. Ин садо ба қиёмат баланд хоҳад шуд...

Кӯлмакҳоро чапгузар мекунад. Намехоҳад, пойҳояш, ин сагҳои хаставу ранҷурро ба мурдобҳо ва хунобҳо биолояд. Набояд накҳати шабнами сабзазорон ва бӯйи гули шафтолу шуста шаванд. Борон нест. Бачаҳои серпашм ҳам нестанд, аз пасаш санг андозанд. Шишае ҳам намондааст, ки бишканад. Бачаҳо дар хоби заргӯшиянд ва оина гарду пора шудааст. Дарднок, аммо ҳақиқат аст, ки ҳамаи шишаҳо шикастаанд. Пойҳояш намедонанд, куҷо раванд, сагҳои, ҳе ҳе, хастаи хоболуд раҳгум задаанд, вале мағзаш онҳоро бедор мекунад ва ба ҳуш меорад. Онҳоро бояд маҷбур кард. Бояд ба онҳо амр дод. Ин бор медонад, раҳаш куҷост. Самтҳо ҳанӯз вуҷуд доранд. Вай худ ба худ механдад. Ҳе ҳе, самтҳо вуҷуд надоранд. Метавон ба ҳама ҷо рафт ва барнагашт. Нест бод

бозгашт! Магар инсон нест, ки ба самтҳо ном мегузорад? Ба самтҳое ки худованд офаридааст ва инсон бояд интихоб кунад. Сахт оҳ мекашад. Оҳи хастагӣ? Ширинние аз шаби пур аз ишқ намондааст. То ёдаш кунӣ ва баргардӣ. Аммо, ҳе ҳе, нест бод бозгашт! Сагҳо изро гирифтаанд ва акнун тез пеш мераванд, ҳатто медаванд. Бо тамоми нирӯ пеш медаванд, гӯё азизтарин дидорро дар пеш доранд. Ва ё шояд аз гургҳо меҳаросанду аз бӯйи, ҳе ҳе, ғализи ғул мегурезанд?

Кӯчаи худро мешиносад ва ба он хам мехӯрад. Пас касе самтҳоро баҳам назадааст. Пас, ӯ бозмегардад, зеро аз ин доира ҷои баромад надорад. Шояд вақте ҳанӯз роҳро сар карда буд, медонист, ки бар хоҳад гашт. Шояд мехост на ба ин ҷо, ба кайҳони худ бозгардад???

Ба дарвозаи бенуру шикаставу каҷи хонаи худ наздик мешавад. Ғулҳои хурду бузургро мебинад, ки аз сари деворҳои фурӯрехтаи хонаи ӯ берун меҷаҳанд ва кӯлмакҳоро чапгузар мекунанду сӯи торикӣ мераванд, то дар зулмати ламсшаванда ва бесадо нопадид гарданд. Онҳо ба ақиб нигоҳ намекунанд, вале вай фикр мекунад, онҳо, ҳе ҳе, механданд.

*Прага-Бостон, 2005*

# ДАСТИ РАФИҚ СИЁЕВ

– О, о, о! Ҳамин ҷо бидор, ман аз ҳамин ҷо сар карда, худма нишон битам. Камбайно, ки дар як ҷо истодаанд, ҳукм, ки ин падарсӯхтаҳо дар сояашон хованд. – Раҷаб Сиёев панҷаҳои пӯсташон пиру доғзада ва сиёҳҷурдаашро ба рӯйи дасти ронанда ва чамбараки фармони мошин гузошт ва баргашта ба ман нигарист. – Дидӣ?! Гуфтам?! Сто пратсент медонам ин халқа. То сиёсатшон накнӣ, аҳ гӯян, ту кийӣ!

Вай ба ронанда рӯ овард:

– Гуфтам, нигаҳ дор. Мефаҳмӣ, гӯл? Манъ кун.

Ронанда суръати мошинро тадриҷан суст мекард. Вай аллакай «ҳаққаш»- ро гирифта буд ва акнун эҳтиёт мекард. Ин саҳар бо ногаҳон «манъ кун» гуфтани Сиёев якбора ба фишанги ист пахш кард ва мошин такон хӯрда, бо силтав бозистод. Сиёев, ки кам монда буд, сараш ба шишаи пеш бархӯрад, бо чашмони пур аз оташ ба ронанда нигариста, «маргатро диҳад, худозада, о, оҳиста дия, ҳезум ки намекашонӣ» ва баъд дашномҳои болохонадорро бо овози пасттар гуфта буд, то танҳо худи ронанда шунавад. Ман фақат калимаҳои «...бахато... дайду... хоҳарат... ландаҳур... хари бобоям»-ро шунида будаму намедонистам, инҳо ба ҳам чӣ пайванде доштанд. Аммо ҳоло, ин бор ҳам Сиёев ба хашм омада буд ва акнун мехост, фармонаш ҳамон лаҳза иҷро шавад ва мошин дар они воҳид аз ҳаракат бозистад. Вай мисли кӯдак дар курсии пеши мошин ҳар сӯ тоб мехӯрду беқарорӣ мекард, гӯё метарсид, ки то вай аз мошин мебарояд, комбайнҳои ғалладарав ба ҳаракат меоянд ва ин ба манфиати ӯ набуд.

Сиёев боз ба ақиб гашт, ба ман нигоҳ кард ва гуфт:

– Ай ҳаму қафо шалапаи мара бидеҳ. Ҳукм, то шалапара набинанд, намефаҳманд, ки кӣ омадай. Тем боле, бо ин «Жигулӣ».

Ман шляпаи шояд як замон сафед, аммо ҳоло зарди рӯ ба тирагӣ доштаи амаки Раҷаброро бо эҳтиёти тамом аз тоқи тирезаи паси мошин бардошта, ба вай дароз кардам. Ба худам ҳадс задам, ки ин шляпа на камтар аз чиҳил сол пеш сохта шудааст ва ҳоло ҳам агар рангбохтагияшро ба ҳисоб нагирем, вазифаи худро ба хубӣ иҷро мекунад.

Акнун ронанда мошинро нигоҳ дошта буд ва бо эҳтироми тамом ба Сиёев менигарист. Сиёев чанд бор дастак зада, дастқапаки дарро кофту наёфт ва дар ғояти асабоният бо садои борикшудае фиғон баровард:

– Паат, гуфтам, ҳамин хела мошин барои рейда аҳ намешава! Гуфтам?! Иё гапи худшона карданд.

Ронанда даст дароз карда, бо як ҳаракати тунду осон қуфли дарро кушод ва дарро боз кард. Сиёев аз мошин берун ҷаст, шляпаро ба сар гузошт ва қоматашро баланд бардошта, шикамашро пеш дамонда, мурғобивор, аммо каме шитоболуда қад-қадди роҳи миёни гандумзор пеш рафт.

Ронанда ба ман нигарист. Чашмонаш пур аз озурдагӣ буданд, аммо лабонаш мойил ба табассум. Ҳарду лабханд задем.

Раҷаб Сиёев ин саҳар дар назди идораи райком хеле зӯъм кард, ки «то УАЗик надиҳанд, ба рейд намеравем». Вале ҳамаи УАЗ-ҳо банд буданд ва танҳо ҳамин «Жигулӣ» монда буд, ки мо ду нафар, Раҷаб Сиёев, узви райком, собиқ котиби сеюм ва ҳоло бознишастаи аҳамияти умумиҷумҳурӣ ва ман, таҷрибаомӯзи рӯзномаи ноҳиявӣ ва донишҷӯйи соли сеюми фокултаи журналистикаи донишгоҳ ба рейд бароем, то рафти дарави гандумро тафтиш кунем. Хулоса, ҳарду «сеюм», ҳарчанд яке собиқ.

Дарави гандум дар ноҳияи Файзканд, аз рӯйи гуфтаи кормандони рӯзнома, дуруст пеш мерафт, ба ҳар ҳол, фарқе аз соли гузашта надошт. Ва зимнан рейд ҳам, бо вуҷуди он ки тибқи қарори махсуси бюрои райком амалӣ мешуд, ба гуфтаи кормандони рӯзномаи мо, воқеъаи муқаррарӣ буд,

ҳамту як чорабиние барои қайд шудан дар ҳисоботи райком.

Касе интизори инро надошт, ки рейди мо ягон натиҷаи ҷиддӣ медиҳад ва ё суръати даравро ба маротиб метезонад. Ашӯр Сайид, мудири шӯъбаи хоҷагии қишлоқи рӯзнома, баракс мегуфт, ҳамин бензинеро, ки барои гашти мошин дар сартосари ноҳия сарф мешавад, агар ба дарави гандум сарф кунем, сад бор беҳтар мешавад. Ё агар ба андозаи ҳамин харҷ қисмҳои эҳтиётии комбайнҳо харидорӣ шаванд, нуран алонур мешавад. Ҳатто ҳеҷ кор накардан беҳтар аст то аз ин майдон ба он майдон, аз ин совхоз ба он совхоз рафта, мардумро аз кор боздорем ва ба зиёфатхӯрӣ пардозем. Ҳамин тавр мегуфт Ашӯр Сайид, мудири шӯъбаи хоҷагии қишлоқи рӯзнома, дар ҷаласаи ҳайъати таҳририя ва аммо аз зери арбӯвони ғулияш ба ман чашмак мезад, ки «ба ту дахл надорад, чизе нагӯ ва худро дар бало намон.»

Ба мо дар фокулта ёд додаанд, ки беҳтар аст, ҳар фикру андешаро аз забони касе ё манбаъе зикр кунем, на аз номи худ. Махсусан чунин ишораи танқидиро дар бобати зиёфатхӯрӣ. Ва огоҳ мекарданд, ки аз ягон кас ягон чиз нагирем ва зиёфати ягон касро ҳам начашем, ба ҷуз ҳодисаҳои истиноӣ. Шарҳ намедоданд, ки ба рейд рафтаву зиёфат хӯрдан, оё истиност ё на. Ашӯр Сайид мегуфт, мудирони ҳамаи совхозҳо медонистанд, ки ба зудӣ рейд мешавад ва дар сари ҳар бошишгоҳ дегҳо дар ҷӯш буданду коргарон бо сарулибоси олуфтаи қариб ки идона – интизори тафтишгарон.

Имрӯз мо аллакай дар як ҷо зиёфат хӯрдем. Мудири совхоз моро хуб пешвоз гирифт, дар чанд дақиқа заминҳои омода ба дарав ва кори комбайнҳоро нишон дода, моро ба шипанг даъват кард ва он ҷо гӯштбирён сарф кардем. Аз гӯшти гӯсфанд. Шояд шишак. Инаш гуфта ва ё тахмини Сиёев аст, ки гӯшт гӯшти шишак буд.

Хӯрок хӯрдани Сиёев ба шахсе мемонд, ки камаш даҳ рӯз чизе ба даҳан набурдааст ва ҳам ҷисми таҳамтани вай худ

мегуфт, ки ҳамаи ғизои рӯи дастархон ҳам барояш камӣ мекунад. Аммо ронанда гуфт, ин сабки тановули онҳоест, ки ҳеҷ вақт барои хӯрок аз ҷайби худ пул надодаанд. Ман қиссаи шикампарварии Сиёвро ба ёд меорам. Мегуфтанд, вай ва боз чанд раҳбари ноҳия дар Мактаби олии ҳизбӣ бар иловаи назарияи марксизму ленинизм машқҳои тарбияи шикамро омӯхтаанд ва гӯё ҳизб дастур медодааст, ки раҳбар бояд ҷуссаи калон ва шиками пешдамида дошта бошад. Ҳамин тур мегуфтанд, вале то куҷо ин суханон ҳақиқат дошт, касе намедонист. Ва хеле ҷасорат даркор аст, ки кас аз Сиёев ин матлабро савол кунад. Лекин агар вақти хӯрданаш ба Сиёев нигаред ва аз зовияи тасвир ба онҷӣ мебинед, баҳо диҳед, шояд беҳтар аст, гуфта шавад, ки ин раванд ба сарфитаоми як шери пиру фарсуда мемонд, ки аз ҳамаи ҳиссиёти ҷисмониаш танҳо ҳамин лаззати хӯрдани ғизои хуб боқӣ мондааст.

Ҳоло ман тахмин мезадам, ки шиками овезони Сиёев дар тафтиши чанд бригада пур шуда, медамида бошад.

Ронанда мошинро оҳиста меронд, зеро таҳтушшуурaн дарк карда буд, ки ҳақ надошт аз Сиёев пеш гузарад. Ман гардан ёзонда, дидан мехостам, ки дар пеш чӣ воқеъа аст. Дилам аз суръати оҳистаи мошин танг мешуд. Пиёда рафтан шояд тезтар буд, то мисли маҳбус дар қоби танги мошин нишастан ва бо суръати қоз ҳаракат кардан. Ронанда гӯё ба як тарзи номаълуме вазъи маро ҳис карда бошад, каме суръати мошинро зиёд кард, аммо чун дафъатан дид, ки Сиёев истоду ба ақиб, ба ронанда нигарист, зуд суръатро кам кард. Ду чашми Сиёев мисли ду порчаи оташ буданд ва ду сурхии дурахшон дар чеҳраи сиёҷурда ба назар ҳайбатнок менамуд.

Мошин дар ҷояш истод. Ронанда хаёле ҷумбид, аммо ба ман нигоҳ накард. Баъд аз лаҳзае дидам, ки вай ба ин зудиҳо фикри даргирондани мошину пеш рафтанро надорад, аслан яъне ҷуръати ин корро надорад, аз мошин поин шудам ва ҷузвдонамро ба китф гирифта, аз думболи Сиёев рафтам.

Гандумзори зард ба ду тарафи водӣ, то талҳои хокии дур, ки аз пасашон кӯҳҳо сар кашидаанд, доман густарда буд ва дар пеши назар мавҷ мезад. Гандумзор шояд ба чашми ман ҳамин гуна маввоҷ намудор мешуд, зеро дар асл ҳавои гарм комилан беҳаракат буд ва боде намевазид, ки гандумзорро ба ҷумбиш оварад. Осмон пасту зардгуну норанҷӣ буд. Осмон хоколуд буд. Дар пеш чанд дарахте бо ранги нимасабз дар асорати паҳнои зард музтар монда буданд. Ҷойҳои даравшудаи ғаллазор ба сари нимтарош монанд буданд. Гӯё теғи сартарош дар ними кор кунд шудааст ва ҳоло ин сар интизори бозгашти устои ланг аст.

Сиёев ба комбайнҳои паҳлуи ҳам, ки миёни гандумзор ҳайкалвор истодаанд, наздик шуду садояш баланд гашт:

– Қарори партия ва ҳукумата шумо ҳамин хел иҷро мекунед, танбалҳо?! Ҳукумат шумора хӯронад, пӯшонад, ҳамин хел техникаи пешқадам диҳад, шумо ба ҷои меҳнат кардан, дар сояаш хов равед. Бало задагӣ-мӣ шумоя?! Ё як бор бюроба бурда, дар фарқи саротон яктагӣ виговор занем? Гандум нобуд шавад, ҳукм, под суд меравед! Миллионҳо бачаи Африка гушна гаштаасту шумо гандума дарав намекунед, дар сояи камбайно хов мерен!

Сиёев бо ин садо ва суръати таллафузи калимаҳо ба шери жаёне монанд буд, ки бо ғурроси хеш сайди худро афсун мекунад.

Вақте наздик омадам, ду комбайнчии лоғару миёнасолро дидам, ки сару рӯй ва дастонашон рӯғанолуд буд. Яке аз онҳо дар даст латтаи рӯғанӣ дошт ва дигаре як калиди тахминан 12-14. Ва дар ҳақиқат Сиёев ба як шери ғурранда монанд буд. Дастонашро ба пушт бурда, шикаму сари синаашро дамонда буд ва гардану сарашро пеш ёзонда, бо ҳар калима сарашро такон медод. Чашмонаш, такрор ҳам шавад, ба ду лаххаи оташ монанд буданд. Бо ҳар такон аз онҳо ду шӯълаи барқ берун мепарид. Ман ҳатто тарсидам, ки мабодо аз ин шӯълаҳо гандумзор оташ гирад. Ва даргумон аст, ки

кадоме аз ин ду механизатори малул корномаи Талбак Лолаевро такрор кунад.

Аҷиб буд, агар ин гуна сӯхтор мешуд, оё худи Сиёев барои гандуме, ки онро дар Африка интизоранд, хешро қурбон мекард? Дар они воҳид гандумзори оташгирифта пеши назарам омад ва дидам, ки Сиёев ба истилоҳ думро хода карда мегурехт. Чӣ чора, гоҳе шер ҳам дар ғами ҷон ба рӯбоҳ бадал мешавад...

Комбайнчии ҷавонтар, аммо рангпаридаи касалнамо мехост, чизе бигӯяд, лекин дар миёни фаввораи лафзии Сиёев танҳо баъзе калимаҳои ӯ ба гӯш мерасиданд:

– Вайрон...Поршен...Тармим...Саларка...

Комбайнрони калонсолтар хомӯш ва сархам меистод.

Танқиду таҳдидҳои Сиёев тадриҷан бо дашномҳо омезиш ёфт, ки нашунидани онҳо беҳтар буд ва ман ба мошин баргаштам.

Ронанда курсияшро ақиб фуроварда, дастҳои қоқашро таҳи сар гузошта, дароз кашида буд ва бо бинии теғадори лоғараш хуррок мекашид. Ман ӯро бедор кардам, то аз оташи хашми Сиёев наҷоташ диҳам. Вай коҳилона чашм кушод, сар бардошт, фих кашид ва дар ҳоле ки чашмонаш нимпӯш буданд, гуфт:

– Не, бепарво бош. Вай ҳоло ҳамаи боруташро сарф карда меояд ва мисли абрешим нарм мешавад.

Ба назар мерасид, ронанда феъли Сиёевро хуб медонист. Вақте пирамард баргашт, он қадар хурсанд буд, ки хаёле омода буд, бирақсад.

– Аччаи зоршуна дар чашмшун нишон додам. Кори давлат бозияй?! Гандум бозияй?! Ҳолӣ андактар боз як ҳамин тараф мебиёем, ку танқид чӣ мева медиҳад.

Ман аз он ки Сиёев рӯҳияи хуш дошт, илҳом гирифта гуфтам:

– Акаи Раҷаб, ба фикрам, танқид зиёд шуд. Ун бечораҳо таги комбайно даромада, тармим мекарданд, куҷое

аз ин техника вайрон шуда буд. Напурсида, нафаҳмида...

Сиёев дар курсии барояш хеле хурди мошин як даври пурра хӯрда, рӯйи офтоббурдаи доғинағзакдорашро ба ман гардонда оромона гуфт:

– Фарқ намекунад. Кори ман чист, ки тармим мекарданд ё хов мерафтанд. Главни, онҳо кор намекарданд. Барои он кор намекарданд, ки ҳеҷ кас дар болои саршон нест. Инора ман хуб мешиносам, то қамчин дар даст болои сарошон наистӣ ва ё гоҳе омада, ҳамин хел сиёсатшон накунӣ, ҳукм, аҳ ҷунбанд. Шиори инҳо: То омадани табар кунда меосояд.

Ба мани коромӯз ингуна намудор мешуд, ки Сиёев ҳамаро дар ин ноҳия хуб мешиносад ва ҳамагон ӯро. Вақте аз миёни шаҳрак – маркази ноҳия мегузаштем, ҳамаи раҳгузарон ва ё канорироҳистодагон ба сӯяш ё даст меафшонданд ва ё бо нимтаъзим салом медоданд. Табассуми баъзеи онҳо бештар ба писханд ва ё мазоҳ монанд буд.

Сиёев даст ба рӯйи дасти ронанда мегузошту хоҳиш мекард, ки оҳиста ронад, одамон салом дода истодаанд, вай бояд алек гирад. Вагарна беҳурматӣ ҳисоб мешавад. Дар як пайт вай ногаҳон талаб кард, мошин биистад. Ронанда дафъатан фишанги истро зад ва мо ҳама такон хӯрдем. Сиёев бо шитоб аз мошин баромад ва бо нафаре ки дар сари роҳ истода буд, оғӯш ба оғӯш вохӯрдӣ кард. Сипас баргашта, нишаст ва сар кард ба танбеҳ додани ронанда. Ман нафаҳмидам, чи зарур буд, барои як саломуалек кас аз мошин бароядӣ. Дар ҷои дигар вай боз мошинро нигоҳ дошт, зеро пирамарде бо набераааш дар канори роҳ истода буданд ва ба вай салом дода, як дона себи сурх ҳадия карданд.

Ба назари ман чунин менамуд, ки Сиёев дар ин минтақа шахси машҳурест. Албатта, сабаби ин маъруфият шояд дар он аст, ки вай солҳои дароз яке аз раҳбарони ноҳия буд. Лекин фикр мекунам, худи симо ва ё шахсияти Сиёев ҳам сабаби шӯҳрати ӯ шудаанд. Одами аҷоиб ва нодир ба назар

меомад ва ман мехостам, Сиёевро аз наздиктар бишносам. Ин буд, ки ҳарчанд дар оғоз пешниҳоди иштирок дар рейд бароям як кори расмӣ ва безавқ намудор шуда буд, ҳоло хурсанд будам, ки бо худи Сиёев рейд анҷом медиҳам.

Дар аввалин дидор, дар идораи райком, ки субҳи имрӯз ман ба он ҷо шитобон ва ҳаросон аз он ки дорам дер мерасам, омада будам, марди шикамдамидаи батанутӯш, ҳатто метавон гуфт, фарбеҳи солхӯрдаи солор ва сиёҳҷурдаро дидам, ки куртаи сафед, гарданбанд ва шиму кастуми сиёҳ дошт ва ду даст ба пушт, бо як намуди мутафаккирона дар долон пасупеш қадам мезад. Вай як нимнигоҳе ба ман партофт ва чашмам ба чашмаш афтоду дидам, ки чашмонаш қаҳвагӣ, калон ва хашмолуданд. Даруни сафедии чашмонаш рагҳои каҷукилеби сурхро дидам. Гӯё чашмони хунгирифтаро.

Дар қабулгоҳ котиба аз ман пурсид, касеро дар долон дидӣ, гуфтам, бале, кадоме аз мансабдорони шумост. Хандиду гуфт, пас ту Сиёевро намешиносӣ.

Котиба сар аз дар берун карда ӯро даъват намуд:

– Раҷаб Қосимович, ин ҷавон аз рӯзнома аст.

«Раҷаб Қосимович Сиёев», гуфта он кас ба ман даст дароз кард ва дастамро сахт фишурд. Гӯё бо тамоми нирӯ. Буғуми панҷаҳоям дард кард. Дастонаш шахшӯл ва қавӣ. Вақте ки вай дар бораи масир ва аҳамияти рейд бо ман ҳарф мезад, диққат кардам, ки куртаи сафедаш бо вуҷуди покизагӣ, хеле обшуста аст ва хатти гиребонаш фарсуда, шиму кастумаш кӯҳна ва ҷойҳои дарзмолдидаи кастумаш медурахшид. Гарданбандаш ба мӯди бист сол пеш мувофиқ буд ва шляпааш низ тақрибан аз ҳамон давра монда. Ва ӯ дар ҳар чанд дақиқа онро аз сар гирифта, бо нӯги ангуштон давру барашро пукак зада, гӯё патту ғуборашро дур мекарду боз бо ифтихор ба сар мегузошт. Вай бо шляпааш тавре муносибат мекард, ки гӯё ин шляпа не, балки як мавҷуди зинда аст. Онгуна ки як пиразан бо як гурбаи дӯстдоштааш бархӯрд мекунад.

Вақте бо ҳам аз бинои райком берун шудем, вай ба чапу рост нигарист ва аз ҷайбаш як нишони депутатиро берун оварда, ба гиребони чапи кастумаш зад. Аммо аз ҳама аҷоибаш ин буд, ки бо вуҷуди чашмони қариб ҳамеша пур аз ғазаб, Сиёев одами хашмгин набуд. Ҳазл мекард, дашномҳои хандаовар меафканд ва бо одами ношинос зуд унс мегирифт. Вале донистам, ки рӯҳияаш зуд тағйир мекунад. Тез хурсанд мешуд ва тез хашмолуд. Гӯё ягон рӯҳияи оддӣ ё миёна надорад. Метавонад бо шумо хушгӯӣ кунад, лекин баъди дақиқае бо ваҷоҳати ваҳшатангез камбудии шуморо ба рӯятон занад. Онгуна ки дари мошинро боз карду ба ман гуфт, «марҳамат кунед», чун ман аз рӯйи эҳтиром ба калонсолон се дафъа гуфтам, «на, аз шумо шавад», ба сарам дод зад:

– Э даро гуфтам, аҳмақ, даро-дия. Вақт рафт, бахт рафт, изи-бизи карда мешинӣ! Бупару даро, вақте ман гуфтам…

Ин аввалин такон хӯрдани ман аз хӯйи ин одам буд. Баъдтар, вақте рейди мо сар шуд ва ман муносибати ӯро бо одамон дидам, донистам, дақиқаҳои ин шахс бо суръати дигар мегузаранд. Вай дар ҳоле ки даст ба як кор аст, аз чизи дигар меандешад ва рӯҳан кори сеюмро ба ҷо оварда, гашти чорумро тарҳ мезанад. Ҳамзамон ба таври автоматик намунаҳои ҳамсони гузаштаро ба ёд меорад, қиёс мекунад ва натиҷа мегирад. Дар мошин ки нишастем, бо лаҳни хеле нарм ва ҳатто як андоза ҳасратомез гуфт:

– Агар мо рейда бо мошини УАЗ мегузарондем, ҳама корҳо дигар хел мешуд. Калонҳои ҳозира ина намефаҳманд. (Ба ронанда: «Гуфтам, харбача, оҳистатар ҳай кун. Дигар такрор намекунам. Ба пушти сарат мефурорам, ки фиси бинит шишаи пеша мепӯшонад.» Сипас, оромона, гӯё чизе мисли ин нагуфта бошад, идомаи сухан.) Намефаҳманд, ки ин халқ ҳамин ки аз дур УАЗ-ро дид, мефаҳмад, ки раҳбарият омада истодааст. Ин

Жигулии пачақро мебинад («Ҳо, бачча, оҳистатар! Маргат диҳад!»), мебинаду ҳукм, фикр мекунад, ягон алафдузд ва ё каҳдузд барои гапзанон омада бошад. Боз ҳам хайрият, ки ман шалапама гирифтам. То шалапама дар сарам намонам, сиёсат карда наметавонам. Инҳо, ин мардум агар бинанд, ки дар сар шалапа ва ё дар даст коғаз дорӣ, баъд метарсанд.

Вале Сиёев аз он ҳам ҳайрон намешуд, ки дар ҳама ҷо моро бо омодагии комил пешвоз мегирифтанд. Вай намедонист, ки райком ҳамаи раисонро огоҳ карда буд. Ман дар он баҳс будам ва як мавзӯъи сӯҳбат ин буд, ки дар рейд бояд камаш се нафар аз райком ва як нафар аз рӯзнома ширкат кунанд. Аммо котиби якум гуфт, ҳамин Сиёев худаш ба панҷ кас баробар аст. Ҳоло, дар мошин ки мерафтем, ман фикр мекардам, хулосаи котиби якум иштибоҳ нест. Ҳарчанд худи Сиёев мегуфт, беҳтар буд, агар боз як нафари дигар аз райком бо мо ҳамроҳ мешуд, зеро мегуфт, худи ӯ аз як бознишастае беш нест ва ҳарчанд одами боаҳамият аст, наметавонад, ба пуррагӣ аз раҳбарият намояндагӣ кунад, чунки як бознишаста аст.

Ронанда дар лаҳзаҳое ки Сиёев дар давру бараш набуд, мегуфт, «рӯяшро сиёҳ мекунад ин, як корманди дигар барои он ба вай даркор, ки баъд рафта, аз қаҳрамониҳои ӯ дар райком ҳикоят кунад». Ман ба он меандешидам, ки мабодо Сиёев аз ман хоҳад, ба ҷойи вазъи дарави гандум, аз корнамоиҳои ӯ мақола нависам, чӣ мекунам. Вале аҷиб буд, ки вай инро талаб намекард.

– Чинора дидӣ? Рост ҳамон ҷо ҳай кун, – амр дод Сиёев ба ронанда, вақте ки мо айни зӯҳр ба гандумзори бригадаи панҷуми совхози Элок расидем.

Сиёев ба соаташ нигарист.

Дар сояи паҳни чанори кӯҳансол ду давра сари дастархонҳо нишаста буд, яке давраи мардҳо ва дигаре занон. Баробари аз мошин баромадану шляпа ба сар

ниҳодани Сиёев ҳарду давра баробар аз ҷо бархост. Бо ин ҳаракати худ онҳо мактаббачаҳои боодобро ба ёди ман оварданд. Занону духтарон, вақте ки бархостанд, доманҳои худро афшонданд ва мардон баъзе даст ба пушти шими худ бурдаанду баъзеи дигар тоқиашонро ба кафи даст кӯфта, чангашро афшонданд ва ба сар гузоштанд.

Бригадир, марди тақрибан ҳамсоли Сиёев, аммо лоғарандом ва мӯйлабчадору ришаш расида дастҳояшро ба ду тараф ёзонда, ба пешвози Сиёев омад ва маълум шуд, пояш чӯлоқ аст, мелангад. Мӯзаҳояш он қадар кӯҳна буданд, ки ҷо-ҷо лохи рӯяшон рехта, латтаи зери онҳо намоён гашта буд.

Вақте ману ронанда наздиктар омадем, Сиёев бо садои ғурросӣ ин тавр мегуфт:

– Мегӯӣ, зано ба хорзанӣ омадаанд? Ин ҳам хуб аст, Маҷитуф, партия ва ҳукумат даъват мекунад, барои зимистонгузаронии чорво, махсусан чорвои калони шохдор, ҳарчи бештар хошок захира шавад. Ҳова, дурустай, ки вақти абедай, лекин, ҳукм, сояшинӣ хови одама меора. Дар соя бисёр шиштан мумкин нестай.

Баъд Сиёев нӯги ангуштонашро дароз карда, бо ду марди дигар вохӯрдӣ карду як қадам ақиб ниҳод ва дасти росташро боло бардошт. Ман ин гуна фаҳмидам, ки вай намехоҳад бо дигарон дастдарёб кунад. Садояш хашин ва баландтар шуд:

– Марги одамеро бидиҳад, ки вақтро ғанимат намедонад! Ҳоло мавсими кор. Мана, мо барои чӣ рейд мегузаронем? Барои он ки ба ҳар як холабеғам ёдрас кунем, ки вақт рафт, нақд рафт. Як рӯзи баҳор, ҳукм, пур кунад анбор…

Касе аз байни издиҳом гуфт:

– Ҳолӣ баҳор куҷоай, товистонай…

Сиёев як лаҳза таваққуф кард ва дар ҳамин як чашм задан симояш ба худои Зевси юнониён монанд шуд.

– Забонта ғунда бигазад. Зӯр бошӣ, пеш буро, ку бинам, ба чанд мушти ман тоб дорӣ. Ман гуфтам, баҳорай, ҳукм, баҳорай. Тамом! Намефората, чор тарафат қивла. Маҷитуф, ту чӣ хел тарбия мекунӣ одамота!?

Бригадир ду даст ба сина гирифт:

– Акаи Сиёев, садқаи чашмот, бишин, ҳамроҳи мо таъоми деҳқонӣ бихӯр, баъд бинем, ки кори мо куҷо расидай. Аввал таъом, баҳаъд калом.

Хосияти дигари Сиёев ин буд, ки агар бо масал, шиор ва ё ҳикмате бо ӯ ҳарф мезадӣ, филҳол нарм мешуд ва ҳатто гапро қабул мекард.

Моро ба даври дастархони мардҳо даъват карданд. Сиёев каме пеш рафт, истод ва рӯй турш кард:

– Ин шалаққиро бинед, ин ифлосиро бинед. Маҷитуф, одам аз ҳамон дастархонаш маълумай. Тоза бошад, одами коргар, набошад, ҳукм, дайдуи бекорхӯҷа. Тозагӣ гарави саломатист!

Бригадир маҷбур шуд, Сиёев ва маро сари дастархони занон биншонад. Занону духтарон ба як тарафи он ҷамъ шуда нишастанд, дар тарафи муқобил Сиёев, бригадир ва ман. Ҳам нишастгоҳ ва ҳам дастархони занон тозаву озода буд. Ва бӯйи гул дошт ҳавойи ин давра.

Ба ман гуфта буданд, ки дар муносибат бо духтарони маҳаллӣ бояд бисёр боэҳтиёт бошам. Ҳол он ки духтарон дар ин ноҳия хеле шӯх ва озод буданд ва бо ҷавонон далерона ҳазлу бозӣ мекарданд, суханони таҳдору намакин мегуфтанд, абрӯ мепаронданд. Аммо, гуфтанд, мардум ба ин шӯхиҳо чашм пӯшад ҳам, дӯст намедорад, ки як ҷавони бегона бо зану духтари онҳо озод муносибат кунад. Бо вуҷуди ин ман ҳар гоҳ ки имкон мешуд, ба духтарони хубрӯй менигаристам ва аз дидани чашмони шаҳлову абрӯвони нозук ва лабони чун донаи анор арғувонии онҳо лаззат мебурдам. Агар ҷои хилват буд, кӯшиш мекардам, бо чунин лоларухон шинос шавам.

Ҳоло ҳам фурсате буд, ки дар чашмони духтарони ҷавон ҳарфҳои ниҳониро бихонам ва ҳамин гуна махфӣ бо онҳо сӯҳбат кунам, лекин аз ҳайбати Сиёев зуд сарамро хам карда, мутаваҷҷеҳи дастархон шудам ва ба худам ин гуна озодӣ надодам.

Дар бораи Сиёев шунида будам, ки дар ин масъалаҳо бисёр сахтгир аст ва дар ҳар баҳсе аз занон тарафдорӣ мекунад. Шояд барои он ки сиёсати давлат баробарии зану мардро талаб мекард.

Мегуфтанд, вай ба касе иҷоза намедод, дар идораи давлатӣ ва ё кори саҳро ба зан ва ё духтари мардум бо чашми каҷ нигоҳ кунад. Сарам хам буд, аммо нимхандаҳову нимнидоҳои духтарони шӯх ба гӯшам мерасид ва пушаймон будам, ки мо сари дастархони занон нишастем. Беҳтар буд, аз бало ҳазар, бо мардон менишастему гӯшҳо ҳам ором мебуд. Ин ба он маъно ки аз худам дилпур набудам. Метарсидам, ки ҳамин ҳоло ба чашмони зебои ягон духтар нигоҳ мекунам ва дафъатан сурх мешавам. Ё худо нахоста, зане гапи таҳдор мепартояд ва намедонӣ чӣ гӯӣ ё чӣ кунӣ. Вале, иттифоқан, ҳодисаи ғайриоддии марбут ба занон на бо ман, балки бо Сиёев рӯй дод. Аввалан ин ки вай камгап шуд ва дигар шиор намезад. Ҳар суханашро баркашида мегуфт ва дигар аз даҳонаш дашноме берун намеомад. Аммо ҳодиса чизи дигар буд.

Вақте бригадир ба духтари навҷавоне фармуд, ки барои Сиёев як табақи тоза биёрад ва духтар аз ҷой ҷаст, Сиёев эътироз кард, ки вай ҳам як нафари халқ аст ва барояш ҳеҷ чизи бахусус даркор нест, ҳар он чизе ки ин ҷо ҳаст, ҳамон шудан мегирад... Сиёев ба духтар бо дасташ ишора мекард, ки баргардад ва биншинад. Ва ҳангоме ки дасташ дар ҳаво такон мехӯрду духтар мехост аз паҳлуи ӯ рад шуда, барои табақи тоза равад, дасти Сиёев ба шиками духтар бархӯрд. Ҳамаи ин дар як они

воҳид ба амал омад ва кам касе ҳодисаро дид. Ин як тасодуф буд. Сиёев ба дастархон менигаристу дасташро такон медод ва духтар ба ҳисоб нагирифт, ки мумкин аст, дасти Сиёев ба бадани ӯ расад. Сиёев босуръат дасти худро ақиб кашид ва ман дидам, ки ӯ панҷаи худро мушт кард ва мушташро аввал рӯйи зону гузошт ва баъд ба бағали кастумаш андохт. Вай дар ин ҳодиса ба кӯдаке монанд буд, ки дасташ ба чойники сӯзон расида, сӯхта бошад.

Дигар кӣ чӣ мегуфту чӣ мехӯрд, барои ман аҳамият надошт. Ман ба Сиёев менигаристам ва медидам, ки вай кӯшиш мекунад, худро ҳамонгуна ки то ҳоло буд нигаҳ дорад. Аммо ҳар қадар ки кӯшишаш бештар мешавад, ҳамон андоза бароям рӯшантар мегашт, ки дар мағзи вуҷудаш чизе ҳаракат мекунад, чизе шӯр меангезад.

Вақте бригадир пиёлаи чойро ба ӯ дароз кард, вай гӯё пиёларо гирифт, аммо ҳамон лаҳза пиёла аз дасташ ба рӯйи дастархон чаппа афтид ва дастахон тар шуд. Бригадир Маҷидов хандид:

– Ё меҳмони гарме меояд, ё аллакай омадааст.

Зани миёнасоле, ки абрӯвонаш аз ӯсма сиёҳ ва чашмонаш сурмасову хандону дурахшон буданд, гуфт:

– Э, биргад, оҳиста охир, дасти Сиёевра сӯзондӣ ба ин чоят. Худаш бе ин ҳам чанд лаҳза пеш дасташ сӯхтагӣ буд.

Ин суханон сабабгори хандаи базавқи занон шуд. Садои ханда гӯё аз зинаҳо поин рафта, он ҷо бо «пиқ-пиқ» анҷом ёфт. Аммо тазмине набуд, ки аз ин пиқиҳо боз як таркиши ҷарангосии хандаи занон ба амал наояд. Сиёев, ки дар чунин лаҳзаҳо ба шери жаён табдил мееёфт, ин бор мисли муши мурда сар боло намекард. Ҳам вай ва ҳам ман аз шӯхии ин зан фаҳмидем, ки ба шиками духтар расидани дасти ӯро дигарон ҳам дидаанд.

Зани дигар, зоҳиран ҷавонтар, ки қисми бештари

рӯяшро бо дока баста буд, ҳатман барои эҳтиёт кардан аз офтоби сӯзон, ба гап шарик шуд:

– Ҳоа, дасти Сиёев аку месӯзад. Вақти сӯхтанаш гузаштагияй. Ба фикрам, таги хокистараш кунӣ ҳам, аҳ инг бига. Чоя вай резонду нофи Муҳаббат сӯхт.

Чанд зан баробар қаҳ-қоҳ зада хандиданд. Духтараки ҷавон, ҳамоне ки дасти Сиёев ба шикамаш расида буд, ба шаст бархосту аз сари дастархон дур шуд.

Сиёев низ шляпаашро аз паҳлуяш гирифта, ба сар ниҳод ва бархост. Ман ҳадс задам, ҳоло борони маломат ба сари бригадир, коргарон, ронанда ва махсусан ин занони сергап хоҳад борид. Аммо ин тавр нашуд. Дар ҳоле ки занҳо ҳанӯз пиқ-пиқ механдиданд, вай ин сӯ-он сӯ гашта ман ва ронандаро пайдо кард ва бо такони сар ишора зад, ки рафтем.

Бригадир ва чанд марди дигар бо таассуф аз он ки хӯрокро начашидему меравем, моро то назди мошин гусел карданд. Ман ҳамин қадар дидам, ки пеш аз нишастан ба мошин Сиёев баргашта, ба он духтари навқади атласпӯш, ки дар паси танаи чинор буд ва шояд гиря мекард, нигарист ва дар ҷавоб ба хушомадҳои бригадиру атрофиёнаш чизе нагуфта, ба мошин нишаст.

Дар роҳ Сиёев хомӯш буд. Ман, ки аллакай ба серманаҳии ӯ ва зеру бамҳои ногаҳонии лаҳнаш одат карда будам, худро ноҳинҷор дарёфтам ва роҳро бисёр зиқкунанда.

– Сари чашма. – Ин ягона чизе буд, ки Сиёев баъди қариб ним соати роҳ ба забон овард. Мошин аз роҳи калон тоб хӯрда, қад-қади дарёча ба кӯҳдоман печид. Шунида будам, ки дар охири адир як чашма ҳаст, ки онро Чашмаи Шоирон мегӯянд. Вале мо то он ҷо нарафтем. Дар нимаи роҳ Сиёев досташро ба рӯи чамбараки фармони мошин гузошт ва оҳиставу нарм гуфт:

– Ҳамин ҷо ҳам хубай.

Сиёев аз мошин фуромад ва лаби рӯдхона рафт. Ман намедонистам, бояд чӣ бикунам. Вай аз он ҷо ба ман нигарист ва бо дасташ ишора кард, ки «биё».

Вақте ман наздикаш рафтам, вай кафи дасти росташро кушода ба он менигарист. Ҳамин хел чанд лаҳза истодем, баъд вай ба ман рӯй оварду гуфт:

– Танаш ин қадар ҷавон буд. Пӯсташ таранг. Дастнахӯрда. Нозук. Дастам ба фурӯхамидагии зери нофаш расид. Оташ буд он ҷо. Баччагиҳому ошиқиҳом ба ёдам омад. Ошиқии дуруст ҳам надоштем. Шабурӯз кор. Давраи ҷанги Гирмон буд. Партия. Ҳукумат. Ба ҳамун занҳои худомо ҳам шавҳарии дуруст накардем. Як зиндагии хушки китобӣ доштем саросар машаққат ва касе барои ин ҳама заҳмат ташаккур ҳам намегуфт.

Дар чашмони калону сиёҳи амаки Раҷаб, дар зери пилкҳои бемижгон ва пажмурдаи ӯ об дамида буд ва ӯ нигоҳашро мегурезонду кӯшиш мекард, ман инро набинам. Ба назари ман ин тавр менамуд, ки танҳо ҳолост, ки ман Сиёеви аслиро мебинам ва ҳама ончи ки то ҳоло дидам, ниқобҳои ӯ буданд.

Вай шляпаашро аз сар гирифт ва қадаме пеш гузошт. Аз дили ман ин фикри густохона гузашт, ки Сиёев мехоҳад худро ба дарё партояд. Баргашт ва бе он ки ба ман нигарад, ба тарафи ман фарёд зад:

– Ҳоло ҳам ин чӣ корай, ки мекунем?! Рейду пейд ба кӣ даркор? Деҳқон худаш медонад, ки бояд ғалларо дарав кунад. Худаш коштаасту парваридааст, худаш медаравад. Кори мо чӣ ки ҳар вақт ноором кунем, аз кор монемаш?!.

Ман шитобзада, шояд барои истифода аз фурсати муносиб, сухани ӯро аз даҳанаш гирифтам:

– Одам ҳарчӣ корад, ҳамон даравад.

Даҳони Сиёев боз монд ва ё ба истилоҳе канд. Вай гӯё филҳол ба асли қадими худ баргашт. Мисли гурбае, ки ҳоло бояд вағ бигӯяду аз ҷо биҷаҳад, тахтапушташ дамид ва

чашмони ҳанӯз намолудаш пур аз хашм шуд. Лаҳзае ҳамин тавр истод. Ман ҳам дигар чизе нагуфтам ва ҳаракате накардам, ҳарчанд дилам тунд метапид, ки ҳоло бояд як ҳодисае рӯй диҳад.

Тахтапушташ оҳиста поён шуд. Ба кафи дасти росташ нигарист. Дар ҳамон ҳол гуфт:

– Мисли оташ буд. Вуҷудма сӯзонд-е.

Баъд якбора тарафи дарё гашт ва шляпаро ба ҳаво партофт. Шляпа монанди як табақчаи паррон то миёнаҷойи рӯд парвоз кард ва он ҷо рӯйи мавҷҳо нишаст. Рӯйи мавҷҳо нишасту ба киштии бодбонсафеде табдил шуд ва ба сӯйи водӣ шино кард…

*Файзобод - Прага, 2004*

# SEGAFREDO

*Барои писарам Гуразм, ки дар Ғарб хобҳои шарқиёна мебинад.*

«Ман бароят дар меҳмонхона ҷой гирифтам», мегӯяд духтари аммам Меҳрӣ ва дар ҳоле ки чашмонаш дӯхта ба роҳанду бо дасти чап ҳамоно моҳирона фармони мошинро идора мекунад, бо дасти рост аз паҳлуи шишаи об, рӯзнома, ду халтачаи селофанӣ ва рӯмолчаи ғиҷимшудаи рӯи курсии пеш варақеро гирифта, сӯям меёзонад.

Коғазро мегирам ва ба як нигоҳ мебинам, ки ин тасдиқномаи меҳмонсарои Кросс Чаринг аст. Ба рӯйи чанд сатри он ранги сабзи рӯшан давондаанд, аммо ин ранг ҳуруфро на хиратар, балки рӯшантар кардааст. Оре, ин нишонаи меҳмонсаро ва шумораи манзилест, ки ман бояд дар он зиндагӣ кунам. Ҳуҷрае ба номи ман банд шудааст ва пулаш бояд дар рӯзи дуввуми зист супурда шавад.

«Ман бароят дар меҳмонхона ҷой гирифтам». Ин танҳо чизест, ки акнун тайи қариб чиҳил дақиқаи роҳ, аз фурудгоҳ ба самти шаҳр, аммадухтарам Меҳрӣ ба ман мегӯяд. Пас, ӯ барои ман дар меҳмонхона ҷой банд кардааст. Шунида будам, ки ҳавлӣ ва хонаи сеошёна дорад. Аммо ҳоло дигар аниқ аст, ки намехоҳад маро ба хонааш барад. Шояд ба ин ҳақ ҳам дорад ва албатта, ман меҳмони азизи ӯ нестам. Аслан аз ибтидо, вақте модарам гуфт, чун ба Лондон меравам, бояд Меҳриро бинам, дилам фишор хӯрдаву сарам гарон гашта буд, ки ин дидор чӣ гуна сурат хоҳад гирифт. Табъан, пас аз он чизе ки миёни ману ӯ гузашт, ҳарчанд ин ҳама сол пеш, интизори хушнудии Меҳрӣ набудам, аммо намедонистам, боздиди мо ба ин сардӣ рӯй хоҳад дод.

Дар ду тарафи роҳ ҷангали қадимӣ ба сукути пирона

ва бемаънӣ фурӯ рафтааст. Осмон пурабр, роҳ холӣ, ҳаво нимторик. Сиёҳии даруни ҷангал дар дили ман ларзаи сиёҳи изтиробро афзун мекунад. Хомӯшии миёни ӯву ман маро мефишорад. Ман шиканҷаи ин сукутро дар китфу дӯшам эҳсос мекунам. Ман сукутро ламс мекунам.

Пас ҳеҷ гуфтание ва ё шунидание дар миён нест. Беҳтар буд ин мулоқоти ғамангез умуман иттифоқ намеафтод. Аммадухтари аврупоишудаи ман, касе ки кам монда буд, номзади ман шавад, яъне қариб ҳамсари ояндаам, аввалин ҷисми занонае ки гоҳе тасодуфан, гоҳе қасдона дастони ноозмуди ман ба он расида буданд, ҳоло ҳарфе бароям надорад ва намехоҳад чизе барояш бигӯям.

Шояд дар таърихи ҷаҳонии саёҳат чунин иттифоқ наафтодааст, ки пешвозгиранда меҳмонро бо сардие баробар бо Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ вохӯрда бошад. Агар ин тур аз сари ман оби хунук рехтанӣ буд, чаро ба фурудгоҳ омад? Чаро хабар надод, ки маро пешвоз гирифта наметавонад, зеро чашми диданамро надорад ва бе чашм, маълум ки маро дар фурудгоҳи серодам ёфта намешавад.

«Салом, боратро бояд аз поён бигирем.» Ин «истиқбол»-и ӯ буд аз ман, ки бар асараш лаҳзаҳое бо дастони ду сӯ ёзида, канори боз, чашмони дурахшон, аммо ҳайратзада, абрӯвони болорафта ва даҳани инҷ дар ҷоям шах шудам. На метавонистам қадаме пеш бардорам ва на гоме ба ақиб гузорам. Як ҷопонӣ ё чиноӣ бо ин ки ба ман бархӯрд ва садҳо бор бо нимтаъзим узр мепурсид, маро ба худ овард.

Меҳрӣ кӯшиш мекард, ба ман нигоҳ накунад. Ин сӯву он сӯ тоб мехӯрд ва баъд ба ишораи даст самти ҳаракатро нишон дода, худ пеш гузашту ба ҳамон сӯ рафт. Ман аз карда пушаймон ва ҳайрон будам, ки бо вуҷуди пешбинии чунин ҳолат, розӣ шудам, модарам ба ӯ занг занад ва аз сафари ман хабар диҳад.

Он ҳама муддате ки интизори ҷомадони кӯҳнаи ман дар зербинои фурудгоҳ паҳлу ба паҳлу истодем, ҳарфе аз ӯ

барнаёмад. Вале ман ҳанӯз намедонистам, ки тамоми роҳ низ Меҳрӣ сукут ихтиёр мекунад. Ба назарам метофт, ки ин фақат шарму шигифтии мулоқоти аввал баъд аз ҳафт сол аст ва ба зудӣ хоҳад гузашт.

Борро гирифтем, ба истодгоҳи мошинҳо рафтем ва Меҳрӣ ҳамон сукути ғашовари баробар бо ин бешазорони торикро дар мошин, миёни нишастгоҳи пеш ва ақиб ҷой кард ва акнун хомӯш аз хилоли хомӯшии бузургтар равонем. Бе садо, бе ҳарф ва танҳо бо ғурриши якмароми мошин...

Ин ҳолати такондиҳанда маро нагузоштааст, ба рӯйи Меҳрӣ бо диққати зиёдтар нигоҳ кунам. Вале ҳанӯз дар фурудгоҳ ба он андешидам, ки Меҳрӣ хеле дигаргун шудааст. Аз он Меҳрии ҳафт сол пеш танҳо чашмони барроқаш ба назарам ошно намуд. Аммо зери чашмонаш ожангҳо мисли алафҳои гирди чашма ҳалқа задаанд, лунҷҳояш дарун афтодаанд. Монанди тӯби кафидаи футбол, ки рӯяш ангушт гузошта бошӣ.

Мӯйҳои як замон марғуладор ва саркаши Меҳрӣ акнун ҳамвор ва рост буданд. Ёдам ҳаст, модарам мегуфт, мӯйи Меҳрӣ ҷамолак он сӯ истад, ҳатто бофтанро қабул надорад.

Ҳам симо ва ҳам сарулибосаш ҷиддинамо шудаанд, худаш дамдузд. Шояд танҳо барои ман дамдузд аст ва дар пеши дигарон ҳамоно шӯху хандон боқӣ монда бошад. Наход ин ҳамон духтари чобук ва гапнодарост, ки аз сари девори қалъачаи кӯҳнаи деҳаи мо худро сарозер ба рӯдхона партофта буд? Наход ин ҷавонзани ҷиготгирифта ҳамонест, ки аз шаҳтут биниву ҷабинашро сурх ва аз сиёҳии дег рухсору манаҳашро табаҳ карда, паси дари таомхона пинҳон шуда буд, то «воҳ» гуфта холаи Мастурамоҳро ба истилоҳ, «талхакаф» кунад? Холаи Мастурамоҳ бо ҳамаи тани чоқ ва вазни зиёдаш дар остонаи таомхона дароз афтида буд ва чанд зани дигар даҳанҳо пур аз ханда обзану ҳушёргари ӯ шуда буданд.

Бо ёд кардани ин ҳодиса ва зуҳури манзара дар пеши чашмонам ман бесадо хандидам ва ҳис кардам, ки Меҳрӣ

мисли ин ки чизеро пай бурда бошад, аз ойинаи пасбин ба ман нигоҳе партофт.

Наход ин ҳамон Меҳриест, ки пинҳонӣ дар манту танга гузошта буду апаи Гулрӯ онро газид ва қариб аз дандон мемонд? Агар ҳоло ба ягон кас гӯӣ, ки ин ҳамон балочаи аспсаворак аст, мутлақо бовар намекунад. Агар апаи Гулрӯ ҳамроҳи ман ба Лондон меомаду Меҳрибонуро ба ин ҳол медид, ҳатман мегуфт, «ё Баҳоваддин, ин Меҳрии мо нест, каси дигарест дар лиқоби Меҳрӣ!» Яъне дар ниқоби Меҳрӣ.

– Апаи Гулрӯ бароят мағзу донакшӯрак фиристод, – оҳиста, бечуръатона садо баланд мекунам. Ҳарфҳо монанди донакшӯрак гулӯямро мехарошанд ва ҳангоме ки аз даҳанам берун мешаванд, бо ҳавои фишурда бархӯрда, хурд мегарданд. Садоям ғаши худамро меорад. Мисли ин ки як бемори дами марг аз зери фишори тангнафасӣ гап мезада бошад.

Чашм аз оинаи пасбин намеканам, то шояд дар он чашмам ба чашми Меҳрӣ афтад. Аммо вай бе он ки ба ман ё ба оина нигарад, як калима посух медиҳад:

– Ташаккур.

Аҷаб ташаккуре, ки «а»-и аввал дар он нест. «Ташаккур.» Мисли писханд. На. Заҳрханд. Ва ё сардханд. Зеро аз лаҳни ин вожа шамоли сарде ба рӯям мерасад.

На, агар ин ҳамон Меҳрии мо мебуд, ҳоло бояд «оваҳ!» мегуфт, қаҳқоҳу ҷарангдор механдид, чашмҳояш аз хотираҳои рангин барқ мезад, бо лабони пур аз ханда арғуштравиҳои апаи Гулрӯро ёд мекард. Ҳамон остин алвонҷдоданҳои ӯро. Аз остинҳои паҳну дарози апаи Гулрӯ ёд мекард, ки гаҳ-гоҳ аз дарунашон монанди ҷодуи чашмбандҳо барои ману Меҳрӣ себи сурх ва ё аноре берун меомад.

Ин вай нест. Рост мегӯянд, ки Аврупо одамро хушк ва беҳис мегардонад.

– Беҳис мегӯӣ? – Садои Меҳрӣ ба гӯшам мерасаду мефаҳмам, ки ҷумлаи охирро на худ ба худ, балки шунаво ба

забон овардаам. Ё шояд монанди он рӯзҳои пеш Меҳрӣ бе ягон ҳарф низ андешаи маро фаҳмида бошад. Вай бо як ҳаракати тунд чамбараки фармонро мегардонад ва мошинро дар канори роҳ нигоҳ медорад. Аз шасти рафтораш ман фикр мекунам, ҳоло поин шуда, аз ин тараф меояд ва дари мошинро кушода, маро ба берун меронад. Аммо вай мошинро нигоҳ медорад ва худ низ аз ҳаракат мемонад. Чанд сония ҳамнафасона сукут меварзем. На. Ҳар кас бо савти хоси худ нафас мекашад ва мо ҳарду намехоҳем, андаруни як оҳанг бошем. Пас аз фосилае баргашта ба ман менигарад ва оҳиста, бе ягон сози ғазаб мегӯяд:

– Ҳайрон нашав, ки чаро туро ба хона намебарам. Шавҳарам дар сафар аст ва ту медонӣ, ки ҳеҷ меҳмоне наметавонад, ба хонаи бемард ворид шавад.

Мебинам, ки чашмонаш ғайриоддиянд ва як даста мӯйи хурмоияш рӯйи чашми росташ хамидааст, аммо ин гӯё ба вай халал намерасонад ва вай гӯё инро намебинад. Боз ба ман менигарад ва дар ҳоле ки дили ман ба чашмони ӯ месӯзад, мегӯяд:

– Се рӯз пас, вақте ки ӯ баргашт, марҳамат, ман туро аз меҳмонсаро ба хонаам мекӯчонам. Вале дар бораи «ҳиссиёт» шарқиҳо аввал бояд гиребони худашонро бӯй кунанд ва биандешанд, ки чаро эҳсосоти онҳо ин қадар нопойдор ва вайронгар аст.

Меҳрӣ вақте ин суханонро мегуфт, дигар ба ман наменигарист ва сараш хам буд.

Дили бе ин ҳам тангам то ба ҳадди як дарди сӯзони сари сина фишурда шуд. Мисли ин ки дасти маҳкаме онро ҳамчун як дона лимӯ дар қабза гирифта, зер кард, то об шаваду резад. Туршӣ ба ҳалқам давид.

Меҳрӣ баъди як сукути ин қадар дарозу мағшуш ва қаҳромез суханҳое гуфт, ки дарун андарун буданд. Ва ба лаҳни ороме ки намешуд, касро ба ҷангҷол кашанд. Надонистам, дар посух чӣ бигӯям. Хостам, бипурсам, чаро

чунин сард бо ман вохӯрдӣ кардӣ ва ҳоло ин тавр мегӯӣ, аммо нӯги забонамро газидам ва фурсат талабидам, ки нахуст ба маънии гуфтаҳои Меҳрӣ сарфаҳм равам. Ишора ба «шарқиҳо» унвонии рӯшан дорад. «Ҳиссиёти нопойдору вайронгар» низ. Якеаш манам ва дуюмӣ – он чӣ ки гӯё дар ман аст.

Меҳрибону, ки мо, наздикон, ӯро «Меҳрӣ» ва дӯстони аврупоияш «Мэри» мегӯянд, ҳафт сол пеш бо падару модараш ба мулки бобоӣ, яъне деҳаяки кулбагии мо меҳмон шуда буд. Ин шояд хушбахттарин рӯзҳои умри ман буд, ба истисноӣ ду рӯзи охирини меҳмонии ӯ. Дар ду рӯзи охирин, баракс ман донистам, ки дӯзах бояд чӣ гуна ҷое бошад.

Рӯзҳои биҳиштӣ мо лаби рӯдхона мерафтем, оббозӣ мекардем, дар долону ҳуҷраҳои холии қалъачаи қадимӣ рустшавакон мебозидем, мегуфтему механдидем, механдидему мегуфтем. Бачаҳои хурдсолтар ва ё ба қавли онвақтаи ман, фискашолҳо, корвонвор ба думболи мо медавиданд. Доду фарёди онҳо хоки деворҳои қалъачаро мерезонд, барги дарахтонро ба ларзиш меовард ва ба осмони кабуди тобистон дакка мехӯрд.

Меҳрӣ ба ҳамаи ин бо шодию шигифтӣ ва кунҷковию зиракӣ ворид шуда буд. Вай мегуфт, ҳама чиз барояш нав ва дӯстдоштанист.

Меҳрӣ  рустшавакони оддии моро бо хурсандӣ пазируфт, вале дертар онро тағйир дод. Акнун ҷӯянда ва ё пиллабон на танҳо мебоист пинҳоншудагонро пайдо мекард, балки онҳоро сур карда, ба китф ва ё шонаашон даст мезад. Вақте ки ман ба китфони Меҳрӣ даст мерасондам, дилам ба ларза меомад, гум мезад, сахт метапид. Ҳолатам ончунон дигаргун мешуд, ки замини зери поямро намефаҳмидам. Чашмонам худ ба худ хира ва баста мешуданд, атрофам мисли ҳавр мавҷ мезад ва танҳо суроби сабзи пироҳани нафиси Меҳриро медидам. Мавҷи гарме аз вуҷудам мегузашт ва гӯё мисли паре ба партгоҳи миёни хобу бедорӣ меафтодам.

Ин эҳсос он қадар фораму гуворо буд, ки шаб дар рахти хоб танҳо ба ёд овардани он кофӣ буд, дубора мадҳушам кунад.

Вақте навбати пиллабонии ӯ мерасиду аз пасам медавид ва бо муштчааш ба пушти ман мезад, ин ҳолат боз такрор мешуд. Аз зарбаи мушти ӯ мавҷе ба ҷисми ман мегузашт ва саропоямро гармӣ медод. Гоҳе аз зӯрии ин мавҷ маро ларза мегирифт. Раги пойҳоям сахт, вале худи пойҳоям сусту беҳол мегаштанд. Ҳадс мезадам, ки бо Меҳрӣ низ айни ҳамин ҳолат рӯй медод. Ҳарчанд мо ҳама бозӣ мекардем, ҳисси ман ин буд, ки ману Меҳрӣ бачаҳои хурдсолро фиреб мекардем ва дар асл машғулу саргарми ҳамдигар будем.

Падари Меҳрӣ, устоди донишгоҳ, хеши дури падарам ва модари Меҳрӣ – Маҳинбону хоҳари падарам, аз бозиҳои мо ба шавқ меомаданд. Ман дертар аз модарам шунидам, ки онҳо ба ману Меҳрӣ бо ҳавас менигаристаанд ва ҳар дам ба падарам ишора мекардаанд, ки кош, Меҳрӣ шавҳари бегона накунад. Ин ишораҳо хеле рӯшан будаанд ва шабе модарам бо падарам машварат кардаанд, ки зуду бановақт бошад ҳам, масъаларо ошкоро дар миён бигузоранд ва ба қавле моро «домандаррон»-и ҳамдигар номанд. Он шаб, ба гуфтаи модарам, ду тан то субҳ ояндабинӣ кардаанд, орзуҳо парвардаанд ва фол задаанд, ки оё ман ба Лондон мекӯчам ва ё Меҳрӣ ба ватани аҷдодӣ бармегардад. Онҳо аз ин шодӣ мекардаанд, ки хонаводаи Меҳрибону сарватманд мебошад ва ману Меҳрӣ дар нуқтае ба ҳам пайванд мегирем, ки донишу биниши фарохи Меҳрӣ якҷо бо пешадории ниёии ман оилаи хуберо ба вуҷуд хоҳад овард ва авлодро нирӯмандтар хоҳад сохт. Онҳо ба қароре омадаанд, ки бояд шитоб кунанд, зеро то поёни сафари таътилии Меҳрӣ ҳамагӣ ду рӯзи дигар монда буд.

...Он сапедадам аз ғавғои баланди гунҷишкҳо бедор шудам. Аввал рафта, аз чашма об овардам. Баъд хостам, ба паллаҳо боло равам ва бубинам, ки оё Меҳрӣ бедор шудааст ё не. Ин вақт буд, ки модарам оҳиста маро садо зад ва

ҳамроҳаш ба пушти хона, зери хавозаи ангури ҳусайнӣ бурд.

Мо ҳарду рӯи харак нишастем. Модарам бо лабханд ба ман нигарист ва дасташро ба китфам гузошта гуфт:

– Бачаи ширинам, ману падарат ба як фикр омадем, ки як сол ё ду сол пас туву Меҳриро ҳамхона кунем. Падарат мехоҳад, фикри туро бидонад. Ҳа ё неи туро. Бубин, Меҳрӣ чӣ хубу нозанин ва меҳрубон аст...

Аз ин хабари ногаҳонӣ ман гӯё миёни танӯри пур аз гули оташ афтодам, ки саропоям якбора аланга гирифт. Давоми суханони модарамро нашунидам ва ё фақат порчаҳое аз гуфтори ӯ ба гӯшам расид. Ларзидам, такон хӯрдам, надонистам хурсанд шавам ё ғамгин, шодӣ кунам ё ваҷоҳати ҷиддӣ ба худ гирам.

Модарам ҳолати маро фаҳмид, ки кафи дасташро ба пешонаам гузошт ва пасту оҳиста гуфт:

– Ноҷӯр нашав ва нагӯ, ки зуд аст. Ба дилат гӯш деҳ, ки чӣ мегӯяд.

Ман наметавонистам ҳиссиёти худро дарк кунам. Дар ҳоле ки чашм аз замини пур аз барги ангур ва донаҳои зери по пахшшудаи он намебардоштам, ба хотири риояти одоб ва бо ибрат аз он чӣ ҷавонони аз ман калонтар дар чунин ҳолат ҷавоб додаанд, бо сари хам гуфтам, «худатону падарам медонед, ман чӣ медонам».

Модарам бо лаҳни пур аз навозиш гуфт:

– Як чизро фаҳм, ки фурсати зиёде дар миён нест. Ду рӯзи дигар мондааст. Бояд ризоияти дигарҳоро гирифт, бояд нақшаи ояндаро кашид ва корро сар кард...

Ғайриинтизори худам сар бардоштам ва ба модарам гуфтам: «Мешавад, ки фардо ҷавобашро бигӯям?». Дар сари ман фикре пайдо шуд, ки барои як посухи саҳеҳ аввал бояд бо худи Меҳрӣ гап зад.

Модарам гӯё аз ҳарфи ман ҳамин рамузро гирифт, ки чизе нагуфт ва ин аломати ризоият буд. Вай бо табассум сари жӯлидамӯи маро сила кард, бархост ва рафт. Ҳама хубию

сабзгунию зебоиҳо аз баргу навдаи ангур поин шуданду аз думболи ӯ рафтанд.

Он рӯз гунаҳои Меҳрӣ фавқулодда арғувонӣ буданд.

Он рӯз вай сари бод аз назди ман гузашт ва ба ман нигоҳ накард.

Он рӯз вай на ба қалъачаи кӯҳна рафт ва на ба лаби рӯдхона. Ҳатто дигар дар рӯи ҳавлӣ ҳам намудор нашуд ва садои ҷарангдораш ба гӯш нарасид. Пеши панҷараи болохона нишаста буд ва ҳар бор ки ман бо баҳонае туи боғча мерафтам, то ӯро бубинам, зуд пинҳон мегашт. Гӯё рустшавакони мо дар шакли дигар ва бо қоидаҳои дигар давом мекард. Пушти ман ба ёди зарбаи муштчаи ӯ мехорид.

Он рӯз маро боз ба паси хона, зери хавозаи ангури ҳусайнӣ хонданд. Боз баргҳои пажмурдаи ангур ва донаҳои мисли болинаки ангушти занон дар зери по буданд. Онҳо пахш шуда буданд ва хуни сиёҳашон дар фарши санги ҳавлӣ нақш баста буд. Боз он хараке он ҷо буд, ки рӯи чӯби қадимияш доғи донаҳои фишурдаи ангур сиёҳӣ мекард.

Ин бор холаам маро он ҷо бурд. Ҳарду рӯйи харак нишастем ва ӯ дафъатан ба танқиди духтарони шаҳрию шаҳргашта пардохт ва хоса устухони онҳоеро хойид, ки ба Аврупо ҳиҷрат кардаанд. Вай гап мезаду ман ба чашмонаш нигоҳ намекардам, зеро аз онҳо мерамидам ва нигоҳи маро дандонҳои зардаш пур мекарданд. Ман намехостам ба суханони ӯ гӯш диҳам, вале мехостам, мақсадашро дарёбам. Вай бо шитоб мегуфт:

– Уно ахлоқ надоранд. Дур аз дину диёнату масҷид калон шудаанд. Дар мобайни фаҳшу фасод. Фарзанди мӯъмину мусулмон набояд бо чунинҳо издивоҷ кунад. Имонаш месӯзад...

Холаам зоҳиран қазияро медонист. Вақте дид, ки ман ба чашмонаш наменигарам, лаҳзае хомӯш монд. Ман ба чашмони хокистаррангаш нигаристам. Вай як оҳи сард кашид ва ошкоро гуфт:

– Меҳриро нагир. Ту аз дунёи дигар ҳастӣ, вай аз дунёи дигар. Ин аммаат аз худо шарм намекунад, ки духтарашро дар шаҳрҳо гардонда, расво карда, баъд мебиёраду ба як тифли бегуноҳ якҷоя кардан мехоҳад. Магар кинои онҳоро намебинӣ, китобҳояшонро нахондаӣ? Ҳамаашон аз хурдӣ олудаи бадиҳоянд. Духтарашон ҳама «бойифаренд» ва писаронаш «гӯлфаренд» доранд. Валлоҳ, агар ягонтояш бокира бошад. Хуб давр меронанду баъд ягон лаппаргӯшро таҳи каш мекунанд. Духтари аммаат ҳам аз ҳамунҳо...

Хостам, ба холаам бигӯям, ки...аммо чизе дар гулӯям дармонда буд ва овозам намебаромад. Ягона коре ки метавонистам дар он лаҳза бикунам ва ҳам кардам, ин буд ки башиддат бархостаму рафтам. Холаам боз чизе мегуфт, аммо гӯшҳои ман баста буданд. Лабони ҷунбанда, дандонҳои зард ва чашмони бемору дамидаашро медидам, лекин чизе намешунидам.

Мухолифати холаам на ки маро аз Меҳрӣ дилсард накард, балки ангезишам дод, ки ҳамон лаҳза модарамро ёбам ва ӯро танҳо карда, бигӯям, ки розиям, то Меҳрӣ зани ман шавад. Бале, «издивоҷ кунад, ҳамсар шавад» не, балки «зани ман шавад, зан».

Аз миёни боғча мегузаштам, ки пироҳани сабзи Меҳрии азизро дар байни гулҳои садбарг дидам. Наздаш рафтам. Ва мо на аз дарвоза, балки аз поёни боғча фирор кардаву то сари қалъача давидем.

Охирин рустшавакони мо саросар рамз буд. Ин на бозӣ, балки як рақси бесадо буд, ки маросими хурофотии мазҳабиёни хосро мемонд.  Вай ба ман фурсат медод, руст шавам, аммо ман намехостам онгуна пинҳон гардам, ки вай маро зуд ёфта натавонад. Мо аз ҳам намегурехтем, балки ба сӯйи ҳамдигар майл мекардем, дар мадори ҳамдигар мечархидем ва наметавонистем аз ҷозибаи якдигар раҳо гардем. Дертар, ман ин ҳолатро замоне ба ёд овардам, ки дар телевизион рақси ишқии турнаҳоро дидам. Гоҳе ин қадар ба

ҳам наздик меомадем, ки фақат чашмони ҳамдигарро медидем. Ва якдигарро дар чашмони ҳамдигар. Мижгонҳои махмалии ӯ ба ноз баста мешуданд. Чашмони маро пардае мепӯшонд. Мерамидем ва аз ҳам дур мешудем. Аз миёни буттаҳои ангат ба ӯ менигаристам ва медидам, ки пироҳани сабз ӯро дар марғзори саҳни қалъачаи фурӯрафта нопадид месозад. Тарс маро фаро мегирифт, ки дигар аз миёни ин сабзгунӣ чашмонаш ба сӯям наоянд. Наздик мерафтам ва дастонашро мегирифтам. Дастонаш тасфон буданду дастони маро месӯзонданд. Аммо ин сӯзиш ин қадар роҳатафзо ва оромкунанда буд.

Гӯё ҳамин ҳоло мебинам, ки вай кафи дастонашро аз оби чашма пур мекунад ва оби сардро ба рӯяш мепошад. Об аз рӯйи пӯсти нафису барфгуни ӯ мешорад ва аз гиребонаш поин меравад. Вай бо дастони тар сари дилашро нам мекунад. Ман фикр мекунам, вай месӯзад.

...Суръати мошин якбора паст мешавад ва ман аз таконе ба худ меоям. Мо ҳанӯз ба самти шаҳр дар ҳаракатем ва мошине бо суръати баланд роҳи Меҳриро бурида, пеш рафтаасту сабаби ба фишанги ист пахш кардани Меҳрӣ шудааст. Акнун мошин оҳистатар меравад, аммо вай боз ҳам ба ман наменигарад.

...Дурудароз ба ман менигарист ва чизе намегуфт. Ман ҳам наметавонистам, чизе бигӯям. Аммо ҳеҷ ҳарфе ба мо даркор набуд. Мо бесадо бо ҳам сухан мегуфтем.

Аз чашмаи ҳавлии қалъа об менӯшем. Боз ба ҳам менигарем. Садои Меҳрӣ мисли тарона ба гӯшам мерасад:

– Чӣ оби ширин аст, оби ин ҷо. Агар одамон ин хел обро дар Лондон пайдо кунанд, шояд онро бо чашмонашон бинӯшанд. Шояд он гоҳ ғизояшон болаззаттар ва чояшон камширтар шавад.

Ман мегӯям:

– Ин ҳоло чизе нест. Ба дараи Шигарф равем, оби чашмаҳои он ҷоро бичаш. Якеяшро Чашмаи Амирӣ мегӯянд.

Гӯё оби онро дар кӯзаҳои бузурги сафолӣ гирифта, ба шутурҳо бор карда, барои амири Бухоро мебурданд. Ҳеҷ каси дигар ҳақ надоштааст, аз он чашма бинӯшад.

Меҳрӣ бо ин ки кафҳои худро ба ҳам оварда, аз оби зулолу дурахшон онҳоро пур мекунад, мегӯяд:

– Барои инглисҳо ҳаминаш ҳам оби ҳаёт аст.

Ман мегӯям, ки ӯ ба бонувони тоблуҳои Рерих монанд аст, ҳарчанд гандумгун нест. Баъд аз он баҳс мекунем, ки ҳиндуҳо аз таъсири инглисҳо чӣ қадар тағйир карданд, аммо чаро инглисҳо аз ин ҳамзистӣ дигар нашуданд.

Чанд лаҳза дастонамонро андаруни оби сарду поки чашма ба рӯи сангчаҳои рангоранги бистари он мегузорему ба сукути обии сеҳрангез ғарқ мешавем. Торҳои мӯйи ӯ ба ҷабини ман мерасанд ва ҷисмам аз ин расиш метасфад. Баъд чашмони ӯ хаёлӣ мешаванд. Оҳ мекашад ва мегӯяд:

– Сегафредоро ёд кардам дар ҳамин вақт. Бо вуҷуди ҳамаи хушиҳои ин ҷо, варо мурданивор ёд кардам. Охир чӣ қадар вақт шуд. Кай бозмегашта бошам...

Ин тири заҳрогине буд ба ҷигари ман.

Пас холаам рост мегуфтааст. Вай дар он ҷо, дар он кишвари бегона ёре дорад, беҳтар аз ман. Вагарна ҳар дафъа кӯшиш намекард, камдонишии маро таъкид кунад. Ва ё дар шигифт намеомад, ки ман Рериху Модиляниро аз куҷо медонам. Пас вай номзади худро кайҳо ёфтааст. Чӣ гуфт холаам? Ҳо «бойфирендо» дорад, ки ҳамин ҳоло бо ин қадар сӯзу гудоз аз ӯ ном гирифт.

Дар пиндори ман дафъатан инглиси баландболои зарди чашмонаш кабуд, пӯсташ сафеду нозук мисли пӯсти занони танноз, шиму пиҷаки оростаи гаронбаҳо ва шоҳпараке сари гулӯяш пайдо шуд. Рӯям оташ гирифт, як сӯзиши тунде аз ҳалқам поён рафт.

Меҳриро онгуна ки об ба рухсораҳояш мезаду донаҳои гӯё шишагини об ба лабони гулобию занахаш мешорид ва ӯ рӯ ба офтоб нигаҳ медошт, дар ҳамон сари чашма гузоштам

ва то ҷон дар рамақ доштам, ба сӯи хонаамон давидам. Бод дар гӯшҳоям ҳуштаки ҷигарсӯз мекашид, ашк чашмонамро монанди тезоб месӯзонд, дилам қанотак мезад ва аз қафаси сина берун медамид, пойҳоям ба сангу хор мехӯрду дард намекард. Фақат насиме ки ба рӯям мезад, мехост оромам кунад.

Модарамро дар таомхона ёфтам. Ҳарчанд хоҳаронам ва занони ҳамсоя он ҷо буданду ҳама ба пухтупаз машғул, бо овози баланд ба модарам гуфтам:

– Нест шавад, нест шавад! Намехоҳам! Ман ин духтарро намехоҳам. Ин як кори ношуданист! Вай одам дорад. Вай намехоҳад. Барад духтарашро!..

Модарам, ки дар сари суфра нишаста буд ва завола мегирифт, даст аз рӯи корсони хамир набардошта, ба ман нигарист ва нигоҳаш пур аз ҳайрату даступохӯрдагӣ буд. Хоҳари калониям дар наздики танӯр, рафида дар даст шах шуд, дар ҳоле ки аз рӯи рафидаи каҷрафта заволаи нонаш поён механмид. Холаам дар сари оташдон буд ва гоҳ ба ману гоҳ ба модарам нигаҳҳои тез мепартофт.

Берун давидам ва ҳарчанд, хаёлам, модарам аз думболам баромаду маро фарёд зад, наистода, ба пас нанигариста, ҷониби Ғори Морон давидам. Бигзор имшаб тӯъмаи морон шавам...

Он гуфтугӯи сари чашма охирин дидори ман бо Меҳрӣ буд. Ман ду шаби охирро дар ғор рӯз кардам ва замоне ба хона баргаштам, ки Меҳрӣ ва падару модараш рафта буданд. Маро хуб кофтаанд, вале касе фикр накардааст, ки ман ба Ғори Морон меравам.

Хонаи мо мотамсаро буд. Ман ин шикасти покию озодагиро дигар ҳаргиз фаромӯш карда натавонистам. Чанд моҳи аввал ҳар шаб Меҳриро дар хоб медидам ва ин дидор ҳам алами маро дучанд мекарду ҳам дардамро сабук. Вале алам бештар буд ва фиғон мекашидам, ки ҳатто шабҳо аз дасти ӯ оромӣ надорам. Рӯзона ҳама чизи атрофам ӯро ба ёди ман

меовард. Ҳама чиз. Ман дигар сари қалъачаи кӯҳна ва чашма намерафтам ва дигар наметавонистам ба панҷараи болохона нигоҳ кунам ва ҳатто ба болохона бароям. Баъдҳо андак-андак дилам аз ёдҳо тоза шуд. Мисли ин буд, ки симои ӯро аз дилам кандаву ба дур афканда будам. Аниқтараш диламро аз қафаси сина канда будам ва дигар ба ҳеҷ чиз эътибор намедодам. Дил нест, эҳсосот ҳам нест...

– Расидем. Ин меҳмонхонаи туст.– Садои Меҳрӣ аз дури дуриҳо ба гӯшам омад. Аниқтараш мисли раъде буд, ки аз кадом гӯшаи дури осмон мунфаҷир шуда, бо зерубамҳо ба самти кас меояд ва бо худ ваҳму ҳаросу ваҳшат меорад.

Вай мошинро нигоҳ дошта буд ва ба ман нигоҳ намекард. Ногаҳон ба ёдам расид, ки вай барои ман дар меҳмонхона ҷой гирифтааст. Вожаҳое аз ҳиссиёти пойдору нопойдор, бешазори сиёҳи беохир ва монанди инҳо дар зеҳнам гирд гаштанд.

Ман дарро боз кардам. Сукути сангину дилтангкунанда мисли лойқаи ғализи ботлоқ аз дари бози мошин ба берун рехт.

Ҷомадони хурдакаки худро, ки бо мағзу донакшӯрак ва китобҳои фарсудаи дарунаш ба чашмам бисёр ғарибона намудор шуд, аз бордони мошин гирифтам.

Меҳрӣ ба наздам омад ва дар дурахши чароғҳои рангоранги хиёбони Лондон дидам, ки чашмонаш пуробанд. Ё шояд ба назари ман ҳамин гуна пайдо шуд.

Мо вориди долони рӯшану гарми меҳмонсаро шудем. Нав аз дари чархгардони шишагӣ даромада будем, ки ман беихтиёр ҷомадончаамро рӯи фарш ҳаво додам. Қулфаки зангзадааш шикаст ва ё боз шуд, ки либосу коғаз, китобҳову пиставу мағзу донакшӯрак дар рӯи қолини алвон ва фарши мармарӣ ба ҳар сӯ пош хӯрданд.

Меҳрӣ ҳайратзада ба ман нигарист. Аз китфонаш гирифтам ва бо фиғону алам пурсидам:

– Пас ту хушбахт шудӣ?! Ба муродат расидӣ?!

Сегафредои зард чӣ тур аст? Ба сафар рафта?! Ёдаш намекунӣ акнун? Натавонистӣ миёни ману вай интихоб кунӣ? Албатта, ман кӣ будам ва ё чӣ будам дар баробари вай. Ту фақат шикастани дилро медонӣ. Ман интизори паёмат будам, ки агар паёме ҳаст, умеде ҳаст. Аммо туро дилат ба Сегафредо об шуда буд...

Лаҳзае чашмони нозанини вай пур аз шигифтии кӯдакона шуданд. Дар ҳоле ки паёпай мижгон ба ҳам мезад, гуфт:

– К...к...кадом Сегафредо? Ту чиҳо мегӯӣ?

– Оне ки гуфтӣ мурданивор дӯсташ медорӣ. Гуфтӣ, кай бошад, ба наздаш баргардӣ.

Чашмҳои олуӣ ва дурахшдори ӯ саршор аз тааҷҷуб ва тарс буданд. Ман дар онҳо маҷрои фикри ӯро медидам. Ногаҳон ин ифода нопадид гашт. Меҳрӣ дастҳои маро аз китфҳояш дур кард ва қаҳ-қоҳ хандид. Айнан мисли ҳафт сол пеш дар ҳавлии қалъачаи кӯҳна. Бо овози баланд хандид. Аҷаб хандае. Ҳайрат, тарс, дард, ашк ва ҳамзамон – ханда.

Дар ҳоле ки пешхидматҳои меҳмонсаро омада буданду бору колои парешони маро аз рӯйи фарши мармарии меҳмонхона меғундоштанд, Меҳрӣ аз миёни хандаи гиряолуд гуфт:

– Гӯл, Сегафредое, ки мегӯӣ, номи қаҳва аст. Номи шавҳари ман – Камол... Камолиддин.

Чашмам ба лавҳае афтод, ки дар пушти сари аз ханда таконхӯрандаи Меҳрӣ рӯшанӣ мекард: Segafredo!..

*Бристол, ИМА,*
*сентябри 2000*

# ФАРИШТАИ БАРФӢ

Войи ман, ай войи ман, ай войи ман,
Войи умри талху пурсавдойи ман.

Фарҳоди Мастон

Дишаб барф борида буд.

Аз сари шом то дами субҳ.

Аз сари шоме, ки бо ҳамаи талошҳои ҳамлаваронааш натавонист асои худро ба марзи миёни рӯзу шаб бизанад, то дами субҳе, ки орому беғавғо чаҳор атрофро ишғол карду кай дамидани он номаълум монд. Барф миёнарави сулҳ дар байни шаб ва рӯз буд. Барфе буд, ки пардаи шабро мисли ҳарири бомдод сафед мекард ва ба нимрангиҳои субҳ сояҳои тирае монанди ёдбудҳои шаб меандохт. Барфе ки монанди селаи кабӯтарон аз осмон фуруд меомад, дар шоху навдаҳои урён ба гули шафтолу табдил меёфту ба рӯйи замин мерехт ва сояи дарахтонро аз зери онҳо мерабуд.

Тамоми шаб ҳарири панҷараҳо во буд ва ӯ ёзида рӯи рахтихоб медид, ки фариштагони бешумор дар осмони наздику дастрас парвоз мекарданд ва ба оҳанги як мусиқии самовотӣ даври ҳам мерақсиданд. Аз паруболи онҳо пати махмалгун мерехту бо сиёҳии шаб меомехт ва сафедии нарму ширгун зулмотро мепӯшонду атрофро рӯшантар мекард.

Ва басукутрафта хонаҳои таҳамтан дар паси тӯри нафиси сафед тадриҷан, онгуна ки зеҳн мехоҳад, хотираҳои ногувору дилнохоҳро зудуда созад, нопадид мешуданд. Ва дарахтон, ки то миён дар барф ғӯтида буданд, дастҳо сӯи само доштанду маълум набуд, адлу дод мехостанд ва ё аз барф истиқбол мекарданд.

Ин шояд нахустин шабе буд дар ин ҳама моҳҳои ахир, ки ӯ мисли як тифли нозпарвард орому беғаш бихобид,

баросуд ва ҳама шаб дар фурӯғи нурҳои гулобӣ чеҳраи модарашро дид. Занеро дид, пир, бо рӯйи пурожангу мӯйи нуқрагун, аммо сурати рӯшани авлиёӣ ва нуронӣ.

Модар сару рӯи ӯро сила мекард, мебӯсид ва мешамид.

Дастони обиладору шахшӯлаш бӯй ва ҷозибаи ошно доштанд. Аз расиши онҳо гармие ба ҷисми ӯ мегузашт ва ин гармии меҳрубон мавҷвор ба саропояш мерехт, ӯро дар пардаи нарм мепечиду дар оғӯши худ мегирифт. Ҳолати осоиши дерҳангоми баъд аз тӯфони вайронгар дили Фарҳоди нимхобу нимбедорро аз фараҳ пур мекард.

Дар миёни хобу бедорӣ ва дар хилоли парвози фариштагони барфӣ вай тааҷҷуб мекард, ки вақте чеҳраи модарашро дар ёд надорад, чӣ тавр донистааст, ки ин зани пир модари ӯст. Ҳанӯз тани ӯ андаруни парпечҳои сафед буд, ки модарашро ба кафани сафед печонданд ва ба хоки сарди зери барф гузоштанд. Аксе аз он боқӣ намонда буд ва танҳо қиссаҳои модаркалонаш дар зеҳни ӯ чеҳраи меҳолудеро сохта буданд. Пур аз меҳрубонӣ ва зебоӣ. Аммо номуайян ва тахминӣ. Ё магар ин модаркалонаш буд, ки дар хоби ӯ даромад то навозишаш кунад? Аммо он чӣ аз ин хоби роҳатбахш бардошт, кашфиёти ногаҳонии ин натиҷае буд, ки фарзанди инсон ҳамеша мӯҳтоҷ ба навозиш аст. Меҳрубонии ҳамзот бузургтарин ниёзи инсон аст. Ё шояд бузургтарин заъфи ӯ, ки аз пайроҳаҳои қаҳрамонӣ барканораш мекунад.

Пас ин кӣ буд, ки дишаб дар фурӯғи нурҳои пурдурахши гулобӣ дили ӯро сила кард ва ӯро ба зиндагӣ бозгардонд? Шояд на зан, на модар, балки худи меҳрубонӣ ва навозишро дар хоб дида буд? Ва модар ҳамчун рамзи меҳрубонии нодида замоне ба ёдаш омад, ки аз хоб бедор шуд? Шояд.

Аммо ин нахустин шабе буд, ки тавонист, бихобад ва ба ҳеҷ чиз наандешад. Чунин осоиш ҳатто дар бистари гарму нарму паҳну нафиси Раъно ба ӯ даст надода буд. Вақте дар канори Раъно мехобид ва нафаси гоҳе орому гоҳе ғалаёнии

вайро дар пӯсти худ ҳис мекард, баракс, тадриҷан нороҳатӣ фарояш мегирифт. Аз худ бадаш меомад ва розӣ мешуд, ки сазовори сахттарин ҷазост дар баробари чунин хиёнат. Дар ин лаҳзаҳо андӯҳи сангин рӯи дилаш менишаст. Хаёлан ба беҳудатарин мардум ҳасад мебурд. Худашро нафрин мекард, ки чаро наметавонад мисли ҳама, бе ҳеҷ мушкиле, ки худ барои хештан меофарад, зиндагӣ кунад. Чаро наметавонад озод бошад? Чаро аз озодӣ меҳаросад? Чаро хуш буданро мехоҳад, аммо машаққати ин дархости худро қабул надорад?

Аз рахтихоби нафису атрогину гарму шоҳонаи Раъно, ки ҳар лаҳза ӯро ба коми амиқи худ фурӯ мекашад ва фақат дидани он чашмонашро наму шаҳвонӣ мекунад, мехесту коҳилона колбади худро ба таомхона мекашид. Соатҳо он ҷо менишасту фикр мекард, ки ҳамсари қонуниаш ҳоло дар куҷост ва банди чӣ корест. Паёпай сигор дуд медод, қаҳва менӯшид, қадам мезад ва беҷуръатии худро лаънат мехонд.

Раъно ҳам бедор мешуд. Лекин наметавонист назди ӯ биёяд. Медонист, ки Фарҳод дар ин лаҳзаҳо ҳеҷ касро дидан намехоҳад. Ва ҳатто медонист, ки Фарҳод ҳоло ба чӣ меандешад. Вақте бори аввал ҳамин хел шуд, Раъно донист, ки меҳрубониҳояш дар ин маврид  бемавқеъ ва беқадранд. Мисли вазни иловагие ҳастанд, ки рӯи Фарҳод бор мешаванд. Ва ӯ дигар ба таомхона намеомад. Бедор мешуд, мехест, дар рахтихоб менишаст ва шояд мегирист. Вале намеомад.

Ин нахустин шаб буд, ки Фарҳод осудаву беғубор, мисли як тифли бегуноҳ дар оғӯши фариштаҳои барфии шаби ялдо чашмҳои худро баст ва аз лаззати тасвирнопазири покию озодагӣ роҳат бурд.

Ва ин қадар зуд бедор шуд.

Гӯё чашмашро пӯшиду кушод.

Гӯё ялдо кӯтоҳтарин шаби сол буд.

Субҳ ба дамидан осемасар омад. Ва дар осмони наздику дастрас, дар он ҷое ки фариштагони пок малеҳу ҳамнаво арғушт мерафтанд, дар он ҷое ки махмали боли онҳо

рақсону беовоз фуруд меомад, садбарги азими офтоб шукуфту оламро рӯшан кард. Рӯшан, аммо на гарм.

Ва фурӯ рафт ин шаби осоишу роҳат бебозгашт ба жарфнои хотираҳо.

Вақте ки хуршеди тирамоҳ ба олам чашм кушод, ӯ аз тиреза ба берун нигарист. Ҳама зебоӣ ва сеҳрангезии манзараи шаби сафед дар як он барбод рафт. Дунё аз меғи рӯъёҳои дилнишин раҳо ёфта, воқеъияти сангин ба ҷои худ бозгашт. Дарахтҳо маъюсу сархам буданд ва пой дар гил доштанд.

Ин манзара осоишу қарори ӯро аз ӯ рабуд. Гӯё дар осмони танги хонаҳои сангин парандаи азиму сиёҳе муаллақ монда, сояи болҳои бимнокаш дунёро тира мекард ва чанголҳои хунинаш дили Фарҳодро мехарошид. Ва рӯи барф хаёле тани беҷону хуншори фариштаҳои барфӣ афтода буд.

Шабе ки барояш ин қадар рӯшану қудсӣ буд, акнун ба як рӯзи сиёҳу гарон табдил ёфт. Ҳақиқате ки дишаб онро батамом фаромӯш карда буд, ҳоло баробар бо ин хонаҳои хокирангу девпайкар пеши нигоҳаш таҳдидомез қад кашид.

Вай ҳарири тирезаҳоро баст, ҷомаи худро ба китф андохт ва дарро во карда,ба ҳуҷраи шафат даромад. Рахтихоб холӣ буд. Ба долон баромад ва рӯи мизи пастаки пеши оина хатчаеро дид. «Нӯшинро духтур бурдам. Ношто дар яхдон. Зуд меоям.»

«Ин қадар лаҳни осуда, – андешид Фарҳод,– гӯё чизе рӯй надода. Гӯё чизеро намедонад...»

Бо вуҷуди табдили шаби сафед ба рӯзи тира, Фарҳод ҳис кард, ки ба дилаш як оромӣ ва ҳатто хушнудие ворид гаштааст. Аз нури фариштагони сафед ва ё барфи махмалӣ? Шояд аз он ки таҳи чанд моҳи охир нахустин бор осуда бихобид ва баросуд? На, барои он ки бори аввал ва барои охирин бор тасмим гирифт. Бебозгашт. Аниқ. Дақиқ. Охирин бор.

Дудилагӣ азоби сахт аст. Гоҳе ки билоохира ба қарори

қатъӣ меой, гӯё бори сангинеро аз дӯши худ меафканӣ.

Худоё, чаро то ин шаб ӯ чунин беҷуръат ва беирода буд! Ва бо ин ҳол саодат меҷуст...

Вай ҷомадонро рӯи рахтихоб гузошт ва чизҳои худро ҷамъ кард.

Тасмимаш бебозгашт аст. Ва Раъно ин қадар шоду хушбахт хоҳад буд. Билоохира.

Дишаб барф борида буду вай тасмим гирифта буд. Барф гӯё сафедии нияти ӯ буд ва барояш аз роҳи сафед нишона медод. Ниҳоят шиканҷаҳои равонӣ ба поён расид.

Фарҳоди Мастон бо тамоми тамкини як фиръавн рӯи курсие нишаст, ки шаб онро ба наздики тиреза кашонда буд. Даст бурд ва ҳарири панҷараҳоро дубора боз кард. Абрҳои сиёҳ офтобу осмонро пӯшондаанд.

Надонист, чи гуна аз нав сар ба андешаҳое зад, ки дишаб ба худ қавл дода буд, дигар аз онҳо ёд нахоҳад кард. Гумон душмани тасмим аст.

Ханҷоли парандаи азиму сиёҳи осмони шаҳр, ки чашмони хашмгин дошт, пардаи дили Фарҳодро дарид.

Раъноро дӯст медорад. Ишқи асил. Ишқи поку самимӣ. Вале гоҳе ки мехоҳад, ин ҳақиқатро арзандаи ҳама гуна қурбонӣ гуморад, андешааш ба кӯчаи сарбаста ворид мегардад ва ҳайрон мемонад, ки оё ҳақиқати ишқро бо чӣ бояд санҷид. Оё замоне Моҳрӯро низ ҳамин гуна сахту бебозгашт дӯст намедошт?

Ҳарири тиреза меларзад.

Фарҳод худро дар шаҳре мебинад, ки дар кӯчаҳояш ин қадар танҳо, ин қадар ошуфта ва бекас аст. Ва духтаре низ мисли ӯ навозиш надидаву танҳову парешон дар ҳисори хонаҳои баланди сангин гом бармедорад.

Чӣ қадар дӯст медошт ӯро!

Худоё, чист бахт?

Хушбахтӣ магар он лаҳзае нест, ки дилат барои касе гум мезанад? Магар он айёме нест, ки бо рӯҳи пора-пора ва

абгор ба сӯяш медавӣ ва ӯро дар оғӯш мегирӣ? Ва оғӯше ин қадар сахту фишорандаву ширин, ки гӯё бо ӯ мепайвандӣ, яктан мешавӣ, нобуд мегардӣ!

Чӣ қадар дӯст медошт ӯро!

Вақте аз бешазори тираву ваҳшатзо берун меомад ва ногаҳон, батамом ногаҳонӣ, варо медид, дунё дар як он дигар мешуд. Як даште пур аз баҳор, паҳное пур аз лола онҳоро ба оғӯши меҳрубони худ мегирифт. Ва ин дашту ин манзара дар онҳо хоҳиши пурдарди давиданро меангехт. Ончунон меангехт, ки тобу тоқат намемонд. Чашмҳо масту махмур мегашт, дилҳо бехуд ва ақлҳо мадҳуш. Ва онҳо медавиданд сармаст аз накҳати ҳулбӯву ёсамин. Парвоз мекарданд бевазну бесадо рӯ-рӯи махмали сабзаҳо. Ва осмон ин қадар нилӣ буд.

Он рӯзгорон дунё моли дили онҳо буд. Ва бениёз буданду хушбахт он лаҳза, ки баъди шаби ялдои ҳиҷрон ҳамдигарро медиданду чашмонашон пуроб мешуд. Аз паси пардаи ашк табассуми ҳамдигарро ба ҷон мепазируфтанд, дер гоҳ чашм аз ҳамдигар намебардоштанд ва чизе ба ҳам намегуфтанд. Ба сухан ниёзе набуд.

Худоё, куҷо шуд он ҳама шӯр!

Бӯсаҳо...

Онҳо бим доштанд, ки рӯзе ҳини лаб ба лаб доштан дилҳошон аз тапиш мемонанд. Ба ҳар бӯса мемурданду зинда мешуданд. Худоё чӣ қадар дӯст медошт ӯро!

Пушти тиреза абрҳои нуқрагину пурвазн коҳилона аз осмони садпора ва синачок поён меомаданд ва шиками худро ба боми хонаҳои баланд месуфтанд.

Рӯзгоре на абр буд, на борон, на сармо, на гармо. Ҳар рӯзи дидор хуштарин рӯзи онҳо буд. Ҳатто тиратарин рӯзи боронӣ. Ва онҳоро хуш меомад зери борон даст ба дасти ҳамдигар ниҳанд, ба чашмони якдигар нигаранд ва беҳарфу хомӯш соатҳо чакомаи боронро бишнаванд, ки гӯё ҳамсадои

дили онҳо буд. Дар ин лаҳзаҳо онҳо бим доштанд, чизе бигӯянд. Суханҳо ин қадар ночизу беҳуда буданд, ки наметавонистанд, дарди онҳоро дар худ гунҷонанд. Суханҳо бо пучии худ ормони онҳоро ночизу хурд мекарданд.

...Паси шиша дарахтони афсурда чапу рост алвонҷ мехӯранд. Тикаҳои барфи тар аз шохсорон ба кӯлмакҳо меафтанд. Борон сар мешавад. Фарҳод мебинад, ки қатраҳои борон сиёҳу нафратангез ва сангвор вазнинанд. Санг меборад.

Бадбахтист, вақте дарк мекунӣ, ки дигар ошиқ нестӣ. Гоҳе ишқ поён меёбад, зиндагӣ низ бояд ба охир расад.

Аз осмон оби гандида мерезад. Замин лой мешавад. Барфу гил, сафеду сиёҳ заминро аблақгун месозад. Ғашаш меояд ва ҳарири панҷараҳоро мебандад. Ҳуҷра нимторик мешавад. Вале ӯ чароғ намегиронад. Рӯи рахтихоб дароз мекашад.

Оё оқибати ҳамаи дилдодагон ин аст? Ва ногузир аст оё ин фарҷом? Оё ишқ чист? Оё ишқ бим нест? Бими нотавонӣ. Бими танҳоӣ. Бояд касе дар паҳлуят бошад дар ин дунёи бераҳм. Касе бозуят бигирад.

Оё ишқ як бофтаи инсонҳо нест? Як рӯъёи фиребо, саробе ки бояд туро дар дижи танги худ маҳбус созад. Он туро аз шоҳроҳи бузурге меёбад, аз дасту поят мегирад ва ба як ҳуҷраи танг меорад.

Оё ишқ як шуғли талху ширин, як дурӯғи табиат нест, ки ту худ зотан онро металабӣ, то вуҷуди худро идома диҳӣ? То зиндагии бемаънӣ ва пучро бо чизе пур кунӣ. То бошад ёдбудҳое бардорӣ.

Ё шояд ишқ василаи шинохти худ аст?

О, бандаи гумроҳ! Ишқ ниёзи инсони заифест. Ишқ ҷустуҷӯи он лутфу хушомадест, ки бояд туро дар ту мӯътақид созад, туро дар чашми ту боарзиш вонамояд, хостаҳои худпарастонаи туро қонеъ гардонад. Гӯё ту ҳамон як беҳудае нестӣ, ки ҳастӣ. Вале аз чӣ ишқ кӯтоҳ аст ва хотима

меёбад? Агар он ниёзи инсони заъиф бошаду саранҷом хатм шавад, пас оё фарҷоми он зуҳури инсони қавист?..

Замоне саргардону дарбадар буданд. Аз бисоти дунё чизе бо худ надоштанд. Ба ҷуз як дег, як пиёла, як коса... ва ду чумчаи чӯбӣ...

Ин шаҳри азимро, ҳарчанд душмани бераҳми онҳо буд, дӯст медоштанд, зеро бо ҳама бегонагию бераҳмӣ шаҳри ишқи онҳо, шаҳри нахустин нигоҳ ва нахустин бӯсаашон буд.

Чумчаҳои чӯбӣ. Кучоянд чумчаҳои чӯбие, ки Фарҳоди Мастон худ тарошида буд. Моҳрӯ ин чумчаҳоро дар рӯмолаке печонида, дар гӯшае пинҳон карда буд. Лабханд мезад ва мегуфт: «Ба набераҳоямон нишон медиҳем». Он рӯз дигар кай ояд ва ин ҳам магар сармоя аст?

Сармояву сарваташон ишқ буд. Ва дар ташвишҳои ночизи рӯзгор надонистанд, ки мӯъҷизаи дили худро кай, дар кадомин лаҳза ва дар кадомин гардиши рӯзгор аз даст додаанд. Гавҳари асил ба қаъри амвоҷи ноороми давандагиҳо фурӯ рафта буд.

Оё ишқи асил дар вуҷуди  кас эҳсосеро ки шабеҳи хотимаи хотимаҳост, бедор намекунад? Оё ошиқ рӯзе ҳис намекунад, ки пас аз харҷи ҳама шириниҳои ошиқона ба деворе расидааст, ба бунбасте? Вале дар ин ҳама кӣ гунаҳкор аст? Оё инсон? Оё табиат? Оё зиндагӣ?

Ба поёни фасли ишқ расид. Ин чӣ ишқи зудгузаре буд?

Фарҳод аз роғи пардаҳои тиреза дарахтони бешоху баргро дид ва ба ин андешид, ки умри инсон низ фаслҳо дорад. Давраи оғози пуршӯру шукуфои муносибатҳои ӯ ва Моҳрӯ гӯё баҳорон буд. Бартарӣ ёфтани ҷисм дар ин робитаҳо тобистони ишқ ва сардию афсурдагӣ тирамоҳи он буданду акнун Фарҳод дар остонаи зимистони ишқ боз ҷӯёи навбаҳор гаштааст.

Дигар меравад думболи Раъно, ки баҳори нави ӯст. Ва

акнун ҳар гоҳ ки ғамгину андӯҳбор ҷониби таомхона равад, Раъно аз паяш хоҳад омад ва кӯшиш хоҳад кард, ки ӯро дар канор бигирад ва бибӯсад ва навозиш кунад. Пас Фарҳод як гадои ишқ аст. Як шахси ночизу беҳуда, ки бояд аз ҳамин роҳ ба худ арзиш пайдо намояд. Аммо агар инсон битавонад, худ ҳиссиёти худро, ишқи худро муайян ва идора кунад, пас оё он ишқ аст? Оё кас дар зиндагии хеш як нақши кӯчакро бозӣ мекунад ва ё тарроҳу офаридгори сарнавишти худ аст? Оё «одам хеле ҳақир аст, бозичаи тақдир аст»?

Вақте дар роҳи ишқ ҳама чиро ба боди ҳаво медиҳӣ ва худро қурбон мекунӣ ва ё вақте чун марди ҳисобӣ роҳи бароят хушояндро бармегузинӣ, кадоми инҳо ишқи асил аст? Дар кадоми инҳо ту инсони боирода ҳастӣ?

Фарҳод аз он асабонӣ ва хашмгин шуд, ки баъди тасмими қатъии шаби гузашта, аз нав ба кӯчаи гумон афтода ва дар доми шубҳа дармондааст. Ҳар лаҳза симои ҳамсараш Моҳрӯ ва духтарчаи хурдсолаш Нӯшин пеши назараш меомад ва ин ду чеҳра гӯё ӯро фаро мехонданд. Нӯшин дастчаи хурдакаки худро ба сӯи ӯ меафшонд ва механдид ва аз ин ханда дили Фарҳод фишурда мешуд.

Пас тасмими гирифтаи ӯ сабук ва аблаҳона будааст. Ва ё ишқи пиршудааш ба Моҳрӯ аз зуҳури Нӯшин таровати нав пайдо мекунад?

Аммо чаро ин ҳама фурсат, яъне аз зода шудани кӯдакаш то ҳоло боре ҳам мутаваҷҷеҳи ин одамчаи хурдсол нагаштааст?

Ҳоло акнун Раъно аз бистари махмалӣ ӯро фаро мехонд ва Фарҳод тапиши дилашро ҳис мекард. Вай ин тапишро аломати ишқ меномид.

Боз сардаргумӣ.

Ӯ худро маломат кард, ки чаро аз нав ба ин мавзӯъҳои кӯҳна меандешад. Ба чизҳое ки ҳазорон бор аз мағзи дилаш рад шуданд, то ниҳоят шаби гузашта, шабе ки то сапедадам барф борид, вай охирин тасмимашро гирифт. Вале ҳоло

сангҳои осиёб аз нав ба гардиш омаданд, то буду набуди ӯро дар чархишҳои худ орд кунанд.

«Нӯшинро ба духтур бурдам...»

Танҳо ҳоло Фарҳод фикр кард, оё чаро ҳамсараш Нӯшинро ба дармонгоҳ бурдааст. Иқрор кард, ки намедонад.

Барои фикр накардан, барои раҳоӣ аз ин андешаҳо аз ҷой барҷаст ва ҷомадонашро басту дар даст гирифт ва қадам бардошт. Дасташ дастаи ҷомадонро мефишурд. Дастаке ёфтааст, ки аз он бидорад. Онгуна қабза карда буд, ки кафаш дард мекард. На, вай як бечора, беирода ва раҳгумзада нест. Вай ҷӯёи ишқ аст. Вай мехоҳад худро аз нав оғоз диҳад. Вай мехоҳад озод бошад.

Боди сард ба мағзи устухон кора мекунад.

Борони реза ва тез меборад.

Шамол донаҳои нӯгтези боронро ба сару рӯ мезанад. Мисли сӯзанборон. Ҳаргиз ин гуна боронеро надида буд.

Ҷомадонаш сангин аст ва истгоҳи «Хиёбони Мавлоно» беодам.

Вай бояд то Фурӯшгоҳи бузург равад. Равад ва бознагардад. Агар бознагардад, пас воқеан тасмимаш қатъист ва роҳе ба ақиб надорад. Пас беирода, оҷиз, беҷуръат ва ночиз нест. Бояд равад ва бознагардад! Бознагардад.

Фарҳод ҳар ҳуҷайраи ҷисмашро ба кор андохта буд, то фикри бозгашт пеш аз он ки ӯ ба хонаи Раъно расад, дар дилаш зуҳур накунад. Вале ҳар қадар ки ба истгоҳи Фурушгоҳи бузург наздиктар мешуд, ҳамон андоза чизе гурӯгираш мекард. Дар як гӯшаи зеҳнаш ин фикр пирӯз меомад, ки ҳоло Фарҳод бояд ба замин биншинаду бигиряд. Худро тасалло медод, ки баъди чанд лаҳза аз зинаҳо боло меравад ва занги дари Раъноро пахш мекунад ва Раънои нозанин бо боз кардани дар ва дидани Фарҳод мисли гул мешукуфад.

Бо вуҷуди борони ноформ ва боди сард, майдони рӯбарӯйи Фурӯшгоҳ серодам буд.

Вақте ки Фарҳоди Мастон мехост, ба гузаргоҳи

зеризаминӣ дарояд ва ба он сӯи кӯча гузарад, фиғони мошини «Ёрии таъҷилӣ» баланд шуд. Бо наздик омадани мошини сафед садои дилгудози ожири он ба авҷ расида, бо гузаштаву рафтанаш ин фиғон пасттар шуд ва дар охири хиёбон дигар гӯшнорас гашт. Аммо аз шунидани ожири ногаҳонӣ Фарҳод дар ҷо истод ва карахт шуд. Ҳарчанд мошин босуръат аз майдон гузашт ва дигар фарёди ҷонкоҳи он ба гӯш намерасид, Фарҳод ҳамоно беҳаракат истода буд. Мисли ин ки интизор буд, ҳоло боз мошини дигар бо ҳамин гуна фиғон аз паҳлуяш хоҳад гузашт.

Фарҳод фикр кард, шояд ин мошин ба хонаи акнун кӯҳнаи ӯ рафт, ба ҷое ки Фарҳод дигар намехоҳад ба он баргардад. Аммо аз ин фикри зудгузар дида садои фиғон ба ӯ таъсири сахттар карда буд, ки дар гӯшаш ҳамоно такрор мешуд. Он шабеҳ ба фарёди як одами лойилоҷ ва асир буд.

Чанд қадами сангин гузошт ва рӯи харак нишаст. Ҷомадонро рӯи зонувонаш ниҳод ва сарашро ба он такия дод. Оҳиста аз ҷайбқутии сигорро гирифт.

Чашмонаш раҳ медиданд ва ӯ ба раҳгузарон замоне мутаваҷҷеҳ шуд, ки духтарчаеро дид ҳамсинни Нӯшин. Кӯдак даст дар дасти модар дошт ва онҳо ҳамроҳ мерафтанд ва чеҳраи духтарча дар ҳавои сарду борон пуразият ба назар менамуд. Бо палточа ва кулоҳаки сафедаш духтарча ба фариштаи барфӣ монанд буд. Ба он фариштаҳое ки тамоми шаб аз осмон фуруд меомаданд, то дунёи нопоку доғдори инсонҳоро тозагию тароват диҳанд ва аммо субҳи зуд ҷисми беҷони онҳо рӯи ин нопокиҳо парешон афтода буд.

Вақте ки модару духтарча аз наздикии Фарҳод мегузаштанд, ногаҳон духтарча пешпо хӯрда, афтид ва сарутанашро гилолуд кард. Дидани ин манзара Фарҳодро такон дод. Модар бо силтав кӯдакро аз замин бардошт, торсакие ба рӯи майдаи духтарча зад ва ӯро дашном дод.

Ҷомадони Фарҳод аз рӯи зонувонаш афтид. Дашноми модари духтарча қабеҳ буд ва калимае дошт, ки аз шунидани он дили Фарҳод фишурда гашт. Як лаҳза ба назараш чунин

намуд, ки ин ҷавонзан Моҳрӯ ва духтарча Нӯшини ӯст.

Нӯшин, Нӯшин...

Фарҳод сигорро ба замин пахш кард ва аз ҷо бархост. ?омадонашро гирифт. Фикр кард, чӣ сангинтар шудааст ин ҷомадон. Ҳоло дар хотир надошт, ки ба он чи чизҳоро ҷой карда буд. Ҷомадонро вақте ба замин гузошт, ки дар баробари дари чармкӯб қарор гирифт. Истода буд ва намеёрист, даст ба зангӯла барад. Чашмаш сиёҳӣ мезад ва манзараҳои дудранге рӯи чарми сиёҳи дар гирд мегаштанд. Фикр кард, ки остонаи ин хона хатти сеҳрнок аст. Ин на остонаест, ки ӯ даҳҳо бор бо лабханд ва бепарво пахш кардааст. Ҳоло ин хатти ҷодуист. Дар он сӯ – зиндагии наву рангин, ин сӯ – ҳама умре, ки ба сар бурдааст. Ва шабаҳҳои ин ду зиндагӣ рӯи чарми сиёҳ мечарханду вақте ба ҳам мезананду аз ин садама ангезаи даҳшатзо берун меояд.

Фарҳод ҳис кард, ки арақшор аст. Ва пойҳояш меларзанд. Ҷуръат надошт, занги дарро зер кунад. Мехост, аз паси дар садое барояд, ки ба ӯ раҳ нишон диҳад. Аммо ҷуз аз ожири мошини тиббӣ дар гӯшаш садое набуд. Мехост, аз паси дар хандаи мастонаи Раъно ва садои марди ношиносро шунавад. Он гоҳ ҳама торҳоро мебурид. Он гоҳ бе хаёле, бо лабханд аз зинаҳо поин мерафт. Аммо садое набуд.

Бо ангушти ларзон занги дарро пахш кард. Лаҳзаҳо тирвор париданд. Садое дарнаёмад. Аслан шояд зангӯла ҳам садо надода буд.

Вай бо нӯги ангушт шабаҳҳои бимноки рӯйи чарми сиёҳро хат кашид.

Дастаки ҷомадонро маҳкамтар фишурд, оҳе даровард ва аз зинаҳо поин рафт.

«Нӯшин бояд баргашта бошад», гуфт ба худ дар оне ки фиғони мошини «Ёрии таъҷилӣ» дигар дар гӯшаш садо намедод...

*Душанбе - Прага, 1998-2003*

# КАМЕ ЛАТРА*

## *ё қиссаи номаҳои гумшуда*

Онки бошад бари ҷалолати ӯ
Атласи чарх жандаву латра.

(Шамси Фахрӣ)

ФЕҲРАСТИ НОМАҲО

Номаи аввали муаллифи қисса
Номаи падар
Номаи ҳамсари Баҳром
Номаи деҳаи Гулобод
Номаи муҳоҷир
Номаи зоғаки сари дарахт
Номаи писари ҳамсоя Аслам
Нома аз дарахти биҳӣ, ки таҳи тирезаи ту буд
Номаи дуюми муаллифи қисса
Номаи Хуршеда
Номаи мардикори собиқ
Нома аз Шӯразамин, аз Сайвалӣ
Номаи сеюми муаллиф
Номаи гули райҳон, ки дар байни китоб хушкидааст
Нома аз Ҳотамниё
Нома аз Аҳмад Зоҳир
Номаи дуюми зоғи сиёҳ
Номаи муаллима Рауфова
Номаи Аъзам, аз шаҳри Бодом
Номаи зимистон

---

* **Латра**. 1. Пора-пора, дарида. 2. фарбеҳ, *маҷозан* коҳил, танбал.

Номаи чаҳоруми муаллиф
Номаи кӯтоҳи Аслам, писари ҳамсоя
Номаи Сайфуллои Сари Бозор
Номаи Руқия аз Дубай
Нома аз Александр Боголюбов
Номаи ҳамкори пешин
Номаи панҷуми муаллиф
Номаи абри жӯлидамӯй
Номаи бобо ба набера
Номаи шашуми муаллиф
Номаи Ҷобир-Ҷорҷ
Номаи Моҳманзар
Номаи Маликшоҳ
Номаи Ҷамшеди донишҷӯ
Номаи шахси номаълум
Номаи девор
Номаи Аҳмадшоҳи Масъуд
Номаи Рустам аз Ню Йорк
Номаи сеюми писари ҳамсоя Аслам
Номаи беимзо
Номаи сеюми зоғи сиёҳ
Номаи ҳафтум ва охирини муаллиф
Номаи охирини Баҳром

*Аҷзи мо чандин ғубор аз ҳар камин бардоштаст,*
*Осмонро ҳам ки мебинӣ, замин бардоштаст.*
*Ҳаққи саъйи реша бисёр аст бар нахли баланд,*
*Пои даргилрафта моро инчунин бардоштаст.*

*Мирзо Абдулқодири Бедил*

*«Нома беҳтарин равзана ба олами ботини инсон аст. Сӯҳбат, дар тафовут аз нома ва бархилофи он, чашмфиребиҳо дорад ва ҳам рӯйи одам – гарм. Гуфтор бо ифодаи рӯй ҳамзамон аст ва мебинӣ чӣ тавр сухан аз лабҳо берун меояд ва лабҳо маъқуланду чашмҳо – роҳзан.*

*Аммо вожаҳои сиёҳ дар коғази сафед – ботини бози инсонанд.»*

*Ги де Мопассан*

*«Он кас ки китоб наменависад, бисёр фикр мекунад ва дар як ҷомеъаи ноқаноатбахш ба сар мебарад, одатан номаҳои хуб навишта метавонад.»*

*Фридрик Нича*

Дар осмони кабуд абрпораи сафеде мезист, ки ба кӯдаки жӯлидамӯй монанд буд. Дар миёни абрҳои дигар, ки дар паҳнои нилӣ оҳиста ва бесадо парвоз мекарданд ин абрпора чолоку шӯху бесар пеш мерафту гӯё ба қофила роҳ мекушод ва гоҳе тунд ба ақиб мечаҳиду дар паси дигарон пинҳон мешуд ва гоҳе дар бандҳои ноаён дармондаву як ҷо давр мезад ва чун раҳо мехӯрд, бо суръат ба самти кас меомад ва гӯё табассум кардаву даст меафшонд. Мӯйи жӯлидааш пар-пар мешуд ва гоҳе лахтаҳое аз он канда шудаву ба ҳар сӯ мерафт ва монанди ях дар укёнуси нилӣ об мегашт.

Абрҳои пир ба ин абрпора эътибор намедоданд ва солору бовиқор ба раҳи худ мерафтанд. Онҳо гоҳе бародарвор сар ба сари ҳамдигар мегузоштанду гиристан мехостанд ва гоҳе душманвор теғу найзаву сипар кашида, сари ҳамдигарро хӯрданӣ мешуданд ва ё бо ситеза дар худ печида, оқибат сари худро мехӯрданд.

Лаҳзаҳои кӯтоҳе онҳо дар баробари тирезаи ҳуҷраи Баҳром ист мекарданд, гӯё ба ӯ менигаристанд ва дар чунин пайтҳо ба саробҳои афсонавии нимарух ва ё нишонаҳои асроромез табдил ёфта, ба бекаронии ҷаҳони берун ва тангии тоқатшикани манзили дӯсти мо таъкид мекарданд.

Шояд ҳоло ҳам дар ин чаҳоркунҷа рамзу шабаҳҳое рӯ зада бошанд, вале осмон акнун мисли барф сафед аст ва сафедро дар сафед наметавон дид.

Осмони кабуд хеле дуру дастнорас ва осмони сафед хеле наздику фишороваранда аст.

Дар чаҳоркунҷаи тиреза навдаҳои борики дарахти хушкида ба дарзҳое мемонданд, ки аз як марказ ба ҳар сӯ пош хӯрдаанд. Гӯё санге ба кунҷи зерини шишаи панҷара бархӯрдааст. Шиша шикастааст, вале аз ҳам нарехтааст. Дарзҳои он оҳиста медурахшанд.

Зоғи сиёҳе бо болҳои боз поин меояд ва ба дарахт менишинад. Баъзан дурудароз беҳаракат мемонад ва Баҳром бовар намекунад, ки он ҷо, дар миёни шоху навдаҳо махлуқи

зиндае нишастааст. Баъзан ин қадар пурҳаракат мешавад ва худро ба ҳарсӯ мезанад, ки кас фикр мекунад, ин як зоғи девона аст. Аммо қариб ҳамеша ин зоғ ба хаткӯркунаке монанд аст, ки вожаҳои абриро аз саҳифаи осмон пок мекунад. Мепарад аз ин сӯ ба он сӯ ва ҳарфҳоро фурӯ мебарад. Зоғак!

Вақте ки осмон сафед аст, танҳоии Баҳроми ғамандеш монанди дилпарешонии шабонгоҳӣ сахту сангин мешавад. Вай ҳам соатҳои дароз бе ҷунбише менишинад ва ба осмони сафеди тиреза, шиппаҳои хушки дарахт ва зоғи сиёҳе, ки ногаҳон падид меояду ногаҳон ғайб мезанад, хира мешавад. Фишори тахтаи сангини абр тадриҷан ӯро хоболуд мекунад ва дар охирин они бедорию аввалин лаҳзаи ғанаб вай такон хӯрдаву сар мебардорад, гӯё шиноварест, ки башаст аз зери об сар мекашад, то ҳарисона як нафас ҳавои тоза гирад, то ба қаъри тираи дарёи ғам фурӯ наравад.

Ғунудан ва ё хуфтан намехоҳад, зеро аз хобҳои ваҳмангезу дардовар ба сутӯҳ омадааст.

Чашм ки пӯшид, ҳатман касе ё чизеро мебинад. Худро мебинад, ки дар партгоҳе овезон аст ва мехоҳад фарёд занад, садое дарнамеояд... ва ё дар чоҳи амиқесту деворҳоро месобад ва раҳи баромад меҷӯяд... ва ё падарашро мебинад, ки бо чеҳраи гирифтаву чашмони ашколуд ба сӯяш меояд ва асои дасташ мешиканаду пирамард ба замин меафтад... ва ё дарандаҳои ваҳмангез ӯро таъқиб мекунанд ва аз қазо пойҳояш санг шудааанду наметавонад, гоме бардорад... ва ё аз зинаҳое боло меравад ва бозпас мегардад, зеро мебинад, ки роҳи манзили хешро гум кардааст... ва ё дӯсташ Сайвалӣ савори дучарха аз пешаш рад мешавад, вале Баҳромро намешиносад... ва ё бештар аз ҳама мебинад, ки дандонаш ё афтодааст ё меафтад, шикастааст ё мешиканад...

...Сипас тамоми рӯз чеҳра ва ё манзарае аз ин кобусҳои шабҳангом пеши чашмаш ҷилвагар мешавад, дилашро мефишорад ва ӯ мехоҳад фиғон барорад.

Ҳоло, дар фосилаи хобу бедорӣ, як дона гелоси хушкидаро мебинад, ки аз таҳи як сабади кӯҳна ёфтааст. Дар печухамҳои гелоси мавизшудаи сиёҳ, ки ангуштони ӯро мехарошанд, хандаи офтоби тобистон нуҳуфтааст ва дар ин сармои зимистон Баҳромро ба ёди хушиҳои гузашта меандозад.

Ва ё шабе дида буд, ки тифли навзод ва гирёнеро дар бағал дорад ва намедонад, ин кӯдаки кист. Аз раҳгузарон мепурсад, оё ин фарзанди кӣ бошад, оё кист, ки тифли худро дар чаҳорсӯи пуриздиҳом гум кардааст. Касе ба фарёди ӯ гӯш намедиҳад. Раҳгузарон шитоб доранд.

Шунида буд, ки навзод дар хоб ба маънои хабар аст, аммо оё чӣ навидеро бояд интизор буд? Навид? Паём? Хабар? Дарвоқеъ номаеро ҳам хоб дида буд. Дида буд, ки аз кучое ва касе ба ӯ номае расидааст. Ва ин нома гӯё бӯи биҳӣ мекард...

Баҳром аз пеши тиреза бархост ва рӯи хона қадам зад ва беихтиёр орзу кард, ки кош аз касе номае мегирифт. Номае ки дари дигареро ба рӯи ӯ боз мекард. Аз чӣ дар ин ҳама рӯзгори ғурбату мардикорӣ, аз касе як сатр нома ҳам нагирифтааст. Вай тасаввур кард, ки номаи дӯстдоштание ба вай расидааст ва ӯ онро бо муҳаббат боз мекунад,ба димоғаш наздик мебарад ва инро мешамад, ки нома ҳанӯз бӯйи дастони як инсонро дорад ва бо худ насими форами ағбаҳоро овардааст.

Ангуштонаш меларзанд ва ӯ бо чашмони ҷӯёву мағзи гирифтор ба нома менигараду сахт ҳаяҷонӣ мешавад.

Ин ҳиссиёт дар хоб ба ӯ даст дода буд. Вақте бедор асту ин лаҳза ба ёдаш мерасад, беихтиёр ба дастонаш менигарад, вале номаеро намебинад. Солҳост, номае нагирифтааст. Ва нанавиштааст.

Баҳром хобномае надошт, ки боз кунаду бубинад, оё нома дар хоб чӣ маънӣ дорад. Агар ҳар ашё маънии аз худи ашё дур ва дигаре ва ҳатто бараксе дошта бошад, пас номаи хоб номаи бедорӣ нахоҳад буд.

Фикр кард, касе ва чизеро интизор нест. Вай марди танҳорави шаҳри ғурбат аст ва фақат гоҳе дар осмони нилгун паёмҳои самовӣ мебинаду гоҳе дар хоб бо пайвандонаш ҳарф мезанад.

Дар шаҳри ғарибӣ пур ҳамдиёронаш мисли ӯ мардикорӣ мекунанд, аммо як тани онҳо ҳам ба диданаш намеояд, занге намезанад. Ҳама аз пайи нон, ҳама аз пайи кор ва ҳама дар бими милисаву пӯстсарҳосту қадами бецое намегузорад. Аммо наход дидору пурсупос дар ин давру замон ин қадар кори беҷо ва беҳуда шудааст? Мардумони дигар дар шодӣ бо ҳаманд, то шодтар шаванд, дар ғам бо ҳаманд, то андӯҳ аз дили ҳамдигар бизудоянд. Аммо инҳо! Сагони сияҳгарди гуруснаву ташна аз сояи ҳамдигар дар наздики косаҳои сарқут ба ғурриш меоянд ва аз шикасти ҳамдигар курта-курта гӯшт мегиранд. Шумхабари куштори ҳар муҳоҷир онҳоро дилдорӣ мекунад, ки шукр, ҳанӯз зиндаанд. Ҳанӯз на онҳо будаанд дар зери теғ. Дареғо, дареғо...

Вақте мардумро аз кӯҳистон ба дашт муҳоҷир карда буданд, бобои Баҳром хона ба хона мегашт ва мардумро дилдорӣ мекард. Баъзеи ин ҳамдиёрон шояд наберу абери ҳамонҳое ҳастанд, ки бо тасаллою дилбардориҳои бобои худобиёмурзи Баҳром дар он биёбоне ки модаркалони Баҳром онро Дашти Карбало ном карда буд, ҷон ба саломат бурдаанд. Аммо ҳин касе ёди ӯ намекунад. Охир, агар қадам бардоштан ин андоза сангин буд, мешавад, занг зад ва пурсид, ки зиндааст ё мурда. Ё Оллоҳ, агар онҳо Баҳромро бад бинанд, андӯҳ бар онҳо бод, ки умри худро хазони нафрат мекунанд. Ҳар лаҳзаи нафрат рабояндаи сад лаҳза аз хушист. Нафрат ва ҳасад умри касро кӯтоҳ мекунад. Вовайлои ин тангостинҳои кӯтоҳумру кӯтоҳназар!

Баҳром дард мекашад, вале бовар дорад, ки фақат баъзе аз ҳамдиёронаш чи ин ҷо ва чи дар ватан велгардони кӯчаҳои нафратанд, дигарон дили поку зебо доранд ва ин айби замонаи ноҷӯру умри сарсон аст, ки касро ба кас

намерасонад. Баҳром аввалҳо фикр мекард, ки чаро зоғ зоғро нағз мебинад. Зеро ҳарду сиёҳанд. Аммо чаро бачаҳои мо ҳамдигарро нағз намебинанд. Баъдҳо фикр кард, зеро гадо душмани гадост.

Аслан, ҳақ бо Тотуи Шоир аст, ки дар ягон шаҳри ғурбат набояд ду нафар аз ин қавм ба сар барад. Онҳо дар он шаҳр нахоҳанд гунҷид. Бояд ҷое рафт, ки ягон ҳамдиёрат набошад. Замоне Баҳром дар Сурағут яккаву ягона ва гули сари сабад буд. Корҳояш хеле зуд пеш мерафт, аз ҳеҷ сӯе халале намеомад, лекин аз танҳоӣ заҷар медид. Боз ҳам худро шерак мекард, ки «ҳар киро товус бояд, ҷаври Ҳиндустон кашад». Бисёр мехост, ду ё се ҳамдиёр дар наздаш бошанд ва гоҳеву бегоҳе биншинанду бо ҳам ҳарф бизананд. Дар ин охирҳо ба дараҷае саргарон шуда буд, ки баъзан худ ба худ ҳарф мезад, бо забони модарияш, мегуфту механдид ва боре дид, ки ҳамкоронаш ниҳону ошкоро ӯро масхара мекунанад. Вай аз як аҷнабӣ шумораи телефони ҳамдиёраш Аторо дар Иркатуск пайдо кард ва ӯро ташвиқ намуд, ба Сурағут биёяд. Дертар боз як нафари дигар омад ва ба думболи ӯ нафари саввум ва оқибат қиёмат қойим шуд. Ҳамдигарсиёҳкунӣ, роҳи якдигарро буридан, ба пойи ҳам теша задан ба авҷи олӣ расид. Аҷиб буд, ки Баҳром ба ҳамаи онҳо некӣ мекард ва ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ зидди ӯ шуда буданд, ки ҳатман як сагу чаҳор саг баробар нест. Баҳром барои моҳҳои аввал онҳоро дар ҳуҷраи худ ҷой дод, барояшон дар коргоҳи худ кор ёфт, онҳоро муаррифӣ кард, вале онҳо аз рӯйи мақоли «ҳоло худма ҷо кунам, бубин туро чӣ кор кунам» рафтор карданд ва балоҳоеро ба сари Баҳром оварданд.

Хор ҳам аз давлати мо дар гулистон роҳ ёфт,
Домани мо ҳар кӣ мегирад, ба ҷое мерасад.

Дар ниҳояти кор бо тавтеъаву дасисакорӣ онҳо Баҳромро аз коргоҳе ки панҷ сол дар он кор кард, берун ронданд. Он гоҳ Баҳром ин байтро бо байти дигаре иваз намуд:

Кас наёмӯхт илми тир аз ман,
Ки маро оқибат нишона накард.

Аммо Баҳром аз гуноҳи онҳо гузашт. Ҷойи дигар рафт ва кори наверо шурӯъ намуд, вале таҳшини талху сӯзоне дар ҳалқи ӯ боқӣ монд, то ба гуфтаҳои Тотуи Шоир бовар кунад. Вай ба худ гуфт, «дар афв лаззате ҳаст, ки дар интиқом нест» ва дигар кӯшиш кард, бо ҳеҷ яке аз ҳамдиёрон, ки акнун кӯю барзани Сурағутро пур карда буданд, рӯбарӯ нашавад. Танҳоии сахти Баҳром аз ҳамин ҷо маншаъ гирифт. Касе ӯро намешинохт, агар шиносад, ҷойи зисту корашро намедонист, агар донад ҳам, ба ӯ сарикордор намешуд, зеро фикр мекард, Баҳром як одамгурези узлатнишин аст. Ва замоне ки дар байни ҳамдиёронаш duздию ғорати моли ҳамдигар ва ҳатто сӯиқасд карданҳо ба ҷони якдигар сар шуд, Баҳром монанди хорпушт батамом дар худ фурӯ рафт. Онҳо меҳмони ҳамдигар мешуданд, аз оши ғарибии ҳамдигар мехӯрданд ва рӯзи дигар ғулҳои қафқозиро бо корду туфангча ба сари ҳамдиёрони худ меоварданд, то ҳамаи бисоти мардикории онҳоро ба яғмо баранд. Ҳатто ингуна шуда буд, ки баъзеҳо иттилоъи кадом рӯз пул гирифтани бачаҳо, кадом рӯз харид кардани онҳо, кӣ будани серпултарини мардикорон, чӣ бору абзор доштани онҳо мавриди тиҷорат қарор меёфт. Бачаҳои мо ин иттилоъро ҷамъ меоварданд ва ба муштзӯрони қафқозӣ мефурӯхтанд.

«Аз бало – ҳазар!», ба худ гуфт Баҳром ва аз охирин ҳамватанони худ низ бурид. Ҳатто вақте ки имкониятҳои хубтари кор пайдо мешуд, вай бо ҳамин андеша, ки ними нон роҳати ҷон, яктои нон балои ҷон, ба иллати ҳастии ҳамдиёрон дар ин ё он барнома, аз ҳама гуна робита худдорӣ меварзид.

Акнун танҳои зоғ монд. Монанди он зоғаке ки ҳар бегоҳ ба шохи хушкидаи дарахти паси тирезаи ӯ фуруд меояд ва аз ҳамон сардиҳои берун дурудароз ба ӯ менигарад. Танҳои танҳо монанди он зоғи бешарик. Пас, набояд интизори паёме ва ё ҳолпурсие бошад. Ба ҳоли худ хандид, ки чаро ин ҳама вақт аз ин бобатҳо фикр намекарду ҳоло ба як бор дар банди

андешаҳои мағшуш афтодаст.  Шояд бекорӣ сабаб гардид. Аз бекорӣ – кадукорӣ. Супоришро пеш аз вақт ба поён расонда буд ва кордиҳанда барои як ҳафтаи пурра ӯро истироҳат дод. Акнун рӯзи дароз рӯйи диван меғелид, телевизион медид ва ҳар бор ки телевизорро хомӯш мекард, ин андешаҳо ба вай ҳамлавар мешуданд. Ду китобе, ки бо худ оварда буд, камаш ҳафтборӣ аз ин муқова то он муқоваашон хонда шудаанд. Як рӯзнома, ки се сол пеш аз ватан расида буд, ба порчаҳои қолини антиқӣ табдил ёфтааст. Берун рафтан намехоҳад, зеро вақте дар кӯча ҳолайло мегардӣ, ҳатман бо милиса рӯбарӯ мешавӣ ва ё бо пӯстсарҳое ки рама-рама мардикоронро шикор мекунанд. Аммо дар хона бе ягон шуғл нишастан ҳам сахт аст, зеро ҳамин гуна афкори фишордиҳанда рӯ мезанад ва туро дар шиканҷаи худ мегирад.

Коғазе пеши худ гузошт, қалам ба даст гирифт ва ба навиштани нома сар кард. Аммо на нома ба касе, балки номаи касе ба ӯ, ба худи ӯ. Фикр кард, агар ин ҳама мардумоне ки ӯ дар зиндагӣ мешиносад ва ё ину он пайванде бо ӯ доранд, бо вуҷуди он ки дар дур ё наздиканд, мехостанд, барои Баҳром нома нависанд, чӣ менавиштанд. Баъдаш шояд ин номаҳоро ба пуста барад ва ба унвонии худ бифиристад ва чун ба дасташ расанд, аз гирифтани онҳо шод шавад. Аммо ин муҳим набуд. Зиёд набояд андешид ва бояд мутамаркиз буд ва ҳақиқатнигор. Аз он лиҳоз ҳақиқатнигор, ки агар фаразан, падараш Усмон саркор, ҳамсараш Зайнаб, ҳамсояаш Нилуфар ва ё ҳамсинфаш Маҷид ба ӯ нома менавиштанд, дақиқан чи ҳуруфе рӯйи сафҳа меоварданд. Бояд чашмҳоро баст, ақли солимро хобонд ва навишту навишт. На кӯрхат, балки бинохат ва ё дидорхат. Ва ё озодхат. Онгуна бояд навишт, ки фақат бо расидани номаҳо аз пуста бидонад, кӣ чӣ навиштааст.

Чунин гуфт Баҳром ва шурӯъ кард ба навиштани номаҳое ки бояд замоне барои ӯ навишта мешуданд. Ва ё шояд навишта шуда, аммо бо сабабе ба дасти ӯ нарасидаанд.

## НОМАИ АВВАЛИ МУАЛЛИФИ ҚИССА

Касоне ҳастанд, ки дар тамоми умр номае нанавиштаанд ва нахоҳанд навишт. «Ман нома ба номи кас накардам. Инъоми касе ҳавас накардам.» Ба назари онҳо нома таслим аст.

Касоне низ ҳастанд, ки гӯё тамоми умр дар ҳоли навиштани як номаи муфассал ва дароз қалам дар даст раҳ мепаймоянд. Гоҳе онро бо панҷаи ёд дар амвоҷи хаёл менависанд, он гуна ки бод бо ҳуруфе аз абрҳо дар осмони кабуд ва ё бо ларзае аз амвоҷ дар оинаи дарё. Гоҳе номаи онҳо монанди як аломати хитоб кӯтоҳ аст, гоҳе монанди калобаи модаркалону ҷумлаҳои Айнӣ беохир. Он қадар риштаро ғоз медиҳанд, ки саранҷом роҳи манзили ниҳоиро фаромӯш мекунанд, аз баҳри ному нома мегузаранд ва дар вопасин нафас худро маломат мекунанд, ки чаро ин нома нотамом монд ва ё аслан нонавишта.

Барои тоифаи дигар нома зиндагист: «Ман нома менависам, пас ман ҳастам.»

Онҳое ки «Корванд»-ро хондаанд ва ба асрори дабирони куҳан пай бурдаанд, медонанд, чи гуна нависанд. Ҳеҷ ҳарфе дар номаи онҳо бемуттако ва бемақсад нест. Анҷумани вожаҳо ба назме саф бастааст, ки рӯҳу зеҳни хонандаро ба итоати худ медаророрад. Бихон ва гиря кун, бихон ва биханд, бихон ва ба хурӯш о, бихону парвоз намо, бихону фурӯ афт, бихону бишикан, бихону бисӯз ва бихону бимир.

Вожаҳои сиёҳ дар порчаи коғаз монанди абрҳои лодагард сарозоданд, аммо бандҳои ноаён ва дасти зӯрманде онҳоро онгуна ба ҳам бастаанд, ки аз омезиши кимиёвияшон ҳаюлои тағйир ва ё таркиши гетӣ нутфа мегирад...

«Ман сиҳату саломатам.» Оё ин чист? Ёд? Ғараз? Тамаъ? Ё шояд самимияти як захмии мағлубшуда? Вожа

махфигоҳи маънист. Агар кас метавонист, ба он сӯи вожаҳо раҳ ёбад, яъне ба каҷхамиҳои мағзи сари ҳамсӯҳбаташ ва ё номанависаш, чӣ асрори бузургеро кашф мекард!
Ҳақиқат он ҷост. Ногуфтаҳо он ҷост. Ҳама чизи дигар аз зумраи дурӯғҳоест, ки садсолаҳост, бо гуфтану навиштани онҳо насли инсонро кӯрхат мезананд. Мард он аст, ки он ҳақиқати якторо бинависад ва аз навиштаи худ шарм накунад.

Баъзе номаҳо ба умри касе нуқтаи таммат мегузоранд, баъзеи дигар, баракс инсонро аз нав ба дунё меоранд, чашми ӯро боз мекунанд, то зиндагияшро аз зовияи нав бубинад ва гузаштаашро тозанавис кунад, вале ин бор аз рӯи виҷдоне, ки фаромӯшаш карда буд. Номаҳое ҳастанд, деррас. Мисли нӯшдоруи Сӯҳроб онҳо замоне мерасанд, ки гирандаи нома дар хоки сард хуфтааст ва дасташ аз гӯр берун. Номаҳое зудрасанд, дар бадтарин фурсат меоянд ва тарҳи навро ба нақши рӯи об табдил медиҳанд.

Аммо касе ба Баҳром нома наменависад. Мабод ҳама Баҳромро фаромӯш кардаанд, аз номгӯйи пайвандони худ хат задаанд ва наход ҳамаи онҳо Баҳромро ин қадар бад бинанд, ки нахоҳанд, барояш паёме фиристанд. «Ҳар кӣ моро ёд кард, эзид мар ӯро ёд бод.» Табиист, ки худаш ҳам чандон меваи ширин нест, вале ба он андоза талх ҳам нест, ки фақат нафрату кароҳати касро ангезиш диҳад. Вай гелосмавизи чиллаи зимистон аст. Шабеҳи ҳамаи инсонҳо. Аслан, фикр мекунад, одами накӯкор ва хайрандеш аст. Шояд аз дасташ бадӣ ҳам омада бошад, аммо дар паҳлуи некиҳояш ва ё аниқтараш дар паҳлуи бадиҳои дигарон бадии ӯ як бозии кӯдакона беш нест. Хуб, агар касе барои некиҳояш аз ӯ сипосгузор набуд, кош ҳатто нақизе мебасту табараке мефиристод.

Нақиз ҳам дарди бахайр буд, дашном ҳам. Бигзор бад, аммо ба ҳар ҳол ёду ёдгоре. Дили ман ба Баҳром месӯзад.

# НОМАИ ПАДАР

Писари азиз ва ҷони ширинам, Баҳром.

Ман шукр мегузорам ба даргоҳи худованди азза ва ҷалла, ки мисли ту писаре дорам, ки ба танҳоӣ бори зиндагии ҳамаи авлодиро мекашад. Аммо дар мотамам, ки мисли ҳазрати Иброҳим туро, ҷигарбандамро қурбон кардаам. Ҳазратро худо наҷот дод, вале оё наҷоти мо ба дасти кист. Худо моро фаромӯш кардааст. Худо аз баҳри бандагоне чун мо даргузаштааст, чун ношукрӣ кардем. Нони нимагазидаи худро ба хок партофтем. Акнун азоби инро бояд фарзандону набераҳои мо бикашанду мо бояд дар фироқи онҳо шамъвор бисӯзем. Се ҷамъи се, шаш сол аст, ту аз мо дурӣ.

Модарат менолад, ки як бор туро бубинад, баъд беормон мемирад. Ман ҳам зори дидори туам, лекин медонем, агар пуле ки ту мефиристӣ, қатъ шавад, рӯзгори мо баҳам мехӯрад. Мо дар намозҳои худ барои ту дуо мекунем. Дар шиштану хестан худо мегӯем, ҷонат дар амон бошад. Агар тавонӣ як бор биё, он гуна ки се сол пеш омада будӣ. Биё, ба дидорат расем, баъд ҳарчӣ бодо бод.

Ман умре ба ин давлат хидмат кардам, дар ғами худ набудам дар ғами ин мулку ин мардум будам, вале агар ҳоло ту болои сарам намебудӣ, бесоҳиб мемондам.

Зиндагӣ фурӯ рафт, пош хӯрд, рехт… дунё дарҳаму барҳам шуд. Ҳоло дар дастархони бисёриҳо як пораи нон ҳам нест. Шукр, ту ҳастӣ, бачаҳоят нон мехӯранд ва аз баракати дастархони ту ҳамаи мо ва бисёре аз хешу табор низ.

Аз фарзандонат хавотир мабош. Мактаб мехонанд, ҳарчанд дар мактаб як муаллими дурусте намондааст. Онҳо низ ба ҳамон тарафҳои рафтагии ту, пайи нон рафтаанд. Дина аз Манучеҳр пурсам, калон шавӣ кӣ мешавӣ, гуфт мардикор мешавам, то ба назди падарам равам. Ин ҳоло боз дарди бахайр. Писарчаи Сафар гуфт, мехоҳад, боевик шавад ва ҳама ӯро ҳурмат кунанд. Вай тарси мардумро дар назди

мушони силоҳдор ҳурмат фикр кардааст. Пештар кӯдакон кайҳоннавард шудан мехостанд, акнун орзу доранд мардикор ё боевик бошанд. Намедонам, оқибати кори онҳо чӣ бошад.

Ҳо, қариб фаромӯш карда будам. Дишаб касе дарвозаро кӯфт. Ҷомаамро ба сари китф партофта, бароям, ҳамсинфат Маҷид омадааст. Мегуфт, модараш сахт бемор аст ва пуле надорад, дорувор бигирад. Як вақтҳо чунин саҳнаҳоро дар киноҳои ҳиндӣ дида, дил об мекардем, ҳоло ба сари худамон омадааст. Аз пулҳои ту барояш додам, бо он андеша ки агар ту ҳам ин ҷо мебудӣ ва Маҷид наздат меомад, барояш «не» намегуфтӣ. Охир, ту борҳо меҳмони хонаи онҳо будӣ, нону намак хӯрдаӣ ва модари Маҷид ба ту ҳам ҳаққи модарӣ дорад.

Хуб, гапа дароз намекунам, медонам пайи кор ҳастӣ. Туро ба худованди бузург месупорам. Бовар дорам, ин рӯзҳо ҳам мегузаранд. Орзуи дидоратро мепарварем. Падарат.

## НОМАИ ҲАМСАРИ БАҲРОМ

Мо, ҳама хубем ва аз даргоҳи худованд сиҳату саломатии Шуморо мехоҳем. Онгуна ки падар навиштаанд ва акнун ман бояд ин номаро идома диҳам, зарур аст, бинависам, ки мо аз ҳеҷ чиз камбуд надорем. Аз лаби пуле ки шумо фиристодед, барои Манучеҳр кросовка гирифтем. Ман ба вай гуфтам, онҳоро бояд вақте ки ҳаво гарм шуд, баъд бипӯшад, лекин вай дар ҳамин чиллаи зимистон ҳам онҳоро мепӯшад. Ба фикрам, ба саломатияш зарар дорад. Ман аз бобояш хостам, вайро ҳушдор диҳанд. Аммо падаратон ба вай чизе намегӯянд, шояд андеша мекунанд, ки падараш дар раҳи дур аст, дилаш наранҷад. Зиндагии мо бисёр хуб аст ва мо тоқат мекунем. Интизорем. Аз мо дар ташвиш набошен. Ман наметавонам, гапи диламро нависам. Мактубро бародаратон Хусрав ба бачаҳои ҳамдеҳаамон медиҳад, то ҳар вақте ба

тарафҳои шумо рафтанд ва шуморо ёфтанд, ба дастатон расонанд. Умедворам, ҳамин гуна хоҳад шуд. Аммо онгуна ҳам шудааст, ки номаҳо ба нокуҷо рафтаанд ва биноан ман намехоҳам, сухани дили ман бар ҳадар равад ва ё аз ҳама бадаш зери пои нокасоне афтад. Ончи дар умқи дил аст, танҳо рӯбарӯ бояд гуфт. То дидори азизи Шумо. Худо дуои маро мустаҷоб гардонад ва нигаҳдори Шумо бошад ва сояи шуморо аз сари мо кам накунад ва шуморо ба зудии зуд ба назди мо баргардонад. Зайнаб.

## НОМАИ ДЕҲАИ ГУЛОБОД

Бо насими рӯди Зарфишон ба фарзанди азиз расонда бод, ки ман ҳамоно сари ҷои худам, ҳарчанд кулбаҳову киштзорони нав марзҳоямро фаротар бурдаанд. Ман ҳамон пире ҳастам, ки дар домани тали Урӯя ва хамгашти Тагоби Ошиқон паҳлу задаам. Аз ин ҷо ҳар раҳгузарро, ки меояд ва ё меравад, ба хубӣ мебинам. Аслан солҳои охир фақат тахтапуштҳоро мебинам, зеро кам мешавад, ки касе ба ин тарафҳо биёяд, аммо бисёриҳо маро тарк мекунанд ва ба дуродур мераванд. Ва тахтапушти онҳо хамидааст…

Фарзандонам вақте ба сари тали Офтобрӯ мерасанд, лаҳзае бозмеистанд ва баргашта ба ман менигаранд. Нигоҳи баъзеи онҳо лаҳзаҳо тӯл мекашад. Ман мефаҳмам, ки онҳо бо ин нигоҳи худ ба ман хайрбод мегӯянд. На ман ва на онҳо намедонем, оё боз ба дидори ҳам мерасем ё на. Ман онҳоро дуъо мекунам, ки сарашон аз сангҳои Тагоби Ошиқон бошад. Ман афсӯс мехӯрам, ки дигар қадами онҳоро дар рӯи дастони худ эҳсос нахоҳам кард.

Бо ин ҳама пирию фартутӣ, аз сари роҳ ман ба чашми раҳгузарон ҳамоно зебову шукуфон намудор мешавам ва шояд онҳо фикр мекунанд, дар ин хонаҳои паси тавораҳои сангдевор чӣ одамони хушбахте зиндагӣ мекарда бошанд.

Тобистон на аз ҳар ҳавлӣ дуд ба ҳаво мехезад ва на аз

ҳар подомани полез бӯи шӯрбо ба машом мерасад, зимистон на ҳар кас аз хона берун мешавад ва на аз ҳар мӯрӣ бӯи ангишт бо сароҳати барф дармеомезад.

Дар ду зимистони гузашта фарзандони азиз ними дарахтҳои сари тагобро буриданду дар бухориҳои худ ба хокистари сафед табдил доданд ва ҳоло як тарафи ман ба сари кал монанд шудааст. Акнун ҳар вақт шамоли дарё биёяд, як тарафам нам мекашад ва ба дард меояд. Заминҳои сари тал ҳама гандумпая шудаанд ва дар баҳорон сабзи махмалиянду дар тобистон зарди офтобӣ.

Дар Наврӯзи гузашта ин бор касе Хонатаконӣ накард ва дару деворҳоям тармимро надид. Ҳоло ҳамаи онҳо ғамангез ва бенуранд.

Борон зиёд шудааст. Баъзан шабонарӯзҳои дароз беист меборад, гӯё об дар ҷӯйбор ва чуқуриҳо ҷамъ шуда ба ҷӯш меояд ва рӯзи дигараш заминҳои сари тал чанд сари мӯ поин мелағжанд. Тарси ман ин аст, мабод бо ин боронҳову лағжиданҳо рӯзе обу хоку сангу гил ба рӯям фурояд ва маро аз чашми худованд абадан пинҳон созад. Касе ба фикри ман нест...

Қомати сафедорҳои сари мазор каме баландтар шудааст ва онҳо аз дур ба шумо, вақте ки омадед, салом хоҳанд дод. Баргҳои таҳсафеду рӯсабзи онҳо хурсандона ба ларзишу чархиш хоҳанд омад. Ин манам, ки ба бозгашти шумо кафкӯбӣ хоҳам кард.

## НОМАИ МУҲОҶИР

Одам вақте дар мулки бегона ба сар мебарад, бояд чи гуна рафтор кунад. Оё вай метавонад, монанди соҳибони ин мулк дар кӯча бо овози баланд гап занад ва ба ҳама шунавонда бихандад, дар метро дар ҷои намоён биистад, дар тарабистонҳои пуршӯру пуродам шом бихӯрад, дар гулгашту

пиёдароҳҳо бо чандин нафар аз дӯстонаш сайр кунад ва ё баракс, беҳтар аст, кулоҳе то мижгонҳояш ба сар кашаду бо сари хам ва пушти кӯз ва каме шитобон раҳ равад, ҳамеша ба зери пояш нигарад, дар метро ва автобус дар ҷои назарногир биистад, ба чашмҳо барнахӯрад, рост биистад, бале беҳтараш рост биистад ва ҳаргиз нанишинад ва ё агар нишаст ҳам сарашро хам нигаҳ дорад ва аслан дар мазҳари ом дар шакли гурӯҳ зоҳир нагардад. Дар чунин ҳолат ё бояд малларангу малламӯй бошӣ, вагарна мӯйи худро ранг бикунӣ ва ё хурду назарногиру бечораҳолу раҳмовар намудор шавӣ. Бояд ҳунари будану набудани ҳамзамонро бидонӣ, яъне вақте ки ҳастӣ гӯё ки нестӣ ва вақте ки нестӣ гӯё ки ҳастӣ, аниқтараш ҳам ҳастӣ ва ҳам нестӣ ва дар ҷое ки зарур аст, пайдо шавию дар ҷое ки зарур нест, нонамоён гардӣ, бале, бале, монанди ҷодугарҳои афсонавӣ, вақте дидӣ аҳвол хуб нест, зуд аз назарҳо пинҳон гардӣ. Ба ҳар эҳтимол омода бошӣ. Ту ҳамаро бинӣ ва ҳеҷ кас туро набинад. Ва лутфан камтар ба чашми одамон нигоҳ кун, зеро аксаран дар чашми онҳо нафрату бадбинӣ ва ё дар камтарин ҳолат назарбаландии туршрӯёнаро хоҳӣ дид. Ҳар нигоҳи бад нури илоҳиро аз ту мерабояд ва нирӯи ботинии туро кам мекунад, то баъдан шиканондани ту осонтар шавад. Вале агар солҳои дароз бо сари хам ва нигоҳи рӯ ба поён зиндагӣ кунӣ, рӯзе мебинӣ, ки кӯзпушт шудаӣ, бале, бале, монанди маъюбони модарзод. Чӣ хел ин ҳолат ба амал меояд, ту худ бехабар хоҳӣ монд.

Ба худам машварат медиҳам, на ба ту, ҳарчанд медонам, ки баъзан ҳеҷ чизе ба кӯмакат нахоҳад расид. На хоксорию сархамӣ ва на худро нонамоён вонамуд кардан. Вақте дар метро мерафтам ва як гурӯҳ ҷавонони арбадаҷӯ вориди вагон шуданд, орзу кардам э кош, кулоҳи сеҳрноке дар сар медоштам, ки маро ба одами нонамоён табдил медод, бале, бале, онгуна ки дар афсонаҳо ҳаст. Азбаски чунин кулоҳ надоштам, се моҳ дар бемористон хобидам, то дарди қабурғаҳои шикастаамро сабук ва захмҳои дастурӯямро хушк

кунам. Агар чунин кулоҳ медоштам, онҳо маро намедиданд ва бо мӯзаҳои наълдорашон ба сари синаву дастурӯи мане, ки бо аввалин зарбаи онҳо рӯйи фарш  афтода будам, намезаданд.

## НОМАИ ЗОҒАКИ САРИ ДАРАХТ

На, фикр накун, ки ман инсонаму худро зоғ пиндоштаам ва аз номи як зоғ мехоҳам, бо ту ҳарф бизанам. Ман дарвоқеъ як зоғам ва ҳамеша ҳайрон мешавам, ки чаро одамон аз ман ин қадар нафрат мекунанд. Шояд барои он ки одамизод ҳамеша бояд касеро дошта бошад, ки бад бинад, дашном диҳад ва алами худро аз ӯ биситонад?

Ман калзоғ нестам, ки гӯшти одам хӯрам ва акка ҳам нестам, ки бо хишхиши худ ба мардум умедҳои дурӯғин диҳам. Ман як зоғи бечораам, ки бо ҳарчи аз рӯи замин ёфтам, қаноат мекунам ва агар имрӯз зинда будам, шукр мегузорам. Аммо одамон ҳар бор ки маро бинанд, хам мешаванду аз замин санге мегиранд, то ба сарам бизананд. Баъзеи дигари онҳо аз пеш дар бағал санг дорад ва мехоҳад, наздиктари ман омада, маро нишон бигирад. Чаро? Ҳеч намефаҳмам.

Солҳои охир хурду бузурги инҳо, вақте маро диданд, дар ҷустуҷӯи санг ё кулӯх шитобкорона ба зери по ва давру бари худ менигаранд. О, ман чӣ гуноҳ дорам? Ба ин иллат вақте одамро дидам, аз бало ҳазар, зуд ба парвоз меоям ва худро ба дур мегирам. Вале достон дигар аст. Достон ин аст, ки ман дар ҳамон фасли зимистон ба ватани ту сафар карда будам. Намедонам, ту он рӯзҳо дар куҷо будӣ. Он вақт ман туро намешинохтам. Ин ҳолост, ки ману ту дӯст шудаем ва ҳар бор ман ба шохи дарахти рӯбарӯи тирезаат менишинаму рӯзгори туро мебинам, ба ҳолат зор мегирям.

Ончи он зимистон ман дар ватани ту дидам, дар умри сари дерсолаи худ надида будам. Аслан ҳамааш аз чизҳои

пучу беҳуда шурӯъ шуд. Дар сари чиноре нишаста будам ва медидам, ки дар поён, дар майдончаи канори бозор парандаҳои маъсуме бо номи бедонаҳо, ки воқеан ҳамеша бе донаанд, дар ҳалқаи одамоне монда буданд, ки зонувону соқҳои худро ба ҳам ҷафс карда нишастаанд ва як сӯрохе ҳам барои фирори бедонаҳо боқӣ нагузоштаанд. Бедонаҳо маҷбур буданд, дар ин доира давр зананд ва аз ақиб дасти инсонҳо онҳоро ба сӯи ҳам тела медод то аз хашму лоилоҷӣ ба ҳам дарафтанд. Одамон ҷанги онҳоро мехостанд ва онҳо меҷангиданд. Онҳо бо дили нохоҳам пар кушода ба ҳам нӯл мезаданд, сару гардани ҳамдигарро хуншор мекарданд. Ҳанӯз баъд аз аввалин зарбаҳо хуни онҳо дар рагҳои тангашон ба ҷӯш омада буд ва гӯё ҳар кадом қасд дошт, чашми ҳамзоти худро нишон гирад. Тоҷаки онҳо хунчакон гашта буд ва парашон канда шудаву ба ҳар сӯ мепарид ва гоҳе аз бемадорӣ ба чап ё рост меафтоданд.

Бедонаҳо меҷангиданд ва одамон бо ҷеғу фиғону шодбош онҳоро таҳрик медоданд. Ҳалқанишастагон марги яке аз онҳоро мехостанд. Ё шояд ҳатто марги ҳардуро. Марги онҳо мояи дилхушӣ буд. Аслан, ҳама кори инсон фақат як мақсад дорад, ки маргро ба сари дигарон биёрад, то худро эмин гардонаад. Вале намефаҳмад, ки ҳазор сари худро ба сангҳо занад ҳам, аз марг ҷои гурез нахоҳад дошт. Ва ин бедонаҳо ҳам гумхирадоне беш нестанд, мағзи сари онҳо ба як дона ҷав баробар аст. Колусҳои гӯлончунон ба ҳам мезананд, ки на танҳо хоку чанг, балки пару патаки онҳо низ ба ҳаво мехезад. Дилам аз дидани ин манзараи барои ҳамаи парандагон таҳқиромез танг шуд, ки бол кушодаму ба дуртар паридам.

Дар ҳаво парвоз кардан, оё медонӣ, чӣ лаззате дорад. Болотар аз ҳамаӣ ва аз ту боло фақат худост. Боқӣ ҳама чизу ҳама кас дар зери поят. Агар хоҳӣ, онҳое ки дар зери пои туянд, хурдтару ночизтар шаванд, бояд баландтару баландтар парвоз кунӣ.

Парвоз кардам ва аз ҳамон боло издиҳоми дигареро

дидам. Вақте наздиктар паридаму ба сари як симчӯби барқ фуруд омадам, дидам як ҷоро давродавр тӯрпанҷара гирондаанд ва дар миёнаҷои он ду саги калони гӯшу думбуридаи чӯпонӣ ба ҳам дармеафтиданд. Фуку гардани онҳо хуншор буд. Ду нафар занҷири онҳоро дар даст дошт ва ҳине ки ҷанг ба авҷ мерасид, занҷирҳоро мекашиданд ва сагҳоро ақиб меоварданд. Эҳтимолан онҳо мехостанд, сагҷанг зуд тамом нашавад. Дар атрофи панҷара мардуми зиёде ҷамъ шуда буд ва ин ҷангро тамошо мекард. Ин дигар бедонабозӣ набуд, балки чизе даҳшатноктар аз он. Аввал заҳрханд задам, ки чӣ хуб, чӣ аҷаб, ин ду ҳайвони бадкешу худнамо ва зӯргӯ ҳамдигарро тиккаву пора кунанд. Хас каму ҷаҳон пок. Вале ҳоли онҳоро дида рӯ ба осмон кардам ва аз худо пурсидам, магар ин чӣ бадбахтист, ки сагҳо дар қасди ҷони ҳамдигар бошанд. Чаро инсонҳо ин қадар дилсанганд, ки аз хунчакон шудани сару гардани сагон ҳаловат мебаранд. Хаёлам, аз худо посух омад, ки ҷангидан як табиати сагон аст ва инсонҳо гуноҳ надоранд, агар сагҳо меҷанганд. Магар надидаӣ, ки бе дахолати одамон низ гоҳе сагон гулӯи ҳамдигар медаранд. Вале ин сагҷанг оқибати дигар дошт. Дар миёни инсонҳо баҳсе бархост ва онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, аввал дашномдиҳӣ карданд ва баъд аз лаҳзае ба латукӯби ҳамдигар даромаданд. Онҳо панҷараҳоро вожгун карданд ва он ду нафари занҷирбадастро низ зери мушту лагад гирифтанд. Ончунон задухӯрде бархост, ки сагҳо тарсида, занҷир дар гардан, сарҳо хам ва думҳо зер аз майдон гурехтанд. Шояд ин сагҳо ҳаргиз ҷанги инсонҳоро надида буданд.

Қар-қар кӯтоҳ, боз парвоз кардам ва ин бор дар доманаи талҳои сурхи канори деҳа, наздики рӯдхона ҷанги буққаҳоро дидам. Инро ҳам инсон барои саргармии худ сохта буд. Фарқи ҷанги буққаҳо аз бедонабозию сагҷангу одамҷанг дар он буд, ки садҳо бор бераҳмонатар ва хеле дурударозу беохир будааст. Донистам, ки буққа то зиндааст, буққагияшро мекунад.

Вой агар буққаҳо шох ба шохи ҳам зананду бедонаҳову одамону сагону зоғакон дар зери пои онҳо бимонанд...

## НОМАИ ПИСАРИ ҲАМСОЯ АСЛАМ

Салом, ако Баҳром.

Ман барои он ба шумо нома менависам, ки аз падаратон ва аз Шумо миннатдорӣ кунам. Падаратон палтои давраи кӯдакии Шуморо ба ман ҳадия карданд. Гуфтанд, дигар дар хонаводаи Шумо касе ба қадди он нест. Албатта, хеле кӯҳна аст ва нуги остинҳояш фарсудаанд, аммо ин муҳим нест, муҳим он аст, ки хеле гарм аст ва акнун ман метавонам ба мактаб равам. Аввалҳои сентябр ҳаво гарм буду ман ба мактаб мерафтам, вале бисёрии муаллимҳо ҳанӯз аз тарафҳои шумо барнагашта буданд. Мақсад, аз мардикорӣ. Моҳи ноябр аксарияти онҳо баргаштанд, лекин ҳаво бағоят сард ва боронӣ шуд ва ман аз мактабравӣ мондам. Аз бачаҳо мешунидам, ки бо бозгашти омӯзгорон дарсҳо хеле хубу шавқангез шудаанд, аммо ман аз онҳо маҳрум будам.

Падаратон, амаки Усмон, маро дар кӯча дида, пурсиданд, чаро дар мактаб нестам. Ман сабабашро гуфтам. Сар ҷунбонданд. Ба фикрам, дилакӣ гуфтанд, ки очаи угаям маро метавонад бе либоси гарм ба маҳаллаи дигар барои об фиристад, вале на ба мактаб. Албатта, худам ҳам шарм мекардам, ба мактаб равам. Бе палто барои об рафтан осонтар аст. Шоми он рӯз додаратон Шодмон палтои Шуморо овард. Гуфт, падаратон додаанд, ки пӯшам ва ҳатман ба мактаб равам. Модарандарам дар ҳаққи ман ин гуна некӣ намекунад. Албатта, пуле надорад, ки бикунад. Инаш ҳам ҳаст, ки агар медошт ҳам, намекард.

Чизи аҷоиби дигар ин ки китобҳои синфи ҳашти Шумо дар мактаб низ насиби ман шуданд. Ҳамон аввалҳои сентябр,

вақте китоб тақсим мекарданд ва китоб хеле ҳам кам буд, қариб буд ба ман чизе нарасад. Китобҳо дар рӯйи мизи муаллима Рауфова буданд. Дидам, ки дар саҳифаи охири ин бастаи китобҳо шумо дар вақташ бо хатти хеле зебо номи худро навиштаед. Гуфтам, мехоҳам, китобҳои писари ҳамсоям ба ман расанд. Муаллимаи зебои мо, Рауфова, хандиданд ва онҳоро ба ман доданд. Он кас Шуморо мешинохтаанд. Аммо китобҳо танҳо моли ман нашуданд. Мо се кас бояд баробар аз онҳо баҳра барем. Ман ва ҳамсинфонам Хуршед, аз гузари поён, ки порсол падараш худро овехт ва Далер, ӯ ҳам аз гузари поён ва падари якпояаш ҳоло посбони боғи мактаб аст. Ҳоло ку ҳеҷ гап не, лекин нимаҳои баҳор кори падари Далер сахт мешавад, зеро бачаҳо аз обмӯрӣ ба боғ даромада, ғураву себи онро ҳамчунон «мерӯбанд», ки пар намемонад. Ҳеҷ яки онҳо аз посбони якпояи бемилтиқ парво надорад ва ҳама медонад, ки он кас ягон дуздро дошта наметавонад. Посбони боғи колхоз гапи дигар. Вай як сиёҳмилтиқ дорад. Порсол як бачаи деҳаи ҳамсояро барои ангурдуздӣ паронда кушт. Ман чӣ менависам, аз афти кор, худам намедонам. Хулоса, мо се кас китобҳои Шуморо бо навбат мехонем. Ҳаққи ман аввалтар аст, зеро доим ба онҳо мегӯям, ки инҳо китобҳои бачаи ҳамсояи мананд ва муаллима Рауфова аввал ба ман додааст, баъд ба онҳо. Лекин ин китобҳо, ба фикри ман хеле кӯҳна шудаанд ва дар онҳо СССР навишта шудааст, дар ҳоле ки ин мамлакати калон дигар вуҷуд надорад. Муаллима Рауфова ба ин фикри ман розиянд ва мегӯянд, аз беамакӣ буз амак, мо ноилоҷ бояд онҳоро бихонем, зеро китоби дигар нест. Китобҳои нав ҳанӯз ба мактаби мо нарасидаанд ва худо медонад, вақте мерасанд, ки мо мактабро тамом мекунем.

Дар мактаб аз Шумо бисёр ёд мекунанд. Мегӯянд, олим ва муҳандиси машҳур ҳастед. Ман мегӯям, он кас дар Сурағут мардикоранд. Муаллима Рауфова аз гуфтор бозмеистанд, маҳзун мешаванд ва чашмҳояшонро поин

мекунанд. Ман ҳайронам, ки агар чунин олими калон бошед, дар Сурағут чӣ кор мекунед? Магар мардикорӣ не? Медонам, ки ин ҳам аз ноилоҷист.

Боз ҳам ташаккур мегӯям, барои палто. Узр, ки натавонистам, ба падаратон ташаккур гӯям, ҳар бор ки он касро бинам, маро тарси нофаҳмое фаро мегирад. Асо дар даст бо чашмони хашмгин мегарданд ва кас метарсад, худаш, бе пурсиши он кас наздик равад ва чизе бигӯяд. Ва барои китобҳо ташаккур мегӯям, ки онҳоро хеле тозаву озода нигоҳ доштаеду имрӯз мо аз онҳо баҳравар мешавем. Ваъда медиҳам, ки нағз мехонам ва олиму доно мешавам.

## НОМА АЗ ДАРАХТИ БИҲӢ, КИ ДАР ТАҲИ ТИРЕЗАИ ТУ БУД

Ман туро бисёр ёд кардам. Ман он рӯзҳои гузаштаро ёд кардам, ки рӯйи кат дар миёни соярӯшанҳо мехобидӣ ва аз тиреза ба шоху барги ман менигаристӣ. Ман нури нигоҳи туро ёд кардам, ки дар баданаи лайсу рақсони ман бо навозиш болову поин мерафт. Дар гурмҳои ман таваққуф мекард ва сози он ҳамаи вуҷуди маро ба сӯзиш меовард. Ман он рӯзҳоро ёд кардам, ки дар фасли самар ҳамроҳи шаббода бӯйи биҳиро чун паёме ба сӯйи тирезаи ту мефиристодам ва ҳангоме ки медидам, чӣ қадар ту аз ин накҳат роҳат мекунӣ ва онро бо тамоми ҷон мешамӣ, шоху баргҳоямро такидаву афшонда, ба ракс меомадам ва хурсандӣ мекардам.

Ман туро дар рӯзҳое ёд кардам, ки пиру афсурда шудаам. Баргҳоям заҳир, танам хушку беҳол ва самарам нобуд гаштааст. Фикр мекунам, дунёи ман ба завол мерасад.

## НОМАИ ДУЮМИ МУАЛЛИФИ ҚИССА

Баҳром, ман нафаҳмидам, чӣ тавр як зоғ ва як дарахт метавонанд, нома нависанд. Вақте аз номи зоғ ба худ мактуб кардӣ, ман хомӯш истодам. Ҳар кас ба шӯхие ҳақ дорад, ба вижа касе ки монанди ту дар чунин фазои тира ва рӯзгори сарбаста афтода бошад. Аммо на ба ин дараҷа. Агар бӯйи биҳиро ёд карда бошӣ, пайғом бифирист, бароят як дона биҳӣ роҳӣ кунанд. Бигузор он биҳӣ хом ва ё нимахом бошад. Онро дар тоқи тирезаат биёвез, ҳамчун гӯшвораи манзараи сафеди паси шиша. Манзарае, ки дар он дарахту хонаҳову кӯчаҳову одамон ҳама дар барф фурӯ рафтаанд. Бо гузашти рӯзҳо биҳӣ мепазад ва зардгун мешавад. Ҳар бор ки нигоҳат ба ин меваи ватан афтад, фикр кун, аз дарахти паси тирезаат канда шудаву он ҷо афтодааст. Бо ин худро дилбардорӣ хоҳӣ кард. Ва ё агар аз зоғ бим надорӣ, онро ба шохи дарахти паси тиреза бубанд ва ба сайргоҳи нигоҳи худ табдил деҳ. Расад, ки дарахти хушк дубора нумӯъ кунад ва самар диҳад ва донаҳои биҳӣ дар фасли ҳосил якояк ба рӯи барф фурӯ биафтанд.

...Бигзор гуфти ту шуду дарахти биҳӣ бароят нома навишт. Аммо чӣ гуна вай ин мактубро ба почтахона мебарад ва бароят равон мекунад.

Фикр мекунӣ дар шаш соли набудани ту дарахтҳо номанавис ва кӯчагард шудаанд?

## НОМАИ ХУРШЕДА

Ман нони зиёде намехӯрдам. Як касе ки ҳамагӣ нӯҳ сол дорад, чӣ қадар мехӯрад, ки нони дигаронро кам кунад. Баъдаш, ризқи маро на ин ҷавонакҳои рӯсурху говгардан, балки худованд медод.

Ман ҷои зиёдеро банд намекардам ва нафаси зиёде ҳам

намекашидам. Акнун ҳаминро ҳам ба инҳо во мондам ва рафтам. Агар бо марги ман ҷои инҳо дар рӯи замин васеътар мешавад ва бо қатъи нафасам ҳаво барои инҳо зиёдтар мешуда бошад, ман рафтам ва барнахоҳам гашт. Фикр накунед, ки ман бо алам рафтам ва ё аз рафтанам ғамгинам. Барои ман ҳамон чанд рӯзе ки падарамро хушҳол дидам, кофӣ буд, ҳамон чанд рӯзе ки модарам дигар оҳ намекашид, бас буд.

Дар ватани мо аҳволе шуд, ки шумо напурседу ман нагӯям. Падарам аз кораш монд, зеро корхонаи онҳо шахсӣ шуд ва дигар кор намекард ва ё барои падарам дар он ҷо коре набуд. Модарам дар зойишгоҳ кор мекард, аммо занҳо дигар барои зоидан ба он ҷо намерафтанд, балки дар хонаҳои худ таваллуд мекарданд. Зоишгоҳро як ғули чашмтанг харид ва хонаи зисти худ кард. Ин қадар зан гирифт, ки дар ҳар палата як зан бо зоидан машғул буд. Тифлакон ҳанӯз ба дунё наомада буданд, ки падари яккаву ягонаи онҳо барояшон дар ҳар гӯшаи шаҳр хона мехарид, ба номи ҳар кадоми онҳо, ҳамчун собиқадорони меҳнат, замин ҷудо мешуд ва садҳо нафари дигар омода буданд, барои ҳаққи бардагӣ ба кӯдакони зоданашуда аз гиребони ҳамдигар бигиранд.

Бисёр рӯзҳое мешуд, ки мо нон надоштем бихӯрем. Модарам гулу гиёҳҳои хушконидаашро рӯи дастархон мегузошт.

Ҳар субҳ падарам думболи пораи нон мерафт ва шом ё онро меовард ё на. Гоҳе ғулони чашмтанг меомаданд ва ӯро латукӯб мекарданд. Ин ҳама ба дилаш зад ва ҳиҷрат кард ба шаҳри дуре бо номи мушкили саниктфетерфурх. Баъд аз ду моҳаш омад ва ҳамаи моро бо худ бурд.

Дар он чанд рӯзе ки ман дар ин шаҳри урус будам, хушбахт будам, ки боз хандаи падарамро мешунидам ва медидам, ки дар чашмони модарам ашки шодӣ дамида буд.

Вақте маро бо мӯзаҳои сангин ва калтакҳои оҳанин заданд ва то лаҳзаи мурданам дар болои сарам истоданд ва

рӯҳи ман аз танам ҷудо шуда, аз баландӣ ба ин галаи гургон менигарист, ман гиря накардам. Танам шояд дард мекард, вале рӯҳам ором гирифта буд. Фақат аз он дар ҳарос будам, ки худованд ҷони падари маро наҷот дода бошад.

Ман ба осмонҳо парвоз кардам ва мешунидам, ки дар ҳаққи ман чиҳо мегуфтанд. Ман ҳаргиз нахостаам, шиоре шуда бошам. Ман розӣ будам, бо ин қимат ҳаққи хандаи падарам ва оромиши чандрӯзаи модарамро бидиҳам.

Аз падарам танҳо хоҳиш кардам, ки конкиҳои яхмолакбозии маро ба дугонаам Шаҳрия бидиҳад. Ҳадия ба ёдгор.

## НОМА АЗ ШӮРАЗАМИН, АЗ САЙВАЛӢ

Ҳамкурси меҳрубонам, Баҳром.

Ба ту ҳасад мебарам, ки дар шаҳри дуру зебою хушҳавою озодаи Сурағут кору даромаду ризқу рӯзие дорӣ. Ҳарчи бошад ё набошад, дар он ҷо худро одам ҳис мекунӣ. Ман ҳам агар метавонистам, фирор мекардаму мегурехтаму мепаридаму пеши ту мерафтам, вале ноилоҷ бояд ин ҷо бимонам, чун маро бе банду завлонаву занҷир асир кардаанд. Агар касе ба ту гуфта, ки ҷанг тамом шудааст, зинҳор бовар накун. Дар тарафҳои мо, дар сарҳад бо Афғонистон, дар талу куталу адир ва найистонҳои канори дарё, ҳатто дар пеши дари хонаҳои мо ҷанг ҳамоно давом дорад ва ман бо қарори мӯйсафедон маҷбурам, ин ҷо бошам, то аз аҳли диёр, аз ному номусу шарафи инсонии мардуми худ ҳимоят кунам. Ман на шаб дорам, на хоб ва на рӯз дораму на рӯзӣ. Ин як даҳшатест, ки маро бе ягон гуноҳ ба гирдоби худ кашидааст.

Ёд дорӣ, дар донишгоҳ ману ту аз ин марзе, ки беадолатона ва хасмона, ба рағми миллати мо ва ба хости дили русҳо ва британиҳо кашида шуд, сӯҳбат мекардем ва орзуи онро доштем, ки як рӯз он аз миён бардошта шавад. Ман гуфта будам, ки тағоҳоям ва як писари аммаи падарам

дар он сӯ зиндагӣ мекунанд. Гуфта будам, ки дар ин ҳама сол фақат як дафъа ба падарам муяссар шуда буд, ба дидорбинии онҳо равад. Аммо барои ин як ҳазору анд километр роҳро тай карда, аввал ба Кӯлоб рафт, аз он ба Душанбе, баъд ба Маскав ва аз он ҷо ба Кобул ва сипас ба Мазори Шариф, аз он ҷо ба Кундуз ва танҳо баъд ба рустое, ки масофааш аз мо ҳамагӣ се километр аст. Сабаб ин ки дар миёни ин ду деҳа, аниқтараш як деҳаи дутақсим сарҳади давлати шӯравӣ мавҷуд буд. Марзе, ки ду генерали сархуш, яке рус ва дигаре инглис, теғи кафи даст ба рӯйи нақша гузошта, як кишварро аз рӯйи хатти як наҳр табартақсим карданд.

Бароят ҳикоят карда будам, ки аз ин сӯ падарам ва аз он сӯ писараммаи ӯ ба сари теппаҳои ду соҳил мебаромаданд ва ба мавҷҳои оби рӯдхона нигариста, най менавохтанд. Ду кас дар ду тарафи як марзи симхорпеч як оҳангро менавохтанд ва сарҳадчии рус фиғон мекашид, ки онҳо ҳурмати сарҳади давлатиро поймол мекунанд. Марзбонони рус ба ҳаво тир мепаронданд ва амр мекарданд, ки садои най хомӯш шавад. Гоҳо ходимони амниятӣ ба хонаи мо меомаданд ва падарамро метарсонданд, ки садои найи ӯро метавонанд, ҳамчун алоқаи ҳавоӣ бо душман ва додани маълумоти сиррӣ тафсир кунанд.

Ҳовва, мо орзу доштем, ки як рӯз ин марз аз байн меравад ва хонаводаҳои мо, бародару бародарзодаҳо ба ҳам мепайвандад. Ҳаст ку дар дунё қонуни ҳамоиши оилаҳо. Мо шиква мекардем, ки ҳеҷ кас дар дунёи торику сарду бераҳму кушанда ба мо кӯмак намекунад, то ҳуқуқи худро ба даст орем. Аммо, чӣ музҳик аст, ки имрӯз, баракс мо аз дилу ҷон мехоҳем, ин марз боз ҳам сахттар баста шавад. Зеро аз он сӯ ба ғайр аз нашъаву героин, тиру туфанг, фиребу куштор ва дӯғу данг чизе барнамеояд. Дигар касе дар ду соҳили рӯдхона найнавозӣ намекунад. Дигар касе аз ҷудоиҳо ҷигархун намешавад. Ман шукр мегузорам худои бузургро, ки падарам ба дидани ин рӯзҳо нарасид. Агар вай ин ҳолро медид, ҳамаи

найҳои худро дар мобайни ҳавлӣ тӯда карда, оташ мезад ва дигар на ёди хусурбачаҳояш мекарду на ёди писараммааш.

Чаро ман навиштам, ки ҷанг барои мо идома дорад? Бубин, натиҷаҳои як шабонарӯзро, ки як кас кушта ва панҷ нафар захмӣ шуд, ҳафт кас, ба шумули ду зан ба асорати афғонҳо афтод. Мо акнун «афғонҳо» мегӯем, лекин он вақт ёдат ҳаст, ки мо онҳоро «афғонистонӣ» мегуфтем. Ба хотири таъкид кардани ин ки онҳо низ тоҷиконанд, фақат тоҷикони ба ҳукми тақдир афғонистонӣ. Яъне бародарони мо аз як падару як модар. Ҳоло нисбат ба онҳо чунин муносибат вуҷуд надорад. Мо онҳоро душман меномем ва аз он ҷо ки ҳукуматамон, ҳукумати, ба истилоҳ қонуниамон, аз мо дифоъ намекунад, маҷбур шудаем, дар тақлид аз солҳои бистуми садаи гузашта, дастаи «Калтакдорони сурх» ташкил кунем. Ин даста аст, ки зану бачаи мо ва молу ҳоли моро ҳимоят мекунад. Бо баҳои ҷон ва хун. Албатта, дар ин аҳвол ҳарду тараф гунаҳкор аст, аз як даст садо намебарояд. Мардуми мо ҳам айбдор аст. Афғонҳо шабона аз марз гузашта ба одамони мо афюн ё гера пешниҳод мекунанд. Саҳари мурғфарёд дарвозаатро мекӯбанд: «Ватандор, «бор» кор дорӣ?» Баъзеҳо ин борро мегиранд, вале ба ҳайси насия, зеро пуле надоранд, ки қиматашро ҳамон сари савдо бипардозанд. Мегиранд, бо орзуи он ки борро то Душанбе мебаранд ва ду баробари нархаш пул дарёфта, баргашта, ҳаққи афғонҳоро ҳам медиҳанду мояи рӯзгори худро ҳам фароҳам меоранд. Баъзеҳо, як ё ду нафар комёб шуда, мошинҳои хориҷӣ харидаанд ва хонаҳои боҳашамат пӯшондаанд. Аммо аксари кулл ё дар роҳ ба даст меафтаду асири кунҷи маҳбас мешавад ва ё борро ба фиреб аз даст медиҳаду аз тарси афғонҳо дигар ба рустои худ барнамегардад. Ана аз касофати ҳаминҳо зодбуми мо ҷабҳаи ҷанги, ба истилоҳ, байнулмилалӣ мешавад. Афғонҳо хешу наздикони онҳо ва ё агар чунин касонеро дарёб накунанд, пайванду авлоди моро асир мегиранд ва ба Афғонистон бурда, дар гарав нигаҳ медоранд,

то пули онҳо пайдо ва барояшон расонда шавад. Аммо бигӯ, ҷурму гуноҳи мо чист, ки ин яке медиҳаду он дигаре барнамегардонад ва ҷиноят аз ҳардуи онҳост, на аз мо. Оре, гуноҳи мо ин ки дар ҳамин деҳа зиндагонӣ мекунем. Мо ки на ба инаш сари коре дорем, на ба унаш, барои инаш ҳам хун мерезем, барои унаш ҳам. Чаро модару хоҳару додари мо бояд гаравгони роҳзанҳо шаванд.

Хулоса, ба ман як сиёҳмилтиқи солҳои бистумро додаанд ва фармондеҳи яке аз гурӯҳҳои «Калтакдорони сурх» таъин карданд. Вазифаам ҳимояи аҳолии бегуноҳ аст. Бояд роҳ надиҳам, ки ин бегуноҳон рабуда шаванд ва дар Афғонистон ба ғулом табдил ёбанд. Ҳар шаб ҷанг, ҳар шаб тирандозӣ. Барои ҳамин навиштам, ки ҷанги мо ҳамоно идома дорад. Онҳое ки ҷангро сар карданд, ҳоло дар бистарҳои пари қу, дар хонаҳои бошукӯҳи сеошёнаву чорошёна бо даҳҳо мулозиму инзиботии худ кайф мекунанд ва рақибони онҳо ин ҳамаро чандин сол пеш ба даст оварда буданд, акнун мо ҷанги саркардаи онҳоро давом медиҳем. То ба кай, фақат худо медонад. Баъзан ман фикр мекунам, ҳатто на баъзан, балки аксаран, фикр мекунам, ки мо на раҳбар дорему на соҳиб, на пойтахту на давлату на мамлакат. Инҳо ҳама дурӯғанд. Як гурӯҳи аз тагидоргурехтаҳо ҳастанд, ки вақте ҷое манфиати худро диданд, чашмонашон барқ мезанад, зуд як шляпа ба сар гузошта ва як дафтарчаи сурх ба киса худро намояндаи давлат муаррифӣ мекунанд, то чизе канонанд. Онҳо дар лаҳзаи мушкил ба мушхонаҳо паноҳ мебаранд ва дар лаҳзаҳои ид ба сари дег ҳозир мешаванд. Вақте мо бо дуздону қочоқбарон ба ҷанг медароем, аз онҳо нишоне нест, вақте онҳоро меронему борашонро ба даст мегирем, пайдо мешаванду даъво мекунанд, ки ҳамчун нафари давлат, бояд борро рӯйхат кунанд ва бо худ баранд. Бисёриҳо медонанд, ки онҳо баъдаш ин борро дар шимол «обулой» мекунанд. Хулосаи ман ин аст, ки мо як миллати бесоҳиб ҳастем. Ҳам дар ватан ва ҳам берун аз он. Аниқ медонам, ки дар

кишварҳои дигар моро кушанд ва ё зада маъюб кунанд ҳам, ҳукумати мо садое барнамеорад. Шояд зӯраш ба кишварҳои хориҷӣ намерасад. Вале бубин, ки моро дар хонаи худамон мекушанд ва ё гаравгон мегиранд, ин ҷо ҳам касе ба доди мо намерасад. Пас куҷост, соҳиби мо. Онҳое ки аз сари минбарҳо дар ғами миллат ашки тимсоҳӣ мерезанд, магар соҳибони ин миллатанд? На, ин миллат соҳибу сарваре надорад, афсӯс, афсӯс...

Ҳоло, ки дар рӯшании шамъ, дар хаймаи сари кӯтали Ёс ин номаро бароят менависам, аз поён, аз найистони соҳили рӯдхона садои тир меояд. Ман бояд ҳамин ҷо нуқта гузорам ва милтиқу тасмабандҳои тири худро гирифта, ҳамроҳи ду ҷавони ҳамдеҳаам ба он ҷо бишитобам. Агар зинда баргаштам, боз бароят нома хоҳам навишт, вале дар ин байн, зинҳор аз номаи ман маҳзун нашав. Умед кунему дуъо, ки ин кобус ба зудӣ гузарад ва ман ҳам битавонам, ба назди ту биёям. То пули сиёҳе кор кунаму фарзандонамро бинам. Ҳамтаҳсили ту Сайвалӣ.

## НОМАИ МАРДИКОРИ СОБИҚ

Акои меҳрубон ва дӯсти арҷманд, Баҳроми ҷон.

Ман ба ватан баргаштам, аммо мисли инам, ки аз як кишвари бегона ба кишвари бегонаи дигар сафар карда бошам. Аз бозгашти худ садҳо ҳазорон бор пушаймонам.

Коми моро бо ин шиор бардоштаанд, ки хуштар аз ватан ҷое дар ҷаҳон нест. Солҳои дарозе ин андешаро дар мағзи мо ҷо мекарданд, ки ватанро дӯст дорем, аз марзи танги он берун наравем, ба домани кӯҳҳояш сар бигзорем, хоки онро тӯтиёи чашми худ кунем, биёбонашро Боғи Ирам номем ва обашро Чашмаи Замзам ва ғайраву ҳоказо. Як шоире буд бо номи Тоту, ки ин қадар дар ҳаққи ватан месӯхту мепухт, ки мегуфт, вақти сафар бари ҷомаи худро метакад, то ғубореро берун набарад ва аз хоки ватанаш заррае кам

нашавад. Рӯзе расиду дунё дигар шуд, ниқобҳо фурӯ рехтанд ва вай ба ватани офтобию бостонии худ туф карду дар оинаи гирди ҳавопаймо ба рӯйи он хатти бутлон кашиду рафт ва аз кишвари дур суол фиристод, ки чаро ин қадар сол бадбахте буд, ки гузинаи дигаре ҷуз ин ватан надошт ва агар мегӯянд, ӯро дар ин ватан интизоранд, барояш агар шаби гиряҳо баргузор мекунанд ва мегирянд, бигзор, оре, гуфт, бигзор, ҳамон курсии холии ман ҳамеша холӣ бимонад, якумр, абадан, ҷовидон, ҳамеша, мисли ин ки бигзор, баъд аз сари ман офтоб набарояд ва ин ватан ба ҷуз аз торикистон мабод, чун ман он ҷо нестам, бигзор ҳамаи мардумонаш бимиранд. Вай фикр мекард, ки бе вай рӯзи ин ватан нахоҳад гузашт.

Ин ҳарфи вай он вақт ба ман сахт расида буд, ки мегуфтам,  агар дар кӯча ин мазҳари эътиқоди худро вохӯрам, пӯсти ӯро мекашам ва дар он коҳ ҷо мекунам. Хеле вақт ҳамин тавр мушт ба ҳам соида гаштам, вале баъд аз муддате оташи хашмам фурӯ нишаст, ором шудам, лекин аз ончи ба сар бурдам, донистам, чаро вай ин гуна гуфт ва ҳоло фикр мекунам, ҳақ дошт, инчунин бигӯяд ва хуб аст, бадтар аз инро нагуфтааст. Ин, ба истилоҳ, ватан, ба як қатра ашк ҳам арзиш надорад. Ман он чиро мегӯям, ки худам дидаам. На аз хашм мегӯям ва на аз алам, балки ҳақиқати ҳол ин аст, ки пештар чашмони пардагирифтаи ман онро намедиданд.

Ман гӯё ба ҷазирае баргаштам, ки одамонаш фарқе аз аҷусу маҷус надоранд. Иблисе ҳастанд, бе шох ва дум. Ҳаромандеш, ҳаромкор ва ҳаромхиштак. Ҳамаи онҳо фақат дар як фикранд, ки чӣ хел якдигарро фиреб кунанд ва ё онгуна ки дар Сурағут мегӯянд, «кидат» кунанд. Ҳеҷ кас ба ҳеҷ кас бовар надорад. Чашмони ҳама ҳарисона бозӣ мекунанд, ки чӣ тавр мешавад, ҷайби туро чаппа кунанд ва бо даҳону бинию гӯшу манаҳу чаҳор дасту чаҳор пой ончиро, ки аз он берун мерезад, тарака намоянд.

На давлатмардаш инсон асту на деҳқонаш. Ягона мардуме ки ба дили ман наздик намудор шуданд, диндоронанд,

ки ҳаддалимкон инсофро дар пеш мегиранд ва барои ҳаққи бегонаву луқмаи ҳаром талош намекунанд, Албатта, диндорони ҳақиқӣ. Вагарна ҳар ҳоҷие ҳаст, ки даҳ ангушти даст як тараф истад, даҳ ангушти пояшонро ҳам ба даҳан зер мекунанд. Онҳо вақте ки рӯи ҷонамоз мебароянд, на ба худо фикр мекунанд, балки ба он ки чӣ тавр мешавад, ин ҷонамозро рабуд.

Аммо, акои меҳрубон, Баҳром, мақсади ман аз навиштани ин нома шикоят аз ончӣ мебинам, нест. Фикр мекунам, аҳвол ба худи шумо шояд ба беҳтарин шакл маълум бошад, вагарна шаш сол боз он ҷо намемондед.

Мақсади ман гуфтани ин аст, вақте одам дар чорсӯи дунё танҳову зору бекас мемонад, бояд чӣ кор кунад? Ман миёни осмону замин муаллақам. На метавонам бимонам ва на метавонам, биравам.

Ду соли кор дар Сурағут, бо вуҷуди он чаҳор тангае ки ҷамъ кардам, даҳшати тоқатшикан буд. Орзуи инро надорам, ки дубора худамро ба дари он дӯзах бирасонам. Ва озурдагии ман аз Сурағут на аз мардуми он ҷост. Аз худиҳо ранҷидаам. Аз мост, ки бар мост. Ягона одами неку меҳрубон ва ҳақшинос шумо будед барои ман дар Сурағут ва шояд барои ин аст, ки ба шумо нома менависам, то машварат гирам.

Ёдатон бошад, ин ҳамшаҳриёну ҳамватанҳои мо чӣ қадар номардиҳо карданд. Онҳо тавре рафтор мекарданд, ки гӯё дигар ба ватан барнамегарданд, гӯё дунё ба охир расидаву қиёмат қоим шудааст. Онҳо монанди ҳайвонҳои ваҳшӣ ба галаву селаву рамаҳо ҷудо шуданд. Вой бар ҳоли касе ки дар байни селаи гургу шағол ва ё галаи гову хар меафтад. Ёдатон бошад, ман ба ҳамин ҳол афтода будам. Ва аҷоибаш ин ки аввалини онҳоро ман ба манзилам роҳ додам, ҷои рафтан надошт, дар истгоҳи автобус монанди гадо истода буду аз чашмонаш ашк ҷорӣ мешуд. Фақат ба хотири ҳамватанию ҳаммиллатӣ ман ба вай раҳм кардам ва ба хонаам овардаам. Баъдаш ба вай кор ёд додам ва ҷойи кор ёфтам. Ҳама чизе ки

доштам бо вай ду ҳисса мекардам. Баъди як моҳ кадом ҳаммаҳаллаи худро овард ва талаб кард, ки бо мо бимонад. Баъдаш сеюмӣ ва чаҳорумӣ омаданд. Вақте ки ман эътироз кардам, ки соҳибхона ин қадар одамро дар ин манзил роҳ намедиҳад, аввал ба ман маслиҳат доданд, ки дар канораи шаҳрак як заминкан ҳаст, ҳарчанд лою гил дошта бошад ҳам, ҷои баде нест, онҳо худ дар он заминкан як сол зиндагӣ кардаанд, ман ба ҳамон ҷо равам. Охир чаро? Барои он ки онҳо бисёриянд ва ман танҳо. Яъне онҳо худро аз ман ҷудо карданд, зеро бисёрӣ буданд. Албатта, нирӯ бо онҳост, охир, чаҳор сагу як саг магар баробар аст?

Ниҳоят кор ба ҷанҷол оид шуд. Онҳо бору колои маро аз сари зинаҳои хона ба берун, рӯйи барф партофтанд... Ана ҳамин хел, некӣ кардему ба дарё партофтем, худи моро дар ҷавоби некӣ ба рӯйи барф партофтанд. Ин фақат як намуна. Ҳар куҷо ки рафтам нокасиҳо, миллатфурӯшиҳо, бардагию ғуломӣ ва бегонапарастии ҳаммиллатони худро дидам.

Давраҳое ки донишҷӯ будам ва як дӯсти ӯзбак доштам, ҳаммиллатонам ин рафоқати моро таъна мезаданд ва ҳатто дар ғайбам маро низ ӯзбактабор мегуфтанд. Ҳоло дидам, ки худи онҳо аз табори муғулу қизилбоши ғоратгаранд ва боз ҳам як бародари мусулмони ӯзбак буд, ки ба ман кӯмак кард ва аз ин вазъи сахт раҳоям намуд.

Баъдаш шуморо вохӯрдам ва аз некиҳои шумо баҳра бурдаму дубора меҳри миллат дар ман буруз кард.

Вақте ба ватан баргаштам, ҳолати сад бор бадтар аз Сурағутро дар ин ҷо дарёфтам ва гуфтаи шоир ба ёдам расид, ки бояд ба рӯи ин ватан хатти бутлон кашиду рафт ва он набинад рӯи манрову ман набинам рӯи онро.

Ман донистам, ки он ҳама нокасиҳо, бегонапарастиҳо, зулм ба ҳаммиллатон ва бешафқатии оддии инсониро ҳамватанони мо дар Сурағут наомӯхтаанд, балки аз ватан бо худ ба Сурағут бурдаанд. Он гуна ки Сайидои Насафӣ гуфтаанд:

Ба ҷои об мардум баски хуни якдигар хӯрданд,
Ҳубобосо шуданд аз мағз холӣ косаи сарҳо.

Хуб, дар Сурағут, худованд маро бо шумо рӯбарӯ кард, ки мисли дидори Мавлоно бо Шамс буд. Аммо дар ин ҷо рӯз бо чароғ гардед ҳам, нишоне аз инсон намеёбед. Ин аст, ҳоло дар миёни чаҳор дарё тахтабанд мондаам ва на метавонам бимонам ва на метавонам биравам.

Ман як филисе дар ҷайб надорам. Ончи дар ин роҳи дарози пур аз роҳзан бо худ ба ватан овардам, ҳамватанҳо аз ман рабуданд. Ҳоло як қирон ҳам надорам, ки ба самте ва кишвари дуре паноҳ барам. Вале мондану ин ҷабру зулми ҳаррӯзаро дидан низ тоқатамро шикастааст. Бале, дуруст аст, ки ватан ватан асту аз тахти Сулаймон беҳтар, гӯё беҳтар. Инро ба фикрам касе гуфтааст, ки тахти Сулаймонро дар умри сараш надидааст ва начашидааст. Ватан ҷоест, ки поят дар замин бошад ва сарат афрохта ба осмон. Касе сарпастат накунад, касе заминро аз зер поят берун накашад.

Аз он ҳама шеъру шеъраки шоиру шоираконамон маъюс шудаам. Аз он ҳама шиорҳои пуч. Санги ин кӯҳистонро билкул болин карда намешавад, зеро ягон санги он шакли болинро надорад, балки онро мешавад танҳо санги мазор кард, ба сари гӯр халонд ва ё беҳтараш ба сари худ зад бо ин тақдиру бо ин ватану ватандорӣ. Як девона дар пеши чойхонаи «Роҳат» мегуфту механдид, ки санги ватанро ба сари худ занед, зеро хоки ватанро кайҳо ба чашмони шумо пошидаанд.

Бигӯед, вақте одам дар чорсӯи дунё танҳову зору бесоҳибу беҳуқуқ мемонад, бояд чӣ кор кунад?

## НОМАИ СЕЮМИ МУАЛЛИФ

Айбро аз дӯши худ ба пушти дигарон партофтан осонтарин кор аст. Гӯё ту моҳи беайб ва мусичаи бегуноҳӣ ва ҳама бало аз дасти дигарон аст.

Мард касест, ки аввал худии худро дар пули сирот бигузорад ва савобу гуноҳи хешро баркашад. Касоне ки дар ҳар нокомии худ дигаронро масъул медонанд, бечорагоне ҳастанд, ки ҳаргиз ба ҷое намерасанд.

Дуруст аст, ки вазъи ҷомеъа метавонад, касро дар шароити тоқатфарсо бигузорад, аммо дар сафи ҳамагон будан дардро сабуктар мекунад ва иродаи ҷамъ худ роҳи балоро мебандаду роҳи ҳақро боз менамояд ва ҳам «мушкиле нест, ки осон нашавад». Бояд ҷуст ва ёфт он пайроҳа, роҳ ва ё шоҳроҳи раҳоиро.

Худованд аст, ки инсонро дар «чорсӯи дунё» зери азоби алим мегузорад ва мехоҳад ӯро биозмояд. Ба ёд оваред ҳазрати Аюбро. Ноумед шайтон!

## НОМАИ ГУЛИ РАЙҲОН, КИ ДАР БАЙНИ КИТОБ ХУШКИДААСТ

Шумо маро аз реша кандед ва ба қабати китоби худ гузоштед. Ман он ҷо пажмурдам ва хушкидам. Вақтҳое буд, ки китобро боз мекардед, маро ба даст мегирифтед ва мешамидед. Акнун на касе ин китобро мекушояд ва на касе маро мебӯяд. Бепарасторам. Лекин шукр мекунам, зеро агар шумо маро барнамекандед, дар хушкиҳои тирамоҳ ва сардиҳои зимистон кайҳо нобуд мешудам.

Ҳоло нафас мекашам ва интизорам, ки як рӯз касе ин китобро боз ва маро пайдо кунаду бибӯяд. Ман ҳанӯз накҳати баҳоронро бо худ дорам. Ман ҳанӯз зиндаам.

# НОМАИ ҲОТАМНИЁ

Ҳар шом дидани чашмони ҳузндори кӯдаконам оқибат диламро реш кард. Онҳо хандон буданд, вале чашмонашон ғамгин. Ба фикрам, онҳо худро маҷбур мекарданд, ки биханданд, ҳарчанд дарунакӣ мегиристанд. Ман бечора будам, онҳо аз ман бечоратар. Аз ҳамин бечорагӣ роҳи ҳиҷратро дар пеш гирифтам. Як зан дар кӯчаҳои деҳаи мо мегашт ва эълон мекард, ки муҳоҷиронро ҷамъ меорад ва аз ҳама постгоҳҳои ғорату таҳқир бегазанд гузаронида, то ҷои дилхоҳашон мерасонад. Маълум буд, ки ин зан роҳи суду баҳраро ёфта буд.

Мегӯянд, вай чанд автобуси шахсӣ дорад ва ҳамаи милисаҳои ин роҳи дарозро шахсан мешиносад. Боз мегӯянд, вай ба баҳонаи муҳоҷирон героинро аз тарафҳои мо ба кишварҳои дур мебарад ва ба савдо мезанад. Аммо ман ба инаш кор надорам. Аз бало ҳазар ва «уштури сафеда дидӣ? – надидам».

Дар рӯзи таъин дар майдони сари бозорча ҷамъ шудем. Ин манзараҳои пурҳаёҳу давраҳои донишҷӯиро ба ёдам овард. Ҳамин хел ҳама дар азми сафари пахтачинӣ бо бору бун ҷамъ меомад ва ба гурӯҳҳои ҷудо мешуд, то дар автобусҳои зиёд, ки корвонвор қатор истодаанд, биншинад. Баъзеҳоро хешу наздикон ба гусел мебаромаданд, баъзеҳо бо духтаракони ҳампаймонашон пинҳонӣ чашмбарак мекарданд, аз куҷое садои мусиқӣ меомад, омӯзгорон бо чеҳраҳои пурташвиш, рӯйихатҳо дар даст қад-қади автобусҳо медавиданд ва аҷаб давраҳое буд. Вале ин манзара фарқ дошт, гурӯҳи ҷавонмардон, ки дар байнашон баъзе афроди миёнасол ҳам вомехӯрд, бе ягон калима, бе ягон садо ва бо сари хам бору буни худро ба бордони автобус ва ё рӯи боми он ҷо мекарданд. Касе ба гусели онҳо набаромада буд ва касе ҳам ба ин омодагиҳои роҳ сарварӣ намекард. Ба назари ман чунин

менамуд, ки муҳоҷирон ҳатто байни худ ҳам гапе намезаданд, ба истисноии «инро он ҷо мон, онро ин ҷо». Як ҳолати мотамзадагие ҳама кас ва ҳама чизро фаро гирифта буд.

Ҳамин тариқ ба роҳ афтодем. Баъзан шабҳо низ аз ҳаракат намемондем ва автобусҳо ҳамзамон ба манзили зисту хӯрду хуфти мо табдил ёфта буданд.

Шомгоҳи рӯзи аввал аз постгоҳҳои қирғиз бо каме ришват гузашта, ба аввалин постгоҳи қазоқҳо расидем. Корвон бозистод ва тафтиши асноду бору буна сар шуд. Марзбони сабадрӯи қазоқ ба даруни ҳар автобус даромада, эълон мекард, ки афроди ин автобус бояд 3 ҳазор супоранд. Яъне ин хел ки «гузарпулии» автобусҳои хурд се ҳазор будааст ва калон 4 ҳазор. Вақте инро гуфт, ронанда ба мо нигарист, ба ин маънӣ, ки пулро ҷамъ кунед. Вале мо гуфтем, ҳанӯз пеш аз сафар маблағҳои муайянеро барои ришвати роҳбонон ба ӯ дода будем, аз ҳамон сармоя ришватро бидиҳад. Аммо ронанда мегуфт, он сармоя дар марзи қирғиз тамом шудаву киса холӣ аст. Баҳси моро дида, аскари қазоқ гуфт, аз доду войи мо чизеро намефаҳмад, барои ҳамин, мо ҳам бояд 4 ҳазор супорем.

Нафари ришрасидае ки дар паҳлуи ман нишаста буд ва дар роҳ аксаран хобаш мебурду сараш рӯи китфам меафтод, хафолҳои бинияшро дамонда, ба ронандае, ки тӯтивор мегуфт, «адо шудагӣ, адо шудагӣ», хитоб кард:

– Чӣ хел адо шудагӣ. Ун пул то шаҳри урус бояд расад, як дамаканда тамом шуд? Рӯта сиёҳ накун…

Дигарон низ аз ҳампаҳлуи ман ҳимоят ва ба ронанда ҳамла карданд. Вақте баҳси мову ронанда идома кард, марзбон дафъатан нархро боз болотар бурд: 5 ҳазор. Ҳоло чизе нагуфта будем, ки адади 6 ҳазорро эълон кард. Ҳама сокит буданд, касе сурфид ва бо шунидани сурфаи ӯ қазоқ фиғон баровард: «7 ҳазор!»

Мо бе гапу гуп ва бо сари хам ба ҷамъ кардани пул пардохтем. Ман фикр кардам, агар ғавғо намекардем, ба

ҳамон 3 ҳазор ҷонамонро халос мекардем, акнун 7 ҳазор бояд диҳем. Ман шунида будам, ки қонуну қоидаи ин роҳ ҳамин хел аст, ки раҳбон, гумрукӣ ва ё милиса чанде ки гуфт, бояд бароварда диҳӣ. Агар кам додӣ, фикр накун, ки раҳо шудӣ. Онҳо мераванду раҳзанҳоро меоранд, ки он вақт ҳисобу китоб нодаркор мешавад. Он гоҳ ҳарчи ки дорӣ бояд бидиҳӣ.

Ҳамагӣ баъд аз ҳашт соати дигар ба марзи дуюми қазоқҳо расидем. Боз тафтиш, боз ғавғо. Азбаски қариб як шабонарӯз дар роҳ будем ва маълум мегашт, ки ин ҷо зиёдтар таваққуф хоҳем кард, осон аст, магар ҳуҷҷати қариб ду ҳазор нафарро тафтиш кардан, аз тамоми автобусҳо мардум ба берун рехт ва дар они воҳид дашти ду тарафи роҳро ба ҳоҷатхона табдил дод. Ин вақт шаббодае бархост ва атрофро он гуна бӯйи баде фаро гирифт, ки нафас кашидан номумкин гашт. Тасаввур кунед, ду ҳазор нафар баробар ғизои ҳазмкарда ва ё нотамом ҳазмкардаи худро ба замин рехт. Баъзеҳо бинияшонро медоштанд, баъзеҳо паффу пуфф мекарданд, баъзеи дигар механдид, вале баъд аз лаҳзае ин бӯй чунон ғализ ва мадҳушкунанда гашт, ки муҳоҷирон ҳама ба як бор худро ба даруни автобусҳо заданд ва дару тирезаҳоро бастанд. Ин вақт садои доду фарёди марзбонони қазоқ баланд гашт. Афсари онҳо пешопешу чанд сарбози кулчарӯ ба думболаш биниҳои худро бо рӯмолак баста, ба самти постгоҳи худ мешитобиданд ва фармон медоданд, ки моро ҳарчи зудтар ҷавоб диҳанд, ҳеҷ хел тафтиш даркор нест, тезтар гум шаванду раванд, мегуфтанд онҳо.

Муҳоҷирон фаҳмиданд, ки дар муқобили зӯргӯиҳо ва таҳқирҳои марзбонону гумрукиёну милисаҳо тамоман бесилоҳ нестанд. Бигзор ҳукуматашон аз онҳо дифоъ накунад, вале акнун онҳо соҳиби беҳтарин силоҳе ҳастанд, ки бо он метавонанд, ҳама гуна марзҳоро низ паси сар кунанд. Ва ҳеҷ кас нахоҳад тавонист, онҳоро халъи силоҳ кунад. Албатта, як роҳ ҳаст, ки агар ин даштиҳо дар назди посгоҳҳои худ ҳоҷатхонаҳои замонавию обшӯйҳои гарму хунук бо фаршҳои

мармарӣ бино кунанд, мо аз нав ба муҳоҷирони бепаноҳ табдил хоҳем ёфт.

Вақте ба шаҳри урус расидем, ҳамдиёриён ба мо бозори мардикоронро нишон доданд, ба истилоҳ «ғуломбозор»-ро. Ҳар субҳ он ҷо мерафтему меистодем, то шавад ки касе биёяду моро барад ва мурданак кор фармояд. Тартиби, ба истилоҳ истихдом, чунин буд, ки ҳама чашм ба осмон меистанд ва дар дил дуо мекунанд, ки кош имрӯз корашон барор гирад. Пайдо шудани ҳар мошин ин селаи ҳамдиёрони моро ба лапишу ҷӯшиш меовард.

Масалан, як иномарка меояд. Ҳама онгуна ки пашшаҳо ба мураббо ҳамла мекунанд, худро ба ин мошин мезананд. На, пашшаву мураббо як ташбеҳи забонзада аст. Ба назари ман ҳама ба мӯрчаҳое табдил меёбанд, ки гӯё дар ин лаҳза лошаи ягон ҳашараро печонида мегирифта бошанд. Фарқ дар ин аст, ки мӯрчаҳо бисёр оҳиста ҳаракат мекунанд, дар ин саҳнаи мо мӯрчаодамҳо бо суръати киноҳои ҳуҷҷатии қадима ба гирди мошин мечаспанд. Аз даруни мошин фарёд ба гӯш мерасад:

– Бардор дастҳои ифлосатро аз рӯи мошини ман, ҳама ҷоро касиф кардед!

Ронанда ва ё касе ки дар паҳлуи ӯ нишастааст, воқеъан ин ҳам муҳим аст, ки бо омадани онҳо бифаҳмӣ, кордиҳанда кист– ронанда ва ё шахси паҳлуи вай, хулоса кордиҳанда касе ки бошад, савол медиҳад, ки оё дар байни мо андовагарҳо ҳастанд. Маълум мегардад, ҳамаи ҷамъомадаҳои ғуломбозор аз рӯйи таҳсил ва касбу кор андовагар будаанд. Баъд вай, ки оринҷаш аз тирезаи мошин берун асту сигор дуд медиҳад, дандонҳои оҳании худро нишон дода механдад ва мегӯяд, андовагарҳо барояш пагоҳ даркоранд, аммо ҳоло кӣ дар байни мо дуредгар аст? Боз ҳам маълум мешавад, ҳама дуредгаранд ва умрбод ба ҳеҷ касби дигар майле надоштаанд. Хулоса, вобаста ба савол, дар они воҳид муҳоҷирон ба рангмол, фаррош, пардозгар, хиштрезу хиштчин ва ғайраву ҳоказои ботаҷриба табдил меёбанд. Вале ман медонам, ки инҳо касби

ҳамроҳони ман нестанд. Инаш, масалан, номзади илми математика аст, онаш устои яхдон, вояш духтури кӯдакон, дигарӣ собиқ корманди комсомол. Вале сирри мардон, аниқтараш сирри мардикорон пӯшида беҳ. Баъзан, бечораҳо кореро бар дӯш мегиранд, ки дар умри сари худ накардаанд.

Як дафъа мо, се нафар гуфтем, ки битумрези касбӣ ҳастем. Мардак мехост, мо боми гарачашро битумрезӣ кунем. Моро ба ҷои кор оварда, гарачи ҳамсояашро нишон дод ва пурсид, оё метавонем, бому пештоқи гарачи ӯро айнан монанд ба гарачи ҳамсояш дуруст кунем ва ороиш диҳем. Бале, мо устои ҳамин корҳо, аз хурдсолӣ ин корҳоро кардаем. Вақте ки мардака рафт, ҳайрон мондем, ки ин сақичи сиёҳи сахтро чӣ тавр мешавад, ба пардаи рӯи бом табдил дод. Касе гуфт, онро бояд ба соғуи чӯянӣ андозем ва зераш оташ гиронем, то об шавад. Хуллас, ин кори мо қариб бо сӯхтор дар силсилаи гарачҳои қатор ба поён мерасид. Ба ҷои музд чанд ҳақорати дастабиринҷӣ шунидем ва ба мардак ҷарима додему ҷони худа халос кардем.

Баъд аз чанд ҳафтаи бекорӣ ва «маъракаҳои таблиғотӣ» дар ғуломбозор, ки маълум шуд, русҳо онро Голямбазар меномидаанд, кори дигаре ёфт шуд, ки фикр кардам, пуле аз он ба даст хоҳам овард. Кори сабук бо ваъдаи пули калон. Рангмолӣ. Дарвоқеъ ман ҳамеша мехостам рангмоли касбӣ бошам. Аз ин осонтар коре нест. Дару девор ва ё арку равоқро ҳуштаккашон ранг мекунию пулро мегирӣ. Маълум шуд, ки ин вазифа аз он ҳам осонтар. Бояд шифти як корхонаро, ки як пулдор ба наздикӣ харида тармим кардааст, ранг молем. Ҳаштсад метри мураббаъ ва ҳар метраш седолларӣ. Чор касро интихоб кард, аз ҷумла маро ҳам, ки орзуи ҷавонии рангмол шуданро ба ёд оварда, бо тамоми қатъият ва итминон гуфтам, ки ман рангмоли соҳибихтисосам ва шояд ин таъсире дошт. Худи ҳамон рӯз корро сар кардем. Ин як толори калоне буд, ки ба говхонаҳои худамон монандӣ дошт ва мо дар ҳамон ҷо ҳам кор мекардем

ва ҳам зиндагӣ. Бовар кунед, аз рангмолӣ дида, кори сахттар дар дунё набудааст. Махсусан, вақте ки соатҳои дароз ба боло нигоҳ карда, шифтро ранг мекунӣ ва қатраҳои ранги бадбӯ ба чашмонат мечакад ва шаби дароз рагҳои гардану китфу дастонат дард мекунанд.

Лиҳозо, бо тамоми машаққат корро тамом кардем. Он гоҳ ҳама ба кӯрҳое монанд шуда будем, ки манаҳамонро баландтар бардошта нигоҳ мекардем ва шояд воқеан нирӯи босираи моро заҳри рангҳои кимиёӣ бурда буд. Вале ин фоҷиа набуд. Фоҷиа он буд, ки кордиҳандаи мо ғайб зад ва як гарданғафсе нимтанаи чармӣ ба тан омада гуфт, ки моро нодуруст нишон додаанд, бояд шифтро на кабуд, балки сафед мекардем. Вай аз пардохти пули мо саркашӣ кард ва вақте ки мо норозигӣ кардем, як села ҷавонони ҳузарб вориди толор шуданд.

Чармипӯш гуфт, ба хубӣ раҳи худро ёбем, вагарна, маъюбу маслуқ мешавем.

Хулоса, ман ҳоло ҳам ҳар рӯз дар ҳамин ғуломбозор ҳастаму вале рости гап, умедамро кандаам. Лекин ба ватан баргашта ҳам наметавонам, зеро вақте чашмони кӯдаконамро ба ёд меорам, диламро гиря пур мекунад ва мегӯям, э худо, кошки як ҷуръа заҳр мефиристодӣ...

Агар дар тарафҳои шумо коре бошад, моро огоҳ кунед. Фарқ надорад, чӣ коре, моро панҷ панҷаамон ҳунар...

## НОМА АЗ АҲМАД ЗОҲИР

Сомеъи азизам ва ҳавохоҳи зиракам, Баҳром.

Шунидаам, ки сохтаҳои ночизи маро ҳамнафаси зиндагиат кардаӣ ва ҳанӯз дар айёми донишҷӯӣ панҷараи утоқатро дар хобгоҳ боз кардаву наворҳои маро дар он шаҳри бароям хеле дуру дастнорас пахш мекардаӣ. Ба ман гуфтаанд, ки аксҳоямро дар девори хобгоҳат овезон карда будаӣ ва

мутуни ҳамаи чакомаҳои маро азёд медонистаӣ. Ҳар овозхоне бо чунин мухлиси хеш бояд саршор аз ифтихор гардад. Аз қазо мо барои афроде мисли ту мехонем. Ва бояд таронае хонд, ки мардум онро азёд кунанд, бояд хондани ту таронаи рӯз шавад.

Ва ҳам шодам, ки дар он сархушиҳо ҳамроҳу ҳамқадаҳи ғойибонаи ту будаам. Дидаам туро дар чашни Хайём. Ман мехондаму ту қадаҳ мебардоштӣ. Лиҳозо як нукта барои ман нохушоянд аст. Ҳарчанд шумо, донишҷӯён, мастона зери оҳангҳои бесаликаи ман мерақсидед, мутаассифона, ягон оҳанги воқеан шоду рақсӣ ба ун маъно надорам, шармандаам. Дар шодмонтарин оҳанги ман нафаси сарди ғам ҳузур дорад. Намедонам, чаро. Шояд мардумони мо ҳазорон сол ба ин сӯ як лаҳзаи шоде надоштанд, ки дар ҳофизаи хуни ман чира шавад. Бофтаҳои ирсии мо моломоли андӯҳ будааст. Бинию̆ш таронаҳои мардумиро, дастгоҳҳои эронӣ ва ё Шашмақоми тоҷикиро. Ҳама саросар андӯҳ, ҳама саропо гиря аст. Лекин аз сӯйи дигар танҳо ғам аст, ки инсонро аз ҳайвон мутафарриқ месозад. Аниқтараш, ҳамдардист, ки инсонро инсон мекунад.

Медонам, ин шабу рӯз дилат саршор аз дард аст. Ман ҳамдарди туам. Ҳар вақт дард бар ту чира шуд, оҳанги маро замзама кун. Навори маро бигзору бишунав. Мутмаъинам, бароят сабукӣ меорад. Он гоҳ рӯҳи ман ҳам дар ин осмонҳои сокит шод мешавад. Аҳмади ту.

## НОМАИ ДУЮМИ ЗОҒИ СИЁҲ

Медонам, ки бо ин мактубам, боз ҳам сабаби ғут-ғути соҳиби ин қисса мешавам, аммо чора нест, бароят паёмҳое дорам. Аслан ҳайронам, ки чаро муаллиф аз ин ё он кори ту норoҳат мешавад. Худаш ба ту ки коғазу қалам додааст, бояд монанди як хас вазнин шавад, ҳарчанд барои мо, зоғҳо хас

аслан вазне надорад. Мазмун ҳам ҳамин аст, ки як каме сабур бошад ва бигузораду бубинад, ки озоднависии ту ба куҷо мебарад.

Худо ки маро офаридааст, намегӯяд, ба чӣ сон қар-қар кунам ва кам ҷеғ кашам, паст ё баланд. Озод парвоз мекунам ва ҳар вақт ки хостам қар-қар мекунам. Ту ҳам танҳо вақте ки озоду бепешдоварӣ қалам меронӣ, беҳтарин чизҳоро ба дунё меорӣ. Мисли он ки дасти ту василаи нирӯҳои осмоние мешавад, ки бояд ба заминиён паём фиристанд. Ва дар ин роҳ зоғе ҳам монанди ман ба ту кор хоҳад дод. Ва ё ҳар мавҷуди дигари дунё низ. Монанди дарахти биҳӣ ва ё ҳар чизи дигар.

Ман ба ту манзараҳои аз ҳама асосиеро, ки дар он зимистони сарду хашмогин сар-сари бому дарахтҳо парвоз мекардаму медидам, ҳанӯз нагуфтаам. Ростӣ, аз қаҳри муаллифи ин қисса тарсидаму камҳарфӣ дар пеш гирифтам ва дидӣ, беҳуда ҳам набудааст, чӣ гуна ба фарёд омад ва ҳатто туро мазоҳ кард.

Хуб, гуфтам, парвоз мекардам ва аммо ин чӣ парвозе буд, ки дунёро намешинохтам. Шаҳру русто аз ҳаракат монда буд. Он қуттиҳои дарозрӯя ва кӯтоҳтари рангорангу дар офтоб дурахшон дар кӯчаҳо пасу пеш намерафтанд. Аз мӯриҳо дуд намебаромад. Одамон дар рӯйи ҳавлӣ ва ё боғчаҳои барфпӯш намудор набуданд. Зиндагӣ ба акси кӯҳнае монанд шуда буд, ки дар сари кӯчаҳо мезаданд ва дар сархатти онҳо шиорҳои рӯзро менавиштанд. Ва ба ҷое расидам, ки ҷасадҳоро рӯи ҳам андохта буданд, тӯдаҳое аз мурдаҳо. Ва хоста буданд, онҳоро оташ зананд, вале ин мурдаҳо ҳанӯз дар зиндагӣ ин қадар сӯхта буданд, ки дар намегирифтанд.

Селаи ҳамҷинсони ман ва каргасу лошахӯрони кал ба ин ҷасадҳо ҳамла мекарданд ва ҳарчанд ман насли худро мерондам, то минқоре ба мурдаҳо назананд, онҳо маро итоат намекарданд.

Ман дар ҳаво давр мезадам ва ба ҳоли инсонҳо мегиристам...

## НОМАИ МУАЛЛИМА РАУФОВА

Ман фикр намекунам, ки шумо ба куҷое рафта бошед. Ба як ҷои дур, ношинос ва сард. Одам дар ҷоест, ки ёди ӯ он ҷо зинда аст. Зиндаҳое, ки аз онҳо ёде нест, вуҷуд надоранд. Худ қазоват кунед: Бисёриҳое ки мешинохтем, дигар дар рӯи ин замин нестанд, вале аз он ҷо ки ёди онҳо бо мост, мо гӯё ҳис намекунем, ки онҳо моро тарк кардаанд. Мо ҳамеша ҳузури онҳоро эҳсос мекунем ва ҳатто гоҳе садои онҳоро мешунавем. Ё дар хобҳои худ аз дидани чеҳраи зебои онҳо шод мешавем. Фикр накардаед, ки чаро нохост касе ба ёди шумо мерасад? Барои он ки дар ҳамон лаҳза рӯҳи он шахс аз назди шумо гузар мекунад. Вале намедонам, чаро одам ногаҳон касеро ба ёд меорад, ки зинда, лекин ҷисман фарсангҳо дур аст...

Шумо инсоне ҳастед, ки ба ҳар куҷо равед, бо ҳар касе биншинед, ҳар коре бикунед, ҳамоне хоҳед буд, ки ҳастед. Ватани одам тани ӯст, на ягон маҳдудаи ҷуғрофиёӣ. Вожаи «ватан» шояд аз ду ҳисса иборат аст: «ва» ҳамчун пайвандаки пайвасткунанда ва «тан», яъне ҷисм, колбад, бадана, пайкар. Аз он ҷо ки тан барои мардумони мо як мафҳуми аз ҷумла марбут ба нопокиҳост ва як ҷои муваққатии ҷон ё рӯҳ аст, хостаанд, бо ҳамҷоя кардани «ва» ва «тан» барои сохтани як вожаи «ватан», таваҷҷӯҳро аз калимаи «тан» дур намоянд. Агар ин ибораро чанд бор такрор кунед ва ё нависед, бисёр чиз бароятон рӯшан мешавад: «Инсон ва тан». Ва ё ину ону ҳама чизи дигару тан.

Ин ватан барои кас ҳамон вақт ватан боқӣ мемонад, ки шахс хислатҳои инсонияшро дар ҳама ҳолат ҳифз намояд ва ҳаргиз ба онҳо хиёнат накунад. Ман ҳазорон бор мутмаинам, ки шумо ҳамин гуна инсонед ва ҳеҷ чиз шуморо ба сӯи бадӣ набурдааст.

Ба ғайр аз ин дар ин ҷо омӯзгорон ҳамеша аз шумо ёд

мекунанд, ҳамдеҳагони хурдсолу бузургсол низ, пас шумо дар ин ҷоед, ҳузур доред, ба ҷое нарафтаед, бо моед.

Рости гап, ман аслан чизи дигаре гуфтанӣ будам, вале мебинам, ки аз дастам намеояд. Дареғо. Бисёр чизи муҳимеро ба шумо гуфтанӣ будам. Вале, афсӯс, наметавонам ва намедонам, ки чаро наметавонам...

## НОМАИ АЪЗАМ, АЗ ШАҲРИ БОДОМ

Шумо маро намешиносед, вале ман шуморо медонам. Аз ёронам шунидаам, ки шумо як шахси накӯкоред ва дили софе доред. Диле ки бо дидани машаққати ҳар инсон хала мезанад, диле ки чӣ будани дардро медонад. «То дил накунад дард, надонӣ, ки дилат ҳаст...»

Қиссаи худро барои дили шумо менависам.

Ман охири моҳи сентябр кори худро дар сохтмони як бӯстонсаро дар деҳаи Павловка, наздикии Тоболск тамом кардам ва бору бӯхчаамро бардошта, бо ду ҳазор долларе ки маҳсули араќи ҷабину обилаи дастонам буд, роҳи ватанро дар пеш гирифтам.

Дар вокзали Новосибирск ду ҳамватанро вохӯрдам, ки низ рӯ ба бозгашт буданд. Тасмим гирифтем, ҳамроҳ сафар кунем, зеро ин амнтар ва хуштар хоҳад буд. Хушияш ин шуд, ки шабона ҳамватанҳои азизи мову шумо, ними пули маро дуздида, дар яке аз истгоҳҳо аз қатор поин шудаанд ва субҳ вақте бедор шудам, онҳоро наёфтам. Аввал дилам таҳ шишт, ки мабодо фалокате ба сари онҳо омада бошад. Аз роҳбалад пурсидам, гуфтанд, ки дар истгоҳи назарногире аз қатор поин шудаанд.

Баргаштам ва дидам, ки аз пули зери болин монда хобидаам, на пай ҳасту на Ҳайдар. Аввалин бор фаҳмидам, ки дили одам чӣ хел сих мезанад. Мисли ин буд, ки як найзае аз таҳ ба дилам халонда бошанд, ки аз гулӯям баромада бошад.

Ба ҳар хел одам рӯбарӯ шудаам, дар ҳар хел ҳодиса афтодаам, аммо ин чизи дигаре буд. Фикр кардам, оё онҳо аз аввал дар андешаи рабудани пули ман буданд ва ё дертар ин тарҳи шумро кашиданд. Тамоми роҳ аз вокзали Новосибирск то ин ҷо, бо ин ақида ки онҳо пули камтар кор кардаанд, харҷи нону обашон бо ман буд. Ҳатто вақте ки барои модари худам як рӯмоли шол харидам, яке аз онҳо гаштаю баргашта аз ин хариди ман таҳсин кард ва афсӯс хӯрд, ки наметавонад барои модараш чунин тӯҳфа харидорӣ кунад, зеро бисёр дастмузди кам гирифтааст. Вақте ба чашмони вай нигаристам ва ғалаёни меҳри ӯро нисбати модараш дидам ва ҳам навмедиро, ҳарчӣ бодо бод, аз он рӯмол як донаи дигар харидам ва ба вай додам. Ба модарат тақдим кун, он касро хурсанд кун. Вай аввал нею нестон кард, аммо баъдаш гирифт ва маълум буд, ки аз замин то осмон шод шудааст. Ман ҳам шод шудам. Наход ҳамин хел одаме, ки модари худро ин қадар дӯст медорад, даст ба дуздӣ зада бошад?

Дар нимаи роҳ як ҳамватани дигар ба қатор нишаст ва чун донист, ки мо ҳамқавмем, бо ман гарму ҷӯшон сӯҳбат мекард, рафоқат меҷуст, аммо ман чун моргазидае ки аз ресмони ало метарсад, сард будам ва дари диламро ба ӯ намекушодам. Кӣ медонад, ин боз чӣ касест ва мабодо нимаи боқимондаи пули маро бидуздад. Вай ҳам, аз афти кор, ҳис кард, ки ман бо ӯ хеле сардам, каме ошуфта шуд, вале ҳамоно гармӣ ҷуст.

Дар Қазоқистон ришват дода, аз марзбонони қазоқ ва сипас аз милисаи он гузаштем, лекин ҳарду ба дасти раҳзанҳо афтодем, ки моро дар мошине нишонда, ба як биёбони беодам бурданд. Ин ҷо дидам, ки ин ҳамшаҳрии мо ин қадар ҷасур ва боҳайсият будааст. Мисли як шери нар ба онҳо дарафтод, тикаву пораашон кард ва аслиҳаи онҳоро гирифта, дар мошини онҳо роҳи ватанро идома додем.

Ман афсӯс хӯрдам, ки дар тамоми тӯли роҳ ба ҳамаи дӯстгониҳои ӯ ин қадар ноҷавонмардиҳо кардам. Вақте дар

пости милиса моро нигаҳ доштанд ва аз бордони мошин аслиҳаро ёфтанд, моро бурда ҳабс карданд. Ҳамаи пули бударо аз мо гирифтанд ва латукӯбамон карданд.

Ин ҷо низ ин ҳамшаҳрии мо ҷасорат кард. Аввал қонундонияш кор дод, ки милисаҳоро маҷбур кард, аз задани мо даст бардоштанд ва сонияи ҳамаи гуноҳро ба гардани худаш гирифт ва маро раҳо кард. Ман инро вақте фаҳмидам, ки милисаҳо маро ба канори шаҳр бароварда, гуфтанд, ту озодӣ, чор тарафат – қибла. Вақте пурсидам, рафиқам ку?, гуфтанд вай озодиро дар хоби шабаш мебинад. Мумкин ҳукми абад гирад. Пурсидам, пас чаро маро раҳо мекунед, гуфтанд, вай ҳамаи гуноҳро ба гардан гирифт ва аз баҳри ҳамаи пулҳое ки аз дуи шумо гирифтем, гузашт дар баҳои озодии ту.

Мошини милиса рафт. Ман ба замин нишастам ва гиристам. Ман надонистам, чӣ кор кунам. Ба милиса баргаштан намехостам. Лекин ин ҳам номардии бузург буд, ки ӯро партофта равам. Аммо рафтам...

Худо ҷазои ин хиёнати маро дод.

Бепул, бе як пора нон, бо сарулибоси жандаву чиркин мерафтам ва кам монда буд, ки ба ватан расам. Ҳатто аз баландии кӯҳтал деҳаамонро дидам, ки дар сари шом бо чароғакҳояш ба ман табассум мекард.

Дар ҳамин лаҳза оташи сафеде аз зери поям бархост ва садое гӯшҳоямро кар кард ва гумонам ба як чуқурие афтодам. Ҳатто ба тарсидан фурсат наёфтам. Пош хӯрдани оташро дида будам, ва садои ваҳшатнокро шунида, аммо намедонистам, дафъатан чашмонам сиёҳӣ зад ва ё оташ филҳол хомӯш гашт, ки ба умқи торикӣ афтодам.

Ҳайрон будам, ки ин чӣ ҳодиса буд. Афтода будам ва поям гӯё дар лаххаҳои он оташ месӯхт. Хун мисли як фаввора аз поям боло мепарид. Танҳо он вақт дарк кардам, ки дар мина таркидаам. Шунида будам, ки марзбонони ӯзбак дар сарҳад мина гузоштаанд. Тухми марг коштаанд. Охир, ин ҷо

замини худамон-ку, чаро онҳо дар замини мо мина мондаанд?! Ҳамин лаҳза ҳамсафарамро ба ёд овардам, ки номардона дар зиндон мондаму фирор кардам.

Мехазидаму худамро нафрин мекардам. Мегуфтам, худо маро ҷазо дод. Вале ин ҳама оё ҷурми ман аст? Кӣ маро маҷбур кард, ба Сибир равам ва барои як руси бадмасту ростомез манзил созам? Кӣ маро маҷбур кард, ба милисаву гумрукию марзбону раҳзанҳо ришват диҳам ва фарзандони носерами онҳоро бихӯронам? Кӣ маро маҷбур кард, дар чандқадамии зодгоҳам дар мина битаркам ва маслуқ шавам?

Ҳоло дар бемористон хобам. Як пои маро бурида партофтанд. Акнун ҳоли модарам чӣ мешавад бо ин фарзанди маъюбаш?

## НОМАИ ЗИМИСТОН

Ба ту саломи сард мефиристам мисли бодҳои шабҳангом. Медонам, дӯстам дорӣ. Шабонгоҳ тирезаи ҳуҷраатро боз мегузоштӣ, ки ман меҳмони ту бошам. Бо он ҳама сардӣ ва сафедӣ. Ту худро ба кӯрпаи пурдарбеҳ мепечидӣ ва бо ҳирси як гуруснаи ҷангалу ташнаи биёбон маро нафас мекашидӣ. Ман медонистам, ки ту маро дӯст медоштӣ. Барои ту ман пири афсурдагиҳо ва дармондагиҳо набудам. Барои ту ман фасле аз фаслҳои худо будам ва аз китобаке мехондӣ, ки «имон биёварем ба оғози фасли сард.»

Ту ҳоло дар мулке ҳастӣ, ки саросар сард аст. Ҳавояш, мардумаш, қонунаш ҳамагӣ сарду бераҳманд. Дар баробари онҳо саломи ман бароят ин қадар гарм аст, мисли саломи оғози фасли сабз. Орзу мекунам сабз бошӣ. Ҳамеша сабз.

Ва имзои ман, ки бо як лабханди ту об шудаву аз гӯшаи саҳифа ба замин хоҳад рехт ... Зимистони ту.

## НОМАИ ЧАҲОРУМИ МУАЛЛИФ

Баҳром бисёр дилтанг аст ва ёди ватан мекунад. Магар ин қадар зуд аз ёд бурд, ки дар ватан чӣ ҳолу аҳволе ҳоким аст. Магар худаш он мактубро аз номи мардикори собиқи барои хештан нанавишт? Мабод худаш дар чорсӯи дунё шигифтзадву зор монда бошад?

Ҳаққо, танҳоӣ фарқи биҳишт бо дӯзахро аз байн мебарад ва он кас ки ранҷи танҳоӣ кашидааст, дили бахшояндае хоҳад дошт.

Зимистон пирӣ ва фарсудагист. Зимистон ранги сабзро дӯст надорад, зеро бо пирӯзии ин ранг умри пур аз қаҳру хушунати зимистони пир ба поён мерасад.

Зимистон нома наменависад, зеро даступояш аз сардии ҳаво карахтанд ва агар нависад ҳам, ҳарфҳояш дар рӯи сафедиҳо маълум намешаванд, ҷуз ин ки ба ранги сурх нависад.

Аммо бо як лабханди хуршеди ҷаҳонтоб, ин навиштаҳо оҳиста об мешаванду ба зери хок мераванд.

## НОМАИ КӮТОҲИ АСЛАМ, ПИСАРИ ҲАМСОЯ

Ба фикри ман муҳоҷирон ба абрҳо шабоҳат доранд. Мо онҳоро дар осмони кабуд мебинем. На. Абрҳо беҷонанд. Ман фикр мекунам, муҳоҷирон шояд ба парандаҳо монанд бошанд. Фасле мешаваду онҳо бармегарданд ва фасле мешаваду боз ба парвоз меоянд ва ба осмонҳо мераванд. Онҳо парандаанд, аммо зоғ нестанд.

## НОМАИ САЙФУЛЛОИ САРИ БОЗОР

Хуб пайти муносибе ёфтиву рафтӣ ба Урусобод. Ун шаш сол пеш ҳама кор осон буд ва ту ҳанӯз одами шӯравӣ ба

шумор меомадию иззату икроми туро ба ҷо меоварданд. Албатта, чандон шӯравӣ ҳам набудӣ, зеро иттиҳоди паҳновар дар ҳоли фурӯпошӣ буд ва одамон ба одамаку одамакҳо ба одамчаякҳо табдил ёфта буданд. Ба ҳар ҳол ман мутмаъинам, ки дар ягон марз туро азоб надодаанд, зеро марзҳо ҳамоно хосияти рамзӣ доштанд, ҳарчанд давлатҳои мустақил чӯбу тахтаву симхор оварда буданд, ки дар сари ҳар қадам гумрукхонаю гузаргоҳу чиғҳои марзӣ бино кунанд. Аммо ин сохтмон вақт мехост, аниқтараш сангу хишт ва чӯбу симхор. Инсонҳо дӯст доранд, деворҳои баланде бисозанд, то касе ночизии онҳоро дар лаҳзаҳои фароғаташон набинад.

Рафтани ту шабеҳи ба охирин вагони қатори дар ҳоли ҳаракат ҷаҳидаву савор шудан буд. Қатор наъра кашид ва фашу фуш карду ба роҳ афтод, аммо дарҳои вагони охирин боз буданду ҳар кас ки тавонист, ҷони худро ба дарун андохт. Зиҳӣ онҳое ки аз ҷода ва ҷои нав ва ҳаёти нав натарсиданд. Натарсидӣ, бурдӣ, тарсидӣ, мурдӣ.

Оваҳ, ҳанӯз шиорҳои дӯстиро ҳирси пулҳои сабзак аз мағзҳо нарабуда буд. Ҳанӯз одамон бо ҳам дӯст буданд ва ҳамдигарро эҳтиром мекарданд.

Албатта, ҳанӯз ҳам дарҳо нимабозанд, вале, аз барои худо, намедонӣ, ин сафар чӣ машаққатҳо дорад. Аввалаш, бояд пул пайдо кунӣ. Чипта нест. Аниқтараш ҳасту барои одамчаякҳо – нест. Пул бошад, дар ҷангал шӯрбо. Вале ин беинсофҳо магар намедонанд, ки агар ман пул медоштам, роҳи Урусободро дар пеш намегирифтам. Бовар кун, пули чиптаро аз чанд кас вом мегирӣ. Камаш аз панҷ ва ё ҳафт нафар ҷамъ мекунӣ. Ин ҷо ҳам ёд гирифтаанд, ки ба думи як сомонӣ якуними дигарро банданд. Девидент. Сарбахш. Вақте бозгаштӣ, бояд якуним баробар баргардонӣ. Албатта, агар бо дасти пур баргаштӣ. Аммо агар аз он ҷо бо қарзҳои нав баргаштӣ, беҳтар аст, ба дари нимабози вагон наҷаҳӣ, балки каме поёнтарро нишон гирӣ, байни ду гурӯҳи саллаҳои оҳаниро...

Дар қатор ҷойи нишастан нест, чӣ монад ба ҷои дароз кашидан. Кас бовар намекунад, ки сафаракиҳо ба роҳбалади қатор ваъда медиҳанд, то шаҳри урус рост истода мераванд. Гӯё автобуси Бӯстон то Участкаи Ду бошад.

«Парво накунед, ҷон амакҷон, раҳ диҳед, то Саратуф рост истода меравам.»

«Росто?! Чухт?! Ҳатто агар ба сарат туф кунанд ҳам, то Саратуф меравӣ?!»

«Оре, бале, ҳатман, албатта!»

«Бе ягон шиква?»

«Оре, шиква чист?»

Аммо ин як дурӯғе беш нест. Баъд аз як соати роҳ мисли ҷуволи холӣ, дарвоқеъ холӣ ҳам ҳастӣ, аввал ба девор такия мекунӣ, баъд лағжида, ба рӯи фарш мефуроӣ ва маълум мешавад, одамизод агар хоҳад, аз як гурба ҷои бештар намегирад. Ҳамчунон ғунча мезанӣ, ки пойҳоят мисли дум ба тагат медароянд. Маҷоле ҳам нахоҳӣ дошт, ки дашномат шунаво барояд. Шиква мекунӣ, аммо на мисли одам, балки монанди саги сӯзанхӯрда. Нолиш мекунӣ.

Дар байни бӯю тафф, то замоне ки ягон гумрукӣ ё милисаи бадхашм ба тахтапуштат лагад задану ба сарат туф кардана, пинак меравӣ ва суруди қаторро мешунавӣ, ки гоҳе оҳи бадард мекашаду гоҳи дигар наъра мезанад ва дар ҳар калимаи таронаи ғамангези худ пешпо мехӯрад. Аввал номи ҷазираи Шикотанро мегирад:

«Ши-котан, ши-котан, шикотан-ши-котан...»

Баъд:

«Ша-котан, ша-котан! Шикотан, ша-котан...»

Саллаҳои филизӣ дар роҳи оҳан ҳар бор ба пайвандгоҳи релсҳо ки хӯрданд, ҳамин гуна садо мебароранд.

Аввал Шикотан мегӯянд, баъд асли матлабро мехонанд:

«Шикастанд-шикастанд, шикастанд-шикастанд».

Чиро? Чиро шикастанд? Ҳама чиро! Ҳаётро, зиндагиро,

инсонигариро, инсофро, имонро, ғурурро, кишварро...Ҳамаи чиро. Шикастанд.

Баробари вагон такон мехӯрӣ ва замини ноҷунбонро монанди модари худ пазмон мешавӣ. Барои баъзе миллатҳо ҳаракат зиндагист. Онҳо ҳамеша, ҳар лаҳза бояд дар ҳаракат бошанд. Шаҳр ба шаҳр, русто ба русто, кӯча ба кӯча. Беҳаракатӣ барои онҳо монанди лаҳзаҳои беморист. Вале барои миллати мо ҳаракат маънии кори маҷбурӣ ва ё аниқтараш, фирорро дорад. Вақте дар қатор ба самти ношиносу номаълуме ҳаракат мекунӣ, ба сарат чунин фикре меояд, ки як каси раҳгумзада ва бехонаву безамин ҳастӣ. Ҳар бор ки ин миллат ба ҳаракат омад, балои осмоние ба сараш борид. Агар ба дили ман мебуд, сар ба тӯдаи хок мегузоштаму пилкҳоямро мебастаму мехусбидам, бигзор барои абад, то ин ки дар ғурфаи танги қатори зангзада ба дашти дилнокаше сафар кунам, башараҳои тарсонанда ва нафратоварро бубинам ва марсияи шикастанҳоро аз забони сахтгӯйи саллаҳои чӯянӣ ва роҳи оҳан бишнавам. Оё дар он соҳили дур маро чӣ чиз дар пеш бошад...

...На, ман мисли ин ки бисёр шитоб кардаму аллакай ба ними роҳ расидам. Пеш аз он ки дар он кунҷаки гандаву ахутуфшуда ғунча занӣ, аввал бо он пули аз панҷ ё ҳафт кас вомгирифтаат, чипта мехарӣ, ки баъдан маълум мешавад, дурӯғину сохта будааст ва маҷбур мешавӣ, боз ҳамин миқдор пул ба дасти роҳбалад диҳӣ. Аммо пеш аз он туро гумрукиён мазза карда, меполанд. Албатта, агар ба даъвати бепардаи «ягон чиз парто»-и онҳо беэътино бошӣ, ба ин ҳолати шармовар меафтӣ. То ангушташонро ба ягон сӯрохат назананд, ҳеҷ гузоранд, ки аз ҷой ҷунбӣ. Бешармона, ин намояндагони давлати мустақил, даст ба ҷайбат мебаранд, якояк пули ба бечорагӣ ҷамъкардаи туро, ҳисоб мекунанд, бале, ба нӯги ангуштонашон туф карда, онгуна мешуморанд, ки гӯӣ, моли модаркалони худашон бошад.

Баъд ҳаққи худро ҷудо мегузоранд ва ишора мекунанд.

Худро ба гарангӣ мезанӣ, то ин махлуқони дамидасурати шикамсер, вале чашмгурусна садо баланд кунанд ва ба лаҳни омирона, аммо табъи гадоёна аз ту пул пурсанд. Талбанда - ёбанда. Медиҳӣ - мегузарӣ. Намедиҳӣ...намегӯям давомашро.

Инҳо махлуқони ватани худат, пул бегона намешавад, аз ин бадтарҳояш дар марзҳои ҳамсоя. Ҳарчанд аз ақвоми рангоранганд, фикр мекунӣ, аз як падару модар ба дунё омада бошанд. Айнан як сиккаву сурат доранд, як ифодаи башара ва як хислату хосият.

Фарз кардем, устухоне ба даҳани гизи ҳар кадоми онҳо гузоштию то шаҳри урус расидӣ. Чӣ хеле ки давоми телесериалҳо дар шаҳри дигар сар мешавад, қиссаи ҳазору як сӯми онҳо дар ин ҷо идома меёбад.

Мусофирони ватани моро, монанди филми «Рӯйхатҳои Шиндлер» ҳангоми аз қатор поин шудан ба гурӯҳҳо тақсим мекунанд. Ба фикрам, аз рӯйи сарулибос. Андози милиса аз ҳар гурӯҳ ҳар хел аст. Аз ин ҷост, ки профессори ҳамсафари мо дар ҷомаи деҳқони хокпош сафар мекунад. Албатта, инаш ҳам ҳаст, ки мумкин дар ин ҳама сол вай дарвоқеъ ба ин сатҳ фуромада бошад. Аммо чашми милисаи урус хато намекунад. Ин галаи гуруснатар аз гумрукиҳо нағз медонад, ки аз он ҷавонаки олуфта чӣ қадар мерӯяду аз ин марди ришрасидаи жандапӯш чӣ қадар. Ишора мекунанд. Ту ба дасти чап, ту ба дасти рост. Баъд гурӯҳҳоро аз ҳам дуртар мебаранд ва бочҷгирӣ сар мешавад. Қандата хӯру бигӯ, ки надорӣ. Ин хела саркашҳоро боз дар як гурӯҳи алоҳида ҷамъ мекунанд. Ин гурӯҳи хубрагон хоҳад буд, ки бояд сар ба таърихи гузашта фурӯ баранд ва на танҳо сар, балки бо тамоми ҷисми худ ба таърих ғутавар шуда, чӣ будани гестапои ҳитлериро барои абад ба таври аёнӣ биомӯзанд...

Эҳ, чизашро гӯяму чизашро нагӯям. Ва такрор кунам он гуфтаеро, ки «агар дардам яке будӣ, чӣ будӣ. В-агар ғам андаке будӣ, чӣ будӣ.» Кӯтоҳи гап, хуб корат омад кардааст, ки дар пайти осудае ба дари охирин вагон ҷаҳидию рафтӣ.

Вале магар барои абад? Боз хоҳӣ гашт ва худ хоҳӣ дид, ки он чӣ ман бароят навиштам, фақат шоху навда будааст, гулу меваааш аз ақиб...

## НОМАИ РУҚИЯ, АЗ ДУБАЙ

Худо ҳозиру нозиру шоҳиду соҳиб аст, ки ман на барои *ин* ба мулки араб омада будам. Аниқтараш, маро на барои *ин* ба ин ҷо оварда буданд. На, шояд вақте ба ман пешниҳод карданд, ки дар Дубай кор кунам, онҳо медонистанд, ки маро барои *ҳамин кор* ба ин ҷо меоранд, вале худам ҳаргиз фикр намекардам, ба чунин рӯзи сиёҳ гирифтор мешавам.

Аз ман ҷалаб сохтанд. Касеро ки дар хонаводаи хуб ба воя расидаасту дар ҷамъият обрӯ дорад, ба зери пои ҳайвоноти касифу дупо андохтанд. Ҳоло агар ба бонувони ҷавон ҳушдор диҳам, ки ғалат мекунанд, ба рӯям механданд. Мегӯянд, сабаб ин аст, ки синни ман гузаштаасту бехаридор мондаам ва ба онҳо ҳасад мебарам. Аммо агар онҳо фикр мекунанд, ки бо ин кор ҳам кайф мекунанду ҳам пул ба даст меоранд, бисёр ғалат мекунанд, бисёр ғалат. Гумон аст, ноне ки аз пушти узви таносулии худ мехӯрӣ, ҳалол бошад ва оши бадан шавад.

Албатта, ҳастанд онҳое ки дар хонаводаҳои бебисмиллоҳ бузург шудаанд. Раги ҷалабӣ дар онҳо ё ирсист ва ё аз хурдӣ ба ҷумбиш омадааст. Буданду ҳастанд ку заноне, ки бо паспорти миёни пойҳояшон аз ҳамаи дарҳо ворид мешаванд, аз монеаҳо мегузаранд ва ба зинаҳои болову болотар мераванд. Ба духтарони онҳо гуфтание надорам. Онҳо майле ба тавба нахоҳанд дошт. Лекин ба дигароне ки шайтон васвасаашон кардааст ва ё даллаҳои сурак фиребашон додаанд, хитоб мекунам, ки пеш аз ниҳодани пойи нозуку покашон ба ин роҳи ҳаром ду бор не, даҳ бор фикр кунанд.

Ин роҳест, ки касро ба як ҳайвони миёни ҳайвонҳо табдил медиҳад. Аниқтараш ба саргине дар зери пои хукон...

Як замон, вақте дар мактаб мехондем, аз шунидани шиори ин ки батнҳои мо қаҳрамононро ба дунё хоҳанд овард, ифтихор мекардем. Шукр мегузоштем, ки худованд моро зан офаридааст, то модар бошем ва фарзандони зиёд ва бузургвореро ба воя расонем. Мегуфтанд, биҳишт дар зери пои модарон аст. Он замон дар бораи ҳаққи мо камтар мегуфтанд, вале мо ин ҳақро доштем. Акнун ҳар рӯз мегӯянд, вале ҳаққе ба ҷуз аз шаттаву ғусса хӯрдан бароямон нагузоштаанд.

Ман кӯшиш кардам коре пайдо кунам, чун мактаби олӣ хондаам ва бесавод ё беҳунар нестам. Аммо ба ҳар ҷо ки мерафтам, аз ман ҳамон паспорти миёни пойҳоямро мехостанд, шарт мениҳоданд, ки бо онҳо бихобам ва он гоҳ соҳиби кор хоҳам шуд. Ман аз он ба ваҳшат омада будам, ки вақте ба шавҳарам инро гуфтам, сар хориду чизе нагуфт. Аниқтараш, бо сукути худ маро такон дод. Гоҳе ки дубора пурсидам, рӯ гардонд ва гуфт, ҳоло дар ҳама ҷо ҳамин хел аст. Баъд бархост ва берун рафт. Магар ин аввалин таҳрик набуд? Моро фоҳиша мегӯянд, вале фикр намекунанд, ки мардҳои мо моро ҷалаб кардаанд. Онҳоянд, ки ба нафси инсонию шаҳвонии мо беэътиноянд, қадру қимати моро намедонанд ва шояд ҳатто аз сабукпо шудани мо дардеро ҳам ҳис намекунанду балки лаззат мебаранд.

Як муҳоҷир шикоят мекард, ки дар Сурағути шумо бонуҳои тоҷик дар хидмати хукони бегонаанд ва аз ҳамхобагӣ бо хукони худӣ сарпечӣ мекунанд. Вай аз он дард намекашад, ки чаро бонувони миллаташ бо танфурӯшӣ ба сар мебаранд, балки аз он шиква мекунад, ки чаро бо ӯ ин корро намекунанд ва ба бегонаҳо бартарӣ медиҳанд. Агар ҳамон гап рост бошад, ки вазъи як ҷомеъаро муносибат ба занон дар ин ҷомеъа муайян мекунад, пас ҷомеъаи мо касифтарин ва мариздтарин ниҳод аст. Ва дар ҳамаи ин мардони мо гунаҳкоранду лаънати

ҷаҳону замону оллоҳ дар рӯи онҳост. Охир, магар онҳо набуданд, ки духтарони нозанини як водиро аз Файзканд то Сойит ба бозорҳои кишвари ҳамсоя бурда фурӯхтанд? Магар онҳо набуданд, ки бонувони миллати худро, ки барои онҳо низ монанди модарашон буданд, дастизӯр карданд? Магар онҳо набуданд, ки духтаронро зери мили силоҳ аз кӯчаҳои шаҳр рабуда, дар ҷипҳои сиёҳшиша мебурданд? Лаънати ҷаҳон ба онҳо, ки бехабаранд, модарону хоҳарони худро ба фоҳиша табдил додаанд.

Ва дар он ки маро ҳам бо макр ба мулки араб бурданд, мардоне гунаҳкоранд, ки худ ҷинояти содиркардаи худро ба хубӣ медонанд. Пас аз садҳо сол мардум ба гӯри онҳо туф хоҳад кард ва лаҳади гӯри онҳо абаддудаҳр дар коми оташ хоҳад буд. Омин!

## НОМА АЗ АЛЕКСАНДР БОГОЛЮБОВ

Азизам, Баҳром.

Шояд ту маро дар хотир надошта бошӣ, вале ман то ҳанӯз наметавонам, чашму абрӯи классикӣ, сурат ва лабону дандонҳо ва аз ҳама муҳимаш маъниҳои жарфи нигоҳҳои туро фаромӯш кунам.

Ман барои омӯхтани ҳаёти муҳоҷирон ба Сурағут омада будам ва бо ту дар идораи корхонаи Жилкомхоз ду соат сӯҳбат карда будам.

Ман дар симои ту инсонеро дидам, ки заминӣ нест. Бигзор дастонаш баста ба кори сиёҳи заминиянд, аммо худаш дар осмонҳост ва парвоз дорад. Парвоз ба сӯйи зебоӣ, доноӣ ва озодӣ.

Шумо тоҷикҳо, аз нигоҳи ман, ки солҳост, мехоҳам, мабдаи мардумони Машриқзаминро бишиносам, мардумоне ҳастед, ки қарни бист садаи бадбахтии шумоён буд. Шумо ба

дунё забон, андеша ва шеъри форсиро додед. Сароғози адабиёти бузурги форсиро офаридед. Ба назари ман, аксари бузургони шеъри форсӣ аз Эрони имрӯз нестанд, балки аз батни миллати шумо баромадаанд, аммо Эрон имрӯз Эрон аст ва шумо, ки ин ҳамаро офаридед имрӯз бардагони хоҷаҳои гуногунед. Ҳазрати Иқбол дуруст мегӯяд, ки «хоки Эрон монду эронӣ намонд», вале иштибоҳ мекунад, ки ун эронии бузург дар Тоҷикистон бо номи тоҷик зинда мондааст. Иқбол шояд инро намедонист. Аммо шумо, тоҷикҳо, бо вуҷуди ин ки бузургии худро баъд аз сад соли бадбахтиҳо ва қатлиомҳо низ аз даст надодаед, гумон аст, ки ин сад соли зулм аз сари шумо бетаъсир рад шуда бошад.

Шумо имрӯз аз ду қутб иборатед. Яке ақл ва андешаи мустақил ва дигаре хашм бар асари бечорагӣ. Дар ними шумо ақл, истеъдод ва шарафи миллӣ боқӣ мондааст ва дар нимаи дигар бардагию бенавоӣ, иғвою ҳамдигарбадбинӣ. Нирӯҳои соҳибқудрат дар охири қарни бистум дуюмиҳоро бар кишвари кӯчаки шумо ҳоким гардонданд. Ва шахси наҷибе монанди ту, ҷои ин ки барои башарият дарҳои бознашударо боз кунад, ҳоло барои як нимодам хидматгорӣ мекунад. То нимаи ноне ба даст орад.

Ман баъд аз сӯҳбат бо ту соатҳо банди ин андеша будам, ки чаро миллатҳои бузург дар як марҳилаи муайяни таърих дар гирдоби бадбахтиҳо ғарқ мешаванд. Онҳое ки ба дунё инсон буданро омӯзондаанд, бадтарин намояндагони қавми худро болонишин мекунанд ва наметавонанд худро аз торҳои анкабути кинатузи таърих раҳо кунанд.

Ман вақте дар пайи иҷрои ин супориши ҳукумати Русия шудам ва ба чандин минтақаи ин кишвар сафар кардам, дар шигифт мондам, аз он ки миллате ки Хаников, Бартолд ва Шишов ошиқаш буданд ва бузургвории онро тараннум мекарданд, имрӯз ҳаммолони бозор, ахлотғундорҳо ва устодони кори сиёҳанд. Коре ки ҳатто мужики рус ба худ лойиқ намебинад. Ин муаммоест, ки ман калидашро надорам.

Албатта, мешавад, соатҳо бо таъбирҳои таърихи миллию сиёсӣ ва ё равоншиносии миллӣ сабабҳои шикасти шуморо илман асоснок кард, олимнамоҳои имрӯза тибқи фармоиши мушаххас далели ҳама чизро сохта метавонанд, аммо ин ҳама дурӯғ хоҳад буд.

Ман дар ин бора назарияи худро дорам. Шояд он ғалат аст, аммо ба ҳар деворе ки занам, боз ба ҳамин дар бармегардам. Гап сари ин аст, ки миллатҳои калон, он миллатҳое, ки шуморо зердаст мекунанд, ба истилоҳ пулдорону кордиҳандагони ҷаҳони имрӯз, агар бинанд, ки шумо миллату ватани худро сахт ва самимона дӯст медоред, кӯшиш мекунанд, ҳаргиз ба шумо роҳ надиҳанд, ки рӯи об бароед, саъй мекунанд, ки шумо умре доред, соҳиби сармоя ва ё қудрат нашавед. Онҳо пасттарину касифтарини шуморо дар паҳлуи худ мегиранд, ба тахт менишонанд, роҳашро ҳамвор мекунанд, то ӯ ҳамаи аъмоли ифлоси зидди мардуми худро идома диҳад. Онҳо аз зиракони шумо метарсанд, зеро чунин афрод бо андаке ёрмандӣ фардо миллати худро қавӣ мегардонанд ва агар ба рақиби ҷаҳондорон табдил ҳам наёфтанд, дастикам ин миллатро онгуна аз ғафлат берун мекашанд, ки касе онро тохта натавонад.

Ҳамин корро бо шумо арабу муғулу манғит карданд ва афсӯс, миллати ман, русҳо низ. Фардо дигарон ҳам бо шумо чунин хоҳанд кард, оре, мутмаъин бошед.

Илми имрӯз барои фиреби ақлҳост, на барои рӯшан кардани онҳо. Онҳо илман исбот мекунанд, ки миллати шумо ҳанӯз шакл нагирифтааст. Дар Маскав шоҳид будам, ки як нимолим кафки даҳанашро ба сару рӯи одамон пошида, мегуфт, ин миллат вуҷуд надорад, балки омехтаи сунъие аз се қавм аст, суғдҳову бохтариҳову тахориҳо. Аҷибаш ин буд, ки олимнамоҳои шумо низ ба ин гапҳо калла меҷунбонданд ва ҳар лаҳза яке аз онҳо луқма мепартофт, ки аввал бохтариҳоро бояд ном гирифт, баъд дигаронро. Вай худашро бохтарӣ мепиндошт.

Намедонам, чаро ин номаро бароят навиштам. Ба фикрам, танҳо хостам, андӯҳи худро баён кунам ва ба ту расонам, ки ман ҳам монанди ту дард мекашам, ғам мехӯрам, аммо умед мебандам, ки як рӯз не як рӯз ҳама чиз ба ҷои худ баргардад, аз рӯи адл ва инсофи башарӣ. Бидон, ки мо дӯсти шумоем ва шумо танҳо нестед.

## НОМАИ ҲАМКОРИ ПЕШИН

Хуб, боз шурӯъ кардӣ ба матал хондан. Айнан мисли ҳамон давраҳое ки дар як ҳуҷра менишастему мизҳои мо рӯбарӯи ҳам буд ва ман аз дидани башараи ту, аз сӯҳбатҳои ту, аз бузургманишиҳои ту ба дод омада будам.

Чаро фикр мекунӣ, дарди миллат бояд як ҳисси махсуси ту ва тувориҳо бошад? Гӯё танҳо дар водии шумо одам бо ҳамин дард ба дунё меояд ва агар шумоҳо намебудед, ҳоло аслан ин миллат вуҷуд надошт. Ҳай афсонаҳое месохтед, ки гӯё дар водии шумо ҳар кӯдакро ки пурсӣ, аз шеъри Ҳофиз ва ё байти Бедил мисолат меорад ва мифтоҳи давлатдориро боз мекунад. Чаро аз як водӣ бояд фақат пахтаи маҳиннах бархезаду аз водии дигар фақат шоиру қаламбадаст. Магар шумоҳо аз модар қалам дар даст таваллуд мешавед? Ман ҳамон вақт медонистам, ки ин ҳама ҳоюҳу матале беш нест. Як нафари шумоҳо навишта буд, ки гӯё подшоҳ вазирашро даъват мекунаду мепурсад, чаро ҳамаи шоирони мо аз Шероз? Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ, Ӯбаҳии Шерозӣ ва даҳҳо шерозиҳои дигар. Магар аз мулки дигар шоир намехезад? Ва подшоҳ гӯё фармон медиҳад, ки дар музофоти дигар ҳам модарон шоир бизоянд. Гӯё нависандаи ин порча ба низоми шӯравӣ ришханд мезад, аммо дар асл гуфтан мехост, ки фақат ҳамин шерозиҳо бузурганд, дигарон шоирони фармоишӣ ҳастанд ва бино ба зарурати ҷуғрофӣ дар шароити гулхонаӣ парварида шудаанд. Аҷаб матале...

Аммо ин маталҳо ва маталҳои ту, ки ҳамон кӯҳнаҳо дар ҷомаи наванд, дигар беарзиш шудаанд. Ту намехоҳӣ тан диҳӣ ва ё фаромӯш кардаӣ, ки дунё акнун дигар шудааст. Дунё акнун ба коми мост ва ин ҳам дар беҳтарин давроне ки кишвар мустақил аст ва насиби мост, ки ин давлату ин меҳанро бисозем ва ҳатто ин миллатро. Миллати наверо ки аз қавмҳои омехтаву чалае монанди шумоён барӣ хоҳад буд. Рост гуфтааст шоири миллати мо, ки мардумони аз гардана он тараф нисбате ба миллати бузурги мо надоранд. Ту ҳатман писханд хоҳӣ зад ва маро таҳрир хоҳӣ кард, ки шоири миллати мо нагӯям, балки шоири водии мо бигӯям. Аммо ин дигар аҳамияте надорад. Гуфтам, маталҳои ту кайҳо беасар шудаанд. Он вақтҳое ки ту навиштаҳои маро ба завқи худ таҳрир мекардӣ, гузаштаанд. Шумоҳо забони худро ба сари мо бор карда будед. Ҳафтоду анд сол миллати мо ғуломи шумоён буд ва ҳарчи бор мекардед, мебардошт. Акнун, дӯсти азиз, мо зам мекунем, шумоҳо бардоред. Мо забонро ҳам ислоҳу тоза мекунем. Мо ҳоло дар ҷустуҷӯи як шеваи хубе ҳастем, ки ҷои ин забони сунъиву сохтаи шумоҳоро бигирад. Охир, ин чи забон аст, вақте ман бо ҳамсарам ба ин забон ҳарф занаму вай нафаҳмад ва ё ба бародарам, бигӯяму вай маро ба боди тамасхур диҳад. Мо мехоҳем, ҳамон забоне ки дар хона сӯҳбат мекунем, забони давлат ва миллати мо бошад. Биноан, хуб аст, ки дар ҳамон Сурағут, ахлот ҷамъ кунию гардӣ ва шамоилатро дар ин тарафҳо нишон надиҳӣ. Ман аз таҳти дил шодам, ки ту ва ту баринҳо имрӯз дар ин ҷо нестед ва халал намерасонед. Ҳамон ҷо бош. Набиё. Ва матал гуфтанро ҳам бас кун, зеро фоидае надорад. Мо медонем, ки дорем чӣ мекунем ва дорем чӣ хоҳем кард. Як рӯзе хоҳӣ дид, ки мо чи миллат ва чи кишвари бузурге хоҳем сохт.

## НОМАИ ПАНҶУМИ МУАЛЛИФ

Дар ташнобӣ хонаи ман мӯрчаҳо пайдо шудаанд. Ва чанд ғуки поруғелон. Ва мавҷудоти нафратоваре, ки пойҳои зиёд доранду танашон ба сӯйи дум борик шуда меравад.

Ҳар бор ки ба ташноб медароям, дидани онҳо ғашамро меорад. Дидани онҳо нафратро дар ман агезиш медиҳад. Ҳис мекунам, чӣ тавр пӯсти даври чашмонам ғиҷим мешавад ва хоҳиши қай кардан аз мағзи вуҷудам берун меояд.

Ман ҳайронам ин ҳашарот, ки умре бо онҳо коре надоштаам, аз ҷони ман чӣ мехоҳанд. Баъзе мӯрчаҳо ба болои хиштҳое мебароянд, ки ман одатан сари онҳо менишинам ва партовҳои биологии худро ба лӯлае сар медиҳам, ки бояд онҳоро аз чашми инсонҳо ва манзили зисти инсонҳо ба дур баранд. Баъзеи ин мӯрчаҳо дар сари ин лӯлаи бадбӯй сари ду по рост мешаванд ва бо дастафшонӣ мехоҳанд чизе бигӯянд. Шояд ҳам мегӯянд. Аҷабам меояд аз онҳое ки бо симои олимона, бо иддаъои олимона ва бо забони олимона чизе мегӯянд ва ё менависанд, вале бо тафаккури як ҳашара. Ман аз сӯҳбати онҳо чизе намефаҳмам. Ба истиснои ин ки онҳо даъвое доранд ва мехоҳанд ин даъворо ба гӯши башар, яъне ман бирасонанд. Ман дар ин ҳолат башар ҳастам, онҳо ҳашарот. Чӣ хуш, агар ҳашарот орзуи башар шудан дошта бошанд ва эйвой бар он ки башар худро табдил ба ҳашарот мекунад. Онҳо мехоҳанд бигӯянд, ки ин ҳама солҳо ман иштибоҳ мекардам ва ҳамаи умри ман иборат аз силсилаи иштибоҳҳо будааст. Онҳо мехоҳанд ба ман иштибоҳи маро нишон диҳанд. Аммо оё чи гуна ҳашара метавонад ба башар дарс бигӯяд, сабақ бидиҳад. Албатта, агар ин башар аст, на башара.

Баъзе ғукҳои поруғелон дастчаҳои худро ба рӯи худ мезананд, то диққати маро ҷалб кунанд, бархи дигар сари худро ба деворҳои кошинкории ташнобӣ ман мезананд, то тамоми ҷиддияти даъвои худро нишон диҳанд. Баъзе мӯрчаҳо

шояд фиғон мекашанд, лекин оё кай шудааст, ки инсон фарёди мӯрчаро шунида бошад.

Танҳо Сайидо гӯё шунида буд. Маълум нест, дар хоб ё бедорӣ. Аз иттиҳоди мӯрчагон...оё хабар дорӣ ё надорӣ...Чизе монанди ин, пурсидӣ, мегӯям, хабар надорам ва хабар доштан ҳам намехоҳам. Муттанаффирам, ба вижа барои он ки баъди садҳо сол ин нуктаи туро андешасозони болшевизми пойлучон ва ё луччакҳо, аз ҷумла онҳое ки акнун дар давлати ман ҳукумат меронанд, сӯйиистифода карда, навиштанд, ки халқи заҳматкаш ҳамон мӯрчаҳое ҳастанд, ки иттиҳоди онҳо шерро ба ларза овард ва сарнагун кард. Ҳар бор ки муаллима Рауфова дарси таърих мегузашт, одатан навбати дарси таърих баъд аз геометрия ва тарбияи ҷисмонӣ меомад, ин намунаро меовард ва мегуфт, мӯрчаҳо бо даъвати Ленини ваҳшатафкан як шуданд ва амири Бухороро аз ватан ронданд ва ба зудӣ, дар як-ду соли дигар мӯрчаҳои тамоми дунё бо даъвати Карл Маркис як мешаванд ва синфи истисморгарро вожгун мекунанд.

Лекин ин мӯрчаҳои ташноби ман ҳадафи хурдтаре доранд. Онҳо маро вожгун карданиянд ва ман ба ин танҳо ханда мезанам. «Аз иттиҳоди мӯрчагон ғофилӣ магар?», бале Сайидо аз Насаф чунин гуфта буд. Инро гуфт, ки ватанаш Нахшаб ҳоло ба фавҷи мӯрча бадал гаштааст. Ба фавҷи ҳашара! Дигар Нахшаб на косибе дорад, на моҳе.

Намехоҳам, ин мавзӯъро ғоз диҳам. Бе ман ҳам гуҳғелони бисёре ҳаст, ки ин ахлотро тӯда карда, солҳо ғел-ғел хоҳанд кард, ин хоси онҳост, зеро ҳашаротанд.

Ман танҳо аз он нороҳатам, ки дар ташнобам мӯрчаҳо пайдо шудаанд ва ғукону кадом ҳашароти дигари нафратовар, ки лаҳзаҳои ками ба дунё бахшидани тавлидоти маро, ягона лаҳзаҳои нисбатан оромибахшро, ки аз сабук шудан маншаъ мегирад, акнун сангину нафратовар мекунанд.

Ман намехоҳам онҳоро зери калушҳои кӯҳнаам пахшу маҳв кунам. Ҳайфи ҳаракати ману калуши ман. Аммо

озурдаам мекунанд. Вале роҳи дигар ҳам нест. Ҳарчанд мабраз бадбӯтарин ва бадтарин ҷой аст, маҷбур ҳастӣ, ки ба он ҷо равӣ.

## НОМАИ АБРИ ЖӮЛИДАМӮЙ

Ману Хуршеда бо ҳам дӯст шудаем ва дар осмон бозӣ мекунем. Ману ӯ бузург шудан намехоҳем, зеро кӯдакон вақте бузург мешаванд, дилҳои софи онҳоро ғаждӣ пур мекунад ва бо ҳар қадам онҳо ба гунаҳҳо ғарқ мегарданд.

## НОМАИ БОБО БА НАБЕРА

Ҷони ширини ман! Ман ҳис мекунам, ки умрам ба поён мерасад. «Рафтанд ҷумла ёрон, навбат ба мо расида.» Ва дар вопасин рӯзҳои умр пешорӯи саволе ҳайрон мондаам, ки оё умри азизи худро сарфи чӣ коре кардам. Ман бовар доштам, ки бо роҳи дуруст меравам ва шод будам, ки барои мардуми худ ҳаёти беҳтаре месозам.

Ёрони вомондаи ман масҷидрав шудаанд. Онҳое ки як замон дузду раҳзану бангию одамкуш буданд, акнун салла ба сар бастаанд ва сӯфию мулло шудаанд ва аз охирату оқибат ҳарф мезананд. Ман бовар дорам, гуноҳе дар умрам накардаам, то акнун ба масҷид равам ва ба пои тавба биншинам. Ҳар ҷо ки тавонистаам, некӣ кардаам ва дасти фитодагон гирифтаам, ҳаққи мардум нахӯрдаам ва зино накардаам. Аммо фақат чеҳраи ту пеши назарам меояд ва саволе монанди хор дар дилам сих мезанад. На, на ин ки ба ҷаннат меравам ё на. Орзуяшро надорам. Танҳо мехоҳам бидонам, ки оё росту дуруст зистам ва ё кажу нодуруст. Ҳеҷ намедонистам, ки дар поёни умр ба чунин саволи мушкил рӯбарӯ мешавам. Ва симои ту, ҷони ширини бобо, ангезандаи ин саволи сангин мегардад.

Ҳеҷ фаромӯш намекунам, он рӯзҳоро, ки ту аз шаҳр меомадӣ ва аз издиҳоме ки дар майдон ҷамъ шуда, ба гуфтаи ту, талаби ҳақиқату адолат мекард, бо ҳаяҷон ва тарафгирии ошкоро накл мекардӣ. Ту намедидӣ ва ҳис намекардӣ, ки дар он лаҳзаҳо ман сукут меварзидам, дам ба дарун хомӯш менишастам ва ту ҳаргиз аз ман напурсидӣ, ки дар чунин мавридҳо ба чӣ меандешидам. Ту саргарми ҷавонӣ ва ошӯбҳои худ будӣ. Ту ҳам мехостӣ, ба гузашта хатти бутлон кашӣ. Аммо ман ба умри басарбурдаи худ меандешидам. Ман ҳайрон мешудам, ки чаро ин мардуми побараҳна ва сарлуч мехоҳад, ончиро мо бо хуни дили худ сохтем, лахту пора кунад, бидарад, бисӯзад ва ба ҳаво сар диҳад. Ончиро, ки барои афроде монанди ман маънии ҳаёту мамотро дошт.

Одамоне ки дар умри сари худ як ниҳол наншонда буданд, боғбонро ба додгоҳ мекашиданд. Одамоне ки ба ҳалқи як мавҷуди зинда об начаконда буданд, аз Масеҳо ҳисоботи амал мехостанд ва ҷӯҷаҳои ҳанӯз парашон зард ба хурӯсҳои пир аз тарзу роҳи зиндагӣ сабақ медоданд.

Он хиёбонеро, ки дунёнадидагон ба маҷлисгоҳу масҷиду мабрази худ табдил дода буданд, мо сохтаем ва акнун онҳо дар пояи биноҳои афрохтаи мо, дар рӯи гулгаштҳои парвардаи мо, дар зери дарахтони шинондаи мо мушт ба осмон задаву талаби адл мекунанд ва адли онҳо ин аст, ки моро бояд дар ин хиёбон ба дор кашанд. Онҳо ҳамон китобҳоеро, ки аз баландгӯякҳо нақли қавл мекунанд, нахонда, балки аз кӯрсаводе шунидаанд, вагарна дар яке аз он рисолаҳо омадааст:

Ба тавофи Каъба рафтам, ба дарун раҳам надоданд:
«Ту буруни дар чӣ кардӣ, ки даруни хона ойӣ!?»

Аммо дарди дили ман на аз ин буд. Ҳамеша ва дар ҳар ҷамъ афроде ҳастанд, ки мехоҳанд, обро гил кардаву моҳӣ бигиранд. Дили ман барои он дард мекард, ки ту, набераи

азизи ман, дар миёни онҳо будӣ, ба нидои онҳо ҳамовозӣ мекардӣ ва намедонистӣ, дар чӣ доме афтодаӣ. Ту донистаю надониста фиғон мезадӣ, ки пешиниён ба дор кашида шаванд ва фикр намекардӣ, ки бобои худро дар назар дорӣ. Боз меомадию бо шӯру шавқ аз ин ҳоли андӯҳбори худ қиссаҳо меовардӣ, достонҳои баландпарвози дарунхолӣ мегуфтӣ. Ва ман маҳкум ба ин будам, ки ба суханони ту гӯш диҳам ва сукут варзам. Акнун хоҳӣ шунид, ки ман аз олами фонӣ рафтаам. Ва агар касе мехоҳад, ташнагии худро бишканад, метавонад мурдаи маро ба дор кашад. Фақат дареғу сад дареғ, ки ману ту, бобову набера як бор нанишастем, ки батафсил сӯҳбат кунем ва ту аз дарди дили ман огаҳ шавӣ. Ин аст, ки шояд дасти ман аз гӯр берун бимонад. Ман ҳатто нахоҳам донист, ки баъдаш чӣ шуд ва ҳам нахоҳам донист, ки ҳоло дар кадом шаҳри дуру бегона мардикорӣ мекунӣ...

## НОМАИ ШАШУМИ МУАЛЛИФ

Баҳроми азиз, чаро гиря мекунӣ? Оё барои он ки гоҳе марзҳо аз миёни бобову набера мегузаранд? Магар ҳамеша чунин набуд?

Ва ё шояд аз ҳақиқати томи сухан дилат ба дард омад? Оре, дарду алами пешиниён ҳамеша дар дили пасовандон маскан дорад ва ба ҳеҷ куҷо ғайб намезанад. Дард ва андӯҳ ҳастанд, ки метавонанд, ба шаклу анвоъи гуногун биёянд ва барои ҷовидонҳо боқӣ бимонанд. Дард аст, ки моро ба андеша меорад ва раҳнамоӣ мекунад.

Фикр накардӣ, чаро таронаҳои ватанат ин қадар нолаҳо доранд. Ин андӯҳи бобоён аст, ки ба дили наберагон нишастаст ва аэ он ҷо бурун меояд, то ба дили пасовандон роҳ гирад.

# НОМАИ ҶОБИР - ҶОРҶ

Шунидам, ки шумо ҳодисаҳои булаҷаброро ҷамъоварӣ мекунед. Ин ҳам як шуғлест. Ва зимнан, машғулияти начандон бад. Зеро аз ҷамъи чунин ҳаводис мешавад, ба ягон андешаи фалсафӣ даст ёфт. Афсӯс, ки бо марги одамон чӣ қадар таърихҳои аҷибе абадан маҳв мешаванд. Пас шумо бо гирдоварии ин номаҳо мехоҳед, гиреҳе дар ресмони вақт занед. Ёдеву ёдгоре, ки набояд фаромӯш шавад.

Бароятон як ҳодисаи назарногирро дар ин нома ирсол медорам. Шояд ба дарди касе бихӯрад.

Ҳамроҳи аҳли оилаам дар озодроҳи Портланд – Сиеттл ба самти шимол дар ҳаракат будам. Озодроҳ чист? мегӯед. Хуб, шоҳроҳ. Трасса. Ин роҳест, ки ҳаргиз дар он мошинҳо думболи ҳам тамба намешаванд, балки ҳамеша бо суръати баланд дар ҳаракатанд. Шабу рӯз. Ҳайрон мемонӣ, ки ин қадар одам, чи дар нимаи рӯз ва чи дар нимаи шаб ба куҷо шитоб дорад. Хуб, инаш кори ман нест. Агар пурсед, ҳар кас дар ин ҷо ба шумо ҳамин гуна посух медиҳад. Барои ҳамин беҳтараш, напурсед.

Вақте ба шаҳр наздик мешавед, аломатҳои роҳ коҳиши суръатро талаб мекунанд. Мошинҳо, ки ҳамзамон дар панҷ хат дар ҳаракатанд, баробар суръатро коҳиш медиҳанд ва тақрибан яксон пеш мераванд.

Ҳамин тавр мо ба шаҳр наздик шудем ва баробари дигарон суръати мошинро кам кардаву бо як тамкин ва эътимод ба худ пеш мерафтем. Писари калониям дар курсии пеш нишаста буд ва китоб мехонд, ҳарчанд ман инро дӯст намедоштам. Дар ҳоли ҳаракат китоб хондан ба чашм зарар дорад. Вай мегӯяд, ҳамин саҳифаи шавқангезро ки тамом кард, китобро як сӯ хоҳад гузошт. Аммо саҳифа аз паси саҳифа гардон мешаваду ӯ хонданро бас намекунад.

Ҳамсарам ва писари хурдиям дар курсии ақиб нишаста буданд ва гоҳе ба манзараҳои роҳ хира мешуданду гоҳи дигар

шӯхиомез ҳамдигарро азият медоданд.

Гуфтам, ки дар даромадгоҳи шаҳр мошинҳо бо суръати паст ва паҳлуи ҳам монанди обҳои як дарё ба пеш ҳаракат мекарданд. Ҳамин вақт аз мошине ки дар паҳлуи чапи ман мерафт ва яке аз тирезаҳояш нимабоз буд, ин садоҳоро шунидам:

Дари дилро ба рӯ-я-я-я-ят во наму-у-у-у-удам...
Ла-ла-ла лала лала н- наму-у-у-у-удам...

Аввал сарфаҳм нарафтам, ки ин оҳанг ва калимаҳои он ба забони модарии мананд. Оҳанги дардомез-ошно. Аслан вақтҳои охир ҳар оҳангеро шунавам, беихтиёр онро дар зеҳни худ ба мусиқии ватанам ҳамсадо мегардонам ва ё кӯшиш мекунам, аз миёни зеру бамҳои сурудҳои бегона лаҳн ё шевани бароям ошноро пайдо кунам. Ва ҳамин сон аз гуфтугӯи мардуми атроф, махсусан аз забонҳои комилан ношиносу мавҳум оҳангҳои забони модариямро меҷустам ва дарвоқеъ калимаҳои монандеро пайдо мекардам. Вақте ин сурудро шунидам, фикр кардам, боз ҳам дар хаёлҳои худ онро тағйир додаву ба гунае сохтаам, ки дилам мехоҳад. Аммо пас аз лаҳзае хун дар рагҳоям ях баст, вақте ин қадар оҳанги ошно ва калимаҳои фаҳморо бо забони худ шунидам. Гумон кардам, ин садо аз дастгоҳи сабти овоз берун меояд, вале чун чандон ҳирфаӣ набуд ва мусиқӣ надошт ва ба як бор иваз мешуд, фаҳмидам, ки ронанда месарояд.

Бовар мекунед, касе ки паси чамбараки фармони он мошин нишаста буд, бо тамоми овоз, гӯё дар ҳақиқат Аҳмад Бобоқулов бошаду дар саҳнаи театри Сабзи паҳлуи чойхонаи «Роҳат» месуруда бошад, таронаи машҳури «Республикаи ман»-ро мехонд. Дар ҷое ки калимаҳоро намедонист, ҳамин гуна «ла-ла лалала» месуруд.

Чӣ?! Ба кадом забон?! Фикр мекунед, гӯшҳои ман вазнинанд? Ҳаргиз! Ба тоҷикӣ ва бо ҳамон оҳанге ки акаи

Аҳмад мехонд. Дар шоҳроҳи Портленд ба Сиэттл, шимолу шарқи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико.

Ман ин гуна дар шигифт задам, ки қариб аз масири худ берун мешудам ва ба мошиним паҳлуиям бармехӯрдам. Суръатро боз оҳистатар кардам ва ба дохили мошини тарафи чапам нигаристам. Як марди миёнсоли гандумгун айнаки сиёҳ дар чашм, савори БеЭмВэ-и сабз, ба пеш менигарист, мошин ҳай мекард ва бо тамоми овозу бо зада рӯи «д» суруди дигареро сар карда буд:

Гул ба-а-а-а да-а-а-аст меравад,
Дасти ба да-а-а-аст меравад.
Гулро ба ҳе-е-е-еч кас надиҳед.
Дил ба шика-а-а-аст меравад.

Маро онгуна завқ дода буд, ки мехостам, аз даруни мошини худам ба он кас ҳамовоз шавам. Вале мушкил дар он буд, ки ин шеърро намедонистам. Мехостам ба вай ишора кунам, ки ман маънии сурудашро мефаҳмам, ман ҳам аз диёри ӯям, аммо вай рост ба пеш менигарист ва мехонд:

Диле дорам, ки аз султон натарсад,
Зи банди кундаву зиндон натарсад...

Шишаи тирезаи мошинро поин овардам ва ба зану бачаҳоям нигариста гуфтам:

– Акаам, аз тарафҳои худамон ворӣ. Дилаш танг шудаасту ёди ватан кардааст. Булбул дар ғами гулу чамани худаш чаҳчаҳа мезанад.

Бачаҳо ба тарафи он мошин нигаристанд, хандиданд. Калонӣ гуфт, ки одатан ҳабашҳо ҳангоми мошин рондан бо овози баланд суруд мехонанд ва ё магнитофони худро баланд мегузоранду мусиқӣ мешунаванд. Бачаҳо ба ронанда даст меафшонданд, вале вай намедид. Оилаам сар ба зер афканд.

Мавзӯъи ҳасрати ватан барои вай дарднок аст. Солҳост, модари танҳомондаи худро надидааст.

Баногаҳ овозхон, зимнан ҳоло мешунидам, ки овозаш чандон бад ҳам набуд, тоқат кардан мумкин, ба сурудани таронае даромад, ки ман ҳам матнашро медонистам.

Ё мавло, дилам танг омадаст,
Шишаи дилам, ай худо зери санг омадаст...

Мехостам ҳамовоз шавам, вале ин вақт он ҳамдиёри мо суруданро қатъ кард ва ногаҳон ба дашном додан даромад. Бовар кунед, ман дар умри сарам ин хел дашномҳоро нашунидаам. Ҳатто ҳоло ҳарчанд кӯшиш кунам ҳам, онҳоро ба ёд оварда наметавонам ва ё ин ки ба ҳамон шакле ки он кас гуфт, такрор карда наметавонам. Ин қадар қабеҳ ва ин қадар ношоям, аммо ин қадар самимона ва пурдард. Ва аҷибаш ин ки бо номгӯйи ҳамаи аъзои бадани инсон ва ба унвони ҳама касу ҳама ҳукуматҳову кишварҳо, фарқ надорад, онҳо кистанд ва чӣ кардаанд. Номи баъзе аз сиёсатбозону сиёсатмадорони ватани мо дар байни ҳар порчае аз ин навори дашномҳо садо медод. Як навъ зикри шарри болохонадору пурсилсила ва беохир...

Мани аз сурудҳои ӯ хушҳолшуда якбора ғамгин гаштам ва дар ғояти шитоб шишаҳоро бардоштам, то мавҷи бадбӯйи ҳақоратҳо ба дохили мошини ман надарояд. Ҳамсарамро дар оинаи паснамои мошин дидам, ки рӯмолашро ба рӯи чашмонаш фуроварда, ангуштон ба ду гӯши худ зер карда ва сараш боз ҳам хамтар шуда буд. Бачаҳо бо садои баланд механдиданд.

Мошинҳо бо суръати баробар ҳаракат мекарданд ва имкон надоштам, аз мошини ҳамдиёри худ пештар гузарам ва ё ба андозаи кофӣ ақиб бимонам ва ё хаттамро иваз кунам.

Хуб шуд, ки ронанда моро надид ва ҳам хуб шуд, ки дашном доданро бас карда, аз нав ба сурудан даромад.

Бармоли Қизилқалъа ҳама сурху кабуд,
Сурхаш ҳама зардобу кабудаш ҳама дуд...

Ин ҷо суруд қатъ шуд ва садои гиристан ба гӯшам расид. Баргашта нигоҳ кардам. Рonанда ҳой-ҳой мегирист. Дар миёни шеванҳояш дашномҳое баланд мешуд, вале гиряаш ин қадар бадард буд, ки ман натавонистам, шишаҳои тирезаамро, ки дубора фуроварда будам, боло бардорам. Вай мегирист, мисли гиряи касе ки дигар зистан намехоҳад. Мисли касе ки охирин бор мегиряд ва гиряаш дуоест барои ҳамаи онҳое ки дар умраш вохӯрд, чи нек ва чи бад. Оре, ин як гиряи оддӣ набуд. Гиряе буд бо тамоми вуҷуд ва нолае буд бо тамоми садо.

Ҳис кардам, гулӯям баста мешавад. Фикр кардам ин манам, ки мегирям. Ва ё ин гиря барои ману бачаҳоям низ ҳаст. Ба ақиб нигаристам, дидам, бачаҳоям хомӯшу ҳайронанд ва рухсори ҳамсарам аз ашк тар аст. Вай бесадо мегирист.

Баъди лаҳзае ашкҳои ман низ қатор шуданд ва аз бари рӯям шориданд.

Мард фиғон мекашид ва ман ҳам мехостам баробараш фиғон кашам. Мард бо як даст ба сари худ мезад ва ман мехостам, ки мошинҳо биистанд, ман поин шавам ва ӯро ба оғӯш кашам. Бигӯям, ки вай дар ин мулки бегонаи аз ватани мо ҳазорон фарсанг дур танҳо нест.

Дар даромадгоҳи Сиеттл мо аз постгоҳи шоҳроҳи пулакӣ боҷи роҳ дода гузаштем ва дар ин миён ман БеЭмВэ-и сабзро аз назар гум кардам. Намедонам, чи хел гузашт ва ғайб зад. Бо суръати баланд пеш ҳаракат кардам ва ҳар сӯ нигаристам, аммо мошинро надидам. Суръатро суст кардам, ақиб мондам ва мошинҳои зиёдеро аз худ пеш гузарондам, лекин боз ҳам он дӯсти ҳамватанро надидам. Бисёру бисёр афсӯс хӯрдам...

Мо ду рӯз дар ин шаҳр зиндагӣ кардем ва тамоми ин ду

рӯз он марди монанди ман мусофир ба ёдам мерасид ва ҳай, дареғ, мегуфтам, ки ақаллан шумораи мошинашро дар ёд нагирифтам, шояд он вақт метавонистам вайро пайдо кунам. Гоҳе ба назарам чунин менамуд, ки ҳеҷ гуна мошину ҳеҷ гуна ронандае аслан вуҷуд надошт ва ин ҳамаро ман барои худ бофтаам. Ин як саробе будааст, монанди он ки ташна дар биёбон чаманистони сабзро мебинад. Фикр мекардам, шояд ин ҳамаро ман худ аз сар гузаронидаам. Шояд он ронандае ки дар даруни мошини худ бо тамоми овоз суруд мехонд, ман худам будам ва он кас ки зор мегирист, низ худам. Эҳтимол аз ин ҷост, ки ҷуръат намекунам аз ҳамсарам бипурсам, оё чунин як ҳодисае рӯй дода буд ё не. Фақат худро тасалло медиҳаму ба худ мегӯям, касе ки ин хел мегиряд, ҳаргиз наметавонад, одами бад бошад.

Рӯзи дуюми сафар ба Сиэттл дар соҳили уқёнус сайр мекардем, аз растаҳои бешумор моҳибирён мехӯрдем ва дар тӯли соҳил одамонеро медидем, ки бо сарулибоси жанда ё талбандагӣ мекарданд ва ё аз ин сӯ то он сӯйи растаи чӯбини соҳил ҳазёнгӯён мерафтанду меомаданд.

Писари хурдии ман ба яке аз онҳо ишора карда гуфт, ки мисли он амакест, ки дар даруни мошинаш суруд мехонд ва мегирист...

## НОМАИ МОҲМАНЗАР

Ассалому алейкум, ако Баҳром.

Намедонам, маро дар ёд доред ё не, вақтҳое ки шумо хатмкунанда будед, мо дар синфи як мехондем ва дар ҷашни занги охир ман ба шумо гулдаста дода будаму шумо ба ман китоб тақдим кардед ва ситорачаи октябрятиро ба сари дилам овехта будед.

Ҳоло ҳам он ситорача бо акси Ленин дар айёми кӯдакияш бо ман аст. Сӯзанакаш афтода гум шудааст ва фақат худи ситорача мондааст. Ҳоло ҳар кас дар бораи Ленин

ҳар чизе ки ба даҳанаш биёяд мегӯяд, вале ман ба ин акси миёнаҷои ситорачаи панҷгӯша менигарам ва ҳаёти ҳамагӣ чанд сол пеши худро ба ёд меораму фикр мекунам, Ленин одами бад набуд.

Онҳое ки имрӯз давр меронанд, ӯро сиёҳ мекунанд ва ҳатто ҳар хел гапҳои носазо мегӯянд, лекин онҳое ки имрӯз дар сари бозорча гадоӣ мекунанд, охир кай дида будед, ки одамони мо гадоӣ кунанд, ба ҳасрат мегӯянд, чӣ зиндагии роҳате доштанд дар солҳое ки ҳама ҷо акси Ленин нурафшон буд.

Ҳоло акси як гарданғафсро задаанд ва мегӯянд, ки вай моро ба биҳишт мебарад. Лекин ман ягон зарра бовар намекунам. Одаме ки фақат дар ғами хешу табор ва мӯйсари худ аст, худо кунад, моро ба ҷарии дигар наандозад, ба ҳаминаш ҳам шукр, фақат бигзорад, худамон роҳамонро ёбем. Вале раҳ ёфтан дар ин шаби торик осон нест. Аслан фикр мекунам, худи роҳ вуҷуд надорад. Чизеро ки нест, чӣ хел меёбед?

Дугонаам Файзиниссо рост мегӯяд, ки ман одаме нестам, асли матлабро бо ду калима баён кунам. Сари гапро мекушоям, баъд аз даруни он як гапи дигар меброяд, ки фикр мекунам, онро ҳам бояд гуфт, аз миёни инаш боз як нуктаи дигар пайдо мешавад, ки агар нагӯӣ, мумкин андешаи туро дуруст нафаҳманд, хулоса ҳамин хел рафтан мегирад, то вақте ки фаромӯш мекунам, асли матлаб чӣ буд.

Файзиниссо инро бисёр хуб мефаҳмад ва гоҳе мебинад, ки ман тор танида-тор танида ба ҷои дигар рафтаам, маро бозмедорад ва мегӯяд: «Ду калима!» Ин як аломати шартист, ки ман зуд ба сари мақсад баргардам. Хуб, мақсад аз ин номаи ман чӣ буд? Ҳо, ситорачаи октябрятӣ...не, ана дидед, он қадар дур рафтаам, ки роҳи баргаштро намеёбам.

Хулоса, агар рӯзи занги охирини худро ба хотир оред, шояд ман ба ёдатон расам. Модарам он рӯз аз навори капронии кабуд як бандаки калони садбаргмонанде ба мӯям

баста буд, ки фикр мекунам аз сарам ҳам калонтар буд. Ҳамон вақт Файзиниссо ба ҳоли ман механдид...Боз дар ёдам ҳаст, ки шумо саҳнача намоиш дода будед. Охир шумо ҳунарманд будед ва бо дӯстонатон чӣ қадар намоишҳои хандаовар нишон медодед.

Ёдатон ҳаст, дар соли нав шумо, Ғуфрон ва Табаррукшоҳ саҳнаҳои «Қашқалдоқ» ва «Ассалому алейкум, Раҳматулло»-ро намоиш дода будед. Аз ханда об дар чашмонамон медамид. Механдидем ва зуд-зуд чашмонамонро мемолидем, ки ашкамонро пок кунему давоми ҳодисаро хубтар бубинем.

Садои шуморо гӯё ҳоло ҳам мешунавам:

Ту куҷою ман куҷо!
Писарат ба зан куҷо!
Қашқалдоқ гапи дигар,
Ӯ худаш ҷону ҷигар.
Ҳайвони баобрӯ.
Писараш бегуфтугӯ
Мешавад мисли падар
Корчалону боҳунар...

Ёдатон ҳаст, он вақт корчалон маънои бад дошт. Дар «Хорпуштак» ҳам менавиштанд, ки корчалонҳои шикамғафс фалон қадар пули колхозро ба ҷиғилдони бетагашон задаанд.

Дидед, ҳамаашро дар ёд дорам, ҳатто шеърашро. Ҳоло фикр мекунам, ҳамин ибораи «Ҳайвони баобрӯ» бисёр муносиб шудааст. Аслан, худи ибора хандаовар аст, вале ҳоло ними одамони ватани мову шумо ба ҳайвонҳои баобрӯ табдил ёфтаанд. Онҳо колхозҳоро хариданд, фермаҳоро бо ҳамаи чорвояш, баъд гашта ба деҳқонон гӯё фурӯхтанд, аммо дар асл деҳқононро ба ғуломони худ табдил доданд. Ҳоло дар мо сохти ғуломдорӣ аз нав ҷорӣ шудааст.

Ҳайвонҳои баобрӯ дар мошинҳои хориҷӣ сайр

мекунанд, дар хонаҳояшон ҳавзу толори билярдбозӣ доранд, деҳқононро кор мефармоянд ва охири сол ду баробари кори кардагияшон қарздор мекунанд, духтарони мардумро ба хариду фурӯш мезананд ва шабу рӯз ба айшу нӯш машғуланд. Обрӯи баланд доранд, вале ҳайвонанд.

Ба фикрам, ҳоло дигар он қадар саргум рафтам, ки худам намедонам, чӣ менависам. Файзиниссо медонад, ки ман аслан дашномгӯ нестам, лекин ҳоло барои он ки одамонро ҳайвон номидам, узр мехоҳам. Ҳо, дар маросими занги охир шумо шеър ҳам хонда будед:

Занги охир бурд моро ҳар куҷо аз ҳам ҷудо,
То ҳанӯзам гиряи занги ҷудоӣ дар дил аст.
Баъд аз ин бо даъвати зангӯла ҳатто лаҳзае
Назди мактабхона моро ҷамъ кардан мушкил аст.

Инро ба ёд меорам ва ашк аз чашмонаш қатор мешавад. Ман гиристан намехоҳам, аммо дилам зор мегиряд. Ҳайрони инам, ки ин гапҳоро шумо он вақт аз куҷо меёфтед. Дар ҳақиқат ҳамин хел аст. Он вақт намедонистем, лекин баъдаш дидем, ки воқеъан занги ҷудоӣ дар дилҳо мемондааст ва дигар ҷамъ шудани ҳамсинфон як кори сахт будааст. Ҳоло аз ҳамон синфи худамон фақат ману Файзиниссо мондаем, ки аз ҳоли ҳамдигар хабар мегирем. Вай камгап аст, ман сергап. Вақте ки аз ҳад мегузаронам вай кафи дасташро ба даҳанам мегузорад ва мегӯяд: «Ду калима!» Ва ё бе ягон нидо ду ангушти худро нишон медиҳад. Ман мефаҳмам, ки гап ҷои дигар рафтааст.

Дарвоқеъ бо ин серманаҳӣ сари калобаам гум шуд. Чизи муҳиме ба шумо навиштанӣ будам, вале бинед, чӣ қадар ҳарзаву ҳазён овардам. Узр мехоҳам, ки дигар дар хона коғаз надорам ва азбаски акнун ба пушти варақ гузаштаам, шумо ночоред, ки ин музахрафоти навиштаи маро бихонед.

Ҳо, ёдам омад, ки мехостам аз шумо як хоҳиш кунам.

Ман шуморо бародари қиёматии худ медонам, охир ман шуморо аз номи хурдсолон ба зиндагии бузург гусел кардам ва барои ҳамин шарм накарда, ин номаро бароятон навиштам. Шавҳари ман Асадуллоҳ ҳафт сол пеш дар Тавилдара кушта шуд. Вайро маҷбурӣ ба сафи артиш бурданд, ҳарчанд аз хизмат озод буд ва синнаш ҳам дигар синни аскарӣ набуд. Бурданд, ки ба оппозитсия ҷанг кунад. Ҳамин ки аз чархбол мебарояд, аз дур нишонзан ӯро ҳадаф мегирад. Ва мегӯянд, ҳоло сар набардошта буд, ба зери қадамаш нигоҳ мекарду аз чархбол мефуромад, ки меафтад. Вай аслан намехост, ба ин ҷанг равад, мегуфт, бигзор ӯро бикушанд, вале ба ҳаммиллати худ тир нахоҳад андохт. Фариштаҳои даргузор омин гирифтаанд, ки як тир наандохта кушта шуд. Маро даъват карданд ва гуфтанд, акнун ту ҳамсари касе ҳастӣ, ки дар роҳи эҳёи сохти конститутсионӣ ба ҳалокат расид. Як дафтарча доданду гуфтанд, ёрдампулӣ мегирӣ. Ман он дафтарчаро ба сарашон задам ва ба рӯяшон туф кардаму рафтам. Кош, бачаҳои худашон кушта мешуду духтарони худашон бева мемонд.

Ба тақдир тан додам ва ба ҳамсари азизам алвидоъ, то дидор дар рӯзи растохез гуфтам.

Ман аз вай панҷ фарзанд дорам. Калонӣ имсол донишгоҳро тамом кард. Бо азобу уқубат, лекин бо баҳои саросар аъло тамом кард. Аммо дипломи сурхи ӯро ба сарам занам, ки дар ягон ҷо кор нест, ки раваду биёяду чор танга орад. Ман саҳар то шаб каланд ба замин мезанам ва аз ширкати деҳқонӣ ин қадаре қарздорам, ки бояд ду умри дигар каланд занаму баъд шояд, қарзро канонам.

Бача битамом дилмурда шуд. Намедонад, чӣ кор кунад. Аз як тараф мебинад, ки вазъи оила чӣ хел. Аз тарафи дигар илоҷ надорад. Ҳафтаи гузашта ҳамсояамон Сангинмурод, мумкин шиносед, сарагрономи колхоз буд як вақтҳо. Аз ноилоҷӣ худашро дар оғилхона овехту кушт.

Файзиниссо ба ҳоли бачаи ман менигараду мегӯяд,

Моҳ, як рӯз ҳамин баччат кори Сангинмурода мекунад.

Хулоса, аз шумо хоҳиш дорам, писарамро ба наздатон фиристам, сарбонӣ ва раҳнамоӣ кунед. Умре дорам, фаромӯш намекунам. Вай бачаи хуб аст, аз гапи шумо берун намеравад ва хизмати шуморо мекунад. Илтимос, не нагӯед...Ин охирин умеди оилаи мост...

Гапи гуфтан зиёд дорам, лекин коғазам тамом шуд. Бо ҳамин суханро ба забони ширини шумо медиҳам ва аз даргоҳи худованди бузург мехоҳам, сари шумо сабз ва лабатон пурханда бошад. Хоҳархонди Шумо, Моҳманзари ашк дар чашм...

## НОМАИ МАЛИКШОҲ

Ман гӯё хушбахтам.

Аз ҳеҷ чиз камие надорам. Билъакс, он қадар молу мулке дорам, ки гоҳе ба сарҳисобаш намеравам. Магар сарват мояи хушбахтӣ ва озодӣ нест?

Онҳое ки маро бад мекунанд, ба ман ҳасад мебаранд. Ин ҳам табиист. Дар куҷо як заъиф як зӯрро дӯст доштааст? Онҳо маро ба андозае бад мебинанд, ки дар пайи куштани мананд. Вале ман ҳамеша бо се ҷонпос мегардам. Ҳарсе аз қавми бегонаанд ва касе нахоҳад тавонист, онҳоро бихарад.

Ба ман тӯҳмат мезананд, ки гӯё ҳамдиёрони худро ғуломвор мефурӯшам. Дурӯғ аст! Кай ва дар куҷо дидед, ки касе худро ғулом гӯяд ва шумо тавонед, ба вай нарх гузоред?! Ман касеро маҷбур намекунам. Кай дидаед, ки онҳо зери мили силоҳ истода бошанд ва дасту пояшон занҷирбанд?! Онҳо худашон назди ман меоянд ва мехоҳанд, барояшон коре пайдо кунам. Онки баъдан ба дасти кӣ меафтанд ва бо онҳо чи иттифоқҳо рӯй медиҳанд, кори ман нест.

Ман се ҳавлии бузург дорам, ки сӣ нафар онҳоро посбонию дидбонӣ мекунад. Дар дутои онҳо ҳавзҳои

шиноварӣ ва боғҳои зимистонӣ сохтаам. Вақте калонҳо ва ё вазирон аз ватан ин ҷо меоянд ва манзилҳои маро мебинанд, дарвоқеъ шояд худро ғулом ҳис мекунанд. Шумо намедонед, ки баъзеи онҳо дарвоқеъ ба гадоён шабоҳат доранд. Барои ҳар чиз ва бо ҳар роҳи мумкин мехоҳанд, аз ман чизе канонанд. Крахаборҳо!

Баъзан фикр мекунам, бо чоряки пуле ки дорам, метавонам, раҳбари шуморо аз курсияш ғалтонам ва худ раҳбар шавам. Аммо ин дарди сар оё ба ман зарур аст? На. Вале оё ман хушбахтам? Гӯё. Чаро ки солҳо шуд, то ман аз рӯи раҳрави гандидаи вокзалҳои ифлос ба ин баландиҳо расидаам ва солҳо шуд, ки дигар бо мафҳуму рафторҳое монанди хубӣ, некӣ, ростӣ, одамгарӣ, инсоният, инсоф, шараф, номус вонахӯрдам. Инҳо, ба фикрам, дигар моли таърих шуданд.

Аҷиб аст, ки аввал аз як бадии кӯчаки касе чашм мепӯшӣ. Сипас, аз як бадии кӯчаки худат. Чашм мепӯшию қавл медиҳӣ, ки дигар такрор нахоҳӣ кард. Фикр мекунӣ, ин як чизи зарурӣ, лекин гузаранда аст, мегузарад. Аммо тадриҷан одат пайдо мекунӣ ва як рӯз мебинӣ, ки то гулӯ дар бадиҳо фурӯ рафтаӣ ва камтарин ҳаракати ту фақат бадиеро ба вуҷуд меорад.

Оҳ, агар ҳамин ҳасрати як бори дигар рӯбарӯ шудан ба хубӣ ва некии инсонҳо дар дилам намебуд! Он гоҳ воқеан хушбахттарини инсонҳо мебудам. Ҳоло худамро хушбахт мешуморам, вале медонам, ки инчунин нестам.

## НОМАИ ҶАМШЕДИ ДОНИШҶӮ

Ман ба ин фикр мекунам, ки мо ягон вақт соҳиби давлати миллӣ ва сарварони миллии худ хоҳем шуд ё на? Яъне давлате ки ғами моро бихӯрад, давлате ки барои мо бошад, на мо барои он. Фарз кардем, агар ҳамаи ин ҳафт миллион

мардуми мамлакат, пиру ҷавон, зану мард, кӯдаку чӯдак муҳоҷиру мардикор шаванд, ин давлат ба кӣ сарварию сарпарастӣ мекунад? Пас мо барояш даркорем? Агар ин тур аст, чаро дар ғами мо нест?

Ва онҳое ки фардо ба курсиҳо менишинанд, то ба мо сарварӣ кунанд, чӣ касоне хоҳанд буд. Беҳтар ё бадтар?

Ба шарикдарсони худ ва ба ҳамовардони хештан, ки ҳоло дар кишварҳои хориҷӣ таҳсил мекунанд, менигараму фикр мекунам, умеде ба оянда надорам. Аввалан, сатҳи саводи насли ман дар баробари онҳое ки аз мактаби шӯравӣ берун шуданд, ба маротиб пасттар аст. Ягона чизе ки метавонад, моро дар ин муқоиса наҷот диҳад, ҷаҳонбинии фарохи мост, ки аз сафару мулоқоту нишастҳои гуногун дар ҷаҳоне, ки робита дар он ба ҷои аввал баромадааст, баҳравар мешавад. Аммо дар муқобили ин мо аз он чиз камбуд дорем, ки кӯҳансолон фаросот ва ё фаросат меноманд. Ин як хосияти зеҳн аст, ки дар ягон мактаб омӯзонида намешавад. Ва ҳастии нима низ надорад. Ё ҳаст ё нест. Айнан монанди ин ки як каме ҳомиладор будан номумкин аст. Ё ҳомиладор ҳастӣ ва ё нестӣ. Нимҳомилагӣ ҳанӯз ихтироъ нашудааст. Аз қазо, агар фаросат модарзодист, бояд парвариш дида бошад. Фаросате ки тарбият набинад, дар шакли ҷанинӣ боқӣ мемонад. Хушунатҳои ватани мо на фаросат, балки зӯрдастӣ ва акнун макру найрангро болонишин кардаанд. Ба ҳар идора равед, раҳбари онро зӯрдаст, бадрафтор, зиштсухан мебинед ва муовини ӯро маккор, найрангбоз ва фитнагар. Мегӯянд, замоне ҳамаи ин дар симои як нафар дида мешуд ва он як нафар бо камоли ғайрат сарварӣ мекард. Ҳоло ин ду ҳамдигарро пурра мекунанд. Аммо дар куҷо дидаед, ки бо ин хислатҳо ва бе ягон аломати инсонӣ сарварӣ кардан мумкин бошад?

Каҷкулоҳон ин қадар зиёд шудаанд ва он қадар сабки худро нишон додаву қонунӣ кардаанд, ки қудсияти сарварӣ аз байн рафтааст. Ҳоло онҳое ки мехоҳанд, сардор шаванд, ин

қадар зиёданд, ки аз мӯйи сар ҳам бештар. Ҳама мехоҳад, раҳбар бошад. Онҳо аз он ҷиҳат ба чунин қарор намеоянд, ки вайҳе гирифта бошанд ва ё донанд, ки чӣ бояд карду чӣ гуна бояд кард. Балки ҳазорон ҳазор сарварони имрӯзаро дида, гумон кардаанд, ки агар дигарон тавонистаанд, чаро ман натавонам. Ё ба иборoти дигар, агар «Назири фисин тавонист ин қадар сол раисӣ кунад, ман даҳ баробари ӯ хоҳам тавонист.»

Як дӯсти ман, ки ҳоло дар Истамбул мехонад, ошкоро мегӯяд, ки мақсад дорад, раҳбари ояндаи кишвар шавад. Ман ягон нишонаи раҳбариро дар ӯ намебинам. Баракс, аз нигоҳи ман вай як одами кундзеҳн ва тангназар аст. Вақте мепурсам, чӣ гуна хоҳӣ тавонист, одамонро ба ақидаи худат дарорӣ, ҷавоби аниқ дода наметавонист ва маълум буд, ки ба зӯр ва зар меандешид. Ба назарам, касе ё касоне ӯро саргарон кардаанд, ки ҳамаи аломатҳои як сарварро дорад ва метавонад, даъвии қудрат кунад. Вай соатҳо аз нумӯъи Туркия ҳарф мезанад ва ҳатто, вақте ки дар гуфтор дармемонад, ба таври автоматик ба забони туркӣ мегузарад ва аз забони модарии худ нафрат мекунад, ки ба гуфтаи вай ингуна оҷиз ва камбағал аст.

Ман ӯро накӯҳиш намекунам. Баракс, одами намакшинос аст, ки аз хурдсолӣ дар гимназияи туркӣ хонд, баъд ба Истамбул роҳхат гирифт ва дақиқан тибқи матале кор мекунад, ки гуфтаанд, «себамро хӯрдӣ, пахтаамро ғоз деҳ.»

Ва ҳам меҳаросам, ки мумкин аст, вай раҳбари ояндаи кишвари мо шавад. Онҳое ки шӯрбояш доданд, пулаш ҳам медиҳанд, ки ба курсии баланд нишинад ва хости устодони хешро амалӣ намояд. Аммо бими асосии ман дигар аст. Ин гуна одамон танҳо дар ҷамъияти нодор ва парокандаву пурхусумати мо метавонанд, ба чунин курсӣ нишинанд. Бубинед, ки беҳтарин бахши аҳолӣ дар мардикорист. Манзур, ҷавонону ҷавонмардон, онҳое ки агар дар ватан мебуданд,

бахши дар сиёсат фаъол ба шумор мерафтанд. Дигар, мо ин қадар пароканда ва ҳамдигарбадбин ҳастем. Як сабабаш, агар таърихӣ бошад, манзур, ду чӯбе, ки аз рӯзи азал ба мо доданд, то бо кофтукови думболи ҳамдигар машғул бошем, сабаби дигараш нодорист. Вале мегӯянд, «гушна ба шер задааст». Мо аз он гушнаҳо нестем. Тайи ҳазор сол моро на танҳо гушнаву ташна, балки тарсу ҳам карданд. Аз дасти гушнаҳои тарсу дигар чӣ меояд? «Шерро ҳам мекунад рӯбаҳмизоҷ, эҳтиёҷу эҳтиёҷу эҳтиёҷ!»

Ду бародар, ду фарзанди як падар ба ҳам душман. Аҳли ин кӯча бо кӯчаи дигари деҳа. Ду деҳа ҳамеша дар хусумат. Ҷамъи деҳаҳои як обрав – гӯркови мардуми обрави ҳамсоя. Ҳамин тавр аз поён то боло ва ё аниқтараш аз боло то поён моро тақсим кардаанд ва ба дасти ҳар кадом як донагӣ чӯбак додаанд, ки дар лаҳзаҳои ҳассоси таърихӣ ин чӯбак ба калтак ва гоҳе милтиқ табдил меёбаду аз тирҳои ҳақиқии он одамони ҳақиқӣ ба замин меафтанд ва занони худро беваю кӯдакони худро ятим мегузоранд.

Чӣ чиз моро ба ҳам васл мекунад? Забон? Ҳоло ҳар кас ба шеваи кӯчаи худ сӯҳбат мекунад ва шояд ҳамин лаҳҷаро забони давлати хеш мешуморад. Дин? Ҳоло дини падаронро моли хусусии араб меноманд ва ҳазорон нафар ҳазор навъи динро пазируфтаанд. Баъзеҳо ба қарни оташпарастӣ баргаштаанд ва баъзеи дигар дар ҳар мадрасае ки хонда бошанд, дини ҳамон мадрасаро ягона роҳи дуруст мегуморанд. Қаламрав? Танҳо дар деҳаи худ хештанро дар ватан эҳсос мекунӣ. Дар сари аввалин роҳи калон туро օнчунон ба ҷоят мешинонанд, ки кӣ будани худро фаромӯш накунӣ, аниқтараш, фаромӯш кунӣ. Бузургони гузашта? Онҳоро ҳар кас моли деҳаи худ медонад ва муҷассамаҳо на ба бузургони таърих, балки ба сарони қабилаҳо шабоҳат доранд. Ҳар деҳа худро ҳазору андсола ва ё анд-ҳазорсола эълон мекунад ва солгарди таърихии худро ҷашн мегирад. Ҳар деҳа китоби таърихи худро чоп мекунад ва бо он афродаш, ки дар

дуздию гургӣ машҳур нашудаанд ва ё ҳанӯз ҷиноятҳояшон ошкор нагаштаанд, фахр мекунад. Замоне домуллои хушсаводу порсоро эҳтиром мекарданд, баъд омӯзгору шоирро, ҳоло танҳо ба онҳое арҷ мегузоранд, ки аз пули героин ба ҳаҷ рафта бошанд ва хонаҳои боҳашамат пӯшонда.

Пас, оё, ин беҳтарин фурсат ба дӯсти истамбулзадаи ман нест, ки ба зини давлат савор шавад? О, метарсам аз он рӯз!

О, Баҳроми ҷон, баргард ва ҳамаро бигӯ баргарданд, то ватанро обод кунанд, на мулки бегонаро. Онҳо бояд ватанро соҳиб шаванд, то аз ин ҷо мондаву аз он ҷо ронда набошанд.

## НОМАИ ШАХСИ НОМАЪЛУМ

Вақте аз умқи ғорҳои бимноки хобҳои ваҳшатангез бо дили пурҳарос ва тапанда бармехезӣ ва гумон мекунӣ, ҳамин лаҳза хун аз ханҷараат фаввора хоҳад зад, ҳангоме ки нурҳои хуршеди саҳар ба чашмат сарду берангу дилгиркунанда менамояду бомдоди нав ҳеҷ ҳиссе ба дили ту намеорад, гоҳе ки дарунат ба андозаи дили як мӯрча танг мешаваду нафасат дар гулӯ зиндонӣ, замоне ки на гармӣ мехоҳӣ, на сардӣ, на хоб ва на бедорӣ, ҳине ки ҳамаи умри зистаат беҳуда метобаду оянда ин қадар сиёҳ, замоне ки аз ҳама чизи дунё танҳо як чиз – мурданро мехоҳӣ, бояд чӣ бикунӣ?

Шод бод он ки ҳар рӯз заруриёти зиндагии худро монанди як инсони оддӣ ба сар мебарад ва на шукр мекунаду на нафрин.

## НОМАИ ДЕВОР

Ночор мо ба як миллати «нохонда мулло» табдил меёбем, ки оқибатамон бардагии абад барои дигарон хоҳад буд. Ҳамту нигоҳ кунӣ, ҳамаи сарвару амалдоронамон

чаласаводанд. Дар ягон мақом як каси нотасодуфӣ ёфт намешавад.

Ман ҳайронам, ки чаро онҳоро бо номи ман, яъне Девор хитоб мекунанд. Девор ҳимоятгар аст, аммо инҳо монеъа.

## НОМАИ АҲМАДШОҲИ МАСЪУД

Ҳаргиз набояд навмед шуд.

Ҳаргиз набояд аз роҳ уфтод.

Ҳаргиз набояд ҷудоӣ андохт.

Онҳое ноумед мешаванд, ки ба ақли азими худ ва нирӯи бозӯи хеш бовар надоранд ва онҳое аз роҳ меуфтанд, ки танҳо дар ғами нафси худанд ва онҳое ҷудоӣ меангезанд, ки ночизу камзарафу тарсуянд.

Ман ба ҳамаи шумо умед ва эътимодро ҳадия мефиристам. Ман мехоҳам, ҳар яки шумо ба нирӯи худ бовар кунад ва ҳадафҳои бузург дошта бошаду бидонад, ки ин роҳ осону кӯтоҳ нест, балки хеле ва хеле дарозу хатарнок аст. Вале ман бо шумоям.

Ман дар мағзи ҳар яки шумо нутфае мегузорам, ки шуморо аз ғафлат берун орад. Монанди як соати кӯчаки зангӯладор, ки ҳар замон занг занад ва нагузорад, дигарбора ба хоби маргомез биравед. Охир, чаро ин ҳама факру касофату осойиш! Чаро ин қадар осойиш дар миёни олудагиҳо ва бенавоиҳо ва уфтодагиҳо! Чаро дар айёме ки масъулияти як инсон дар ҷаҳон ин қадар афзун шуда, шумо дар зери чаноре, ки решаҳояш пӯсидаанд, ғунудан мехоҳед? Чаро шумо наметавонед, масъул бошед?

Шумо, бародарони нағзи ман, саодати худро бо паймонаҳои хурду ночизе андозагирӣ мекунед ва ман барои он омадам, ки «ҷадвали арзишҳо»-и шуморо бишканам, ҳарчанд нек медонам, дӯст нахоҳед дошт, онеро, ки

«ҷадвали арзиш»-ҳои шуморо мешиканад. Ин дӯстнодорию асабонияти шумо буд, ки мехостед, арзишҳои худро ба ман бор кунед. Аҷабам меомад, ки шумо, ду бародар, худ теғ ба ҷони ҳамдигар кашида будеду дар мушкилтарин лаҳзаи умри ман маро ба сулҳ мехондед, ба сулҳе ки бо марги номуси ман баробар буд. Шумо аз сари тарс намехостед, бидонед, ки сулҳи ман ҷанг буд, ҳарчанд ки ҷанг бадтарин корест, ки инсонҳо мекунанд. Вале гоҳе маҷбуранд, биҷанганд.

Вақте шумо сар боло мекунед, вақте сар мебардоред, бояд ҳамеша сарбаланд бимонед ва пастӣ аз худ пеш наоред. Дунё онгуна шудааст, ки танҳо зӯр ва шуҷоатро мебинад. Дунё бо ҷасурон сулҳ мебандад, на бо тарсуҳо. Дунёро аз они худ фикр кунед, он гоҳ ҳаққи худро ба даст хоҳед овард. Шумо марказу меҳваред ва ҳама чиз дар гирди шумо мечархад. Шумо асл бошед, на бадал, асос бошед, на замима, дарё бошед, на ҷӯяк. Онгуна бошед, ки ҳастед, на онгуна ки дигарон мехоҳанд, бошед. Фарёдо, агар майл ба итоат доред ва дар зеҳни шумо андешаҳои пасту кӯчак давр мезананд!

Ҳазорон ҳазор ҷанговари артиши шумо зери дасти бӯзинаҳо бо сари хам фарши гандидаи хонаи онҳоро мешӯянд. Дӯшизаҳои шумо бо сарбозони бегона мерақсанд ва дар оғӯши аҷнабиёни касиф мехобанд.  Пирони шумо фурсате барои дӯст доштани худоро надоранд ва дар нимароҳ мемиранд. Кабирони шумо ба ороиши мӯю абрӯвони худ саргарманд. Магар фоҷиаи дигаре метавонад фалокати миллӣ ном бигирад!? Шумо арзишҳои худро бо арзишҳои ҳамсоягони худ яке сохтаед. Пас, ҳақ бо ман аст, ки «ҷадвали арзишҳо»- и шуморо бояд шикаст ва онҳоеро ки бароятон ин ҷадвалро сохтаанд, сари як тир кард. Аммо шумо онҳоро тоҷи сар кардаед. Он чи шумо тараҳҳум номидаед, тарси худхоҳонае беш нест ва он чи барояш шуҷоат ном гузоштаед на бештар аз ҳазён гуфтан

аст. Шумо ҳарфпароканиро дӯст доред, на тапидани баробар ба охирин лаҳзаи умрро. Шумо, азизони ман, аз гузаштаи бузурги ҳамаи мо фақат тарсро дар либоси одоб ба ирс гирифтаед, на ишқ ба озодӣ ва иродаро, ки беҳтарин мерос будааст. Шумо фаромӯш кардаед, ки арзиш доштан, яъне тавоно будан аст. Тавоно будан яъне офаранда будан аст.

Ман аз ҳамаи шумо норозиям, вале ба ҳоли ҳар яки шумо мегирям ва дастам аз гӯр берун хоҳад монд, агар инчунин бимонед. Ман ба шумо талош ва фатҳ орзу мекунам, ман ҳар яки шуморо дӯст медорам. Ман ҳамеша, дар ҳар нафас, дар паҳлуи шумо меистам ва худованди бузургро ба кӯмаки шумо фаро мехонам. Имон ва номусро.

Вақте танҳову зор мемонед, сар ба намоз бигзоред ва бо худои худ дар гуфтор шавед. Аз ӯ нирӯ ва шикебоӣ хоҳед. Аз ӯ паноҳ ва далерӣ хоҳед. Аз ӯ кӯмак ва сарбаландӣ талабед. Вале барои ин бояд пок бошед. Ҳам рӯҳан ва ҳам ҷисман. Тамизу озода монанди озодагон.

Аз марг наҳаросед, аз пастӣ битарсед. Марг идомаи зиндагист. Сарпастӣ оғози нестӣ. Худо марги сарбаландонаро дӯст дорад, зеро марги сарбаландона роҳе ба биҳишти абад аст. Зиндагӣ бо сари паст, ҳақорат ба зоти инсон аст.

Муҳим нест, чӣ қадар дар рӯи ин замини ғажду нопок зистаӣ, муҳим он аст, ки чигуна зистаӣ. Ин аст паёми ман ба ҳамаи шумо.

## НОМАИ РУСТАМ, АЗ НЮ ЙОРК

Баҳроми азиз. Ман ҳам монанди ту танҳо ва бекасам. Вале на барои он ки дур аз ватан, дар мулки бегона ба сар мебарам. Ба фикрам, сарнавишти наслҳои ояндаи мардуми мо ҳиҷрат ба кишварҳои дуру бегона аст. Ниёконамон ба мо як

кишваре мерос гузоштанд, мисли сӯрохи мурғ танг ва он ҳам ин қадар сангу сангу санг. Бо он суръате ки саршумори мо зиёд мешавад, баъд аз даҳ соли дигар дар ин диёр ҷойи қадаммонӣ ёфт нахоҳад шуд. Аз ин ҷо хуб аст, ки ба дуртарҳо равем ва ватанчаҳои хурди худро дар он дуриҳо бунёд кунем.

Аммо аз таъсири эътиқоди бобоёни мо ба марксизм аст ва ё табиати миллӣ, ки дар ҷомеъаи сармоя зистан барои мо ин қадар сахт ва тоқатшикан аст. Ё шояд таълиму тафсири шоирони гузаштаи мо дар шарёнҳоямон ҳамеша ҷорист, ки қавонини ин ҷомеъаро дарк карда наметавонем ва ба он мусоид намешавем. Мегӯянд, мо шеърро бо шири модар ҷабидаем ва коми моро бо сухану адаб бардоштаанд. Мо даҳрӣ нестем, улвием, осмонием. Мо замоне ба дарки дунёи моддӣ рӯ меорем, ки шикамамон гурусна монад. Дар ҳама ҳолати дигар мо дар осмонҳо парвоз мекунем. Зимнан бо дили гурусна ҳам мешавад, парвоз кард, он гуна ки Бедил дар осмонҳои нилгуни Деҳлӣ мепарид. Вале ҳоло вақти ба замин фуромадан аст. Пайти идроки ончӣ ки дар дунё мегузарад. Аз мағзҳо ба ҷайбҳо ва аз ҷайбҳо ба мағзҳо. Айнан онгуна ки дар Уолл Стрит иттифоқ меафтад.

Нахустин дидори ман бо Ғарб вохӯрии Маҷнун бо Лайлӣ буд. Аз дер ошиқи Ғарб будам. Мусиқии ғарбӣ мешунидам, ҷинс мепӯшидам ва тамошои филмҳои ғарбиро дӯст медоштам. Фикр мекардам, озодӣ ин ҷост, сарбаландӣ ин ҷост ва ин ҷост, ки инсонро инсон мешуморанд. Дар кишвари мо худо мамнӯъ буд. Пас, мегуфтам, худо ҳам ин ҷо хоҳад буд. Вале баъд аз муддате, онгуна ки нуқсҳои Лайлӣ ба тадриҷ фош мешаванд ва ҷои ишқро нафрат пур мекунад, симои аслии ин ҷамъиятро дидам. Озодӣ барои онҳое воқеъан озодист, ки пул доранд. Сарбаланд онҳое ҳастанд, ки амнияти молиявии онҳо таъмин аст ва худо дар ин ҷо номи дигар дорад: Пул. Беҳуда нест, номи худо дар рӯи пул навишта шудааст.

Инҳо ба ту қарз медиҳанд. Ҳар қадар ки хоҳӣ, аммо вазни ин вом онгуна дар гарданат боқӣ хоҳад буд, ки дигар на лаззати зиндагиро чашида метавонӣ ва на бӯи гулеро шамида. Бояд мӯрчавор кор кунӣ. Кори мӯрча мавсим хоҳад дошт, кори ту на. Ҳар чор мавсим, ҳафт рӯзи ҳафта, 24 соати шабонарӯз. Аммо башар ҳанӯз чизе бартар аз ин ихтироъ накардааст ва ҳама кӯшишҳояш бесамар будаанд. Беҳуда гулчамбар дар даст ба ҷустуҷӯи мақбараи Ленин марав. Вай медонист, ки дурӯғ мегӯяд, аммо гоҳе ба дурӯғҳои худ бовар мекард. Мисли Афандӣ, ки аз ғавғои кӯдакон ба танг омада фиғон мекашад, «Чаро ин ҷо ин қадар ҳойҳу мекунед. равед ба сари кӯча он ҷо чормағз метаканд ва ба ҳама медиҳанд.» Бачаҳо бо нидоҳои хурсандӣ ва қиву чув ба он самт медаванд ва мулло низ бархоста, бе он ки бари ҷомаашро афшонад, аз думболи онҳо медавад, зеро фикр мекунад, «инҳо ин қадар бо фиғон рафтанд, мабод, гуфтаам дуруст бошаду он ҷо чормағз медода бошанд. Ман ҳам бидавам, то аз чормағз намонам...»

## НОМАИ СЕЮМИ ПИСАРИ ҲАМСОЯ АСЛАМ

Ҳар бор аз мулки шумо тобут биёранд, дилҳои мо реш мешавад ва ба фикри шумо меафтем. Ин бор худ дар ин ҷо ғарқи мусибатем. Дирӯз муаллима Рауфова дар хонаашон худро оташ задаанд. Пизишкон натавонистанд, ҷони он касро наҷот диҳанд. Чизе надоштанд, на дору, на теғ, на ирода. Мо ба ҷои дарс ба мурдахона рафтем. Чанд нафар дар назди дарвоза истода буданд ва аввал нахостанд, мо ба дарун равем.
Вақте даруни хона рафтем ҷасади муаллимаро дида натавонистем, зеро онро пӯшонда буданд ва намегузоштанд, касе боз кунад. Мо бовар намекардем, ки муаллимаи хандони мо ҳоло як бастаи хурду назарногири рӯи кат аст.

Аз хешони он кас ва онҳое ки дар рӯи ҳавлӣ истода буданд, касе гиряву нола намекард. Мо ҳам хештандорӣ

мекардем, вале Шаҳноза аз синфи чори «А» худро ба кати муаллима афканд ва фарёд зада гирист.

Ҳамаи моро аз он ҷо берун карданд...

## НОМАИ БЕИМЗО

Касе ин ҷо ҳаст, ки маро маҷбур мекунад, аз номи дигарон барои худам ин номаҳоро бинависам. Аммо намегузорад, ончиро дилам мехоҳад, бинависам. Вақте ман мехоҳам, як чиз нависам, вай ноаён аввал як ё ду калимаро дар он матн иваз мекунад. Баъди лаҳзае маро маҷбур мекунад, ҷумлаҳоямро аз сар бихонам ва табъан, дар он ҷое ки калимаҳо иваз карда шудаанд, сакта пеш меояду маҷбур мешавам, онҳоро featureбознависӣ кунам. Ҳангоме ки ҷумлаҳоро аз нав менависам, мебинам, ки онҳо хеле тағйир хӯрдаанд. Сахтиҳо нарм талхиҳо ширин, тундиҳо оҳиста, баландиҳо паст ва пастиҳо баланд гаштаанд.

Ман фикр мекунам, ин одам аъсоби ҷумлаҳои маро тор ба тор берун мекашад ва агар дар оғоз онҳо ба одамони зинда шабоҳат доранд, дар поёни кор ба лоша ва ҷасадҳои парешони майдони баъди ҷанг табдил меёбанд. Ба колбадҳои холӣ аз ҷон. Бо ин артиши мурда ба куҷо мешавад лашкар кашид?!

Дар ин нома, ки ягонаи номаи ман на ба худам аст, ман аз ӯ талаб мекунам, маро ба ҳоли худ гузорад ва иҷоза диҳад, озод қалам биронам. На аз моли ман чизе бибарад ва на чизе ба он афзояд. «Эй, муҳаррир, шеъри ман дарди дил аст. Дардро таҳрир кардан мушкил аст.» Агар қарору ором надорад, беҳтар аст, ба ин асари ман пешгуфтор ва охирсухан нависад. Ва агар мехоҳад, талмеҳҳои онро боз кунад ва шарҳ диҳад. Аммо бигузорад, ман ончиро мехоҳам бинависам. Дарди сунъиву сохта мояи ҳеҷ номае буда наметавонад.

Аслан, ман дарди зиёде ҳам надорам. Аввалан мехоҳам,

ин як ҳафтаи истироҳати худро хуш гузаронам ва аз он ҷо ки наметавонам, ба берун бароям, мисли маҳбуси хонагӣ ҳастам, коре дошта бошам, ки зиқ нашавам. Сониян, ман фақат аз он малулам, ки мо ҳамшаҳриҳо дар ин мулки бегона ба ҳам намерасем. Номаҳои ман барои он аст, нишон диҳам, ки як инсони танҳо чӣ қадар андӯҳ ба дил дорад. Ва солисану асосан дарди ман танҳо нон аст. Нони худам, нони падару модар ва зану фарзандам, ки ман аз ин ҷо ба онҳо мефиристам. Дигар ҳеҷ! Ман тфу кардам ба ин адабгуфториҳову миллатхоҳиҳо! Ман аз ҳамаи сангарҳо гузаштам ва мутмаъин шудам, ки инқилобро шуҷоатмандон мекунанду меваашро duздбачаҳо мехӯранд. Миллати ман – шиками ман. Сер аст – миллат обод. Гурусна аст – миллат зор. Худи ин касе, ки аз рӯи хатти ман қалам меронад, агар ҳоло гурусна буд, ин ҷо наменишаст, балки бо чаҳор дасту чаҳор пой ба ҳар сӯ медавид, то пораи ноне пайдо кунад. Хуллас, ман аз ӯ мехоҳам, маро ба ҳоли худ монад ва агар мехоҳад, номаҳои ман навишта шаванду касе ҳам онҳоро як рӯзе бихонад, асли матлаби маро бихонад, на ин ки ба ҷустуҷӯи паёми ман рафтаву дар миёни шиорҳои болохонадор раҳгум занад. Вассалом!

## НОМАИ СЕЮМИ ЗОҒИ СИЁҲ

Одатан дар чунин ҳолатҳо шодиёна дархост мекунанд. Шодиёнаи хушхабар. Вале ман медонам, барои ин мужда аз ту тозиёна хоҳам дид, на шодиёна. Хуб, хабар ин аст, ки агар Руқия дар ёди ту бошад, оре, ҳамоне ки аз Дубай бароят нома фиристода буд, худди худаш. Хуллас, баъд аз фирор аз ҳиҷрат ва бозгашт ба ватан таваллуд кард.

Шабе ки вай мезоид, шамоли сахте мевазид, ки садояш ба уллоси селаи гургҳо монанд буд ва ин шамол чунон сахт буд, ки шохи дарахтонро мешикаст. Абрҳо нооором буданд, ба

ҳар тараф мепариданд ва мехостанд, моҳи навро лӯлапеч кунанд, вале ҳатто аз паси пардаи ситабри онҳо низ моҳи мунир ҳолаи худро нишон медод. Дар боғчаҳо, аз миёни буттаҳое, ки аз шамоли сахт такон мехӯрданд, махлуқони сиёҳу тундҳаракат берун меҷаҳиданд ва дар миёни буттаҳои дигар нопадид мешуданд.

Қар-қар кӯтоҳ, Руқия таваллуд кард. Дар хонаи сард ва дар ҳоле ки ду кӯдаки дигараш дар утоқи шафат бедор буданду нолаҳои модари худро мешуниданд ва дар чашмонашон ашк ҷамъ гашта буд. Вақте кӯдак ба дунё омад, доя ки онро ба даст гирифта буд, беҳуш афтод ва дертар маълум гашт, ки нофи навзодро набурида, ҷон ба ҷаббор супурдааст.

Ин кӯдак ба фарзанди инсон монанд набуд. Саропо пашмин буд, се чашм дошт ва дар ҷои биннияш чизе шабеҳ ба хартуми фил овезон буду пойҳояш монанди суми буз буданд.

Ман ғамгинам, ки ин хабарро ба ту мерасонам ва бовар кун, ҳеҷ гуна шодиёнае аз ту намехоҳам. Бо ин ҳама ки садои маро пешхабари бадиҳо мешуморанд, ман ҳаргиз расонандаи паёмҳои нохуш набудаам. Ин бор истисност.

## НОМАИ ҲАФТУМ ВА ОХИРИНИ МУАЛЛИФ

Азизам, Баҳромчик.

Аз худ марав ва фаромӯш накун, ки туро ман офаридаам. Ту аз як маҳсули ночизи тахайюли беморгунаи ман беш нестӣ. Ту аслан як ҳубоб ҳастӣ, як пуфак, як лӯъбат, як бозича. Эй вой, агар бозича фикр мекунад, бозигар аст. Эй вой ба касе ки ӯро мегӯянд, шахси бузургу беҳамтоӣ ва вай ба ин дурӯғ бовар мекунад. Оё дидаӣ бо тамоми ҷиддият сурфидани онҳоеро ки ҳеҷанд, аммо бовар кардаанд, чизе ҳастанд ва ӯҳӯҳи онҳо ишорае ба вазнашон аст? Аммо наранҷ. Ман адолатпешаам ва ҳамзамон бо ин ҳама

саҳнасозиҳо эътироф мекунам, ки номаҳо ба унвони ту, дарду андешаву ормонҳои туянд. Номаҳоро ман нанавиштаам. Ман туро офаридам, то тавонӣ ормонҳои худро баён кунӣ. Вале ҳамзамон ту дар ҳар амали худ бояд пойбанди ман бошӣ, зеро маҳсули фикри манӣ. Лекин номаҳое ки ту ҳоло барои худат менависӣ, ин кори шахсии туст, ман дахолате дар онҳо надорам. Ту ҳар андешае ки дорӣ, аз номи ёру дӯсту ошноюю ҳамсафару ҳамнишин, ҳатто дарахту парандаҳо барои худат менависӣ, то худро дарёбӣ, то худро бишносӣ, вале фаромӯш накун, ки ман ҳам вуҷуд дорам ва ҳатто шояд аз ту дида бештар воқеъиям. Ман нафас мекашам, ту ҳубобӣ ҳастӣ. Ман ба ту ҳеҷ наздикию пайванду хешие надорам. Аммо дар ҳоле ки номи маро падарам гузоштааст ва вай падари ман аст, номи туро ман гузоштам, аммо ман падари биологии ту нестам. Вале, ҳа-ҳа-ҳа, номи туро ман гузоштаам. «Номи туро шунидам, аммо туро надидам.» Бале, туро надидаам ва ҳеҷ кас туро надидааст ва худо медонад як рӯзе бубинад. Барои ҳамин аз худ нарав. Дар он чорчӯбе бош, ки ман бароят сохтам. Албатта, шунидаам, ки аз ман шикоят кардаӣ ва гуфтаӣ, дардҳое ки бояд ба ҳамагон расонӣ, фаротар аз он фазое ҳастанд, ки ман бароят марзбандӣ кардаам. Ман розиям ки ту аз ин фазо бурунтар равӣ, аммо «андоза нигаҳ дор, ки андоза накӯст». Зиндагии ту дар қаламрави хаёл бо қаламкашиҳои ман пеш меравад. Ман бо вожаҳои сиёҳ ҳастии туро, ки як номи сохтае беш нестӣ, зинда мекунам, зиндагии туро, ки сиёҳ аст, сафед менамоям. Ҳоло ҳаёти садҳо ва ҳазорон нафар як дирам нарх надорад. Шиква ҳам накун. Хандадор аст, вақте махлуқ аз холиқ шикоят мекунад. Дар шигифтам, ки ин шикоятро махлуқ ба назди кӣ хоҳад бурд. Ҳамаи шумо одат доред, аз худӣ ба бегонаҳо шикоят баред. Одат кардаед, дар зери домони касифи бегонагон пинҳон шавед. Бегонагон шуморо намешиносанд ва ё аз рӯйи он рангу руғане мешиносанд, ки дар шамоили ҳубобии худ аксандоз мекунед. Аммо ман ку шуморо таҳ ба таҳ мешиносам.

Бегонаҳо ба шумо ниёз надоранд, онҳо ба заъфи шумо ниёз доранд. Аммо биандешед, оё ин дунё ва ин умр меарзад, ки хуни ҳамдигар бинӯшед?

Гуфтамаш наққошро нақше бикаш аз зиндагӣ.
Бо қалам нақши ҳубобе бар лаби дарё кашид.

Дар ин дунёе, ки бузургтарин умр аз нақши як ҳубоби лаби дарё беш нест, ту ҳам иддаъои зиракӣ мекунӣ. Ту ҳам бо ман даргир мешавӣ. Ту ҳам мехоҳӣ маро нобуд кунӣ, онгуна ки ин дӯстону шогирдону наздиконам мехоҳанд.

Ман барои ту нақши он наққошро дорам, ки бо нӯги хас дар рӯи рег ҳолномаатро мекашад ва баъд аз лаҳзае мавҷ онро ба коми фано мебарад. Одатан ночизон худро нофи замин мешуморанд ва бузургон баракс мегӯянд, ки ҳеҷанд. Ҳол он ки ночизон шаҳомати худро аз бузургон гирифтаанд. Онгуна ки нур дар ҳубоб акс мешавад.

Аз дасти туву аз ин зиндагӣ хаста шудам. Ман дар ин дору мадор ва гӯю магӯи ту саргум рафтаам. Ҳоло на ман, балки ту муайян мекунӣ, ки идомаи қисса чӣ бошад. Ин роҳест ба бунбаст. Ман ба сатҳи рушди фикрии ту бовар надорам. Як замоне ту зираку доно будӣ. Ҳоло як мардикор ва ё, илтиҷо дорам, аз ман наранҷ, як ғуломӣ, ҳарчанд зеҳнат мехоҳад инро напазирад, ҳарчанд, хунат дар ошӯб аст, ки аз ин заҳоб раҳоят кунад. Вале то замоне ки натавонистаӣ худ хештанро раҳо кунӣ, иҷоза бифармо, ки ман дар ғами ту бошам ва роҳи наҷотатро фикр кунам. Медонӣ, фикру андешае ки озодона рӯ мезанад, имконияти бештаре медиҳад, то андешае ки аз пеш пойбанд ва гирифтори тарҳу сӯйизанн аст.

Ман худ ошӯбгарам ва умрам дар шӯришу қиёмҳо гузаштааст. Аммо исёну қиёмҳои ростин, на он қиёмҳое ки шоирони мо месуруданд ва танҳо барои он месуруданд, ки дастмузди хуб бигиранд. Ман дар ҳақиқат ошӯбгарам ва инро

ҳама медонад. Ва ман бароят пайкара хоҳам сохт, агар дарвоқеъ ту ошӯб мекунӣ барои ҳайсияти инсонии худ. Лекин ошӯби ту бар зидди ман як бечорагии хандаовар аст. Ошӯби шогирди белаёқат аст бар зидди устоди доно, аммо пир. Ҷавонӣ на ҳатман маънии нирӯро дорад. Оне ки фикр мекунад, ҷавоби ҳамаи саволҳоро медонад, бадбахт аст ва ин шӯриш аз ғурури пучи як шахси бадбахт маншаъ гирифтааст. Ман ин гуна ошӯбҳоро зиёд дидаам. Якеро бо хуни дил парвардам, ба дигаре ҷигарамро додам, бихӯрад, ба сеюмӣ хонаамро тӯҳфа кардам, то ин шогирдон дунёро амнтар, зеботар ва накӯтар кунанд. Аввалин коре ки ин шогирдон карданд, даъвои онҳо буд, ки чаро ман ахлоти худро низ ба онҳо намедиҳам, бихӯранд. Ва аввалин раҳзан онҳоро аз ман рабуд, то манзили онҳоро бигирад, то хуни дили онҳоро бинӯшад, то ҷигари онҳоро бихӯрад. Ва дидам, онҳо аз чунин гардиши гардун ин қадар шоданд. Чаро?, нафаҳмидам. Ман кайҳо онҳоро ба худованд супоридаам, зеро шаҳди интиқом метавонад дертар ба талхии пушаймонӣ табдил шавад, аммо лаззати гузашт ҳаргиз тағйир нахоҳад ёфт. Ман ба онҳо гузашт кардам, вале намехоҳам, дубора ба чоҳ афтам. Кӯр як бор асояшро гум мекунад ва гӯле ки ҳар дафъа ба ғалатҳои кӯҳна бармегардад, далели зиндагӣ надорад. Ман акнун ин мардумро бишнохтам ва чун ту низ аз ҳамин қавмӣ, иҷоза намедиҳам, аз хатти кашидаи ман берун қадам ниҳӣ. Биноан, азизи дилам, танҳо ончиро бикун, ки ман дар замири ту нуҳуфтаам. Агар қиём мекунӣ, қиёме кун, барои ростӣ ва дурустӣ ва зебоӣ ва накӯӣ. Вале қиём мекунӣ, ки ҳамдиёри худро баланд бардорӣ, қиём мекунӣ, ки набударо буда ангорӣ ва будаҏо набуда, қиём мекунӣ, ки на дар ҷаҳони рӯшан, балки дар кадом мушхонае аз худ қаҳрамон созӣ, яъне хонашерию майдонғарибӣ мекунӣ, ман бо дастони худам гулӯи туро хафа мекунам ва туро ба ҷаҳаннам мефиристам. Зӯрам ба шогирдони хасакӣ ва ношуд ва одамфурӯшам нарасид. Онҳо ки модари худро мефурӯшанд, магар ба ман

раҳм мекунанд. Вале мутмаин бош, зӯрам ба ту мерасад. Туро хафа карда куштан, ҳарчанд маро барои охирин бор дилхун хоҳад кард, кори мушкил нест. Ман навиштани ин қиссаро бас мекунам ва ту мемирӣ. Инро бидон. Бо ман бош, то бо худо бошӣ. Ло ҳавла ва ло қувватта илло биллоҳ.

## НОМАИ ОХИРИНИ БАҲРОМ

Вақте ки орзу мемирад, вақте ки хаёл мемирад, инсон дигар вуҷуд надорад, инсон дигар метавонад вуҷуд надошта бошад, зеро он гоҳ дар баробари воқеъияти сангин ба касе табдил меёбад, ки силоҳу сипарро аз даст додааст ва ба як асиру маҳбуси бечора табдил ёфтааст.

**ПОЁН**

Маскав, Ню Йорк, Прага. 1999-2005